

# РОДМАРДИ ИЛМУ СИЁСАТ

РОДМАРДИ ИЛМУ СИЁСАТ

***Ба муносибати 55-солагии вакили***
***МН МО ҶТ шодравон, профессор***
***Шарипов Суҳроб Ибронович***
***бахшида мешавад***

# РОДМАРДИ ИЛМУ СИЁСАТ

Душанбе
«ЭР-граф»
2019

ББК 72.3 + 63.3(2Тоҷик) + 66.5(2Тоҷик)
Р–73

**Родмарди илму сиёсат**. Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 432 саҳ.

**Мураттиб:** **Хоҷаев Ҳикматулло Ҳимматович**, Корманди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррир:** **Раҳматуллозода Сахидод** узви вобастаи АИ ҶТ, д.и.ф.

Сухроб Шарипов яке аз чеҳраҳои тобноки даврони истиқлолияти Тоҷикистон дар авҷи камолоти фаъолиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва илмӣ 19 январи соли 2015, дар синни 52-солагӣ ин дунёи пуртазодро падруд гуфт.

Дар ин маҷмӯа фикру андеша ва ёдномаҳои устодон, ёрону дӯстон, ҳамкорону ҳамсабақон ва рӯзноманигорон гирд оварда шудааст, ки аз рӯзгор ва фаъолиятҳои илмию эҷодию сиёсии ин марди мубориз ва миллатпарвару худшинос нақл мекунанд.

ISBN 978-99975-73-62-9



***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2011 Директори Маркази тадқиқоти Стратегии назди Президенти ҶТ-ро - Доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Шарипов С.И.-ро бо медали 20-солагии Истиқлолияти ҶТ сарфароз гардонида буд.***

# САРСУХАН

Марҳилаи кунунӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он қарор дорад, назди аҳли ҷомеа, аз ҷумла, насли калонсол ва дорои таҷрибаи ғании кору зиндагӣ, вазифаи хеле муҳими ба насли оянда расондани ҳақиқати равандҳои муосир ва хидматҳои шоистаи мардони фидокор ва сиёсатмадорони ватандӯсти кишварро гузоштааст.

Солҳои охир дар васоити ахбори оммавии кишвар матлабҳои хотирмоне дар жанри ёдноманависӣ зиёд ба чашм мерасанд. Ба андешаи мо, ин раванд имконият фароҳам месозад, ки дар мавриди рӯйдодҳои бузурги таърихӣ, шахсиятҳо ва ҷойгоҳу нақши онҳо дар ин рӯйдодҳо дар марҳилаҳои муайяни таърихӣ ба сурати воқеӣ маълумот дода шавад. Хонандаи нуктасанҷу фозил имконият пайдо мекунад, ки иттилои амиқу воқеӣ ва арзишмандро дарёфт намуда, шахсан фазои он давраро эҳсос намояд.

Мусаллам аст, ки ҳар як давраи муайяни таърихӣ сиёсатмадорону мутафаккирон, арбобони илму фарҳанг ва шоирону нависандагони хешро мепарварад. Ба ин маънӣ доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Суҳроб Шариповро яке аз чеҳраҳои шинохтаи даврони истиқлолияти Тоҷикистон ном бурдан мумкин аст. Таҳлилу баррасии олимона, тафсирҳои воқеъбинонаву боҷуръатонаи масоили доғу ҳассоси кишвар, минтақа, ҷаҳон ва посуххои мушаххасу қотеъонаи ӯ ба пурсишҳои муғризонаву дасисахоҳонаи баъзе ашхос аз устувории мавқеи шаҳрвандӣ ва камолоти сиёсии ӯ дарак медоданд.

Дар робита ба ин, ба таваҷҷуҳи хонандаи гиромӣ китобе пешниҳод мегардад, ки дар саҳифаҳои он сиёсатмадорон, олимону журналистон, шахсиятҳои маъруфи кишвар ва

пайвандону дӯстону ҳамкорон таассуроту бардошт ва ёддошту хотираҳои хешро перомуни фаъолияти густурдаи илмию сиёсӣ ва сифатҳои неки инсонии Суҳроб Шарипов иброз доштаанд. Мавсуф дар авҷи камолоти фаъолиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ, илмӣ ва инсонӣ 19 январи соли 2015, дар синни 52-солагӣ, замоне ки вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум ва ҳамзамон номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум буд, ин дунёи пуртазодро падруд гуфт.

Ҳадафи аслии китоб муаррифии симои ҳақиқии Суҳроб Шарипов ҳамчун олими воқеӣ ва арбоби давлатӣ мебошад. Китоб ба хонандаи ҳушманд имконият медиҳад, ки бо зиндагинома ва марҳилаҳои асосии фаъолияти Суҳроб Шарипов ва бо мушкилоте, ки ӯ дар пайроҳаи пурпечутоби зиндагӣ рӯ ба рӯ шудааст, ошно гардад. Зиндаёд дар давоми фаъолияти гуногунҷанбаи хеш вазифаҳои пурмасъули зиёдеро ба уҳда дошт ва дар ҳама ҷо тавонист худро ба ҳамкорон ҳамчун шахсияти ҳирфаӣ, донишманд, масъулиятшинос, ватандӯст ва ҷавонмард муаррифӣ намояд.

Суҳроб Шарипов бахусус дар солҳои сарварии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005 - 2011) миёни аҳли ҷомеаи кишвар ҳамчун олими воқеъбин ва сиёсатмадори ҷасур маҳбубияту маъруфият касб намуд. Ӯ байни ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандии кишвар воқеан як пули қавии боэътимод маҳсуб меёфт, байни ниҳодҳои сиёсии давлат ва созмонҳои ҷамъиятӣ шарикии иҷтимоиро роҳандозӣ кард ва онро тақвият бахшид. Тавонист бисёр нақшаҳои муҳими давлатиро амалӣ созад.

Суҳроб Шарипов бо маҳорату истеъдоди созмондеҳии худ дар Маркази тадқиқоти стратегӣ як гурӯҳи мута-

хассисони донишманду ҳирфаӣ ва дорои андешаи солимро ҷамъовард ва самти тадқиқоти Марказро ба масъалаҳои муҳим ва доғи рӯз, аз қабили таҳияи андешаи миллӣ, мубориза бо фасоди идорӣ, меҳнати кӯдакон, такмили низоми интихоботӣ, нақши ВАО дар ҷомеаи тағйирёбанда, фаъолияти аҳзоби сиёсӣ нигаронд ва аз ҷониби аҳли ҷомеа баҳои баланд гирифт. Маводи ин тадқиқот дар нашрияҳо ва дар шакли китобҳои алоҳида ба чоп расида, мавриди таваҷҷуҳ ва алоқаи доираи васеи хонандагон қарор гирифтанд. Дар он замон ин як тадқиқоти хеле ҷасурона буд, ки шиддат гирифтани фасодро ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ ба низоми давлатдорӣ ошкор сохт.

Нақши Суҳроб Шарипов дар шаклгирӣ ва рушди мактаби миллии сиёсатшиносӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад ва ӯ барҳақ яке аз асосгузорони илми сиёсатшиносӣ дар Тоҷикистон шинохта шудааст. Кофист ёдовар шавем, ки ӯ муаллифи 4 монография, зиёда аз 500 мақолаи илмиву таҳлилӣ буда, дар беш аз 100 конфронси байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмиву амалӣ ва ҳамоишу мизҳои мудаввар ширкат варзида, суханрониҳо карда буд.

Корҳои илмиву таҳқиқотии Суҳроб Шарипов ҳамеша бо воқеъбинӣ ва таҳлили амиқи интиқодии худ фарқ мекарданд. Ӯ ба тарбияи кадрҳои миллӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуд ва роҳбарии чандин рисолаи илмиро низ ба уҳда дошт. Мавсуф ҷодаи наверо барои олимони ҷавон боз кард, ки онон алҳол дар муассисаҳои гуногуни давлатӣ ва илмӣ бо муваффақият кору фаъолият доранд.

Суҳроб Шарипов ҳамеша таъкид мекард, ки мо бояд идеяи миллӣ (андешаи миллӣ)-и худро дошта бошем, то мардум, ҷомеа ва давлат дар атрофи як идеяи калидӣ ва меҳварӣ ба хотири шукуфоӣ ва пешрафти Ватани худ

муттаҳид шаванд. Воқеан ҳам идеяи миллӣ имкон медиҳад, ки мо стратегияи рушди давлатиамонро дуруст муайян созем ва бо нигоҳ доштани вижагиҳои ҳаётан муҳими миллии хеш ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бипайвандем.

Барои тадқиқоти ӯ дар ин мавзӯъ масъулини барномаи рушди СММ, Tronpens international ва як зумра мутахассисони кишварҳои Осиёӣ, Аврупоӣ ва Амрикои Лотинӣ арзиши зиёд қоил шудаанд.

Қобили зикр аст, ки идеяи миллӣ, сарфи назар аз сипарӣ гаштани даҳ соли соҳибистиқлолӣ, на аз ҷониби таҳлилгарон ва на аз ҷониби сиёсатшиносон мавриди тадқиқи академикӣ қарор нагирифта буд. Суҳроб Шарипов дар конфаронси илмие, ки дар ин мавзӯъ баргузор гардид, зарурати онро аз нигоҳи илмӣ асоснок кард. Матолиби конфронс дар 4 китоб ба табъ расиданд, ки ин иқдом дар таърихи муосири тоҷик назир надорад.

Соли 2011 дар фаъолияти кории Суҳроб Шарипов марҳилаи сифатан нав оғоз шуд. Ӯ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид ва ба Кумитаи оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот шомил шуд.

Суҳроб Шарипов зимни фаъолият дар Маҷлиси намояндагон барои мукаммалсозии низоми қонунгузорӣ, таҳкими робитаҳои байналмилалии Тоҷикистон ва масоили дигари марбут ба пешрафти кишварамон пешниҳодҳои муҳиму мушаххас ироа менамуд. Бо ибтикори ӯ як силсила қонунҳо ба тасвиб расиданд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкориҳои байни сарҳадӣ» аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Месазад таъкид кард, ки Суҳроб Шарипов зиндагии хешро комилан ба хидмати давлату миллати тоҷик бахшида буд ва билкулл ба ҳамин давлату миллат мансуб буд. Албатта давлату миллат хидматҳои фарзандони фарзонаи хешро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард.

Қобили зикри алоҳида аст, ки бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва раиси пешини шаҳри Душанбе муҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев ва тибқи Қарори маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе соли 2016 яке аз кӯчаҳои пойтахти кишварамон номи ин марди зиндаёдро гирифт.

**Шукурҷон ЗУҲУРОВ,**
**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**25.10.18**

**Акрамшо Фелалиев,**
муовини Раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
академики Академияи илмҳои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ЁДҲО АЗ ДӮСТИ ҶАВОНМАРГАМ

Номи Суҳроб Шарипов ва баромадҳои ӯ ба ман хеле барвақт маълум гашта буд. Дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ ҳангоми сафарҳои хизматӣ ба шаҳри Маскав доштанам (асосан бо корҳои илмӣ) бо донишҷӯёни тоҷик, ки дар Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносов таҳсил мекарданд, вохӯриҳо доир менамудам ва дар ин вохӯриҳо донишҷӯён аз баромадҳои Суҳроб Шарипов ҳарф зада, фахр менамуданд, ки чунин ҳамватан дорем ва дар байни донишҷӯёни дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ обруву эътибори моро ҳаматарафа баланд мебардоранд. Бале, барои як ҷавони тоҷик таҳсил дар Донишгоҳи давлатии Маскав осон набуд ва ғайр аз ин, боз баромадҳои ғайримуқаррарӣ дар замони Шӯравӣ. Лекин Суҳроб Шарипов азбаски дар оилаи олими шинохта, профессор Иброн Шарипов ба дунё омадаву ба камол расида буд, бе ягон душворӣ аз ӯҳдаи ҳамаи ин мебаромад.

Солҳо мегузаштанд. Соли 2005 вақте ки ман вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудам, дар яке аз мулоқотҳо бо аҳли қалам дар бинои Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Суҳроб Шарипов аз наздик шинос шудам. Баъд аз чандин вохӯриҳо бо Суҳроб Шарипов ва шунидани баромадҳояш дар ҷаласаҳои сатҳи

гуногун суханҳои донишҷӯёни тоҷик, ки солҳои пешин дар Донишгоҳи давлатии Маскав таҳсил мекарданд, ба хотирам омаданд. Бо Суҳроб Шарипов дар муддати на чандон тӯлонӣ дӯсти наздик шудем, гӯё солҳои дароз якдигарро мешинохта бошем. Бале, Суҳроб Шарипов дар ҳақиқат марди далер, нотарсу ҷасур ва дар гуфтораш ошкор буд. Воқеан олим буд, файласуфи асил ва сиёсатшиноси бузург. Баромадҳои ӯ боре ҳам пӯшидаву якпаҳлӯ набуда, балки доимо шаффофу дӯстона буданд. Гарчанде дар баромадҳои ғайримуқаррариаш ибораҳое низ буданд, ки шояд ба нафарони алоҳидае сахт мерасиданд, лекин ин баромадҳо ҳама вақт ба манфиати миллату давлат буданд. Ӯ акнун Суҳроби донишҷӯ не, балки номзади илмҳои фалсафа, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор Шарипов Суҳроб Ибронович буданд, бо ҳамаи хислатҳои неки солҳои ҷавониаш. Ӯ дар сиёсат ба зудӣ ва дар сатҳи олӣ обутоб ёфта буд. Зеро Суҳроб Шарипов як Академияи бузурги сиёсиро дар Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт. Суҳроб Шарипов дар ҷодаи сиёсат, Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро устоду роҳнамои худ мешуморид. Ин боварии калони Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар ба Суҳроб Шарипов буд, ки ӯро ба вазифаи ниҳоят пурмаҳсул, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намуданд. Суҳроб Шарипов ба сифати стратеги рақами 1-и ҷумҳурӣ то соли 2011 фаъолияти пурсамар намуда, баъдан вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид. Албатта, барои ҳар як шахс вакили Маҷлиси намояндагон будан на танҳо ифтихори бу-

зург, балки масъулияти калонро низ тақозо менамояд. Азбаски Парлумон Парлумони касбӣ аст, Суҳробро ҳамчун сиёсатмадори сатҳи байналмилалӣ Раиси Маҷлиси намояндагон мӯҳтарам Шукурҷон Зуҳуров ба ҳайси аъзои Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот тавсия доданд ва он кас ҳам пешниҳоди Раисро пазируфтанд. Кору фаъолият дар Кумитаи мазкур он қадар осон нест, зеро ман ҳам зиёда аз ду сол дар ин Кумита фаъолият доштам. Раиси Кумита муҳтарам Олимҷон Салимзода, ки собиқаи бойи кори парлумонӣ доранд, журналист, олим, сиёсатшинос, дипломат ва аз ҳама муҳим шахси ҳалиму хоксор буда, ба аъзои Кумита муомилаи хуб доштанд ва ба таври хеле фаҳмо корро нишон медоданд, ки душвории кор ҳис карда намешуд, албатта барои кордон кор осон гуфтаанд. Аммо Суҳроб Шарипов дар ҳақиқат аъзои арзандаи ҳамин Кумита буданд, зеро аз ӯҳдаи таҳияву кор бо қонунҳо ва дигар асноди меъёрии ҳуқуқӣ, кор бо сафоратхонаҳо, дипломатҳо, сиёсатмадорон, журналистон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо як осонӣ мебаромаданд. Дар баробари ин Суҳроб як ҷавони зиндадил буд. Муддате ки дар Парлумон ҳамкор будем, ҳамроҳ сафарҳои хориҷ аз кишварро низ доштем. Дунёи худашро дошт. Ватанро бо ҳама фарозу нишеб, кӯҳу барзан дар он ғунҷонда буд. Барояш маҳал вуҷуд надошт. Шахсияти миллӣ буд ва борҳо дар маъракаву маҳфилҳои дохиливу сатҳи байналмилалӣ аз манфиатҳои кишвар ҳимоя мекард. Ҷавобҳояш аз тариқи расонаҳо муште бар даҳони бадхоҳону бадгӯёни миллат буданд. Суҳроб мегуфт "Ман пеш аз ҳама одам ҳастам, ман зиёӣ ва равшанфикр ҳастам ва фикру ақидаҳои шахсии худамро дорам ва андешаҳои худро озодона баён ме-

кунам. Озодиро дӯст медорам ва озодипараст ҳастам. Ман принсипҳои худамро дорам ва медонам, ки ин принсипҳо принсипҳои ҳизбӣ ҳам ҳастанд. Бо рӯзманигорон ҳама вақт ошкоро ва кушоду равшан сӯҳбат мекунам". Ҳама вақт бар зидди худфурӯхтагону ватанфурӯшон муборизаи беамон мебурд. Дар ҳақиқат ватандӯст буд. Вақте ки Суҳроб Шарипов вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шуданд, баъзе нафарон ба ин рӯйдод бо фикрҳои мухталиф баҳо медоданд. Лекин дере нагузашта Суҳроб Шарипов дар Парлумон ҳам ҳамчун як шахси кордон, олими шинохта ва сиёсатмадори дурандеш шуҳрат пайдо кард. Вақте ки даъвати мо ба поён мерасид ва барои даъвати нав ҳизбҳои сиёсии кишвар номзадҳои худро пешбарӣ менамуданд, дар яке аз ҷаласаҳои ҳизбӣ Садри муаззами ҳизби мо (ҲХДТ), Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон номзадии Суҳроб Шариповро барои иштирок дар интихоботи навбатӣ аз ҳавзаи якмандатаи интихоботии Шоҳмансур №3 тавсия дода, қайд карданд, ки "Суҳроб ба фикрам дар баробари Шумо ягон нафар ҷуръат намекунад, ки номзадиашро монад". Бале, ба ин баҳои баланди Ҷаноби Олӣ на ҳар кас сазовор шуда метавонад.

Вале афсус... Панҷаи бераҳму бемуруввати марг дар айни камолоти зиндагӣ Суҳроб Шариповро гиребонгир шуд. Даргузашти ӯ на танҳо барои аҳли оила ва хешовандонаш, балки барои ҳамаи мо як талафоти бузург аст, ҳам барои мо ёру дӯстону ҳамкорон, ҳам барои сиёсатмадорон ва ҳам барои олимон. Суҳроб Шарипов ҳеҷ ғуборе дар дил надошт, самимӣ дар рафтор, гуфтор ва кирдор буд. Яксон муносибати ҳалимона дошт бо ҳамкорон. Ҳама дӯсташ медоштем барои якрӯ, ҳақгӯ будану инсонияти баландаш. Медонам... аммо ҳанӯз ҳам боварам

намеояд, ки Суҳроб дигар дар байни мо нест. Ӯ аз дидаҳо рафт, лекин то зинда ҳастем дар дилҳо ҷой гирифт.

*Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накӯном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

**Кароматулло Олимзода,**
академики АИ ҶТ
10.06.2015

## СУҲРОБ ДОНИШМАНДЕ БУД ОЗОДМАНИШ

Иброн Шарипов, падари Суҳроб, шахси покниҳод, бовиҷдон, беғараз, донишманд ва ҳақиқатгӯй буд. Зиндагии ҳалолу покиза дошт. Аз соли 1964, ҳангоме ки ба аспирантураи шуъбаи фалсафа қабул мешудам, ӯ яке аз имтиҳонгирандагон аз фанни фалсафа буд. Раиси комиссияи имтиҳон мудири шуъба устод Ғаффор Ашӯров, олимони ин шуъба Мирзо Комилов, Виктор Приписнов ва Иброн Шарипов аъзои ин комиссия буданд. Бо Иброн Шарипов мо «бародарони маънавӣ» будем, зеро устоди ҳардуямон академик Аловаддин Баҳоваддинов буданд. Солҳои зиёд бо ҳам дар шуъбаи (баъдтар институти) фалсафа кор кардем. Ӯро ҳамаи ҳамкорон самимона эҳтиром мекарданд, зеро дилсофию ростқавлӣ ва хайрхоҳӣ ҷузъи хислати ҳамешагии ин инсони некманиш буданд.

Суҳроб таҳти таъсири ана ҳамин падари наҷиб тарбият ёфта ва меросбари касби ӯ шуда буд.

Мо тақрибан ҳашт сол, то рӯзҳои вопасини ҳаёташ ҳамсоя будем, қариб ҳар бегоҳ вомехӯрдем ва суҳбат мекардем. Бештар баъд аз кор дар пеши хонаамон бо ҳам-

сояи дигарамон Вайсиддин Азаматов вомехӯрдем, шӯхӣ мекардем, суҳбатҳоямон ҳам шавқовар мегузаштанд. Вайсиддин Азаматов инсони бағоят меҳрубон, хоксор ва зиндадил буд. Бисёре аз ҳамсояҳо ҳатто намедонистанд, ки ӯ шахси низомӣ, генерал аст. Ӯ низ Суҳробро бародарвор дӯст медошт. Рӯзе Суҳроб наояд ё дар сафари хидматӣ бошад, сигареткашон роҳ мерафту мегуфт: «Ин бача куҷо шуд? Бе ӯ зиқ мешавем».

Суҳроб Шарипов шахси донишманд буд ва ба тамоми падидаҳои ҷомеа аз мавқеи илмӣ назар мекард. Дар бораи камбудиҳои ҷомеа ва вазорату идораҳои давлатӣ, шахсони мутасаддӣ бе ибо ва рӯйирост фикрашро баён мекард, муҳокимарониаш бо далелу бурҳон буд. Ӯ ватандӯст, миллатдӯст, интернатсионалист ва ба Ҳукумат ва Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон содиқона хидмат мекард, зеро роҳи интихобкардаи Сарвари давлатро дуруст меҳисобид ва даъват мекард, ки сиёсати ӯро ҳама бояд бо ҷону дил ҷонибдорӣ намоянд.

Суҳроб сиёсатшиноси донишманд ва барҷаста буд, дониши амиқи назарӣ дошт, таҳлилгари воқеъбин, соҳиби ҷаҳонбинии васеъ буд. Ҳангоми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буданаш бо гузоришҳои илмии ҷиддӣ, пешниҳодҳои созанда, ба роҳ мондани ҳамкориҳои марказ бо созмонҳои хориҷӣ кори муҳимро анҷом медод. Дар ҳамаи ҳолатҳо аз мавқеи усулии давлат ҳимоя мекард. Дар суханрониҳояш, мусоҳибаҳояш шуҷоати илмӣ ва шаҳрвандиаш ҳамеша маълум буд. Ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагон низ дар кори қонунгузорӣ саҳми муҳим гузошт. Ҳамчун ватанпарасти воқеӣ ва дилсӯзи давлат ва миллат аз сӯиистифодаҳои баъзе мансабдорон аз вазифа, амалҳои кор-

рупсионӣ ва тафаккури маҳдуди қисме аз сокинони кишвар сахт асабонӣ мешуд. Ӯ олими гуманист ва дунявӣ буд, вале аз вусъати ҷаҳонбинии инҳирофии динӣ ва ноустувории ақидатии баъзе зиёиён, паст будани сатҳи дониши сиёсӣ ва илмии онҳо изҳори ташвиш мекард. Фикрҳояш ва ташвишаш комилан дуруст буданд.

Ӯ аз шахсоне буд, ки воситаҳои ахбори умум, чи давлатӣ ва чи оппозитсионию хусусӣ барои мусоҳиба ва равшанӣ андохтан ба воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ зиёд муроҷиат мекарданд ва ба фикру таҳлилҳояш эҳтиром доштанд.

Суҳроб Шарипов мехост масъалаи озодиро аз нигоҳи фалсафӣ ва сиёсатшиносӣ васеъ таҳлил кунад. Дар суҳбатҳоямон бо генерал Вайсиддин Азаматов ақидаашро баён карда, ангезаи моро месанҷид. Чунончи, рӯзе ӯ аз ман пурсид, ки масъалаи озодӣ дар тасаввуф чигуна аст ва оё аҳли тасаввуф оид ба ин масъала фикри ҷолибе гуфтаанд? Ман ҷавоб додам, ки яке аз самтҳои фикри бузургони тасаввуф ин озодии инсон аст. Албатта, он чи гуфтаанд бар пояи дини ислом қарор дорад, вале мубориизаи онҳо барои баробарии инсонҳо, танқиди зулму асорат ва боло бардоштани мақоми инсон арзиши мероси сӯфияро баланд бардоштааст ва имрӯз низ он дорои аҳамият мебошад.

Баъдан ӯ гуфт, ки ният дорад асари комилтаре дар бораи ҳудуди озодӣ ва имконияти амалӣ шудани он дар замони муосир таълиф кунад. Як қисми онро, ки ба назарияи файласуфони Ғарб дар бораи озодӣ аст, тақрибан навишта ба итмом расондааст ва онро ба ман барои хондан ва фаҳмидани мулоҳизаҳоям доданӣ аст. Ӯ шӯхиомез таъкид кард, ки аз нигоҳи танқидӣ хонам ва эродҳоямро

гӯям ва ҳозираст, ки ислоҳу такмил кунад. То нашри дуввуми он масъалаи озодиро дар таърихи фалсафаи мо, аз ҷумла дар тасаввуф васеътар омӯхта, ин китобро комил хоҳад кард.

Боре ӯ маро дида гуфт, ки аз он қисми таърихии кораш чандон розӣ нест ва дар бораи Николай Бердяев ва Эрих Фромм баъзе иловаҳо карданист ва баъдтар дастрас мекунад. Мутаассифона, аҷал ба нашри дуввуми китобаш имкон надод. Китобе, ки бо номи «Свобода. Пределы и возможности», ки соли 2014 аз чоп баромада, баъдтар дастрас шуд, як асари хеле ҷолиби сиёсатшиносӣ ва фалсафист. Мақсад дар ин ҷо таҳлили ин асари хуби Суҳроб Шарипов нест. Танҳо ҳаминро мехоҳам зикр намоям, ки ӯ дар ин асар назарияҳои олимони ғарбиро роҷеъ ба проблемаи озодӣ мухтасаран таҳлил карда, дар зимн нуктаҳои барои имрӯзи мо ба истифода мувофиқро пайдо карданӣ шудааст. Албатта, фикрҳои Суҳроб Шарипов ҳамчун муҳаққиқи донишманд ва соҳибназар ҷойи баҳс ҳам дорад, вале муҳим ин аст, ки ӯ проблемаро бо ҷуръат гузошта тавониста аст. Чунончи, ӯ дар натиҷаи таҳлили масъалаи гузаштан ба иқтисодиёти бозориро, ки баъзе олимонро демократия донистаанд, ба таври дигар таъбир кардааст. Ӯ мегӯяд, ки худаш тарафдори чунин ақидааст, ки демократия бояд дар маркази таваҷҷуҳ на проблемаи бозорро, балки проблемаиҳокимият ва озодиро қарор диҳад.

Хулоса, дар бораи асарҳо ва афкори илмии ӯ метавон дароз суҳбат кард, вале дар ин мусаввада маҷоли ин кор нест. Фақат бо таассуф метавон гуфт, ки марги бемаҳал як олими тавоно, сиёсатшиноси қавӣ, инсони наҷиб ва ватандӯстро дар айни камолоти ҷисмонию маънавӣ аз

байни мо рабуд. Марги ин донишманд талафоти илмӣ ва сиёсӣ барои давлати соҳибистиқлоли мо мебошад. Вале осору афкораш дар таърихи навини кишвари мо ҳамеша хоҳад монд.

Ҳар бегоҳ аз кор меоям ё аз хона мебароям, беихтиёр ба он хараки назди бино назар медӯзам, ки Суҳроб Шарипов мудом бо фарзандонаш онҷо баромада менишаст ва дӯстони дерин-Вайсиддин Азаматов, Суҳроб Шарипов ва ман низ, ки ҳамеша рӯйи он харак нишаста суҳбатҳо мекардем, холист. Вайсиддин Азаматов ҳам чанд рӯзе пеш аз Суҳроб Шарипов оламро тарк ва дилҳоро басе ғамгин кард. Аз ҳардуи онҳо ёди равшане чун ситораҳои тобноки аз дур чашмакзананда гӯё ба сӯйи мо менигаранд ва мегӯянд:

*Зиндагӣ мафҳуми такрорасту бас.*
*Чун шарар дар ҷилва як бор асту бас.*

**Мамадшо Илолов,**
академики АИ ҶТ

## СУХАНЕ ЧАНД ДАР СӮГВОРИИ СУҲРОБ ШАРИПОВ

Ташаккул ва таҳаввули фарҳанги сиёсӣ ва сиёсатшиносӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар тӯли чоряк аср хеле пеш рафтааст, вале то ба асл ҷараёнеро мемонад, ки маҷро ва соҳили он номуайян ва ноаён ба назар мерасад. Ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии сабти ном гардида, ки бояд ба таври кул ва хеле дақиқ дархости доираҳои васеи сиёсӣ ва ҷамъиятии ҷомеаи шаҳрвандиро дарк мекарданд, ангуштшуморанд. Зиёде аз ин ҳизбу хара-

кату бо каме истисно ғояи зинда ва ҷомпарвари миллӣ надоранд, то ки алоқаи баръакси (feed-back) мардумро босамар ва ба таври доимӣ таъмин намоянд. Ҳатто шиору хитобҳои пешазинтихоботии онҳо, аксаран, моли хориҷиён мебошанд ва заминаи тоҷикӣ надоранд. Дар чунин ҳолат амали васеи халқ бо мақсади қаноат намудани ормонҳои сиёсиаш ба шахсиятҳое ниёз дорад, ки ҳамчун сиёсатмадор шинохта шудаанд ва мақому манзилати ба худ хосро касб намудаанд.

Маҳз ҳамин гуна фарди воқеан ҷамъиятӣ, ки соҳиби диди фарҳанги сиёсии ба худ хос, фалсафаи мавзун ва муҳимтар аз ҳама дорои иродаи қавии сиёсӣ мебошад, ба назари банда Суҳроб Шарипов аст. Хатмкардаи факултаи фалсафаи Донишгоҳи Ломоносови Маскав - Суҳроб Шарипов бавосита ва ё бевосита таълими касбиашро аз «Суқроти гурҷӣ", профессори фалсафа Мераб Мамардашвили гирифта буд, ин ҷо як иқтибос аз Мамардашвили меоварам: **«Эҳсоси фикр ё фикре, ки тавассути эҳсос ифода ёфтааст хориқаи идрок аст ва он ба нақши ҳиссиёти эстетикӣ тавъам аст».** Чунин тавъамияти фикру эҳсосро мо дар ҳусни каломи Суҳроб Шарипов медидем. Суханронӣ ва муҳокимаронииҳои Суҳроб исботи он буданд, ки маҳсули аслии фалсафа худи файласуф аст, на мақолоту китобҳои навиштаи ӯ ва на шогирдони доктору номзад шудааш. Пеш аз даст задан ба ислоҳи одамони дигар зарур аст, ки худро сохт. Суҳроб Шарипов ин усул ё императиви ҳатмиро хуб дарк карда буд. Ӯ ба таври мусбӣ миёни сиёсатмадорон ва сиёсатшиносон даҳсолаҳои охир ба баёни дақиқи ақида ва вокуниши далерона ба рӯйдодҳои сиёсиву иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон фарқ мекард. Бахусус, чанд изҳороти Суҳроб Шарипов доир ба мақоми Тоҷикистон

ҳамчун кишвари тозаистиқлол дар бозиҳои сиёсии абарқудратҳо ва шиддати куллигарой аз як сӯйи дигар, хеле нишонрас садо доданд.

Боре аз яке аз файласуфҳои шинохта шунида будам, ки Суҳроб Шарипов ҳангоми вохӯрӣ бо роҳбарияти олии кишвар хеле густохона ва бидуни дипломатия масъалагузорӣ мекунад. Банда эътироз кардам ва гуфтам, ки Суҳроб Шарипов макон ва замони пешниҳоди ин ё он масъаларо бехато муайян мекунад. Муаллифи ин сатрҳо имкон дошт, ки якчанд дафъа Суҳроб Шариповро ҳангоми сафар ба мамолики хориҷӣ дар доираи намояндагии парлумони кишвар ҳамроҳӣ намояд. Дар нишасту конфронсҳо, маҷлису ҷаласаҳои ассамблеи байни парлумонӣ дар баъзе ҳолатҳо баҳсу мунозираҳои тезу тунд рух медоданд ва лозим мешуд, ки мавқеи Тоҷикистонро таъмин намоем. Суҳроб Шарипов бо далериву матонати ба худаш хос аз манфиатҳои мо дифоъ менамуд ва аз ҳама муҳимаш он буд, ки ҳангоми даргириҳо табассуми нотакрораш чеҳраи ӯро тарк намекард. Дар лаҳзаҳои ҳассостарин мисли устодаш Мамардашвили устокорона ҳазл мекард ва ё ягон мақоле ё латифаеро ба миён мегузошт. Суҳроб Шарипов хеле барвақт олами ҳастиро падруд гуфт. Гумон намекунам, ки дар наздиктарин солҳо мо сиёсатшиносеро монанди ӯ дарёфт намоем. Ба ҷавониаш нигоҳ накарда, Суҳроб Шарипов аз худ номи накӯ ба ёдгор гузошт. Моро лозим аст, ки ба мероси илмиву сиёсии ӯ хеле холисона ва бо эҳтиёт муносибат намоем. Нашояд, ки чеҳраи беолоиш ва хеле самимӣ ин олими боистеъдод ва сиёсатмадори боиродат миёни мунокишаву хараҷу мараҷи бегонагон ғӯта занад.

**Махфират Хидирова,**
Раиси Кумитаи занони ҶТ,
02-06-2015

## «ДАР ИЛМ БОЯД ФИРЕБ НАБОШАД…»

Дар вуҷуди ҳар як инсон дурдонаҳое мавҷуданд, ки бо зебоии ноаёни худ ӯро зебу фарри хоса дода, аз издиҳоми калон ҳам бошад, ӯро ҷудо карда меистанд. Хоксорӣ, ростқавлӣ, адолатпарварӣ, бекинагӣ, садоқат дар дӯстӣ, устуворӣ дар ирода, боҷуръатӣ ҳақгӯйӣ хислатҳои асосие буданд, ки Суҳроб Иброновичро дар байни ҷомеа ва дӯстон азиз гардонида буд.

Соли 1999 дар ҳимояи рисолаи номзадиям Суҳроб Иброновия ба сифати муқаррризи дуюм баромад менамуданд. Бо мақсади пешниҳоди рисола барои тақриз ба Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омадам. Он вақт Суҳроб Ибронович мудири шуъбаи сиёсати дохилӣ буданд. Хуш қабул карданд ва гуфтанд, ки мехонам ва тақриз, ки омода шуд, ҳатман ба Шумо занг мезанам. Сухани хуб ва қабули самимии ӯ ба ман қуввати иловагӣ дод. Болидарӯҳ аз он гаштам, ки бо чунин инсони хоксору заминӣ вохӯрдам. Баъди ин сари бисёр масъалаҳо машварат мегирифтам.

Замони дар парлумон ба сифати вакил фаъолият намуданамон, ки ҳамзамон аъзои Шӯрои диссертатсионӣ оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ буданамон аз ҷониби Шӯро ба мо рисолаи докторин як нафар унвонҷӯ барои ташхис пешниҳод карда шуд. Вақте ки рисоларо омӯхта баромадам, ошкор намудам, ки ба ягон талаботи рисолаи докторӣ ҷавобгӯ нест. Аз Суҳроб Ибронович пурсон шудам, ки фикри Шумо дар бораи ҳамин рисола чист. Он кас, ки ҳанӯз бо хулосаи ман шинос набуданд, ба саволи ман

бо савол ҷавоб доданду пурсиданд, ки чи консепсияи нав ман дар ҳамин кор ёфтам. Ман ҷавоб додам, ки ягон чизи нав наёфтам. Ӯ хандиду гуфт, ки ту ҳамин хел пурсидӣ, ки ман фикр кардам ба ҳамин рисола баҳои мусбӣ дода бошӣ. Сипас дар идомаи суханаш гуфт, ки фаромӯш кардӣ, ки худат барои ба ҳимояи докторӣ баромадан чи қадар талош карда будӣ. Барои ҳамин ҳам доимо муносибат бояд чунон бошад, ки илм ҳаргиз хор нашавад. Дар илм бояд фиреб набошад, зеро на ҳар олимро ҷомеа эътироф мекунад ва на ҳар олим дар ҷомеа мавқеъ пайдо мекунад. Ин суханони Суҳроб Иброновичро доимо ба ёд меорам ва ба хулосае меоям, ки ӯ худ дар илм нафари тасодуфӣ набуд ва талош мекард, ки интихоби роҳи илм огоҳона бошад.

Аъзои фаъоли Фраксияи ҲХДТ дар парлумон буд ва кӯшиш мекард, ки доимо нуқтаи назари худро ба ҳама масъалаҳои муҳокимашаванда дошта бошад. Ростгӯйӣ ва ҳақталабияшро ҳама, ҳатто намояндагони азҳоби дигари сиёсии парлумонӣ низ эътироф мекарданд. Худ як мактаби бузурги одамият буданд.

**Сафаров Олимҷон,**<br>
вакили Маҷлиси Намояндагони<br>
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон<br>
15.05.2015

## ХОТИРАҲО

дар бораи инсони такрорнашаванда марҳум
Шарипов Суҳроб Иброновича

Ман шодравон Шарипов Суҳроб Иброновичро солҳои тӯлони ғоибона ҳамчун сиёсатмадори шинохта ва стратеги сатҳи байналмилалӣ мешинохтам. Бо амри тақдир бо даст-

гирии Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тибқи рӯйхати ҳизб ман дар даъвати чоруми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вакил интихоб шудам.

Шарипов Суҳроб аз моҳи декабри соли 2011 аз ҳавзаи интихоботии Шоҳмансур вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуда, дар Парлумони кишвар фаъолияти кории хешро оғоз намудаанд. Дар ин давра бо Суҳроб Ибронович дар фаъолияти кории якҷоя дар Парлумон аз наздик ошно шуда, ба хулосае омадам, ки воқеан ҳам он кас дар қатори шахсиятҳои боэҳтиром ва бофарҳангу бомаърифати кишвар ҷой гирифтаанд. Он кас бо хислатҳои хуби инсонӣ, яъне хоксорӣ, поквиҷдонӣ, хушмуомилагӣ ва инсондӯстии хеш дар дили ҳамкоронаш ва дӯстонаш ҷой гирифта буданд.

Он касро аксарияти вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сиёсатмадори дурандеши бомаърифат, эксперти дақиқ, ватандӯст ва дӯсти меҳрубон медонистанд, яъне ӯ яке аз вакилони фаъолтарини Парламент будаанд. Шодравон Суҳроб Ибронович дар давоми фаъолияти кориаш дар Парламент, дар ҳамаи ҷаласаҳои саркумитаҳо, Фраксияи ҲХДТ ва Иҷлосияҳои Маҷлиси намояндагон, инчунин дар семинару конференсияҳои байналмилалӣ хеле фаъол буда, тамоми фикру ақидаҳояшро рӯйирост беғаразона изҳор менамудаанд, ки ин беҳтарин сифатҳои он кас будаанд. Воқеан ҳам даргузашти дӯсти азизамон барои мардуми Тоҷикистон талафоти бузург мебошад. Парвардигор ҷояшро Ҷаннат бигардонад.

**Саидов Ҷамшед Ҳамроқулович,**
муовини Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба
корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои
ҷамъиятӣ ва иттилоот

## ЁДДОШТҲО

(*аз ҳамкориҳо бо шодравон Шарипов Суҳроб Ибронович*)

…Ӯ шахсияти нотакрор, инсони бузург, олими варзида ва сиёсатмадори адолатпарвар буд.

Шиносоӣ бо фаъолияти шодравон Суҳроб Шарипов ҳарчанд барвақттар, ҳанӯз дар давраи фаъолияти ӯ ба ҳайси директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ғоибона тавассути васоити ахбори оммаи кишвар сурат гирифта буд, аммо аз наздик шинос гардидан бо ин марди фозил ба моҳи ноябри соли 2011 рост омада буд.

Бояд иқрор шавам, ки бо назардошти фаъолияти худ дар вазифаи раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе, дар ҳамон давра зарурати баргузор намудани интихоботи миёнадаврӣ ба ҷойи вакили хориҷшуда дар ҳавзаи якмандатаи интихоботии Шоҳмансур №3 пеш омада буд. Боиси таассуфи ҳамаи мо буд, ки санаи 05 октябри соли 2011 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсатмадори шинохта, ки солҳои 1995 – 2000 дар вазифаи Раиси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамуданд, Сафаралӣ Раҷабов ба таври ногаҳонӣ аз бемории қалб вафот намудаанд. Тибқи қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоботи миёна-

даврӣ дар ин ҳавзаи якмандатии интихоботӣ ба ҷойи вакили хориҷшуда дар санаи 18 декабри соли 2011 таъин карда шуд.

Моҳи ноябри соли 2011 дар Конфронси якҷояи ташкилотҳои ибтидоии ҲХДТ дар ноҳияҳои Шоҳмансур ва Фирдавсӣ, ки ман шахсан ширкат доштам, аввалин шуда, ҳамчун вакили Конфронс аз ташкилотҳои ҳизбии ноҳияи Фирдавсӣ ва раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Душанбе номзадии Шарипов Суҳроб Иброновичро ба ҳайси номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатаи интихоботии Шоҳмансур, №3 аз ташкилотҳои ҲХДТ пешбарӣ намуда, иброз намудам, ки қабл аз ҳама номзадии Шарипов С.И. бо Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мувофиқа шуда, бо иҷозаташон барои баррасӣ ба ҳузури вакилони Конфронси якҷояи баргузоргардидаистода пешниҳод мешавад. Ҳамзамон шарҳи ҳоли номзади арзандаамонро ба вакилони Конфронс шинос намуда, оид ба хислатҳои неку ҷолиби Суҳроб Шарипов истода гузашта будам.

Баъдан вакилони Конфронс, Президенти вақти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Илолов М., ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (алҳол Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) Нуриддини Саид ва дигар шахсиятҳои шинохтаи кишварамон ба сухан баромада, аз номзадии Шарипов С.И. ҳамаҷониба дастгирӣ намудаанд. Сипас бо овоздиҳии пинҳонӣ ва ҷонибдории мутлақи вакилони конфронс Шарипов С.И. номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Шоҳмансур №3 аз ҲХДТ пешбарӣ карда шуд.

Аз ҳамон лаҳза, шиносоӣ ва ҳамкориҳои судманди мо бо Шарипов С.И. оғоз гардида буд ва ин ҳамкориҳо то лаҳзаҳои охирини умри шодравон давом кард.

Мо якҷоя бо Шарипов Суҳроб Ибронович дар ситоди пешазинтихоботӣ ва вохӯриҳо бо интихобкунандагон дар ҳудуди ҳавзаи якмандатии интихоботии Шоҳмансур №3 (ноҳияҳои Шоҳмансур ва Фирдавсӣ) ширкат варзида, номзадии ӯро тарғибу ташвиқ менамудем. Дар вохӯриҳо бо интихобкунандагон Шарипов С.И. бо ҳиссиёти баланди меҳанпарастӣ оид ба дастгирӣ аз сиёсати хирадмандонаи сарвари давлат, дӯстдории Ватану миллат ва созандагию ободкориҳо сухан гуфта, мардумро ба муттаҳидӣ ва ваҳдат даъват карда, вазифаи муқаддаси хешро дар таҳияи қонунҳои осонкунандаи мушкилоти мардум медонист.

Оре, дар вохӯрӣ бо интихобкунандагони маҳаллаҳои Бадахшон ва Кӯҳдомани ноҳияи Шоҳмансур интихобкунандагон аз норасоии оби нӯшокӣ ва саривақт дастрас карда натавонистани он, аз ҷумла нисбат ба фишори пасти оби нӯшокӣ дар қубурҳои обтаъминкунанда дархост намуда, талаб намуданд, ки ин мушкилоти онҳоро ҳарчӣ тезтар бояд ҳал кунем. Номзад ба вакил Шарипов С.И. масъалаи мазкурро баъди баргузории вохӯрӣ, ки бегоҳӣ баргузор шуда буд, пайгирӣ намуда, ба воситаи муроҷиати фаврӣ ба масъулон ва мусоидати Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Убайдуллоев М.У. то нисфи шаб ҳаллу фасл намуда, сокинони ин маҳаллаҳо хеле хурсанд шуда, аз вай миннатдор шуда буданд. Ба ҳамин монанд, ӯ кӯшиш мекард, ки ба интихобкунандагони хеш дар ҳалли масъалаҳои ҳалталабу мушкил кумак намояд.

Ба ростӣ, барои мо кормандони масъули ҲХДТ дар шаҳри Душанбе ва тарғиботчиёну шахсони боэътимоди номзад ба вакилӣ хеле осонтар буд, ки номзади мо Шарипов С.И. худ арзанда ва шахсияти шинохта буд. Ҳамин буд, ки дар рӯзи интихобот, яъне 18 декабри соли 2011 аксари кулли интихобкунандагон ба ҷонибдории Шарипов Суҳроб Ибронович овозҳои худро дареғ надошта, вай вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Аз фаъолияти густурда ва самарабахши шодравон Шарипов С.И. дар Парлумони касбии кишвар, мо аксаран аз воситаҳои ахбори омма огоҳӣ пайдо мекардем. Нисбат ба фаъолияти вакилии Суҳроб Шарипов воситаҳои ахбори омма танҳо аз ҷиҳати мусбат ёдовар мешуданд. Ӯро дар қатори вакилони фаъол, адолатпарвар, нотарс ва хеле ҷасуру дорои фикру андешаи мустақил зикр мекарданд.

Суҳбатҳои хосаи мо бо шодравон Суҳроб Шарипов ҳангоми ҳамоишҳои ҳизбӣ, конфронсу маҷлисҳои васеи ҲХДТ сурат мегирифтанд. Алалхусус, баромадҳои ӯ дар конфронсҳои ташкилотҳои ҲХДТ дар шаҳри Душанбе хеле фарққунанда аз дигар вакилон ба шумор мерафт ва доимо таклифу дархостҳои арзишмандро барои мо кормандони масъули ҳизбӣ пешниҳод менамуданд. Яке аз хислатҳои хуби дигари шодравон Суҳроб Шарипов ин буд, ки ҳарчӣ ӯ мегуфт ва ё танқид мекарду ҳақиқатро дар рӯйи инсонҳо бе тарсу ҳаррос мегуфт, дилаш соф буду дар он кина намегирифт. Бо гузаштани вақти начандон зиёд гӯё чизе набуд, бо як дилгармию шодмонӣ боз аз нав бо ҳама шахсон суҳбат меорост.

Суҳроб Шарипов дар баробари ҳамаи фаъолияти меҳнатӣ ва сиёсии хеш, олими варзида буд ва дар тарбияи

олимони зиёди ҷавони кишварамон саҳмгузорӣ намудааст. Китобу асарҳои илмии зиёд аз худ мерос гузоштааст, ки имрӯзҳо аз он шогирдон ва донишҷӯёну коромӯзон ба тариқи васеъ истифода мебаранд.

Барои ман ифтихори бузург аст, ки бо соядасти шодравон устод Суҳроб Шарипов яке аз китобҳои арзишмандашро бароям тақдим карда буданд. Вақте ки ман монографияи хешро ба воситаи шогирди бовафояшон Ҳикматулло Хоҷаев барояш равон карда будам ва оид ба тасмими хеш ҷиҳати дифои рисолаи илмии худ барои дарёфти унвони доктори илмҳои техникӣ бароящон маълум сохта будам, хело шод гардида, бароям дуъои нек ва барори кор хоста буданд. Баъд аз ҳимояи бомуваффақонаи рисолаи илмии мазкур дар Донишгоҳи давлатии сохтмони Ростови Федератсияи Россия дар моҳи декабри соли 2013 ва баргаштан ба Ватан, ӯ аз ин хабардор шуда, хеле хурсанд шуда, маро самимона табрик намуда буданд. Яъне барои Суҳроб Шарипов шахсиятҳое, ки ба илм машғул буданду илми тоҷикро берун аз кишвар муаррифӣ мекарданд, обрӯ ва қадру манзалати махсус доштанд.

Баъд аз интихоб гардиданам ба сифати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Сино, №4 ва оғоз намудани фаъолияти вакилии хеш маълумам гардид, ки бародари шодравони мо Суҳроб Шарипов дар давраи фаъолияти вакилии хеш дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, узви Кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот будаанд. Ҳуҷраи кории шодравон Суҳроб Ибронович Шарипов дар шафати кабинети кории имрӯзаи

ман буд ва алҳол дар он вакили мо Исмонов Саидҷаъфар фаъолият менамояд. Дар девори ин кабинети корӣ расми бо даст кашидаи кабутари зебо ҳаст, ки доимо аз рӯҳи пок ва хотираи неки шодравон Суҳроб Шарипов моро ёдоварӣ мекунад.

Охирин, вохӯрии мо бо шодравон Суҳроб Шарипов рӯзи шанбе, 10 январи соли 2015 дар Конфронси якҷояи ташкилотҳои ҲХДТ дар ноҳияҳои Шоҳмансур ва Фирдавсӣ дар толори маҷлисгоҳи ноҳияи Шоҳмансур буд, ки мо, вакилони ин Конфронси муштрак, ҳама якдилона вайро ба ҳайси номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи якмандатии интихоботии Шоҳмансур №3 пешбарӣ намуда будем. Ӯ худ низ суханронӣ карда, миннатдории хешро аз Раиси ҲХДТ ва вакилони Конфронс изҳор намуда, ваъда карда буданд, ки агар дар интихобот номзадиашро дастгирӣ намоянд, барои халқу миллати хеш содиқона хизмат хоҳад кард. Мо маслиҳат кардем, ки бо ҳам вохӯрӣ намуда, барномаҳои пешазинтихоботии худро бо назардошти вазъи имрӯза омода хоҳем сохт.

Афсӯс, ки баъди ҳамагӣ нуҳ рӯз устод Суҳроб Шарипов ҳамаи мо, дӯстону ҳамкорон ва ин ҷаҳони фониро абадан тарк намуданд. Душвортарин лаҳзаҳо барои ман ширкат дар ҳамоиши мотами ӯ ва хондани ҷанозаашон якҷоя бо дӯстон, хешу таборон ва наздиконашон буд. Ҳарчанд ки имрӯзҳо шодравон Суҳроб Ибронович Шарипов дар байни мо ҷисман нестанд, аммо кору фаъолият ва амалҳои некашон дар дилу дидаи мо абадан нақш бастааст.

Алвидоъ, дӯст ва бародари шодравону ғӯрамарги мо!

**Муҳаммадато Султонов,**
журналист
29.05.2015

# СУҲРОБ ШАРИПОВ БЕҲТАРИН ЧЕҲРАИ ТОБОНИ СИЁСӢ ДАР КИШВАРАМОН БУД

Зиёд афсус мехӯрам, ки дар бораи Суҳроб Шарипов вакили Маҷлиси намояндагон (солҳои 2005-2010) баъди маргаш менависам. Ба ёди ҳеҷ кас ҳам намеомад, ки Суҳроб ҳамин тавр ноаён, дар рӯзҳои аввали баҳор аз байни мо ҳамкорону дӯстон меравад.

Он чизе, ки ману Суҳробро бо ҳам мепайвандад, солҳои донишҷӯй дар донишгоҳи давлатии ба номи Михаил Ломоносови шаҳри Маскав буд. Ман дар факултаи журналистика ва Суҳроб Шарипов дар факултаи фалсафаи ин донишкада таҳсил мекардем. Бо тақозои замон мо як гурӯҳ тоҷикбачаҳои тоҷикистонӣ дар рӯзҳои наврӯзӣ ва дигар идҳои миллии кишварамон ҷамъ меомадем. Суҳроб он вақт як ҷавони навқаду зебое буд. Ҳамон солҳо ҳам табассуми ба худ хосаш чеҳраи гирди ӯро зеботар менамуд. Ӯ барои ҳама як хел буд. Аҷибаш он буд, ки барои ӯ русу украину тотору монгол вуҷуд надошт. Ӯ дӯсти ҳама мардумони дунё буд. Дили бузурги инсонӣ дошт. Дар ин дил ҳама меғунҷид. Ҳам шодию ғам, ҳам талхию шириниҳои ҳаёт. Ман ӯро ҳамин хел мешинохтам ва то ҳол ӯ дар ёди ман ҳамин хел боқӣ мондааст.

Ӯ дар ҷавониаш ҳам ҷасуру ғаюр буд. Ҳамон вақт ҳам сухани ҳақро дар ҷаласаҳо ба декану ректор мегуфт. Сухани бурро дошт. Ҳақнигор буд. Бинобар ин, ба гапи ӯ гӯш мекарданд. Фикру ақидаашро, албатта, ба инобат мегириф-

танд. Ӯ дигар хел буда наметавонист. Худованд ӯро чи гунае, ки буд ҳамон тавр офарида буд.

Бо гузашти айём ӯ дар Маҷлиси намояндагон вакил интихоб шуда омад. Утоқи кориаш ҳам дар ҳамсоягии ман буд. Ӯ мисли айёми донишҷӯияш қаҳванӯширо дӯст медошт. Баъди ин сигор дуд медод. Рӯзи дароз дар сари компютер менишаст. То шом менавишт. Бисёр менавишт. Ҳамеша шитоб дошт. Гӯё барояш вақт камӣ мекард. Шояд ӯ маргашро барвақт ҳис карда буду ба мо ҳамкорон чизе намегуфт. Баъди маргаш фаҳмидем, ки ӯ мариз асту ба мо чизе намегуфт. Баръакс, моро тасалло дода мегуфт, ки бисёр ғам нахӯред, албатта ҳамааш нағз мешавад.

Дар парлумон мисли ӯ вакилони ҷасур, ангуштшумор буданд. Ӯ гапи ростро ба вазироне, ки ба Парлумон барои баррасии масъалаҳояшон меомаданд рӯйи рост мегуфт. Пулҳои бӯҷаро ба куҷо сарф кардед, лоиҳаҳоеро, ки ба онҳо дили мардумро гарм кардед, ин лоиҳаҳо куҷо шуданд, – мегуфт ӯ. Ӯро дар парлумон қонеъ кардан хеле душвор буд. Чаро, ки вазъи сиюсию-иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии кишварро ҳамеша аз «ғалбер» мегузаронид. Доктори илмҳо буд. Шогирдони зиёдеро аз худ мерос гузошт, ки онҳо баъди маргаш ба ин миллату давлат софдилона хизмат карда истода, номи ӯро ҳамеша зинда нигоҳ медоранд.

Суҳроб дар Маҷлиси намояндагон мисли Суҳроби Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» буд. Суҳроби Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» барои ҳувияти ориёйиҳо меҷангид, Суҳроби мо дар Парлумон барои ободии ин миллати озодаандеш меҷангид. Суҳроб дар «Шоҳнома» аз дасти падар – Рустам кушта шуд. Суҳроби моро ғамҳои ин замона куштанд.

Боре ӯро дар сафари шаҳри Санкт-Петербург, ки Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди

Давлатҳои Мустақил мегузашт ҳамроҳӣ кардам. Ӯ дар ду ҷаласаи ин созмони бонуфузи байналмилалӣ роҷеъ ба вазъи сиёсати байналмилалии минтақа ва ҷаҳон баромад намуда, перомуни кишварҳои мухталиф андешаҳои ҷолиб иброз намуд. Ду нафар вакили парлумони думаи давлатии Федератсияи Руссия, як нафар вакили парлумони Қазоқистон ва ду нафар вакили парлумони Озарбайҷон, ки дар паҳлуи ман менишастанд, баъди баромади Суҳроб Шарипов аз ман пурсиданд, ки ин нафар тоҷик аст? – Гуфтам, бале ин тоҷик аст. Тоҷике ҳаст, ки дилаш на танҳо барои миллати тоҷик месӯзад, балки ӯ барои тамаддуни башарӣ месӯзад. Суҳроб ана ҳамин хел бо сари баланд аз минбарҳои байналмилалӣ мо тоҷиконро муаррифӣ карда метавонист. Ӯ пайваста донишу маҳорати касбияшро дар омӯзиши масъалаҳои байналмилалӣ сайқал дода меистод. Ҳамчун олими ҷавон хеле пеш рафта буд. Ба суханони гуфтаю навиштаи ӯ шореҳони сиёсии кишварҳои Руссияю Чин, Америкаю Олмон, Индонезияю Покистон таваҷҷуҳи хоса доштанд. Ӯ ояндабини хуб дошт. Қисми зиёди гуфтаҳою пешбиниҳои ӯ дар ҳаёт амалӣ мешуданд.

Қисме аз кишварҳои бонуфузи дунё ҳатто нақшаи аз ҷумҳурии мо баровардани ин гуна «каллаҳои тиллоӣ»-ро кашида буданд. Вале ӯ пеши ягон аҷнабие сар хам накард. Ёд дорам ҳама вақт, ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ ҷиянаш Ҳикматулло, ки дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекард, барои ӯ чор ва ё шаш дона «чебурек» меовард. Ӯ ин ғизоро бо оби ҷуш ва ё қаҳва тановул мекард. Ӯ ана ҳамин хел Суҳроб буд. Бо обу нони қоқи ин миллат қаноат мекард. Ӯ мурду, хонаи зисти доимӣ надошт. Ҳоло ҳам баъди маргаш ҷиянаш Ҳикматулло барои барқарор кардани нафақаи ӯ дари чан-

дин идораҳои давлатиро мекӯбад. Аз ӯ чор фарзанд дар ин дунёи фонӣ ба мо мерос мондааст. Шояд ягон фарзанди ӯ ба мақому мартабаи ӯ расида тавонад. Вале, ҳоло мо ба хотири рӯҳи ӯро шод гардонидан, бояд номи ӯро доимо зинда нигоҳ дошта тавонем.

Дар рӯзи мурдани Суҳроб борони зиёде борид. Мо ҳама ҳангоми бурдани тобуташ ба тамом тар шуда будем. Вале касе аз мо ин намии борони баҳориро ҳис намекард. Зеро мо бо бурдани Суҳроб ба гур, ғаму дарди ин миллатро бо ӯ мегуронидем…

**А. Ғаффоров,**
вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
10.02.2015

## АҚЛ ВА НЕКБИНӢ ҚАРИНИ ЯКДИГАРАНД

Баъзе бо ёдгори хуш зиндагӣ мекунанду аз ёдгори бад ибрат мегиранд. Баъзе ёдгори хушро мояи таассуф ва андӯҳ месозанд ва бо ёдгори бад ранҷи гузаштаро зинда нигоҳ медоранд. Мо ин ҷо сухан оид ба марде меронем, ки равонаш пур аз меҳру муҳаббат ва самимияти том нисбати миллату давлат саршор буда, олами маънавияш чашмае аз чашмасори панду андарзҳои ҳакамону нобиғаҳои тамаддунорои Шарқу Ғарб саршор буд, ки накҳати гуфтораш ба яке ҳамчун насим мегузашту бо дигаре ҳамчу атри гул соате мемонад, дар хушбахтӣ бо ҷони ширин меомезад ва як мешавад.

Ин марди чолоку серҳаракат ҳозирҷавобу хушгуфтор, донишманду файласуф, сиёсатшиносу сиёсатмадор

Суҳроб Шарипов мебошад. Борҳо ба Суҳроб Шарипов ҳамсуҳбат шуда, аз ӯ панд омӯхтам, ки ҳамеша маро дар зиндагию ҳаёт роҳбалад гашта буд. Ӯ чунон хушҷақчақ буд, ки то лаҳзаҳои охирини суҳбаташ нишаста, на монда мешудию на хафа.

Ӯ боре ба ман гуфта буд: «Ман одамонеро мебинам, ки гирифтори бемории тан ҳастанд, онҳо табиӣ мебошанд, зеро тани гарм бедард нест гуфтаанд, аммо гирифтортар аз ӯ одамоне мебошанд, ки ба бемории фикр гирифторанду аз бемории худ хабар надоранд. Ин гурӯҳи маризон сарсахттарин бемор мебошанд, ки ба ҷомеаи инсонӣ сироят мекунанд ва онро заҳролуд мегардонанд».

Ӯ нисбат ба чунин шахсони бемор, ки манфиату мароми хешро, аз манфиатҳои миллӣ боло мегузоштанд, бо нафрат ҳарф мегуфт ва онҳоро чашми дидан надошт.

Ӯ номи некро аз ҳама воло медошт. Ин гуфтаҳо ҳамеша вирди забонаш садо медоданд. «Силоҳшӯрон» (ҷасур) бо ҳавои қудрат дунёро пур аз ғиреви марг мекунанд ва нолаву афғон месозанд, шоирон бо ҳавои ишқу муҳаббат оламро пур аз шӯру нишоту меҳру сафо мекунанд. Номи ҳар ду дар рӯзгор мемонад, аммо фарқ аст миёни он, ки ба ишқ зинда монад, бо он ки номаш бо хун олуда бошад. Суҳроб, ки дилаш пур аз самимият ишқу муҳаббат лабрез буд, ҳама гуна зӯрию зӯровариро маҳкум мекард ва пайваста ваҳдати миллиро сарчашмаи комёбию дастовардҳои миллӣ медонист, хело воло садо медод.

Дар забони Суҳроб панду андарзҳои Зардушт «пиндори нек», «рафтори нек», «гуфтори нек» танинандоз буд. Ин се асос ҷавҳар ё шиори хушку холӣ набуда, балки ҷавҳари суханронии Суҳроб буд, ки дар ҳаёташ ҳамеша обутоби подшоҳи мулки сару ақлаш ҳамроҳу ҳамқадамаш буд.

Мо дар ин чаҳор калима (гуфтор, кирдор, рафтор ва нек) тамоми хислатҳои Суҳробро дармеёбем. Ӯ ростқавлу ростгуфтор буд. Инсоне буд, ки пайваста кӯшиш ба он мекард, ки ба одамон ҳар чизе, ки аз дасташ ояд хизмат кунад, аммо марги бармаҳал аз байни мо шахсеро рабуд, ки вақти ба миллат хизмат карданаш омада буд.

Ӯ донишманд буд. Волоияти илму дониши ӯ сурату ҳуввияти ӯро нишон медод. Сурату сираташ, ки пур аз илму фарҳанг буд, ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва кӯшиши он буд, ки рӯҳаш аз ғизои маънавӣ орӣ набошад. Ӯ ҳамчун файласуф, сиёсатшинос, барои саломатии инсон, покии меҳану ватан, софу беғубор нигоҳ доштани обҳои меҳан, хоки ватан, оташу ҳавои кишвар сухан меронд ва файласуфона изҳор мекард, ки ин ҷаҳор унсури муқаддаси китоби «Авасто» моро водор месозад, ки дар бораи якпорчагии меҳану кишвар бояд хуб андеша ронем ва ҳеҷ гоҳ нагузорем, ки буму марзи ватани мо ифлосу нопок гардад ва насли наврасро чунин тарбият намоем, ки барои якпорчагии ин кишвар синаашро сипар кунанд.

Ин суханҳоро ҳамон касе гуфта метавонист, ки дилаш пур аз меҳру муҳаббат нисбат ба миллату давлат буд. Ӯ боре дар баҳсу андешарониҳо, ки сухан дар бораи қонунҳо мерафт чунин андешаронӣ карда буд: «Қонун бояд барои ин, ки дигарон битарсанд, гунаҳгорро ба ҷазо бирасонад, лекин мо ӯро бубахшем то дигарон меҳру бахшандагӣ биомӯзанд». Ӯ намунае буд, ки ба мардум хизмат кардан, парҳезкорӣ ва фидокорӣ намуданро кори шараф ва пурифтихор медонист.

Ӯ акнун ба қуллаҳои хирад гом гузошта буд, ки дар суханаш, дар гуфтораш осори сиёсатмадорӣ падид гашта

буд ва ҳамчун сиёсатмадор андеша ронданро дар худ равнақу ривоҷ медод. Виқору сангинӣ барои ӯ бегона буд, ӯ хеле хирадмандона мегуфт, ин ҳарду эътимод ба нафс мебахшад.

Ӯ нисбат ба мардони хираду соҳибкасб эҳтироми самимӣ дошт ва ашхосе, ки нисбат ба шахси ҳунарманду донишманд носазое мегуфт, сахт ошуфта мешуд ва бо қаҳру ситеза посух медод, «ту он қадар бераҳмӣ, ки фарзанди азизи ӯро носазо гуфтӣ».

Ҳам дилаш ҳам забонаш як буд. Одамони аз ин ду чиз ориро ҳуққабоз, бадтину бадкирдор меҳисобид, Ӯ афсус мехӯрд, ки забону дил ҳамеша бо ҳам нестанд, зеро аз бепарвоию тундравии забон гоҳо аз дил хуноба мерезад ва гоҳе, ки дил аз тарабу самимият меҷӯшад, забон ҳамчу сангбаста аз ҷо намеҷунбад. Ӯ дили пур аз меҳру муҳаббат ва забони пур аз самимият дошт.

Суҳроб ҳамчун олими шинохтаи касби худ ба боғбоне монанд буд, ки аз замини хушк бор меовард, чун донае, ки аз дили хушк биҳишти сафову муҳаббат месозад. Ҳар чи гӯям нисбат ба Суҳроб олами саршор аз зиндагии носерӣ ӯро пурра мӯшикофӣ карда наметавонам. Зеро бузургон гуфтаанд: «Фалсафаи таърих навиштан осонтарин ва душвортарин корҳост, осон аст чун шоҳидон, ҳама даргузаштанд ва нависанда дар тахайюл ва тасаввури озодӣ дорад, душвор аст аз ин, ки бояд сабаби ҳақиқии вақоеро дар торикиҳои табиати башар ва ҳаводиси ғайри маълум пайдо кунад ва ин амрест наздик ба маҳол».

**Рӯзадоров Муҳаббатшо,**
вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси
Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
20.03.2015

## Ӯ ҶАВОН БУД, ҶАВОНИ ДАРЁДИЛ ВА РАВШАНЗАМИР

Шиносоии ман бо Суҳроб Шарипов дар шаҳри Москва ба вуқӯъ пайваста буд. Ҳамон вақт мо як гурӯҳ аспирантони Институти фалсафа таҷрибаи хуберо рӯйи кор овардем, ки рӯзҳои истироҳат ба зиёрати ҳамватанони худ рафта, аз зиндагӣ ва кору борашон огоҳ мешудем.

Чунин мулоқоту вохӯриҳо аз чандин ҷиҳат пураҳамият буд. Нахуст мо бо ҳам шинос мешудем, баъдан кӯшиш мекардем, ки ҳар чӣ беҳтару амиқтар ҳамдигарро фаҳмида, дар навбати худ якдигарро дастгирӣ намоем.

Дар байни донишҷӯёни ҳамонвақта ҷавонони мустаъиде буданд, ки вақти хешро ба таҳсил ва омӯзиши амиқи илмҳои гуногун бахшида, ҷаҳонбинии илмии хешро сайқал медоданд. Дар байни чунин ҷавонон таваҷҷуҳи маро ҷавони миёнақади лоғарандом, бо мӯйи сари дарози ба як паҳлу хобондашуда, чашмони калони сиёҳи барҷаста ва нигоҳи беғаши бачагона ба худ ҷалб намуд. Ӯ бо ҳама шӯхиомезона суҳбат менамуд ва бо ханда ба саволу пурсишҳои нишастагон ҷавоб мегуфт. Кас гумон мекард, ки фикру хаёлаш фақат ҳазлу мутоиба аст, аммо дар асл ин тавр набуд. Ӯ табиатан ботамкин, хоксор, шӯх ва ниҳоят меҳрубон будааст. Ин ҷавон Суҳроб Шарипов буд, ки ҳамон вақт дар факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва таҳсил менамуд. Аз шарикдарсонаш фаҳмидам, ки ӯ донишҷӯйи боғайрат, меҳнатдӯст ва ниҳоят хушзеҳн буда, дар дарсҳо на

танҳо бо ҳамкурсон, балки бо устодон низ оид ба масъалаҳои гуногуни илмӣ баҳсу талошҳо мекунад.

Баъди хатми таҳсил аксари мо ба Ватани азизамон – Тоҷикистон баргаштем ва дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ба фаъолият шурӯъ намудем. Дар ин айём робитаам бо Суҳроб Шарипов муваққатан камтар шуда, дер боз ба дидори ҳамдигар нарасидем. Танҳо баъди хатми донишгоҳ ӯ ба Ватан баргашта, дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба тадриси донишҷӯён пардохт. Дар он солҳо вай ҳамчун мутахассиси ҷавону боғайрат кӯшиш меварзид, ки дар тарбияи насли ояндасозу пешқадам саҳми босазо гузорад. Ӯ пайваста талош мекард, ки дониши андӯхтаашро бо воқеияти кишвар мутобиқ сохта, пурмаҳсул амал намояд. Донишҷӯён аз ин пай бурда, кунҷковона ба ӯ саволҳои гуногун дода, мехостанд, назари вайро нисбат ба ин ё он масъала бифаҳманд. Бо вуҷуди ҷавону камтаҷриба буданаш, ӯ ба саволу пурсишҳои шогирдон бо таҳлили амиқ вобаста бо воқеияти руҳдодаи кишвар ва ҷаҳон посух мегуфт.

Аммо зиндагии инсон ҳамеша дар гардиш буда, дар нимароҳи ҳаёт воқеаҳое сар мезананд, ки ҳеҷ кас дар бораи онҳо, ҳатто фикр ҳам намекард. Давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ аз байн рафт. Ватани азизи мо – Тоҷикистон бо дасисабозиҳои гурӯҳҳои муайяни сиёсии бурунмарзию дохилӣ пешорӯйи ҷанги шаҳрвандӣ қарор гирифт. Кӯшиши бархе аз зиёиёни кишвар, ба монанди Суҳроб Шарипов ва дигарон барои ба эътидол овардани вазъи ногувори сиёсии мамлакат самараи дилхоҳ надод. Муноқишаҳои дохилӣ торафт авҷ мегирифтанд ва дар охир ба муқовимати шадиди дохилӣ табдил ёфтанд. Суҳроб Шарипов низ мисли дигар зиёиёни тоҷик тасмим гирифта буд, ки шояд аз хориҷи кишвар барои каме ҳам бошад, беҳ намудани вазъияти ба

амаломада таъсири мусбате расонида тавонад, роҳи шаҳри Москваро пеш гирифт.

Дар Москва Суҳроб ба донишгоҳи дӯстдоштааш рафта, иҷозати тадрис дар факултаи фалсафа гирифт. Дар назди вай акнун вазифаҳои масъулиятнок меистоданд. Аз як ҷониб, аз ӯ талаб карда мешуд, ки барои гузаронидани дарсҳо тайёрии пухта бинад, зеро шогирдони донишгоҳи беҳтарини Москва хеле кунҷков ва серталаб буданд. Аз тарафи дигар, Суҳроб ҳаракат мекард, ки бо бархе аз ҳамватанонаш дар хориҷи кишвар, киояндаи Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил барои онҳо бозёфти муқаддас ҳисобида мешуд, ҳамчунин бо доираҳои муайяни Федератсияи Руссия вохӯрию мулоқотҳо созмон диҳанд. Дар ин самт саъю талошҳои зиёде ба харҷ дода, каме ҳам бошад, ба ҳадафҳои хеш ноил гардид. Гарчанде иддае аз ҳамватанон, ки пеш лофи ватанхоҳию ватандӯстӣ мезаданд ва тавре вонамуд месохтанд, ки мисли онҳо нисбат ба халқу ватан ҳеҷ каси дигар ғамхор нест, дар хориҷи кишвар муҳри хомӯширо ба даҳон бастанд.

Суҳроб бошад, бо ҳаммаслаконаш ҳамеша саъй ва кӯшиш менамуд, ки Тоҷикистонро заррае ҳам бошад, аз гирдоби ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ наҷот бахшида, роҳи мусолиматомези сулҳро пайдо созанд. Ӯ ҷасурона дахолати кишварҳои берунаро ба Тоҷикистон маҳкум менамуд ва барои исботи фикру андешаи хеш мисолҳои мушаххас ва боэътимодро меовард. Дар ин асно дар Тоҷикистон қувваҳое сиёсие зуҳур намуда будаанд, ки марому мақсади онҳо бунёди давлати исломӣ буд ва барои амалӣ намудани ин ҳадафи ниҳоии худ тамоми воситаҳои мавҷудаи ҳамонвақтаро мавриди истифода қарор доданӣ мешуданд. Суҳроб чунин иқдомҳои манфиро ба хубӣ дарк мекард ва

ҳамаҷониба кӯшиш ба харҷ медод, то ҳадафҳои ин гурӯҳҳо ҷомаи амал напӯшанд.

Ҳамчун сиёсатшинос равандҳои сиёсию иҷтимоии кишварро амиқ омӯхта, ҳар як падидаи мусбатро, ки тадриҷан дар фазои сиёсии кишвар пайдо мегардид, хурсандона қабул менамуд, барои тавсеаи он мардум, бахусус зиёиёни мамлакатро даъват мекард. Ба ҳайси сиёсатшинос Суҳроб хуб дарк мекард, ки замони нав бо тамоми мушкилоташ талабгори лидери наву боқуввати сиёсии кишвар мебошад.

Хушбахтона, дар Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Тоҷикистон роҳбарият ва элитаи сиёсии нав бо сардории фарзанди бузурги миллат Эмомалӣ Раҳмон, сиёсатмадори барҷастаи сатҳи ҷаҳонӣ, интихоб шуд. Авввалин суханрониҳо ва изҳороти Роҳбари нави мамлакат ба дилу дидаи мардуми Тоҷикистон чӣ дар дохил ва чӣ дар хориҷи он умеди тозае ба зиндагӣ ҷой дод. Ҳама бовар доштанд, ки лидери нави сиёсӣ дилу нияти пок дорад ва ҷасурона иқдоми созандаи худро барои ба эътидол овардани вазъи сиёсии мамлакат, фароҳам овардани фазои ҳусни тафоҳум байни мардум, ҳифзи якпорчагии Тоҷикистон ва муқаддасоти миллӣ, таъмини сулҳ, бозгардонидани гурезагон ва ба маҷрои осоиштаи ҳаёт ворид сохтани кишвар мегузоранд.

Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз иҷрои вазифаҳои бузурги таърихие, ки даврони нави сиёсию иҷтимоии мамлакат ба уҳдаи ӯ гузошт, бо сарбаландӣ баромаданд. Суҳроб низ ҳамеша дар орзуи ҳамин гуна роҳбар буд ва бо зуҳури шахсияти Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи олии сиёсии кишвар меболид. Вай ба роҳбари тозаинтихоби Тоҷикистон эътимоди калон дошт ва

ҳамеша таъкид мекард, ки маҳз бо қадамҳои устувори ин абармарди майдони сиёсат дар кишвар сулҳу субот таъмин хоҳад гашт.

Суҳроб акнун аз муборизаи шифоҳӣ бар зидди душманони хориҷию дохилии мамлакат ба навиштани хабару мақолаҳои таҳлилӣ пардохт. Дар чунин мақолаҳо ӯ вазъияти воқеии Тоҷикистонро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор медод ва дурустии сиёсати дохилию берунии роҳбарияти олии кишварро исбот менамуд.

Бо каме муътадил шудани вазъи сиёсии Тоҷикистон Суҳроб ба Ватан баргашта, боз ба тадрис дар донишгоҳҳои гуногуни мамлакат пардохт. Акнун майдони мубориза барои вай хеле васеъ мегардад. Дар дохили кишвар ӯ ба омӯзиш ва дарёфти ҳалли масъалаҳои зиёди сиёсию иқтисодӣ оғоз менамояд ва дар ин кори муҳиму саривақтӣ ба баъзе дастовардҳо низ ноил мегардад. Андешаҳои илмию таҳлилии ӯ дар маҷаллаву рӯзномаҳои кишвар пайваста чоп гардида, шумораи зиёди хонандагон ба ин ҷавони боистеъдод меҳр пайдо мекунанд. Сафи ҳамфикрону ҳаводоронаш рӯз аз рӯз зиёд гардида, ҳамагон кӯшиш менамоянд, ки фаҳмиши ӯро оид ба ин ва ё он проблемаи мавҷудаи мамлакат ва оқибатҳои минбаъдаи онҳо барои худ муайян созанд. Суҳроб аз ин корҳо рӯ намегардонд ва бо ҷуръати баланде, ки ба вай хос буд, мушкилоти ҷойдоштаи кишварро ошкоро ва воқеӣ бо далелу бурҳонҳои қотеъ нишон медод. Ӯ марди ҳақгӯй, ҳақшунав ва ҳақсухан буд.

Маҳз чунин хислатҳои волои ӯ будаанд, ки Суҳроб дере нагузашта барои кор ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват мешавад. Суҳроб аввал корро дар шуъбаҳои гуногуни Дастгоҳи иҷроияи Прези-

денти мамлакат оғоз менамояд. Қобилияти кордонӣ ва дониши баланди сиёсиашро ба назар гирифта, вайро ба вазифаи ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин менамоянд. Суҳроб ба орзуи деринаи худ мерасад. Акнун вай таҳти роҳбарии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсатмадори бонуфузи миқёси ҷаҳонӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо масъулияти том барои татбиқ намудани сиёсати созандаву бунёдкоронаашон фаъолият мебарад.

Суханрониҳои вай дар конфронс симпозиумҳои гуногун, баҳсу талошҳои ӯ бо олимону коршиносони ватанию хориҷӣ оид ба масоили мухталифи сиёсӣ ва мусбат арзёбӣ намудани Тоҷикистон дар минтақа ва ҷаҳон Суҳробро ҳамчун мутахассиси умедбахш муаррифӣ менамоянд.

Ҷуръат ва тавонмандии вайро ба назар гирифта, Ҷаноби Олӣ ба ӯ супоришҳои пурмаъсулияти давлатию ҷамъиятӣ медиҳанд. Суҳроб бо ғайрати дучанд барои бо сифати баланд иҷро намудани дастуру супориши Президенти мамлакат софдилона меҳнат мекунад. Ӯ то бевақтии шаб дар кор монда, ҳар як супориши Ҷаноби Олиро бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ иҷро менамуд. Маҳз бо хислатҳои меҳнатдӯстӣ, ростқавлию росткорӣ, қобилияти баланди илмию таҳлилӣ Суҳроб Ибронович сазовори боварии Президенти мамлакат мегардад. Эътимоди Роҳбари мамлакат гардидан ба ҳар як инсони ватанпарвару миллатдӯст мояи ифтихор ва саодати бузурги ҳаётӣ дониста мешавад. Суҳроб низ аз чунин муваффақиятҳои хеш меболид ва кӯшиш мекард, ки ин мақомро нигоҳ дорад. Ӯ дар суҳбатҳо пайваста хислатҳои наҷибонаи Президенти мамлакат, донишу ҷуръати баланди сиёсӣ, покдилию поквиҷдонӣ, садоқат ба Ватану миллат, гиромӣ доштани

таърихи фарҳанги миллӣ, далерона ҳифз намудани манфиатҳои Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва хоксорию мардумӣ будани Ҷаноби Олиро таъкид менамуд.

Тавассути заҳматҳои софдилона ва қобилияти баланди кордониаш Суҳроб ба вазифаи пурмасъул – директори Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин мегардад. Барои вай акнун имконияти тозаи таҳқиқу таҳлили соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллии кишвар муҳайё гардида буд. Маҳз дар ин давра обрӯю нуфузи Суҳроб хеле меафзояд, зеро вай на танҳо дар кишвар, балки берун аз он бо маърузаву гузоришҳои илмии хеш ном мебарорад. Ӯ тавонист дар муддати кӯтоҳи корӣ сохтори Марказро тағйир дода, шуъбаҳои онро бо кадрҳои бақувват таъмин намояд. Доираи таҳқиқоти олимони марказ васеъ гардида, садои онҳо аз тариқи воситаҳои ахбори умум баланд гардид. Суҳроб дар назди худ вазифаи пурифтихор – табдил додани Марказ ба макони воқеан илмиву таҳлилӣ гузошт ва онро сарбаландона иҷро намуд. Олимон ва мутахассисони марказ ба омӯзиш ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни ҳаёти сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва динию маърифатӣ икдом гузоштанд.

Таҳти роҳбарии Суҳроб Шарипов марказ дар минтақа обрӯву нуфузи зиёд пайдо намуд. Дар баробари корҳои илмию таҳлилӣ вай ба тарбияи мутахассисони ҷавон таваҷҷуҳи беандоза зоҳир менамуд. Кӯшиш ба харҷ медод, ки ҳар чӣ бештар ҷавонони соҳибистеъдодро ба корҳои илмию тадқиқотӣ ҷалб намуда, майдони илмию пажӯҳишии кишварро васеъ намояд. Ҳамин тавр ҳам шуд. Маркази таҳқиқоти стратегии кишвар воқеан ба маркази ҷиддии илмию аналитикӣ табдил ёфт, аммо маҷрои зиндагии инсон пур аз дигаргуниҳо буда, ҳар як инсон дар ин ё он соҳа дои-

мо қарор намегирад ва зарурате пеш меояд, ки ҷойи худро тағйир диҳад.

Баъди адои вазифаи директори Маркази таҳқиқоти стратегӣ Суҳроб бо тавсияи Президенти мамлакат барои соҳиби курсӣ гардидан дар Парлумони кишвар дар интихобот иштирок намуда, бо аксари овозҳо ғолиб мебарояд. Дар ин самт ӯ ба таҳия ва эҷоди қонунҳои нав, ки метавонанд, зиндагии мардумро осонтар ва гуворотар гардонанд, мепардозад. Ҳангоми таҳия ва эҷоди қонунҳо Суҳроб Шарипов бо муаллифони онҳо баҳсҳои доманадоре барпо намуда, ҷойҳои заъфи қонунҳоро ошкоро муайян месохт ва талаб менамуд, ки дар муддати кӯтоҳ камбудиҳо ислоҳ гарданд. Баҳсу талошҳои вай бо роҳбарони вазоратҳо, кумитаҳо ва сохторҳои давлатӣ оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат боз ҳам шадидтар мегардид. Бо ҷуръати ба худ хос Суҳроб Шарипов бо факту далелҳои муътамад норасоии гузоришҳои роҳбарон ва сардорони идораҳои давлатиро нишон медод, зеро ӯ хуб дарк мекард, ки Парлумони мамлакат минбари баланди сиёсӣ буда, ҳар як қонуни қабулгардидаи он бояд ифодагари воқеии марому манфиати қишрҳои гуногуни ҷомеа гардад.

Фаъолияти хуби Суҳроб Шариповро дар Парлумони мамлакат ба назар гирифта, вай бори дувум номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагон аз ҳавзаи якмандатӣ пешниҳод гардида буд. Суҳроб Шарипов чунин азми роҳбарияти олии мамлакатро бо қаноатмандии зиёд қабул намуда, барои омода сохтани барномаи пешазинтихоботии худ иқдом мегузорад. Аммо ҳеҷ кас намедонист, ки марг аллакай ӯро дар камин гирифтааст. Вақтҳои охир симои зоҳириаш каме тағйир ёфта буд. Хандаву табассумҳои дилгармкунандааш аз симои нурониаш дур

шуда, ҳамеша дар фикру андеша ғӯтавар буд. Барои иҷрои корҳояш шитоб мекард. Кас гумон мебурд, ки ӯ барои анҷоми корҳои ба таъхир гузоштааш вақт пайдо накарда истодааст. Ба замми ин ба бемори гирифтор шуда, муддате чанд дар шифохонаи марказии шаҳр бистарӣ шуд. Ба аёдаташ рафтам, то аз аҳволаш бохабар шавам. Дар даромадгоҳи бинои рақами шашум ба ман гуфтанд, ки бемориаш хуруҷ ёфта, вайро ба шуъбаи эҳёгарӣ бурданд. Дарвоқеъ, дар назди даромадгоҳи шуъбаи эҳёгарӣ мардуми зиёде ҷамъ омада будаанд. Табибон аз назди бемор баромада, бо суханони тасаллибахшона пайвандон, хешу табор ва дӯстону наздикони вайро таскин медоданд. "Бо вуҷуди начандон хуб будани аҳволаш мо тамоми имкониятҳоямонро истифода намуда, кӯшиш карда истодаем, ки Суҳроби ҷавонро аз марг наҷот диҳем", – мегуфтанд онҳо. Ва ниҳоят табибон ба пайвандону хешу табораш иҷозат доданд, ки ба назди вай дароянд. Ман низ дар қатори онҳо аз дасти ҳамшира хилъати сафедро гирифта, ба палатае, ки Суҳроб дар он ҷо дар болои кати калони оҳанин хоб буд, даромадам. Гирди кати бемор табибони зиёд рост истода, бо овози паст ва ишораҳои танҳо ба худашон маълум гап мезаданд. Ҳамшираҳои тиббӣ бошанд, барои иҷрои супоришҳои табибон пайваста даро-буро мекарданд. Дар болои сари Суҳроб табиби қадбаланде истода буд ва нохост ба сӯйи ман бо чашмони калони сиёҳи каме ба дарун рафта, нигоҳ партофт. Аз нигоҳаш пай бурдам, ки аҳволи Суҳроб хеле бад аст ва дигар чорае надорад. Ман ҷуръат пайдо намуда, оҳиста ба кати бемор наздик шудам. Ӯ дар болои кат ба пушт хоб буд ва бо дастгоҳи махсус амиқ нафас мегирифт, ашк дар чашмонам ҳалқа зад. Ҳеҷ боварам намеомад, ки баъд аз чанд дақиқа

дили Суҳроби ҷавону ҳаётдӯст, инсони шариф ва олими тавоно аз тапиш мемонад. Бо ишораи табибон аксари одамон ба ғайр аз чанд нафар пайвандонаш аз палата баромадем. Пас аз чанд дақиқа бародари калониаш баромада, бо чашмҳои ашколуд ба сӯямон нигоҳ карда гуфт: "Суҳроби мо дунёи фониро тарк кард" ва бо овози баланд ба гиря даромад. Ҳамагон чашм ба замин дӯхта, муддате беҳаракат мондем.

Аз байни мо шахсе рафт, ки зиндагиаш пур аз корномаҳои асил барои халқу Ватани азизаш Тоҷикистон буд. Ӯ то дақиқаҳои охирини умраш ба Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, миллати фарҳангофар ва Тоҷикистони соҳибистиқлол садоқатманд буд. Хотираи нек ва симои поку нурониаш то абад дар дилу дидаҳои мо боқӣ хоҳад монд.

**Шабдолов Ш.Д.,**
раиси Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон
02.06.2015

## ЁДБУДИ СУҲРОБ ШАРИПОВ

Шодравон Суҳроб Шарипов, ки мутаассифона, дар замони ҳаёти пурмаҳсули умраш аз дунё даргузашт, дар арсаи сиёсии Тоҷикистон ҳамчун чеҳраи шинохта эътироф шуд. Вай дар оилаи донишманди шинохтаи Тоҷикистон профессор Иброн Шарипов ба дунё омад ва тарбияи мукаммал ёфт. Мактаби миёнаро хатм намуда, ба Донишгоҳи давлатии Русия ба номи Ломоносов дохил шуд. Он солҳо ба чунин муассисаи илмии бонуфуз бедоштани дониши мукаммал дохил шудан ғайриимкон буд. Суҳроб ин донишгоҳро

бомуваффақият хатм намуда, баъдан дар кори илмӣ сазовори унвони докторӣ илм гардид. Қобили тазаккур аст, ки дар ин касбаш шогирдони зиёдро тарбия намуд.

Агар вай ба саҳнаи сиёсат ворид намегардид, бешак, ҳамчун олими боистеъдоди кишварамон ва берун аз он шинохта мешуд. Дар соҳаи сиёсат вай зина ба зина аз кори таҳқиқотӣ то мушовири давлатӣ ва вакили Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ қадам гузошт ва ин таҷрибаи ҳаётиаш дар замони вакилиаш ба фаъолияти қонунгузории Парлумон маълум гашт. Бояд хотиррасон кунам, ки Суҳроб мисли падари бузургвораш коммунист набуд, лекин барои мавқеи асосноки илмӣ ва шаҳрвандиаш дар байни вакилон ва дар ҷомеаи шаҳрвандӣ сазовори эътиром гардид. Ин муболиға нест. Ман ҳамчун вакили собиқадори Парлумон шоҳиди он ҳастам, ки дар вақти муҳокимаи лоиҳаи қонунҳое, ки аз тарафи Ҳукумат ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мегардиданд, мисли баъзе аз вакилони фраксияи Ҳизби Халқӣ-Демократии Тоҷикистон хомӯш намеистод.

Масалан, дар ҷараёни баррасии лоиҳаи қонунҳо ё ки ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷомеа мустақиман таъсир мерасонданд (мисли тағйирот ба Кодексҳои андоз, меҳнат ва ғайра, инчунин, лоиҳаи қонунҳое, ки ба маориф, илм, тандурустӣ ва фарҳанг рабт дошт). Суҳроб ин лоиҳаҳоро ба таври аниқу дақиқ таҳлил мекард ва агар дар фраксияи Ҳизби Халқӣ-Демократӣ мавқеашро қобили қабул намедонистанд, вай андешаҳояшро ошкор дар иҷлосияи Маҷлиси намояндагон иброз мекард. Ин гуна мавқеи шаҳрвандӣ далели он аст, ки Суҳроб ҷоҳталаб набуд. Як хислати дигари Суҳроб ин буд, ки вай ба эродҳои дигар вакилон эҳтиромона гӯш мекард. Боре вай як мақолаи ҳаҷвиро нисбат ба мавқеи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон дар бораи

ворид намудани тағйироти ҷиддӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ таҳти унвони «Сеньёр красный помидор и зелёные огурцы» навишта буд.

Ман ба вай гуфтам, ки агар бо ишораи «Сеньёр красный помидор» маро дар назар дошта бошӣ, инро комилан қабул намекунам, чунки ман ҳеҷ вақт ба мақсади ҷоҳталабӣ шахсияти худро хушрангу хуштаъму болаззат ҷилва намедодаам. Тамоми ҳизбҳои коммунистӣ ва коргарии дунё парчамҳои сурхи бо досту болға доранд ва ранги сурхро ба хотири мубориза и чандинасраи хунини шаҳидони худ ихтиёр кардаанд. Дар ҷавоб Суҳроб гуфт, ки ман шуморо дар назар надоштам, лекин дар Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон теъдоди зиёди ашхоси дурӯя буданд, ки худро мисли помидор хуштаъму хушранг ҷилва медоданд ва баъди аз сари қудрат дур шудани КПСС сафҳои онро тарк карда, вориди аҳзоби сиёсии дигаре, ки нуфузашон дар мақомоти қудрати давлатӣ баландтар буд, гардиданд. Дар ҷавоб мангуфтам, ки ин воқеияти талхи таърихи ҳизби мост ва ҳоло ҳам аз чунин помидорҳои хуштаъму хушранг халос нестем. Мо бояд аз чунин кабутарҳои дубом ҳарчи зудтар сафҳои худро пок кунем.

Хулоса, дар ҳамаи мақолаҳое, ки баъди аз қайди ҳаёт даргузаштани Суҳроб навишта шудаанд, чеҳраи илмӣ ва сиёсии ин дуруст инъикос ёфтааст.

Дар охир бояд қайд кунам, ки аз ибтидои шаклгирии давлат аз даврони ғуломдорӣ то даврони сармоядорӣ дар ҷомеа фазои гуногуни фикрӣ вуҷуд дошт ва дорад. Ҳатто дар тамоми динҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла ислом плюрализм вуҷуд дорад. Агар чунин намебуд, ислом ба 72 мазҳаб тақсим намешуд ва ҳар фарди ҳозираи замон, ки ақлу фаро-

сат ва фазилати инсонӣ дорад, бояд ба андешаҳои дигар шаҳрвандон боэҳтиром муносибат кунад.

Агар усули гуногунандешӣ (плюрализм) дар аввалҳои солҳои 90-ум дуруст риоя мешуд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ рух намедод. Ҳоло ҳам, мутаассифона, принсипҳои плюрализм ва таҳаммули сиёсӣ ба таври бояду шояд риоя намешаванд.

**Сайфулло Сафаров,**
аз номи ҳамаи ҳамкорон ва дӯстон,
муовини якуми Директори Маркази
тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ФАРЗАНДИ ФАРЗОНАИ МИЛЛАТ

Ин суханро дар ҳар ҷо ва аз ҳар ҷо мешунавам ва ба худ мегӯям, ки дар ҳақиқат ӯ фарзанди фарзона ва барӯманди Тоҷикистон буд. Ҳам барои падараш ва ҳам барои мо, ҳамкоронаш ва ҳам барои Ватани азизамон. Ман бояд иқрор шавам, ки навиштани ёдбуд барои бародари шодравонам Суҳроб Шарипов бароям хеле сангин аст. Шояд мардум гумон кунанд, ки ӯро ман фақат ба ҳайси директори Маркази стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мешинохтам, вале ба ростӣ, вай додари хурдии ман буд, чунки ба манзили падараш: устоди бузургворам, яке аз машҳуртарин файласуфону сиёсатшиносони замони мо Иброн Шарипов ман рафтуомади доимӣ доштам ва Суҳроб то ҷойе, ки худаш мегуфт, аз синфи сеюм ба ёдаш мондааст, ки бо дигар бародаронаш ҳамеша маро то роҳи калон гусел мекарданд. Баъдҳо бо

устод Иброн Шарипов вақте ки мо дар Институти фалсафаи Академияи илмҳои Иттиҳоди Шӯравӣ таҳсили илм мекардем (устод докторант буданду ман аспирант), Суҳробро ба Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва ба номи М.Ломоносов хабаргирӣ мерафтем. Ӯ дар баробари фаъол будану дониши хуб доштанаш, бачаи шӯху дидадаро буд. Ҳамкурсонаш вайро хеле дӯст медоштанд. Ҳатто ханда ва қаҳри ӯ ҷозиб буд: беғараз, дилсофона, зебо.

Аслан, насли ҳамонвақтаи донишҷӯён ва аспирантҳо насли хеле донишманд ва ватандӯст буданд, ки имрӯз дар мисоли ҷамъбасти ҳаёти Суҳроб барои мо аён шуда истодааст. Бо ӯ кор кардан он замон осон набуд. Хеле мустақилона ва озод сухан меронд. Ба устод дар пешаш ҳама вақт Иброн Шарипович гуфта, муносибат мекард ва дар набуданашон меҳрубонона «додом» мегуфт. Устод бо вай фахр мекард, зеро маҳз вай пайроҳаи падарашро интихоб карда буд, лекин доимо насиҳат мекард ва мегуфт, ки бисёр худбовар нашав, ин дунё пур аз тазодҳост, ту метавонӣ банохост лағжида равӣ… Сафаров, ба ин додарат маслиҳат диҳед, пеш аз баромадҳояш… Устод Иброн Шарипов тезутундии лаҳни сиёсии вайро дар назар дошт. Лекин сиёсатмадорону эҷодкорон медонанд, ки дар майдони ҳарбу зарби иттилоотӣ мо вақти маслиҳат кардан ҳам намеёфтем. Баъдан ӯ шахси мустақил буд ва чунин имконе набуд, ки дар вақти савол додани рӯзноманигорон мо якҷоя бошем. Аксари андешаҳои мо дар асоси таҳлилҳо ва мавқеъҳои сиёсии худи мо буданд. Аз номи Маркази тадқиқоти стратегӣ мо кам гап мезадем, вале ҳар кадоми мо дар мавқеи миллӣ ва давлатӣ будем. Манфиати шахсӣ ва гурӯҳӣ бароямон бегона буд. Мо тоҷикистонгаро будем, на шарқиву на ғарбӣ на ҷанубию на шимолӣ. Ба саволҳои рӯзноманигорон дар

ҳамон дақиқае, ки занг мезананд, посух ё шарҳи худро медодем. Вақти андешидану мавод ҷамъ кардан надоштем. Рӯзноманигорон ба мо чунин вақт намедоданд. Онҳо интизори он намеистанд, ки кай шумо фикр карда ё ягон чизро маслиҳат карда, баъд ба онҳо мегӯед. Ин хусусияти кори онҳоро он вақт мефаҳмед, ки бо онҳо кор карда бошед. Агар метавонӣ мегӯйӣ, агар наметавонӣ, пас бирав, ба онҳо халал нарасон, ки онҳо аз дигар манбаъ ҷавоб ҷӯянд. Занг, ки заданд, ба саволашон бояд ҷавоб диҳӣ. Агар ҷавоб надиҳӣ, мегӯянд, пас барои чӣ дар идораи давлатӣ кор мекунед? Шахсоне, ки дар идораҳои давлатӣ худро дифоъ мекунанд ва ҳеҷ чиз намегӯянд, бисёранд, вале хусусияти кори Маркази тадқиқоти стратегӣ ин барқгардон будан аст, чунки дигар сохторе чунин дар мақомоти марказӣ нест. Солҳои охир Маркази қонунгузорӣ ва Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки қисме аз корҳои мо ба зиммаи онҳо вогузор шуд. Ин идора чун як даргоҳ ё қабулгоҳи мардумӣ дар шароити давлати соҳибистиқлол ва демократӣ бояд фаъолият кунад. Ва мо наметавонем барои худамонро эҳтиёт кардан ба пурсишҳои рӯзноманигорон ва намояндагони мардуми худ посух надиҳем. Ё аз имкони ба ҷаҳониён расонидани ҳақиқат дар бораи сиёсати Президенти кишвар, давлати Тоҷикистон сарпечӣ намоем. Ё туҳматҳои ба сари Ватанамон омадаро фош насозем, дар муқобили афсонаҳои бофта ҳақиқати воқеиро нагӯем. Мо худро дар назди мардум қарздор меҳисобидем ва ин хислат моро намегузошт лаҳзае ором бошем. Агар мо хомӯш мебудем, аз ҳазорон тарафдорони ин давлату миллат халос хоҳем мешудем. Ин ба фоидаи давлат ва миллати мо набуд ва нест. Мо ҳар ду аз як мактаби сиёсии Пешвои муаззами миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта будем ва маҳз ин мактаб моро хеле обутоб додааст.

Камина Суҳроб Шариповро чун як додарам дӯст медоштам ва ӯ ҳама вақт ба камина такя мекард. Чун дар масъалаҳои тақдири миллат ва давлат мо ҳамақида ва ҳамфикр будем ва фақат дар баъзе масъалаҳо метавонистем бо ҳам розӣ набошем, вале аксари кормандони Маркази тадқиқоти стратегӣ ба тарзи худ озодона дар маҷаллаю рӯзнома ва радиову телевизионҳои хориҷӣ суханронӣ мекарданд. Инро мо ба онҳо меомӯзондем. Нотарсона ва принсипиалӣ манфиатҳои давлату миллатро ҳифз кардан, ин шиори кормандони Марказ буд. Албатта, дар ҳама ҷо номи Марказро наменавиштем ё мегуфтем, ки нанависед, вале хомӯш наистед. Ин марҳалаи хеле вазнини ташаккул додани таҳлилгарони давлатиро мо бо сари баланд бо ҳамроҳии шодравон Суҳроб Шарипов паси сар кардем. Имрӯз мо пайравони зиёде аз ҷавонони кишварамон дорем, ки худшинос, ватандӯст ва далеру ҷасур ҳастанд. Онҳо дар ҳар гуна сатҳ метавонанд мавқеи давлати худро ҳимоя намоянд. Баъзеашон аллакай ба вазифаҳои масъул гузаштанд. Ӯ тафаккур ва андешаи хеле озод дошт. Чуноне устоди шодравонам Иброн Шарипов дар масъалаҳои фалсафии ҳақиқатпарастӣ дар солҳои 60-уми асри гузашта рисолаи номзадии худро ҳимоя карда буд, Суҳроб Ибронович низ дар масоили фалсафии сарҳадҳои озодӣ рисолаи номзадӣ ва дар мавзӯи демократикунонии равандҳои сиёсӣ рисолаи докторӣ дифоъ намуд. Чанд сол пеш ман ба вай пешниҳод кардам, ки ин рисоларо ба китоб табдил диҳад ва ба тоҷикӣ онро тарҷума кунем, зеро ҷомеаи мо ба чунин тадқиқоти асил ниёз дорад. Нусхаи рисоларо аз Маскав оварда будем ва баъди хондани ман аз болояш кор мекард, то ба нашр омодааш намояд.

Хайрият, мақолаҳояшро ҷамъ оварда, нашр кардем. Орзу дошт, ки китобҳои профессор Тағой Раҳмоновро низ чоп намоем, зеро ин марди шарифро баъди аз Шӯрои амният ба нафақа рафтан дар баробари устод Абдунабӣ Сатторзода ба кор даъват кардем, то имиҷи Марказро бо кормандони ботаҷриба баланд бардорему ҷавонон низ аз онҳо омӯзанд. Ҳамчунин Худойбердӣ Холиқназарро бо тавсия ва кӯшиши Давлатхоҷа Назиров ба Маркази тадқиқоти стратегӣ даъват карда, овардем. Зуҳро Мадаминҷонова, Комёб Ҷалилов, Исмоил Раҳматов, Абдувоҳид Шамолов, Татяна Розиқова, Галина Шаева, Акбаршо Искандаров, Олимҷон Бобокалонов, Ғаюр Қаххоров ва дигар шахсони калонсоли Марказ таҷрибаву малакаи корӣ ва дониши худро барои гузоришҳои таҳлилии хеле муҳим ва ҷиддӣ сарф мекарданд. Ҳамчунин, онҳо намунаи масъулиятшиносӣ, дониши васеъ ва мавқеи ватандӯстонаву устувори сиёсӣ буданд. Аз инҳо қисме дар нафақа, зумрае дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият доранд. Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандони собиқадораш дар ҳақиқат ифтихор дорад. Ман фикр мекунам, ки дар Марказ ҳама вақт як қисми кормандон ҳатман бояд аз шахсиятҳои таҷрибадори давлатӣ, онҳое, ки таҳлили воқеиятро метавонанд, бояд иборат бошад. Андешаҳои гуногун низ бояд дар баҳсҳо як чизи табиӣ бошад, то сара аз носара ва дурустро аз нодуруст роҳбарият ҷудо карда тавонад. Ин ниҳоди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд чун мактаби андешамандони миллӣ ва давлатӣ бошад. Дар васоити ахбори омма бояд таъсиргузор бошад, ҷойе бошад, ки он ҷо сарбозони фазои иттилоотӣ тарбия шаванд, тарғибгарони сиёсати давлат маҳорати худро такмил диҳанд, яъне минбари ҳам таҳлил бошаду ҳам тарғиботи сиёсати Прези-

денти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллатамон. Шахсони бузург баъди маргашон низ ба дигарон таъсиргузор боқӣ мемонанд. Имрӯз ман дар ёдбуди ҳамкори азизам наметавонам аз гуфтани андешаҳои ӯ худдорӣ кунам.

Суҳроб Шарипов бисёр вақт аз Президенти кишварамон изҳори ризоят мекард, ки ӯро ба ҷойи даркорӣ фиристодааст. Ӯ марди ҳақиқӣ аст, мегуфт ӯ. Нозу саргармиҳои мо, ҷавононро мефаҳмад. Мо бояд хизмати ин марди бузургро кунем, чуноне ки устодони мо дар замони Истиқлолияти давлатӣ карданд. Дар ҳақиқат, Президенти кишвар бисёре аз кормандонашро, ки нотавонбинон атрофашон афсонаҳо мебофтанд, наҷот додааст. Муваққатан ба дигар корҳо гузаронида, аз имкониятҳои онҳо барои давлату миллат хуб истифода кардааст. Шахсан ман инро аз даҳҳо одамони давлатӣ шунидаам. Рӯзноманигорон навиштаанд,ки Президент Суҳроб Шариповро дӯст медошт. Бале, чунин буд. Президенти мо, ки мардумӣ аст, ба қадри мардум ва фарзандони барӯманди онҳо ҳама вақт мерасад ва онҳоро хор шудан намемонад. Суҳроб Шарипов аз хизматҳои мо, собиқадорони Маркази тадқиқоти стратегӣ, ҳама вақт қадрдонӣ мекард. Инсони наҷибу донишманд, сиёсатшиноси касбӣ ва сиёсатмадори нозукбин буд. Мо хеле ҷавононро ба кори илмӣ ҷалб кардем, ки ҳоло аксарияташон рисолаҳои худро дифоъ карда, дар корҳои давлатӣ ва омӯзгорӣ кор карда истодаанд. Ин корро мо чун вазифаи иловагии худ аз муҳаббат ба ватану миллатамон мекардем, чунки барои ин ҳеҷ унвонҷӯ маблағ намесупорид ва ҳеҷ роҳбари илмӣ барои роҳбарӣ маош намегирад. Ин корро фақат онҳое мекарданд, ки довталаб буданд. Ихтиёрӣ, бе ҳеҷ супориш. Бо хоҳиши унвонҷӯе, ки онҳоро интихоб мекунад. Ин кор вақти зиёдро мегирад, вале Суҳроб Шарипов вақти худро барои ин доништалабон ҳеҷ вақт дареғ намедошт. Ва аз ман ҳам хоҳиш

мекард, ки «муаллим, рисолаи фалон унвонҷӯйиро як аз назар гузаронед ва агар имкон бошад, ба Шӯрои олимон пешниҳод намоед». Мо ҳеҷ вақт ҳеҷ касеро ноумед накардаем. Агар корашон суст бошад, боз худамон аз нав мавод ёфта, ба онҳо кумак мекардем. Маслиҳатҳои муфид медодем. Шахсан бо онҳо баҳсҳо мекардем, то тафаккури онҳоро рушд диҳем. Нозукиҳои сиёсатро мефаҳмондем, чун аксари онҳое,ки ба мо мурочиат мекунанд, сиёсатшиносиро интихоб карда бошанд ҳам, ихтисосҳои дигар доштанд.

Китобу мақолаҳо, мусоҳибаҳои доктори илмҳои сиёсӣ Суҳроб Шарипов барои мо чун намунае аз андешаҳои созанда ва муборизаҳои тезутунди замони бесуботӣ ва тазодҳои ҷамъиятӣ, чун инъикоскунандаи таърихи замони ӯ, чун мисолҳои зиндаи илми сиёсатшиносии муосир, чун гузоришҳои пурмазмуни таҳлилӣ боқӣ монда, барои омӯзонидани ҷавонон хизмат хоҳанд кард. Марги вай моро, шахсан маро ғофилгир кард, зеро хеле ҷавон ва дар айни авҷи камолот буд...

Чанд сол қабл 50-солагии ӯро табрик гуфта будем ва тамоми матбуоти кишвар ин рӯйдодро расонаӣ карда буданд. Эй кош, даҳ соли дигар умр медид, бо ҳам хизматҳои бузургеро ба манфиати халқу ватани азизаш баҷо меоварd. Дарвоқеъ, шахси ватандӯст, ҷасуру донишманд буд. На танҳо дар доираи кишварамону минтақа, балки дар сатҳи байналмилалӣ ба ҳайси як донишманди касбии илми сиёсатшиносӣ ва сиёсатмадори варзида обрӯву эътибор дошт.

Сабти номи хештан дар санги хоро шарт нест,
Зинда он номе, ки дар дилҳои мардум ҷо гирифт.
Рӯҳаш шод бод. Ёдаш ба хайр!

**18 апрели соли 2017. Ба муносибати зодрӯзи шодравон,**
**Суҳроб Шарипов**

**Маъруф Ҳасанов**
**Генерал-майёр,**
**18.07.2016**

## ДӮСТ ВА РАФИҚ

Мутаассифона марги беамон аз байни мо шахсеро рабуд, ки саромади сиёсатшиносии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи ӯ сахт алоқаманд буд. Сухан дар бораи яке аз шахсиятҳои воқеан шинохтаи кишвар Суҳроб Шарипов меравад.

Ман бо Суҳроб Шарипов аз аввали солҳои 2000-ум шинос шуда будам ва, хушбахтона, бо тақозои вазифаи ишғолнамудаам якчанд маротиба сафарҳои хидматии якҷоя доштем, дар бисёр вохӯриҳо, гуфтушунидҳо, ҷаласаю мизҳои мудаввар ва ҷашну маъракаҳо иштирок намудем. Бояд қайд намоям, ки ҳар як дидору вохӯрӣ бо ин шахсият ба ман ягон чизи нав медод. Зеро тарзи гуфтору рафтор, маҳорати волои ибрози ақида ва баёни таҳлили амиқ ҳангоми баромадҳояш, новобаста аз мавзӯи баррасишаванда, ифшогари сиёсатмадори варзида, шахси заковатманд, ҳақиқатбаён будани ӯ дар ҷомеа буд.

Албатта, аз мактаби сиёсии роҳбари давлат гузаштан ва шоистаи дастгирии бевоситаи Ҷаноби Олӣ будан, ба ӯ дар ташаккули шахсият, пайдо намудани мавқеи сиёсӣ, боло бурдани маҳорати касбиаш нақши арзандае гузошта буд.

Аз ин рӯ, Суҳроб Шарипов ҳамеша мавқеи шахсии худро дошт ва дар таҳлилу баррасии масъалаҳои мубрами рӯз ҳамеша омодагӣ нишон медод. Маслиҳатгар ва ҳамсуҳбати хеле хуб буд. Ҳеҷ гоҳ ҳангоми суҳбат садояшро баланд намекард, аз пушти касе сухан намегуфт, ба нафсу иззати касе намерасид, рӯирост нисбат ба ҳамсуҳбаташ мавқеашро баён

мекард. Нуқтасанҷ ва одамшинос буд. Бо ҳама яксон рафтор мекард, одамонро ба мансабдору бемансаб ҷудо намекард. Бо супориш ё дастури касе баромад намекард, ҳамеша мавқеи худро доро буд. Душмани ашадии ноадолатиҳо, замонасозиҳо ва шахсони дурӯяву дасисабозон буд. Ҳамзамон ба корафтодагон дасти ёрӣ дароз мекард.

Чунин хислатҳояш буд, ки Суҳроб Шариповро ҳама, новобаста аз мавқеи сиёсӣ ё аъзогии ҳизбу дину мазҳабашон, иззату икром менамуданд.

Дар васфи Суҳроб Шарипов ҷилд-ҷилд китобҳо нависанд ҳам, тамоми корҳои неки ӯро дар онҳо ҷой додан ғайриимкон аст.

Гарчанде имрӯз Суҳроб Шарипов дар байни мо набошад ҳам, вале ёди ӯ, амалҳои анҷомдодааш, хислатҳои неки инсониаш ҳамеша дар хотироти мо нақш бастаанд. Гӯё шоир дар васфи ӯ навишта бошад:

*Зиндаю ҷовид монд, ҳаркӣ накуном зист,*
*К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.*

**Саидҷаъфар Исмонов,**
вакили Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Раиси Ҳизби Демократи Тоҷикистон
21.10.2015

## САРНАВИШТИ ШАХСИ БУЗУРГ

Сарнавишт ва хотираи ҳар як инсон хазинаи басо бузургест, ки татбиқ ва таҳлили он барои рушди маънавиёти наслҳо сабақи муфиде медиҳад. Саргузашт ва зинда-

гии ин инсони шариф паҳлуҳои назаррас ва маънавиёти баланди инсониро ифода мекунад.

Бо Суҳроб Шарипов ман аввалин бор ба воситаи рӯзномаҳо ва телевизион ошноӣ пайдо кардам. Ӯ бо забони бисёр тозаи тоҷикӣ бо дониши мукаммал сухан мегуфт. Ман дар чеҳраи ин мард зиёии намунавии Тоҷикистонро эҳсос кардам ва хоҳиши бо вай ҳамсуҳбат шуданро доштам.

Баҳори соли 2010 ман Суҳроб Шариповро дар хиёбони Рӯдакӣ дидам ва пеши ӯ рафта, салом дода эҳтироми худро нисбат ба вай изҳор намудам. Ӯ низ аз фаъолияти сиёсии ман суханҳо гуфта, қайд намуд, ки маро низ ғоибона хуб мешиносад. Баъдан якчанд бор бо вай суҳбатҳо доштам ва ҳар гоҳе бо ӯ суҳбат мекардам, чунин ҳис мекардам, ки гӯё ман як китоби хуберо хонда истодаам.

Ҳаёти Суҳроб Шарипов ин баёнгари нерӯи бузурги ботинии инсон буд. Ӯ барои ояндаи неки ҷомеа қувваю дониши худро фидокорона сарф мекард.

Ба андешаҳои норавшан ва қувваҳои гуногуне, ки дастовардҳои Тоҷикистонро дидан намехостанд, ҳамчун зиёӣ бо забони илму фарҳанг баҳсҳо мекард.

Суҳроб Шарипов ба ояндаи неки Тоҷикистон бовар дошт ва ҳамеша мегуфт, ки «роҳи Тоҷикистон рӯшан аст».

Наздикон, пайвандон вадӯстонаш ҳамеша вайро бо некӣ ёд меоранд, чунки рафтору хислати неки инсонӣ ва зиндагии вай намунаи ибрат буд, зеро шахсон арзандаи ҳурмату эҳтироманд, чӣ дар зиндагӣ ва чӣ пас аз марг.

**Ҳ. А. Раҳнамо,**
**сардори Раёсати таҳлили сиёсати хориҷии**
**Маркази тадқиқоти стратегии назди**
**Президенти ҶТ, номзади илмҳои сиёсӣ**
13.04.2015

## СУҲРОБ ШАРИПОВ ХУД ЯК МЕЪЁРИ БАЛАНДИ ТАҲЛИЛ ВА ТАФАККУР БУД

Бо шодравон Суҳроб Шарипов шояд, ҳудудан, 15 сол ҳамкорӣ доштам. Бахше аз ин муддат дар Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бахши дигар дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашт. Ҳамроҳи ӯ дар як силсила сафарҳои хориҷӣ буда, дар конфронсҳои байналмилалӣ иштирок намуда будам. Илова ба робитаҳои корию идорӣ, эшон яке аз дӯстони бузурги ман буданд, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ ҳамчун инсони тавоно маслиҳатҳои зарурӣ медоданд. Шояд ҳамаи ин барои банда иҷозат диҳад, ки дар бораи Суҳроб чанд сухан гӯям.

Аз ин дӯст ва устоди гиромӣ, ки бисёр ҷавон аз ҷаҳон рафтанд, нуктаҳои зиёде дар ёд мондаанд, ки баъзе аз онҳо бояд бозандешӣ шаванд ва баъзеи дигар шояд дар замони дигар гуфта шаванд. Аз ин рӯ, ин ҷо фақат чанд нукта аз он нуктаҳоро ёдовар мешавам:

Аз Суҳроб Шарипов пеш аз ҳама, сатҳи баланд ва саводи баланд дар ёд мондааст. Сатҳи баланди касбӣ ва саводи баланди тахассусӣ. Азбаски таҳлили сиёсии тоҷик як равияи ҷавон аст, он ҳанӯз ба пояҳои баланди тахассусӣ нарасидааст. Хусусан, илми таҳлили сиёсӣ ва ояндаНигарии амалии сиёсӣ ҳанӯз шакли бисёр ибтидоӣ дошта, ба сатҳи меъёрҳои зарурии ин соҳа рушд наёфтааст. Ин аст,

ки дар фазои таҳлили сиёсии мо ҳамагон ворид шуда, дар ҳар масъала изҳори назар мекунанд ва бисёр бешармона зери номи худ унвони «таҳлилгари масъалаҳои сиёсӣ» менависанд. Ин падида дар солҳои 2000-ум бисёр васеъ буд ва имрӯз ҳам ҷой дорад. Аммо Суҳроб Шарипов бо таҳлилҳои касбии худ ва бо ҳузури устувори худ дар ин саҳна, илми таҳлили сиёсии тоҷикро ба сатҳи стандартҳои касбӣ ва байналмилалӣ бардошт. Вақте ӯ дар бораи масъалаҳои сиёсӣ суҳбат мекард, аз назари касбият аз таҳлилгарони дигар бисёр болотар меистод. Бинобар ин, як насл ҷавононе, ки ҳоло ба саҳнаи таҳлили сиёсии тоҷик ворид шудаанд, маҳз дар пайравӣ аз ӯ ва ё зери таъсири амиқи ӯ ба таҳлилии сиёсии касбӣ рӯй овардранд. Ин яке аз хидматҳои ҷиддии С.Шарипов буд ва ҳоло вазифаи мо ҳифзи ҳамон сатҳи баланди касбии таҳлилҳои сиёсӣ мебошад.

Дигар, С.Шарипов мавқеи давлатӣ дошт ва манфиати давлатро бисёр ҷасурона ҳимоят мекард. Дар амалияи сиёсии ӯ фарқияти ҷиддии мафҳуми давлат ва ҳукуматро дидан мумкин буд. Зеро, банда хабар доштам ва баъзан дар муҳити умумӣ низ ошкор буд, ки С.Шарипов бо баъзе аъзои ҳукумати ҶТ, роҳбарони баъзе вазорату идораҳои бонуфузи давлатӣ ва бо баъзе шахсиятҳои таъсиргузори кишвар ихтилофи назар дошт. Дар баъзе мавридҳо ихтилофи ӯ ва танқиди эшон чунон шадид буд, ки ҳатто баъзе роҳбарони мухолифин чунин ҷасоратро надоштанд. Зарофати ин масъала дар он аст, ки бо ин ҳама танқидҳояш С.Шариф ҳаргиз берун аз система ва ё мухолифи ситема набуд.

Фарқияти танқиди С.Шариф аз танқиди мухолифон дар он буд, ки ӯ на ҳамчун мухолиф, балки ҳамчун на-

мояндаи давлат мавқеъ гирифта, маҳз аз мавқеи давлатӣ камбудҳои намояндагони ҳукуматро танқид мекард. Ин як сатҳи олии фаҳмиши сиёсӣ буд, ки на ба ҳама муяссар мегардад. Агар дар ҳақиқат дар низоми сиёсии мо насле ва ё ақалан гурӯҳе аз шахсиятҳои дорои чунин сатҳ ва чунин дидгоҳ ташаккул ёбанд, он барои бақо ва устовории давлатдории миллии мо як заминаи ҷиддӣ хоҳад буд.

Дар баробари сатҳи тахассусӣ ва сатҳи фикрии С.Шарипов, сатҳи шахсиятии ӯ низ баланд буд. Дар ӯ як озодагии аҷиби ботинӣ ва зоҳирӣ дида мешуд, ки ба ҳар кас таассуроти нек ва мусбат мегузошт. Чун фарзанди хонаводаи зиёӣ буд, сифатҳои як фарди зиёӣ, як инсони наҷиб ва озода дар ӯ нишаста буданд ва ин аломатҳоро дар рафтору гуфтору муносибату сару либоси ӯ низ дидан мумкин буд. Дар як ибора, ӯ аз намунаҳои элитаи илмӣ ва сиёсии тоҷик буд ва ҳамин вуҷуди элитарии ӯ барои мо ифтихору мояи ибрат буд. Бинобар ин, дар ҳар маҳфиле, ки С.Шарипов сухан мегуфт, шахсан банда аз доштани чунин ҳамватан, чунин дӯст ва чунин директор ифтихор мекардам. Ҳатто фарҳанги либоспӯшии ӯ аз дигарон як сар боло буд ва бисёр ҷавонон дар ин ҷода ба ӯ пайравӣ мекарданд, аз ӯ меомӯхтанд. Хусусан, дар маҳфилҳои байналмилалӣ, дар конфронсҳои калони илмии сатҳи ҷаҳонӣ Суҳроб Шарипов сатҳи кишварро чунин нигоҳ медошт, ки гӯё парчами зиндаи Тоҷикистон бошад. Ва ҳамаи коршиносони огоҳи сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ӯро мешинохтанд, ҷиддӣ мегирифтанд ва эътироф мекарданд. Ва Суҳроб Шарипов шасхияте буд, ки дар мавриди масъалаҳои калони ҷаҳонӣ, дар бораи равандҳои калони геополитикӣ назари устувори худро дошт. Ба ибораи ди-

гар, ӯ як мутафаккир ва соҳибназари тоҷик дар замони муосир буд. Сабаби дар масъалаҳои гуногуни сатҳи байналмилалӣ изҳори назар намудани ӯ маҳз дар ҳамин буд, ки ӯ дар сатҳи ҷаҳонӣ меандешид ва равандҳои ҷаҳониро дарк мекард. Ин самт ва ин сатҳи тафаккур низ барои ҷомеаи мо, барои доираҳои сиёсии мо бисёр нав аст ва мо шояд нафарони ангуштшуморе дошта бошем, ки ҳамчун назарияпардоз дар бораи равандҳои калони ҷаҳонӣ изҳори назар намоянд.

Ин мақом ва сатҳро Суҳроб Шарипов дар 50-солагӣ соҳиб шуда буд ва банда бовар дорам, ки агар ӯ 10-15 соли дигар умр медид, ҳатман дар канори бузургони андешаи сиёсии муосир ҳамчун мутафаккири сатҳи ҷаҳонӣ эътироф мешуд. Таҳлили шахсият ва ҷойгоҳи бисёре аз мутафаккирони шинохтаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки агар ниме аз шинохту ҷойгоҳи онҳоро тавоноии худашон ташкил диҳад, ними дигари онро маҳз эътирофи муҳит ва таблиғу муаррифии сазовори шахсият ва андешаи онҳо дар ҷомеа ташкил медиҳад. Мутаассифона, дар ҷомеаи мо эътирофи ҳамдигар ва пазируфтани ҷойгоҳи ҳамдигар расм нашудааст. Мо, маъмулан, дар бораи касоне, ки аз дунё рафта бошанд, калимаҳои «бузург» ва «муҳим»-ро истифода мебарем. Қариб ҳеҷ касро дар зиндагияш эътироф ва таҷлил намекунем, балки то зиндааст, бо ӯ рақобат ва мухолифат мекунем. Бинобар ин, агар мо фарҳанги дар зиндагӣ эътироф намудани мағзҳо ва шахсиятҳоро омӯзем, мо низ шахсиятҳое дорем, ки ҳанӯз дар зиндагияшон сазовори эътироф ва бузургдошт мебошанд. Ва Суҳроб Шарипов, яқинан, аз шумори чунин шахсиятҳо буд.

**Абдураҳмони Абдуманнон,**
адиб ва рӯзноманигор
28.05.2015

## ЯКРӮВУ ҲАҚГӮ БУД Ӯ

Дар яке аз рӯзҳои ибтидои соли 2001 роҳбари вақти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шуҳрат Музаффарович Султонов ба дафтари кориаш даъватам кард. Рафтаму дидам, ки ҷавонмарди гандумгуни лоғарандоми чеҳракушоде наздаш нишастааст. Баробари даромаданам ҷавон аз ҷой бархост ва бо табассуми малеҳ вохӯрӣ кард. Шуҳрат Музаффарович моро ба якдигар муаррифӣ намуду ба ман рӯй оварда гуфт:

–Суҳроб Ибронович, доктори илми сиёсатшиносӣ аст, имрӯз бо амри Президент ба вазифаи муовини мудири шуъбаи шумо таъйин гардид. Ба шуъба се воҳиди кории дигар илова шуд, номи шуъба ҳам тағйир ёфт, доираи вазифаҳояш низ васеъ гардид. Хулоса, якҷоя кор мекунед, бовар дорам, ки ҳамдигарро мефаҳмеду унс мегиред. Ин сохтори нави шуъбаатон (варақеро ба ман дароз кард), шинеду бо маслиҳат вазифаҳоро тақсим кунед ва аз пайи кор шавед.

Раҳравон ба коғаз чашм давонидам. Номи шуъба, ки «иттилооти омма» буд, «иттилоотию таҳлилӣ» шудааст; шумораи кормандон аз чор ба ҳафт нафар расидааст. Ҳол он ки дар лоиҳае, ки бо сарварии собиқ роҳбари Дастгоҳ омода шуда буд, масъалаи на ин ки васеъ кардан, балки умуман, барҳам додани шуъба ва ба шуъбаи фарҳанг таҳмил кардани вазифаҳои он ба миён гузошта шуда буд.

Шуҳрат Музаффарович дар яке аз рӯзҳои аввали ба кор омаданаш маро даъват карда, аз вазъи кор, вазифаҳои шуъба, сатҳу салиқаи кормандон пурсон шуда, аз лоиҳаи сохторие, ки то омадани ӯ омода гардида буд, изҳори тааҷҷубу нигаронӣ мекард. Вай, ки дар самти ташкили кор таҷрибаи ғанӣ дошт, бо таҳайюр арз карда буд: «Аҷаб, дар замоне ки иттилоот калиди тамоми корҳо шудааст, чӣ тавр метавон шуъбаи иттилоотро барҳам дод? Баръакс, ин шуъба ва вазифаҳояш бояд васеътар бошад».

Ҳамин тавр, ба шарофати пою қадами Суҳроб Шарипов ҳам ҳайати шуъба васеъ шуд, ҳам вазифаҳояш зиёд гардид ва ҳам маркази иттилоотӣ дар назди шуъба арзи вуҷуд намуд. Суҳроб Ибронович бо шогирдаш Ромиш Шералӣ фаъолияти Маркази иттилоотиро ба уҳда доштанд, ҳар моҳ мунтазам як-ду гузориши  иттилоотию таҳлилӣ омода мекарданд. Баъди дуюним соли фаъолият, чунонки баъзе кормандони Дастгоҳ мегуфтанд, ба шуъбаи мо чашми бад расид: маро ба мудирияти шуъбаи фарҳанг гузарониданд, Суҳроб ёвари Президент шуд, Азим Аминов ноиби ректори Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода таъйин гардид, Ромиш Шералӣ ба яке аз лоиҳаҳо ба кор рафт ва сатҳу самти кори шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ низ тағйир ёфт.

Дар муддати ҳамкорӣ дар шуъбаи иттилоотию таҳлилӣ боре ҳам нашудааст, ки байни ману Суҳроб дар ягон масъала нофаҳмие рӯй дода бошад, баръакс, хислатҳои мо аз бисёр ҷиҳатҳо мувофиқат доштанд, ҳардуямон, ба қавле, шартакигӯ будем, аз такаббур ва хушомадгӯйию тамаллуқкорӣ парҳез мекардем, ба иҷрои вазифа ҳаддалимкон сидқан мекӯшидем, чизеро, ки намедонистем ё аз донишамон оид ба чизе шубҳа доштем, аз

ҳамдигар ё аз касе, ки мавзӯъро беҳтар медонист, мепурсидем. Ҳамин тариқ, дар муддати ҳамкорӣ мо аз якдигар хеле хуб меомӯхтем, гуфтан мумкин аст, ҳамдигарро такмил медодем.

Ҷойи сусти Суҳроб дар кор он вақтҳо андак «лангиданаш» дар ҷодаи надонистани забони адабии тоҷикӣ буд. Таъкид мекунам, ки ин «лангидан» ба давраҳои аввали фаъолияташ дар Дастгоҳ дахл дошт. Масалан, вақте ки Шоири Халқии Тоҷикистон Убайд Раҷаб даргузашт, Суҳроб ёвари Президент буду бештар дар қабулгоҳи Сарвари давлат менишаст. Ман, ки мудири шуъбаи фарҳанг будам, ба вай занг задаму гуфтам, ки Убайд Раҷаб гузашт, Президентро огоҳ кун. Ӯ гуфт: «Муаллим, ман аз субҳ ҳамин ҷо нишастаам, нагузаштааст». Гуфтам: «Ба ман аз Иттифоқи нависандагон занг заданд, гузаштааст». Суҳроб ҳатто андак ба шӯр омаду такрор кард: «Муаллим, ман ҳамин ҷо нишастаам, нагузаштааст». Дарк кардам, ки ӯ калимаи «гузашт»-ро танҳо ба маънии аслиаш фаҳмидан дорад, аз ин рӯ гуфтам: «Убайд Раҷаб мурд, Президентро огоҳ кун». Танҳо баъд аз ин вай асли мақсадро фаҳмиду аз пайи кор шуд.

Баъдтар, вақтҳое, ки директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президент ва вакили мардумӣ дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буду аз тариқи телевизион дар мавзӯъҳои доғи рӯз суҳбатҳо мекард, дармеёфтам, ки аз он «лангиданҳо» асаре боқӣ намонда, балки Суҳроб аз ҷумлаи беҳтарин сиёсатшиносоне шуда буд, ки метавонист дар мавзӯъҳои гуногуни соҳа ба забони тоҷикӣ озодона, возеҳу равшан суҳбат бикунад, мафҳуму истилоҳоти тоза бисозаду мавриди истифода қарор диҳад.

Дар маҳфилу нишастҳои дӯстон Суҳроб гули сари сабади маърака буд. Шахси, аслан, камгапу ҷиддӣ дар чунин мавридҳо мешукуфт, зарофат мегуфт, ҳеҷ намехост, ки маҳфил поён ёбад.

Тақрибан моҳе қабл аз фавташ Суҳробро дар маркази савдои «Пойтахт» вохӯрдам, ҳамроҳи ҳамсару фарзандаш буд, аз ин рӯ, зиёд суҳбат накардем.

Гила кард, ки барои меҳмонӣ рафтан ба хонааш борҳо ваъда додааму вафо накардаам. Узр пурсидам, гуноҳамро ба нохубии сиҳатиам ва маҳдудии вақт ҳавола кардаму чун ҳамеша ваъда додам, ки меоям, дидор мебинем. Надонистам, ки ин дидори охирин бо дӯсти азизу мушфиқам будааст…

Рӯзи дафни Суҳроб на танҳо пайвандону дӯстон мегиристанд, балки осмон низ сели ашк мерехт, ашки видоъ, ашки ҳасрат, ашки малолат…

**Парвиз Муллоҷонов,**
коршинос 29.12.2015

## СЕ ЛАҲЗАИ ЗИНДАГӢ ВА СЕ ХИСЛАТИ ШАХСИЯТИ СУҲРОБ ШАРИПОВ

Вақте ки ман номи Суҳроб Шариповро мегирам, пеш аз ҳама се лаҳза ба ёдам мерасад – се лаҳза аз зиндагии пештара, се лаҳза аз таърихи гузаштаи кишварамон. Ин лаҳзаҳо кайҳо гузашта рафтанд, аммо барои ман онҳо ҳамеша бо Суҳроб ва шахсияти вай вобаста буданд ва мемонанд.

Лаҳзаи аввал ба солҳои охири давраи бозсозӣ вобаста аст, вақте ки ман барои гузаштани стажировка ва аспирантура ба Маскав омада будам. Дар он давра ҷомеаи тоҷикон

дар Маскав чандон калон набуд ва бештар донишҷӯён ва олимони ҷавонро дар бар мегирифт. Ин даврае буд, ки ҳамаи ҷамоатҳо ва диаспораҳои миллӣ дар Маскав созмонҳо ва марказҳои фарҳангии худро ташкил карда, барои эҳёи забон ва фарҳанги худ талошҳои зиёде ба харҷ медоданд.

Тоҷикони Маскав ҳам, дар зери таъсири ин ҷараён, инчунин аз пайи ташкили чунин маркази фарҳангии худ шуданд. Дар соли 1989, барои бунёди чунин маркази фарҳангӣ, гурӯҳи ташкилие иборат аз донишҷӯён ва аспирантҳои ҷавони тоҷик пайдо шуд. Дар нишасти аввали ин гурӯҳи ташкилӣ ман ба ҷавоне диққат додам, ки ҳамеша хеле хуб ва бо далел баромад мекард, ҳамаи суханҳояш пурмуҳтаво ва пешниҳодҳояш хеле ҷолиб буданд. Маълум буд, ки сатҳи дониши вай баланд аст, қобилияти таҳлилӣ ва ташкилӣ дорад.

Номи ин ҷавоне, ки диққати ҳамагонро ба худ ҷалб мекард, Суҳроб Шарипов буд. Дере нагузашта, ӯро ба ҳайати роҳбарии Маркази фарҳангии тоҷикони Маскав «Суғдиён» интихоб карданд; дар ин сифат Суҳроб Шарипов барои рушди ин созмони фарҳангӣ саҳмгузориҳои арзанда ва назаррас карда буд.

Умуман, бояд қайд кард, ки вазифаи бунёди ин созмони фарҳангӣ хеле, душвор буд. Маркази «Суғдиён» захираҳои моддӣ ва молӣ тамоман надошт, нисбат ба марказҳои фарҳангии миллатҳои дигар имкониятҳояш хеле маҳдуд буд. Аммо новобаста ба ҳамаи душвориҳо Маркази фарҳангии тоҷикон дар Маскав инкишоф ва торафт пойдор мешуд, пеш аз ҳама барои он ки, дар фаъолияташ одамони ба мисли Суҳроб ширкат доштанд. Суҳроб одами хеле банд ва ҳамеша машғул буд, таҳсил ва омӯзиш дар аспирантура

вақти зиёдеро талаб мекард. Аммо ба шароити вазнин нигоҳ накарда, Суҳроб Шарипов вақт ва талошҳои худро ҳаргиз дареғ намедошт ва дар таҳия ва анҷоми ҳамаи барномаҳои Маркази «Суғдиён» ба таври пайваста ва фаъол иштирок мекард.

Албатта, давраи анҷоми бозсозӣ ва фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба ҳамагон хеле мураккаб ва душвор буд. Тоҷикистон гирифтори нооромиҳои аввал ва муборизаҳои шадиди сиёсӣ шуда буд ва ин вазъияти кишвар ба мо ҳам таъсири ҷиддие мегузошт. Ҷомеаи тоҷикони Маскав ҳам ба маҳалҳо ва минтақаҳо тақсим шуда, фарогири маҳалгароӣ ва низоъҳои дохилӣ гардида буд. Дар Маркази «Суғдиён» ҳам баҳсҳо ва мунозираҳои зиёде доштем ва гоҳе ҳатто ҷанҷол ҳам мекардем. Аммо новобаста ба ин, муносибатҳои Суҳроб ба ҳамагон ҳамеша дӯстона буд ва дили соф дошт. Ҳамаи аъзои «Суғдиён» ӯро эҳтиром мекарданд, зеро медиданд, ки Суҳроб одами дар воқеъ самимӣ мебошад ва дилаш барои миллат ва кишвараш месӯзад.

Лаҳзаи дуввум ба солҳои 90-ум вобаста мебошад, вақте ки Тоҷикистон гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ буд. Дар он давра ман ба Душанбе баргашта, барои кор ба яке аз бахшҳои Созмони Миллали Муттаҳид дохил шуда будам.

Яке аз вазифаҳои мо баргардонидани гурезаҳои тоҷик аз хориҷи кишвар буд. Аз тарафи дигар кӯшиш мекардем, ки шиддати низоъ паст шаваду фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеаи тоҷик аз нав бунёд шавад. Барои расидан ба ин ҳадаф силсилаи семинарҳо ва нишастҳои илмӣ ва ҷамъиятиро таҳия карда, бароӣ амалӣ кардани онҳо олимон ва рушанфикрони маҳаллиро ҷалб мекардем. Албатта, вақте ки ман шунидам, ки Суҳроб Шарипов ба Душанбе баргашт, хеле кӯшиш кардам, ки ӯро ҳам ба ин барнома ҳамроҳ ку-

нам. Бояд гуфт, ки Суҳроб дар пиёда сохтани ин барнома ва дигар нишастҳои илмӣ ва ҷамъиятӣ саҳми калон гузошта буд. Ба таври пайваста баромад мекард, мақолаҳои таҳлилӣ ва пажӯҳишҳои пурмуҳтавои илмиро ба ҷомеа пешниҳод мекард. Маълум буд, ки Суҳроб Шарипов аллакай яке аз олимони беҳтарини кишвар шудааст ва дар оянда дар бахши сиёсатшиносӣ нақши назаррасеро хоҳад бозӣ кард.

Лаҳзаи саввум ба давраи пас аз низоъ вобаста ҳаст, вақте ки Суҳроб Шарипов ба вазифаи раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ таъин шуд. Дар ин давра вай худро на танҳо чун олими номдор, балки ҳамчун ташкилкунанда ва роҳбари самарабахш нишон дода буд. Суҳроб Шарипов тавонист, ки ба Марказ одамони нав ва олимони боистеъдоди ҷавонро ҷалб намояд. Дар давоми чанд сол, дар зери роҳбарияти Суҳроб, робитаҳои Марказ бо институтҳои таҳлилии хориҷӣ устувор ва пойдор шуданд, нақш ва нуфузи Марказ ҳам дар дохил ва ҳам дар хориҷи кишвар ҳамчунон ба таври назаррас афзоиш ёфт.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, новобаста ба мансаб ва вазифаи баланд, Суҳроб Шарипов ҳамчун шахсият ва инсони тамоман дигар нашуддаст. Вай ҳамеша хеле дастрас ва хоксор буд. Дари дафтари вай ҳамеша боз буд, одамони зиёд ба пешаш меомаданд ва вай доимо кӯшиш мекард, ки ба ҳама ба таври имкон мадад расонад. Суҳроб тавонист, барои баргузории чанд пажӯҳиши муҳим дар кишвар шароит фароҳам оварад. Масалан, ба назари банда, силсилаи пажӯҳишҳо оид ба масъалаи фасод, ки дар зери роҳбарияти Суҳроб Шарипов амалӣ гардида буданд, барои кишвар ва ҷомеаи тоҷик хеле муҳим ва умда мебошанд.

Ман бори охир бо Суҳроб дар яке аз барномаҳои таҳлилии радио суҳбат карда будам. Ба назарам мерасид, ки хеле

хаста мебошад ва то андозае андуҳгин ҳам намуда буд. Аз аҳволи ӯ пурсон шудам ва шарт кардем, ки каме дертар вохӯрда суҳбат намоем. Мутаассифона, пас аз чанд муддат хабари мудҳише оид ба марги нобаҳангомаш ба ман расид. Дар дили ҳамаи дӯстон ва рафиқони Суҳроб ҷойи ӯ ҷовидон холист.

Дар анҷоми ин ёддоштҳои кӯтоҳ мехостам инчунин се хислати Суҳроб Шариповро, ки ба назарам барои тасвири шахсияташ хеле, муҳим мебошанд, кайд намоям:

Якумаш, Суҳроб Шарипов одами хеле самимӣ буд. Он чизе, ки мекард ва мегуфт, ҳамеша дар назар дошт; афкор ва мавқеи худро ҳаргиз пинҳон намекард ва новобаста ба шахсиятҳо баён менамуд. Барои ҳамин хислаташ ӯро эҳтиром мекарданд – ҳам ҳамфикронаш ва ҳам мардуме, ки бо ӯ аслан розӣ набуданд.

Суҳроб як хислати дигари хеле аҷоиб ва барои ҷомеаи мо нодир дошт – вай тамоман ба касалии маҳалгароӣ гирифтор набуд. Ягон бор нашунидам, ки Суҳроб ба маҳалбозӣ машғул бошаду ба касе аз барои ҳамшаҳр буданаш бартарӣ диҳад. Рости гап, дар давоми чанд сол ҳатто намедонистам, ки вай аслан аз куҷо мебошаду ба кадом маҳал вобастагӣ дорад.

Шахсан барои ман ҷолиб буд, ки Суҳроб дар воқеъ як шахси меҳанпарвар ва ватандӯст буд, на дар сухан, балки дар амал. Вай «шахси идея» буд – яъне, барои Суҳроб на мансаб ва на неъматҳои моддӣ, балки арзишҳои ғоявӣ ва маънавӣ муҳим буданд. Вай ҳамеша тарафдори идеологияи давлатдории миллии тоҷикон буда, ҳамаи кӯшишу талошҳои худро барои расидан ба ин ҳадаф равона мекард.

Чунин одамон дар бисёр мавридҳо аз ҳад зиёд «идеалист» мебошанд, яъне тезбовар ва хушбин буда, баъзе падидаҳоро сарфи назар ва ё «идеализатсия» мекунанд. Ам-

мо бе чунин шахсиятҳои хушбин ва идеалист ягон ҷомеа ва ягон кишвар пеш намеравад. Чунки ин гуна мардум, ки дар бораи худашон фикр накарда, манфиатҳои миллаташ ва кишварашро ҳамеша ва дар ҳамаи мавридҳо пеш мегузоранд, асоси эҳё ва заминаи пойдории миллат мебошанд. Мутаассифона, ин гуна одамон хеле камшумор мебошанд ва ба вижа дар ҷомеаи мо ниёз ба шахсиятҳои ба монанди Суҳроб Шарипов торафт зиёд мешавад.

**Мавлон Мухторов,**
**дӯсти Суҳроб Ш.**

## МАРДИ ХИРАД

Марди хирад ва маърифати воло. Бо амри тақдир банда зиёда аз 10 сол бо марҳум Суҳроб Шарипов ҳамкорӣ доштам, ҳаммаром будем ва аз ҳамкорӣ ва ҳаммаромиамон бо зиндаёд Суҳроб Шарипов хурсанд будам, ҳастам ва хоҳам монд. Зеро ин гуна шахсони кушодадил, самимӣ, ростгӯй, ростқавлро дар ҷомеа кам дарёфтам.

Ҳанӯз дар солҳои кориам дар Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айнӣ бо падари марҳум Суҳроб Шарипов устод профессор Иброн Шарипович ҳамкор будам ва эшонро ба ҳайси як инсони олиму ориф мешинохтам ва эҳтиром мекардам. Аз ин гуна инсони хуб, албатта, ҳамин гуна шахси закӣ ба дунё омадааст, ки идомадиҳандаи кори нек ва номи неки падар буд. Дар дидорбиниҳо ҳамеша бо лаби хандон ва чеҳраи кушода вохӯрӣ мекард, ки он лаҳзаҳо аз хотири кас дур намешаванд. Дар маҳфилҳо ва мизҳои гирд суҳбаташро асоснок ва бо далелҳои раднопазир тақвият медод. Яке аз хислатҳои хуби марҳум Суҳроб Иброновuч ҳамин буд, ки ӯ

худашро ҳамеша бо мардум, бо ҷомеа ҳамнафас медид ва лаҳзае аз дарду мушкилиҳои ҷомеа дур гардида наметавонист. Ҳамеша мекӯшид, ки донишу малака, таҷрибаю ҷаҳонбиниашро дар роҳи ҳақ, сулҳу ваҳдат ва рушди ҷомеа истифода барад. Дар кадом сатҳе, ки набошад, сухани ҳаққашро мегуфт. Суҳроб Шарипов донишманди хуби таъриху фарҳанг, фалсафаю ҷомеашиносӣ низ буд.

Ҷаҳонбинӣ ва доираи назараш васеъ, фикру ақидааш равшан, сатҳи тафаккураш боло буд. Олими сермутолиа ва сермаҳсул буд, ки аз худ китобу шогирдону, мақолаҳои зиёд боқӣ гузоштааст. Дар байни зиёиёни тоҷик эътибори хуб дошт, тавре ки ҳикмати халқ ишора кардааст:

*Илмат ба амал чу ёр гардад,*
*Қадри ту яке ҳазор гардад.*

Зиндагӣ essential: онҷунон будааст, ки мисли корвони равон ҳамеша шитоб дорад ва моро ҳам бо худ мебарад, сӯйи фардо. Омадану рафтанҳо ба ҳукми ҳамин зиндагии даргузар ва табиати афсункор будааст. Ҳаким Умари Хайём ин нуктаро олимона ва орифона хеле хуб ифода кардааст:

*Онон, ки куҳан буданду онон, ки наванд,*
*Ҳар як пайи якдигар якояк бишаванд.*
*В-ин мулки ҷаҳон ба кас намонад ҷовид,*
*Рафтанду равему боз оянду раванд.*

Хуш ба ҳоли одамоне, ки пас аз падрӯд гуфтани ин ҷаҳони фонӣ шиносону рафиқонашон зикри хайрашон мекунанд, дуои некашон мегӯянд. Дуо мекунем, ки ҳамеша рӯҳи Суҳроб шод бошад.

*Ҳеҷ кунҷе бе даду бе дом нест,*
*Ҷуз ба хилватгоҳи ҳақ ором нест.*

**Комёб Ҷалилов,**
собиқадор, корманди МТС
назди Президенти ҶТ

# СУҲРОБ ДАР ТАЪРИХИ МИЛЛАТИ ХУД ҲАМЧУН ОЛИМУ ДОНИШМАНД ВА ХИДМАТГУЗОР НАВИШТА ХОҲАД ШУД

Ман бо Суҳроб Ибронович Шарипов соли 1998 ҳангоме ки ӯ мудири Шуъбаи сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ таъин шуд, шинос шудам. Шиносоии мо сари баҳсе оид ба сиёсати хориҷӣ ва иртиботи мустақими он бо сиёсати дохилӣ дар мизи мудавваре буд. Чун ман корманди Шуъбаи хориҷӣ будам ва иртиботи мустақим ба кору фаъолияти Суҳроб Шарипов надоштам бо ӯ дар ҷаласа, конференсия, семинар ва мизҳои мудавваре, ки дар Марказ гузаронида мешуд, вомехӯрдем ва иртиботи наздик надоштем. Солҳои 1999-2003 ман барои кор ба донишгоҳи Кумитаи амнияти давлатӣ даъват шуда, дар вазифаи сардори кафедраи 1 махсус то соли 2002 кор карда, боз ба МТС баргаштам ва маро чун сармутахассис ба шуъбае, ки каблан мудираш С.Шарипов буд ва акнун муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ кор мекард, таъин шудам ва то аз кор рафтанам аз Марказ дар ҳамин шуъба, ки чанд бор тағйири ном ҳам кард, фаъолият доштам. Соли 2005 Суҳроб боз ба Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ ба вазифаи директори ин Марказ баргашта ва то соли 2011 ифои вазифа намуд ва моҳи декабри соли 2011 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

Дар ҷараёни кораш дар вазифаи сардори МТС ман бо Суҳроб Шарипов наздик шинос шуда, ӯро хубтар шинохтам. Суҳроб Шарипов инсони хуб ва росткор буд. Барои ӯ аз кадом минтақа будани шахс аҳамият надошт, он ашхосеро дасгирӣ менамуд, ки дар кори худ маҳорату кобилият ва мутахассиси хуб буданд.

Дар даврае, ки Суҳроб Шарипов ба МТС роҳбарӣ мекард, таҳлилгарони тоҷик ба хориҷи кишвар роҳ ёфта, эътироф гардиданд. Бинобар ин метавон яке аз поягузорони сиёсатшиносии амалӣ ва озодандешӣ дар Тоҷикистони муосир Суҳроб Шариповро ном бурд, чунки бисёрии таҳлилгарони Марказ озодандеширо маҳз аз ӯ ибрат гирифта, имрӯз ҳам дар кишвари мо ва ҳам дар хориҷа соҳиби эҳтиром мебошанд.

Як мисол аз ҳаёт. Дар конференсияи илмиву амалӣ, ки дар Донишгоҳи славянӣ мегузашт ва дар он Сафири Русия баромад карда, фикрашро оид ба сохтмони Роғун баён ва имзои нави шартномаро бо ҳокимияти Тоҷикистон пешниҳод намуд, ман хатчае навишта, бо назардошти ду шартномаи байни Ҳукумати Тоҷикистону Русия оид ба сохтмони Роғун ва шартномаи сеюм бо ширкати давлатии «Русал», аз Сафир шарт будани шартномаи ҷадиди чорумро пурсидам ва ишора ба «Сангтуда-1» кардам. Як ҳолати ногуворе ба миён омад. Сафир, ки шахси донишманд ва хирадманд буд, ҷавоби оқилона дода, ишора намуд, ки ин ба вазъияти имрӯза иртибот дошта, ҳамаҷониба омӯхта хоҳад шуд ва ин кори нафарони алоҳида набуда, ҳалли он кори ҳокимияти давлатӣ мебошад. Аввалин шахсе, ки ин фикри маро тарафдорӣ намуд Суҳроб Шарипов буд, ки баррасии шартномаҳои қаблӣ ва сабаби иҷро нашудани онҳоро пешниҳод намуд.

Суҳроб Шарипов ҷавонтарин директори МТС буд. Мушаххасан дар давраи роҳбари МТС будани С. Шарипов кадрҳои ҷавони болаёқат ва ояндадор мисли Фарух Умаров, Абдулло Раҳнамо, Хуршед Додихудоев, Вафо Ниятбеков, Далер Шодиев, Фарида Муминова, Баҳор Қамаров, Шодмон Саъдиев, Лоҳутӣ Сафаров ва ғайраҳо ба Марказ ҷалб шуда ва тарбия ёфтанд. Дар давоми фаъолияташ Суҳроб ба ҷавонони Марказ такя менамуд ва онҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ мекард. Озодандешӣ ва ростkории ӯ дар соҳаи сиёсати дохилӣ ва сиёсати берунӣ, дониши хуб доштан ва ғайрати ҷавонии ӯ ва истифодаи дурусти кормандони ҷавон ва ходимони ботаҷриба буд, ки дар замони роҳбариаш МТС ба сохторе табдил гардид, ки на танҳо дар байни сохторҳои дохилӣ, балки дар байни созмонҳои байналмилалӣ ҳам эътибор пайдо намуд. Дар замони роҳбарии Суҳроб Шарипов МТС ба тарҳрезии ғояи миллӣ оғоз намуд ва ягона сохторе буд, ки ин масъаларо ба таври мушаххас ва замонавӣ таҳлилу арзёбӣ намуда, ба дастгоҳи Президент пешниход намуд.

Мушаххассан, дар замони директори МТС будани Суҳроб Шарипов, масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва берунӣ ҳамаҷониба таҳлилу тадқиқ мешуд, бо созмонҳои байналмилалӣ, муассисаҳои таълимоти олӣ, ҳамчунин бо Марказҳои тадқиқоти стратегии кишварҳои хориҷӣ як силсила созишномаҳо баста шуд. Метавон гуфт, ки таҳти роҳбарии Суҳроб тамоми кормандони Марказ талош мекарданд, ки манфиатҳои миллатро ҳимоя намоянд.

Барои Суҳроб Шарипов ҳамеша манфиатҳои давлатӣ болотар аз дигар манфитҳо меистод ва як чизро бояд ҳатман таъкид кунам, ки вай на мавқеи ҳукумат, балки ҳамеша мавқеи давлатро хотирнишон

ва пуштибонӣ мекард. Барои ҷавонони Марказ Суҳроб Шарипов рамзи озодандешии ҳаёту фаъолияти навине буд, ки метавон онро аз тарзи ҳаёти шӯравӣ ба миллӣ гузаштан ном бурд.

Изҳори назари ошкорои ӯро дар баъзе мавридҳои вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ ба таври сатҳӣ бошад ҳам, МТС бояд баррасӣ намояд, то ки ба фаъолияти илмӣ, таҳлилӣ, сиёсӣ ва маънавии С. Шарипов баҳои дуруст дода, шахсияти вай мушаххас гардад.

Баъди директории МТС таъин шуданаш Суҳроб ба хулосае омада буд, ки дар Марказ таҳлилгарон ва коршиносони замонавӣ, ки ба талаботи дарки сиёсати муосир ҷавобгӯй бошанд, кам буда ва дар асоси Марказ бояд мактаби таҳлилгарӣ ва пешбинии дурусти сиёсати ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва хориҷиву дохилии кишвар ба роҳ монда шавад. Ба ақидаи Суҳроб ҳар ихтисос ва фаъолият нозукиҳои худро дорад. Таҳлилгар бояд ҳамаҷониба дониш дошта бошад, пеш аз ҳама аз илм ва дастовардҳои илмӣ, аз сиёсати давлат ва имкониятҳои реалии Ҳукумат хабардор бошад, сиёсати ҷаҳонӣ ва сиёсати дигар давлатҳоро нисбат ба давлати хеш, оқибати натиҷагирии ҳар як таҳлилу пешгӯи ба манфиати миллату давлат чӣ таъсир мерасонад, донад, дар таҳлил ва хулосаву пешниҳод на фақат манфиатҳои давлатҳои абарқудрат ва минтақавӣ, пеш аз ҳама бояд манфиатҳои Тоҷикистон ба назар гирифта шавад, яъне таҳлилгар мавзуи таҳлилро бояд ҷиддӣ донад ва ба фоидаи кишвари худ ҳал намояд.

Дар мусоҳибаву мубоҳисаҳо, дар мақолаву баромадҳои худ Суҳроб ба масоили доғи рӯз: аҳмияти сулҳи тоҷикон, таъсири дин дар ҷомеа, тарзи либоспӯшӣ, фаъолияти сиёсӣ ва иқтисодии Ҳукумат, сиёсат дар соҳаи

маориф, фарҳанг, сиёсати иқтисодии давлат ва ҳукумати давлатӣ аҳмияти ҷиддӣ медод.

Суҳроб дастоварди сулҳи тоҷиконро барои давлатҳое, ки дар вазъи ҷанг қарор доранд намунае ҳисоб мекард. Он дастовардҳое, ки имрӯз халқи тоҷик муваффақ гардидааст ва пеш аз ҳама раҳоӣ ёфтан аз бумбасти коммуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, расидан ба таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди илму фарҳанг ва маориф ва заминаҳои мусоид гузоштан барои рушду нумӯи Тоҷикистон, натиҷаи сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ мебошад, ки манфиатҳои умумимиллиро таъмин намуда истодааст.

Таҳти роҳбарии Суҳроб МТС дар ду самт фаъолияти пурсамарро пеш мебурд. Самти якум беҳтар намудани рушд ва сифати иқтисод, ки ба болоравии сатҳи зиндагонӣ мусоидат менамояд. Самти дигар, диққати махсус ва назорати ҷиддӣ ба амалҳои коррупсионӣ ба воситаи истифодаи индикаторҳо доир ба коррупсия ва баҳогузорӣ ба натиҷаи фаъолияти вазорату кумитаҳои ҳукумати давлатӣ ва мутобиқи қонунҳо пурзур намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ буд. Дар он замон аз тарафи Марказ як системаи махсуси омӯхтани коррупсия дар ҳашт ноҳияи ҷумҳурӣ ҷорӣ шуда, тадқиқот бурда мешуд. Баъди аз вазифа рафтани С. Шарипов ва баъзе аз иҷрокунандагони ин проект, шахсан А. Шамолов, агарчи ин фаъолият натиҷагирӣ шуда ва китобу мақолаҳое ҳам чоп шуда бошад, мантиқан то охир ҳалли худро пайдо накард.

Масъалаи доғи дигаре, ки дар атрофи он, то ҳоло, агарчи дар конститутсия сабт шудааст ва ҳама онро эътироф намудааст, давлати дунявӣ будани Тоҷикистон мебошад. Суҳроб ҳамеша такрор мекард, ки дар Тоҷикистон

муассисаҳои динӣ, ҷамъиятҳои динӣ аз сохторҳои давлатӣ ҷудо ҳастанд. Ин дуруст аст, вале касе масъалаи оё дар дини мубини Ислом сохтори динӣ вуҷуд дорад ё на дар миён намегузорад? Дар ислом сохтори ҳокимияти динӣ вуҷуд надорад, агарчи имрӯз масҷидҳоро ба созмони ҳокимияти динӣ табдил дода, фаъолияташон ба калисои насронӣ баробар карда шудааст, масҷид созмони иҷтимоӣ ва фақат маҳалли ибодат аст. Лекин шуури мардум ва асосан рӯҳониёни мо ба ин фаҳмиш ҳоло нарасида ва мисле, ки дар даврони шӯравӣ буд, ҷудоии дин ва давлатро эътироф мекунанд, ки ба ислом иртиботе надорад.

Баҳси калидӣ, баҳси давлати дунявӣ мебошад, ки баъди 100 сол то ҳанӯз ҳалли худро дар аввалин давлати дунявии кишвари мусалмонии Туркия наёфта аст. Сабаби ин муаммо дар он мебошад, ки дар ислом мисли динҳои пеш аз исломӣ сохтори ҳокимияти динӣ вуҷуд надорад, ки фаъолияти ҳокимияти дунявиро маҳдуд кунад. Баръакс сохторҳои давлатӣ, дар давлате, ки аксараш мусалмон бошад, сохторҳои давлатӣ ҳақ доранд, ин ё он фаъолияти гурӯҳӣ ё дастаҷамъиро иҷоза диҳанд ё манъ кунанд. Дар ислом давлат дунявист ва Худованд давлатро барои мусалмон дар ҳамин дунё ато намудааст, ки ба фоидаи мусалмонҳо кору фаъолият кунад. Ҳақ бар ҷониби Суҳроб буд, вақте мегуфт, ки озодии дин яктарафа барои қонеъ намудани нафси худ ва мустаҳкам кардани нуфузи худ дар корҳои давлатӣ равона мешавад, ки ин хато мебошад.

Эҳтироми дин ва ақидаҳои динӣ кори шахсии ҳар як фард аст ва ҳар фарди мусалмон ба рафтори худ дар назди Худованд дар охират ва дар назди ҳокимияти давлатӣ дар ин дунё ҷавоб медиҳад. Бинобарин давлат дар ислом

дунявӣ буда, дар ҳамин дунё барои мусалмон хидмат мекунад. Давлат ба фикри ман давлати исломӣ шуда наметавонад, чунки давлат фарзи ин дунё буда, ба кулли атбои кишваре, ки дорои дину ақидаи мухталиф ва атбои як сарзамин ва ё давлате ҳастанд марбут мебошад. Дини ислом беолоишӣ ва бо покизагии аҳлоқи уммати мусалмон дар Мадина соҳибдавлат эътироф гардид ва ҳар муъмину мусалмон ба ислом бо хости Худованд майлу рағбат меоранд. Давлати дунявӣ бояд озодиро эҳтиром кунад, аз имони худ, фарҳанги худ, тамаддуни худ истифода бурда, дар замони муосир низ давлатҳои этникиро эътироф намояд ва шахсоне, ки василаи покизагии ахлоқ ва ҳамзистии осоиштаро ба манфиати ғаразноки худ истифода мебаранд, муҷозот намояд.

Суҳроб тайи фаъолияти худ нақшаҳои зиёди илмию тадқиқотиро бомуваффақият амалӣ намуда, вазифаҳо ва супоришҳои ба уҳдааш гузоштаро бо камоли масъулият иҷро мекард.

Читавре гуфта шуд, дар замони директории МТС будани Суҳроб, корҳои амалии назаррасе иҷро карда шуда буд, ки натиҷаи ин корҳо дар таҳияи лоиҳаи санадҳоиқонунгузорӣ ва меъёрӣ, ташкил ва рушди сиёсати дохилию хориҷӣ ва эҷоди барномаҳои стратегии соҳаҳои сиёсату иқтисод, иҷтимоию маънавии кишвар истифода бурда шудаанд.

Дар бораи Суҳроб метавон беохир навишт. Ӯ инсоне буд, ки аз камбудӣ ва навоқиси инсонӣ, мисли ҳар инсон холӣ набуд, вале дар таърихи миллати худ ҳамчун олиму донишманд ва хидматгузор сабт хоҳад гашт.

Ёдаш ба хайр бошад.

**Хуршед Атовулло,**
Директории Маркази тадқиқоти
журналистии Тоҷикистон
16.07.2015

# ФАЛАК, ФАРЗОНАГОНРО КУШТАНАТ ЧИСТ?

Пиромуни шахсият, рӯзгори шахсӣ, фаъолияти кори Суҳроб Шарипов зиёд гуфтаанду навиштаанд ва фикр мекунам ҳоҷат ба такрор нест. Фақат мехоҳам ба нақши ин сиёсатмадори нотакрор дар васоити ахбори омма чанд андешаи худро баён намоям.

Агар хато накунам, аввалин мусоҳибаи ошкорои Суҳроб Шарипов бо журналист Абдуқаюми Қаюмзод дар ҳафтаномаи «Фараж» нашр шуда буд. Мусоҳиба ба ҳадде ошкоро парда аз рӯйи баъзе мушкилоти доираҳои боло, махсусан масъалаи кадрҳо ва пулакишавии роҳи Душанбе – Хуҷанд мебардошт, ки новобаста аз директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ будани мавсуф, пеш аз нашри он ба андеша афтидем: Мусоҳибаро чоп кунем ё не? Он ба сари мусоҳиб ва нашрия чӣ хоҳад овард?

Баъди андешаи зиёд тасмим гирифтем то мусоҳиба нашр шавад, аммо бокаме «нарм» кардани забони суҳбат.

Вақте баъди нашри мусоҳиба бо Суҳроб вохӯрдем, табассуми ширине карда, баланд хандиду (аҷаб хандаи зебое дошт, ки фақат ба худи ӯ мезебид!– Х.А.) гуфт:

–Барои ман тарсидӣ ё барои худат?

–Ё ҳарду–посух додам ман.

Муҳимтарин нуқта дар мусоҳиба ин буд, ки яке аз шахсиятҳои асосӣ дар «маслиҳатхонаи рӯйи коғаз»-и наздик ба шахси аввал ҳамон тавре меандешид, ки мо меандешидем, ҷомеа меандешид, як шахси мустақил меандешид ва

нуқтаи назари вай барои мо комилан ғайри чашмдошт буд. Суҳроб ба ҳадде ошкоро аз мушкилоти ҷомеа ва хатари пешорӯ аз ҷобаҷогузории нодурусти кадрҳо мегуфт, ки ҳаркасе ин суҳбатро мутолиа мекард, бовар дошт, ки аз мансабгирифтани директор дар наздикфурсат, амри табиӣ хоҳад буд! Воқеан ҳам, Суҳроб Шарипов аз ин вазифаи масъул рафт, вале чуноне, ки аксар нигарон буданд, «душмани идеологӣ» эълон нашуд, балки ба ҳайси вакили парлумон фаъолияташро идома доду рӯшодгӯии ӯ дар парлумон ва ВАО ба амри маъмулӣ табдил ёфт.

Ҳарчанд номбурда мавқеи ҲХДТ-ро ҳамеша пуштибонӣ менамуд, вале аз гуфтани камбудиҳои ҷойдошта намеҳаросид.

Назари Суҳроб Шарипов дар ҳама масъала аз қазияи халабонҳои рус сар карда, то ба пойгоҳи ҳарбии Русия дар Тоҷикистон, аз пойгоҳи назоратии «Окно» то ба имтиёз додан ба баъзе аз ширкатҳои тиҷоратӣ дар кишвар, фарқ мекард.

Ҳамеша дар андешаҳои вай нуқтае буд, ки хонанда водор мешуд, то қабул кунад ва ҳар ду ҷониби масъала ба риштаи таҳлил кашида мешуд. Он солҳо Суҳроб Шарипов, Шукурҷон Зуҳуров, Сайфулло Сафаров, Мӯсо Асозода ва чанд нафари дигар аз ангуштшумор таҳлилгарони ба истилоҳ «ҳукуматӣ» буданд, ки аз хабарнигорони нашрияҳои мустақил натарсида, бо онҳо суҳбат менамуданд. Расонаҳо ҳам ба ҳадди ифрот аз назари онҳо истифода менамуданд ва назарашонро нашр мекарданд. Сабаби ин «ифрот» он буд, ки дигар касе аз намояндагони ҲХДТ ё парлумон ба қавле «гурда» надошт то аз камбудиҳо ошкоро гӯяд, махсусан ба хабарнигорони нашрияҳои мустақил.

Марги Суҳроб аз бузургтарин фоҷиаҳо буд ва натанҳо нақши сиёҳи худро ба аҳли оилаи вай, ба парлумони кишвар, ба ҷомеа буд, балки барои расонаҳои мустақил ҳам холигоҳи даҳшатнокеро гузошт. Баъди марги вай аз миёни вакилони парлумон, фраксияи ҲХДТ кӯҳҷигаре пайдо нашуд, то мисли вай ошкорою ҷасурона, мустақилонаю оқилона аз мушкили ҷомеа гӯяд. Аз «оқ» шудан, ба сояи фаромӯшӣ рафтан натарсад. Парлумони нав ҳам интихоб гардид, вале касе Суҳроб нашуд.

Шоири бузурги миллат Лоиқ Шералӣ, ки ӯ ҳам барвақт аз ҷаҳон рафт, дар ҷое чунин мегӯяд:

Ҷойи ӯ барои абад барои ҳар касе ки ӯро мешинохт, холист…

*Фалак фарзонагонро куштанат чист?*
*Ҳама якдонагонро куштанат чист?*
*Ту худ девона кардӣ оқилонро,*
*Ҳама якдонагонро куштанат чист?*

**Олим Салимзода,**
вакили Парлумон
**28.01.2015**

## ҶАҲОН ЁДГОР АСТУ МО РАФТАНӢ…
**(дар сӯги дӯсти арҷмандам, вакили ҷавонмарг – Суҳроб Шарипов)**

Субҳи он рӯз ҳаво аёсу офотобӣ буду дили ман гирифтаву абрӣ. Озими Мастчоҳ будам, маҳалли пайвандону ақрабо. Телефонам мекарданд, ки ҳар чӣ зудтар бояд биёям, ҳоли модари ранҷурамон рӯ ба вахомати шадид овар-

дааст. Таксии мо аз Варзоб мегузашт, ки занги телефон боз баланд шуд: овози пур аз шевани бародарам Абдувосид: – Модар даргузашт!

Воҳ!…

Дилгиру ошуфтаву мотамзада нигоҳам сӯи пеш дӯхта шуд, гӯё саъй мекардам, ки бубинам дар дуриҳои масофату вақт боз чӣ чизе пайдо карда метавониста бошам ва бубинам, ки оё рӯҳи модари маҳҷурамро, ки бе падруду хайрбоди писари раҳдураш ба малакути Илоҳӣ болафшон шудааст, оё медида бошам. Аммо ашкони сӯзанда аз чашмонам ба рӯйи рухсор мерехту пешопешам ҳама булӯрину меҳолуд менамуд…

Телефон боз занг зад, ин бор садои Ҳикматуллоҳ буд, аз пайвандони Суҳроби ноком. Ӯ ҳам мегирист:

– Устод, хабари нохуш дорам! Суҳроб фавтид!

Ман тавону маҷоли сухан ёфтану чизе гуфтан надоштам, зеро ҳаяҷону ҳисси ноҳинҷор гулӯгирам карда буд, дар ваҳмам намеғунҷид, ки модари меҳрубону мудом чашм дар роҳи ман аз мо мераваду дигар ӯро нахоҳам дид. Ва дар моварои ҳамин фосилаи ғуссабор боз як шумхабари дигар – азизтарин дӯсту ҳамкорамро марги бетараҳҳум гиребон гирифтааст ва ӯҳам акнун дигар аз мо ҷудосту дар олами бақост.

Аз бемории ногаҳонии Суҳроб огоҳ будам ва медонистам, ки дар дармонгоҳ бистарист. Ҳар гоҳ ба аёдаташ мерафтам, гоҳ бо ҳамкорону гоҳе ҳам тани танҳо. Аммо мутобиқ ба табъу хӯи фитрияш болидаву сабукрӯҳ буд, агарчӣ табибон вазъи саломатиашро нохуб таъриф мекарданду моро ҳам умед медоданд, ки дар андак муддат Суҳроб сари ҳолу солим бармехезад. Ва ҳафту ҳашт рӯз

бештар нашудааст бистарӣ шуданашро. Ҳоло ин шумхабар…

Дар ҳамкорию ҳамёрӣ Суҳробро бештару амиқтар шинохтам. Ҷавоне пур аз рӯҳияи нишоту шодмонӣ ва пур аз таҳарруку ибтикор, як шахсияти нодиру арҷманди миллӣ барои банда, балки барои ҷумла атрофиёне, ки ӯро аз наздик медонистанд, шинохта шуда буд. Кору фаъолияташ низ дар ин чаҳорчӯба рақам мехӯрд. Ӯ Тоҷикистонро бо бофтҳои иқтисодӣ, бо бардоштҳои илмию фарҳангӣ, бо мақоми калидияш дар минтақаву ҷаҳон ҷузъу ҷузъ ва ваҷаб ба ваҷаб мешинохт, аз муҳити иҷтимоию иқтисодию сиёсии минтақаву ҷаҳон огоҳии тамом дошт ва дар нишастҳои расмии дохилию хориҷӣ, конфронсу симпозиумҳои гуногун баррасию гузоришҳои ҷомеъиву комил ироа менамуд, бо тамоми тавону неру манфиатҳои кишварро огоҳона, мудаллал ва бо қотеъияти тамом дифоъ мекард, ба бадхоҳону рақибони мо буррову ҷасурона посух медод, дар матбуот низ ин гуна омилонаву олимона гузоришу таҳлилу тафсир мунташир мекард.

Суҳроб воқеан олим буд, олими амал. Хеле бармаҳал дараҷаи доктори илми сиёсатшиносиро ба даст овард. Ӯ таълифоти зиёде дорад ва осораш дар дохили кишвару берун аз он, дар қаламрави собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ шуҳрати зиёд доранд. Шогирдони бисёреро низ тарбия кардааст, ки бо итминон метавон гуфт, ин мактаби расои илмиашро идома хоҳанд дод.

Суҳроб ҳамчунон ки ошиқи зиндагӣ буд, ба ҳамон андоза ба хонаводаву ҳамсару фарзандон муҳаббат дошт. Бежану Некӣ, ду фарзанди ӯ, номбардорони падаранд.

Некӣ, исми духтараш, бармалокунандаи сириштү замири пур аз наҷобати Суҳроби ҷавонмарду пурармону накому ҷавонмарги мост, яъне, дар ин ҷаҳони пур аз тазод танҳо наку андешиду наку кор карду наку рафтор кард…

Ба ин тартиб, Суҳроб Шарипов шахсияте буд, ки дар муҳити сиёсию илмию маънавии мо нотакрор, барои ҳаммаромону ҳампайкорҳояш фарди азизу муътабару ниҳоят муҳими кишвар маҳсуб мешуд ва барҳақ марги нобаҳангоми вайро як зоеъаи бузург барои илму сиёсати кишвар мехонанд. Аммо ман, ки бевосита бо ӯҳамкории наздиктаре доштам, то ҳанӯз бовар намекунам, ки Суҳроби зиндадилу самимию ҳақгӯю ҳақталош дигар дар байни мо нест. Бо умед ҳар гоҳе ба дари бастаи дафтари кориаш менигарам, ки ҳоло-ҳоло шодона пайдо шуда, онро боз мекунад. Бале, ҳамин умед аст, ки маро аз набудани ин ёри азиз тасаллӣ медиҳад. Суҳроб ҷисман аз миёни мо дур шудааст, аммо пайкорҳои хастанопазиру ниҳоят арзишманди илмию сиёсиаш, накукориҳову наҷобату рафтори неку шоистааш мудом дар ёду хотироти мо зинда хоҳад буд.

Ҳаким Фирдавсии бузург низ нуктапардозона мефармояд, ки дар ин ҷаҳон мард бояд буду бо мардум буд, ҳамчун Суҳроб:

*Ҷаҳон ёдгор асту мо рафтанӣ,*
*Ба гетӣ намонад ба ҷуз мардумӣ!*

**Зариф Ализода,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми ҳуқуқ
18.04.2017

# ТАҲЛИЛГАРИ НУКТАСАНҶ ВА БОҶУРЪАТИ РАВАНДҲОИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Марги нобаҳангом яке аз шахсиятҳои барҷаста, ҷавон ва ғамхори Ватану миллатро аз байни мо рабуд. Бори дигар ҳаёт исбот кард, ки марги бераҳм беҳтаринҳоро ба доми худ мекашад.

Суҳроб Шарипов яке аз беҳтарин фарзандони фарзонаи миллати мо буд, ки сарфи назар аз ҷавонияш барои Ватан ва халқи тоҷик, хусусан дар даврони соҳибистиқлолии он, заҳмати зиёд кашида, корҳои зарур ва муҳимеро анҷом дод. Ин заҳмату талошҳои Суҳроб Шарипов аз ӯ ҷовидон монд.

Суҳробро аз овони ҷавонӣ мешинохтам. Ҳангоми дар аспирантура дар шаҳри Москва таҳсил карданам, ӯ дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов ба сифати донишҷӯ таҳсил мекард. Дар даврони бозсозии Шӯравӣ, ки бисёр равандҳою дигаргуниҳоро фаро мегирифт, мо бошандагони шаҳри Москва (донишҷӯён, аспирантон, докторантҳо вадигарҳо) тез-тез дар чорабиниҳои сатҳҳои гуногун вомехӯрдем ва масъалаҳои рӯзмарраро муҳокимамекардем.

Дар яке аз чунин чорабиниҳо ман бо Суҳроб Шарипов шинос шудам. Аз рӯзҳои аввали шиносоӣ байни мо як эҳтироми хоса ба вуҷуд омад ва он то рӯзҳои охирини ҳаёти ин ҷавонмарди асил таҳким ёфт.

Аз ин вохӯрии нахустини ман дар худ эҳсос кардам, ки бо як ҷавонмарди асил, ғамхори миллату Ватан, заҳматпеша ва бисёр ҳам борикбину нуктасанҷ шинос шудам. Баъдан, ҳамкориҳои мо дар сатҳҳои гуногун, ҳам дар соҳаи илм ва ҳам дар соҳаи амалӣ зиёд шуданду таҳким ёфтанд. Ин дар ҳаёти ман бозёфти нотакроре буд, ки ба ман, фаъолияту зиндагиам нақши муҳимеро дорад.

Мегӯянд, ки барои пажӯҳишу баҳодиҳӣ ба ҳодисоту равандҳои ҷомеа таҷрибаи зиёди ҳаётӣ ва синну соли баландтар зарур аст. Аммо қобил ба тазаккур аст, ки ба ин нигоҳ накарда, Суҳроб Шарипов дар овони ҷавонӣ ва миёнасолии худ корҳои зиёдеро анҷом дода, аз худ осори гаронбаҳое боқӣ гузошт.

Шодравон Суҳроб пажӯҳишгаре мебошад, ки равандҳою дигаргуниҳои даврони истиқлолиятро ҳамаҷониба таҳлил карда, барои ба маҷрои дуруст ворид намудан ва аз нигоҳи илмӣ пешрафти онҳо пешниҳодҳои бисёр зарур ва ҷолиброро пешниҳод кардааст. Асарҳои зиёди Суҳроб Шариповро номбар кардан мумкин аст, ки онҳо нақши босазои худро дар ба даст овардани сулҳи тоҷикон ва мустаҳкам кардани он, бунёд ва рушди давлатдории навини мо гузоштанд.

Аз ҷумла, «Демократикунонии муносибатҳои сиёсӣ» (2001); «Ояндаи Тоҷикистон дар ягонагист» (1998); «Дар ҷустуҷӯйи давлати устувор ва самаранок» (1999); «Барои Тоҷикистон Парламенти дупалатагӣ зарур аст?» (1999); «Равандҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1999); «Демократия дар Тоҷикистон роҳ ба сӯйи пешрафт (2001); «Истиқлолият, озодӣ ва демократия» (2011) ва ғайра.

Бояд қайд кард, ки дар ин ва дигар асарҳои худ Суҳроб Шарипов аз нигоҳи илмӣ ва талаботи воқеӣ равандҳои

ҳаёти ҷомеаро дуруст муайян карда, роҳҳои пешрафт ва хусусиятҳои онҳоро ошкор карда, барои ба маҷрои дуруст ворид намудани онҳо таклифҳои аз нигоҳи илмӣ асоснок ва саривақтиро пешниҳод кардааст.

Дар ин ҷода мехоҳам ба асари Суҳроб Шарипов **«Истиқлолият, озодӣ ва демократия роҳе, ки Тоҷикистон интихоб кардааст»** рӯй биёрем. Дар ин асар муаллиф таъкид мекунад, ки дар роҳи бунёди давлатдории навин набояд ба саросемагӣ роҳ дод. Эъмори чунин ҷомеа ва давлат, ки ба истиқлолияти давлатӣ, озодӣ ва демократия асос ёфтааст, бояд ба таври эволютсионӣ, пай дар пай бо рушд ва якҷояи ин арзишҳо пеш раванд. Чунин тарзи рушди ҷомеа боиси устувории сиёсӣ, таҳкими сулҳу ваҳдат ва пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёт ва фарҳангу маънавиёт хоҳад шуд.

Ин гуфтаҳои воқеъбинона ва илман асосноки Суҳроб Шарипов воқеан ҳам ҷавобгӯйи талаботи даврони соҳибистиқлолии кишварамон буда, ҳаёт худ ин гуфтаҳои олими нуктасанҷро собит сохт.

Заҳмату талошҳои чунин шахсиятҳо ҳаст, ки равандҳои рушди сиёсии ҷумҳурии соҳибистиқлоламон пайдар пай ва дар фазои сулҳу ваҳдат рушд меёбад. Рӯз ба рӯз ҳаёту зиндагии халқамон боз ҳам беҳтару хубтар ва Тоҷикистони азизамон ободтару зеботар шуда истодааст.

Дар ҳаёти кӯтоҳи худ Суҳроб Шарипов тавонист, ки барои халқу миллат корҳои назаррасро анҷом диҳад. Ӯ аз худ асарҳои зиёде боқӣ гузошт, ки онҳо барои рушди минбаъдаи Тоҷикистони азизамон мусоидат хоҳанд кард ва ному хизмату заҳматҳои Суҳроб Шариповро ҷовидон нигоҳ медоранд.

**Насими Фарух,**
ҳамсабақи Суҳроб Ш.
**18.04.2018**

# ЁДДОШТҲО

Сентябри соли 1983 соли панҷум ва охирини таҳсили ман дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов оғоз ёфт. Давлати абарқудрати Иттиҳоди Шӯравӣ дар шароити осоиштагӣ қарор дорад ва ҳеҷ чиз дар бораи ҳамагӣ баъди ҳашт сол пош хӯрдани ин кишвари бузург далолат намедиҳад. Шабҳои дароз мо бо ҳамдиёронамон ҳасрати давлати Сомониёнро хӯрда, дар бораи истиқлоли ҶумҳурииТоҷикистони азиз ҳамчун орзуи амалнашаванда сухан карда, зарурати ақалан дар бораи нигоҳ доштани анъана, забон, дин, мазҳаб, ҳувияту фардияти миллӣ талош карданро қайд мекунем. *(Ногуфта намонад, ки на кам аз ними тоҷиконе, ки дар шаҳри Душанбе зиндагӣ мекарданд, даврони шӯравӣ бо забони русӣ ҳарф зада, забони модариро намедонистанд)*.

Тирамоҳи заррин дар авҷ аст. Ин фасли беҳтарин дар Москва буд. Боронҳо баргҳоро тоза карда, дарахтҳо пироҳани зарду сурхро пӯшидаанд. Баъди борон офтоб баромада ҳаворо беандоза тозаву форам мекунад. Ин давраҳои охирини рӯзҳои гарму нарми дар Москваанд. Русҳо ин фаслро «бабье лето», яъне «тобистони занҳо» меноманд. Бо як ривоят ин ибора бо он сабаб пайдо шудааст, ки табиат охирин имкониятро барои занҳо барои омодагӣ ба зимистон–консервкунии меваю сабзавот барои фасли дуру дарози сармо медиҳад. *(Ривоятҳои дигар низ вуҷуд доранд, вале бо сабаби фаромӯш карданам, онҳоро рӯйи қоғаз оварда наметавонам)*.

Инак, соли таҳсили панҷум ман дар Донишгоҳи давлатии шаҳри Маскав ба номи Ломоносов оғоз ёфт. Имсол соли охирини таҳсил аст. Дили маро кам-кам зиқӣ фаро мегирад. Даврони беғубор, даврони хушбахт, даврони фаромӯшнашавандаи донишҷӯйӣ ба охир мерасад. Камтар вақт мегузарад ваман бо дӯстони ҷониям хайрухуш карда, ҳар якамон ба қитъаҳои гуногуни Ватани беканори Иттиҳоди Шӯравӣ пароканда мешавем.

Як бегоҳ дар оғӯши ин фикрҳо будам, ки дарро касе тақ-тақ карда, ба ҳуҷраам ворид шуда, худро шиносонд: «Акаи Фаррух, камина Суҳроб Шарипов ҳастам, аз Душанбе, донишҷӯйи курси якуми факултаи фалсафа. Бо нияти бо Шумо ошно шудан омадам».

«Бисёр хуб кардӣ, Суҳробҷон, хуш омадӣ»,– ҷавоб додам. Баъд аз ин Суҳробҷонро сари миз даъват кардаму суҳбатамонро оғоз намудем. Аз суҳбати аввал ман фаҳмидам, ки бо шахси нодир суҳбат мекунам. Ҳар як сухан, ҳар як фикр, ҳар як нияти вай бо Ватани азиз алоқаманд буд.

«Акаи Фаррух, ин чӣ гап аст! Мегӯям, ки аз Душанбеам, манро мепурсанд: «Ну как у вас в Туркменистане?». Ё ин ки агар «Ман аз Тоҷикистон» гӯям, маро мепурсанд: «Ваша же столица–город Фрунзе, да?». Охир онҳо чӣ хел ба донишгоҳ дохил шудаанд, ки ақаллан 15 ҷумҳурии Иттиҳоди Шӯравиро намедонанд. Мо ҳамаи ҷумҳуриҳо медонем-ку, ҳол он ки вақте мо давлат доштем, баъзе аз миллатҳо ҳатто ташаккул наёфта буданд. Магар дар бораи ватани Рӯдакию Синою Носири Хусрав надонистани донишҷӯёни Донишгоҳи Москва ҷоиз аст?»

Ман ба чунин падида ҳанӯз дар соли 1979 вохӯрда, то андозае ором шуда, Суҳробҷонро фаҳмонидам, ки вазифаи

мо тариқи муомилаи хуш дар бораи Тоҷикистон маълумот додан аст.

Марҳум Суҳробҷон ҷуссаи калон надошта, вале дили шерро дар қафаси сина дошт. Боре дар хобгоҳ нафари сархуш духтареро чақа шуда буд. Духтар ин бадмастро рӯйи хуш надода, хоҳиш кард, ки вайро ба ҳолаш гузорад. Дар ҷавоб ин нохалаф духтарро шурӯъ ба дашном додан намуд. Суҳробҷон он ноҷавонмардро эрод овард. Бадмаст ҷуссаи хурди Суҳробҷонро дида, вайро низ дашном доданро оғоз кард, вале ба охир расонида натавонист, чунки Суҳробҷон ӯро бо мушташ ду зарба заду разил аз по афтида, муддате ба ҳуш наомад. Ман дар ҳайрат монда гуфтам: «Суҳробҷон, ба қадду басти ту ин нобакорро ҷуръати гап задан худаш коре аст, балки ту вайро беҳуш кардӣ». Суҳробҷон хоксорона ҷавоб дод, ки он авбош сархуш буда, задани вай кори осон буд. Баъдтар ман фаҳмидам, ки Суҳроб бокс машқ мекардааст.

Бо Суҳробҷон суҳбатҳои дуру дарозро дар бораиояндаи Иттиҳоди Шӯравӣ ва Тоҷикистони азиз анҷом медодем. Он вақтҳо дар ҷумҳурии мо муаммоҳое буданд, ки ҷавонони имрӯза дар бораи онҳо тасаввурот надоранд. Доираи истифодаи забони тоҷикӣ маҳдуд мешуд. Ҷавонҳо дар мактабҳои русӣ хонда, забони модариро намедонистанд. Баъзан аз Душанбе ҳамдиёронамон омада, бомо бо забони тоҷикӣ муошират карда наметавонистанд, ҳол он ки, масалан, арманиҳо танҳо бо забони худ суҳбат мекарданд.

Маҳдудиятҳои муайян дар фаъолияти сохторҳои давлатӣ буданд. Дар ҳамаи ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ роҳбари дуюми КМ Ҳизби коммунистӣ рус буд, вале дар сатҳи вилоятию ноҳиявӣ дар ҷамоҳири Кавказ ва Назди Балтик ин талабот набуд, яъне роҳбарони дуюм аз халқи

маҳаллӣ буданд. Прокурори Тоҷикистон ва раиси Кумитаи давлатии амният рус буданд. Муовинони аввал дар Вазорати адлия, Суди Олӣ, ВКД ва дигар вазоратҳо рус буданд. Чунин талабот дар ҷумҳуриҳои Қафқоз ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо дар Ӯзбекистон вуҷуд надошт. Коргузорӣ бо забони русӣ сурат мегирифт, ҳол он ки дар як қатор ҷамоҳири шӯравӣ забони модарӣ истифода бурда мешуд. Аз чунин зулмат ва табъиз (дискриминатсия) мо ба ҳамдигар дарди дил мекардем ва орзу мекардем, ки ба Ватанамон хизмат карда, чунин вазъиятро бо талошҳои якҷояи қишри пешрафти ҷомеа тағйир диҳем, пеш аз ҳама, дар натиҷаи бедор кардани шуурнокӣ.

Моҳи январи соли 1981 «уқоб»-и ашадии сиёсат– Роналд Рейган, Президенти ИМА шуд. Аз рӯзи аввали кораш вай Иттиҳоди Шӯравиро «Империяи бадӣ» (Империя зла) эълон намуда, мубориза шадидро муқобили он оғоз намуд. Чунончи, ӯ лоиҳаи ташаббуси мудофиаи стратегӣ (стратегическая оборонная инициатива–СОИ)-ро пешниҳод намуд. Мувофиқи ин лоиҳа дастгоҳои пешрафтаи амрикоӣ дар кайҳон гузошта шуда, иншооту силоҳи хастаӣ (атоми)-и Иттиҳоди Шуравиро назорат бурда, дар ҳолати зарбазанӣ аз ҷониби Иттиҳоди Шӯравӣ мушаку ракетаҳоро безарар мегардонанд. Иттиҳоди Шӯравӣ эътирозҳоро бар зидди ин лоиҳа баён менамуд, вале маълум буд, ки сахт хавотир буд, зеро ҷавоби баробарарзишро ба ин ташаббус дода наметавонад. Яъне СОИ дар ҳолати пиёдагардии ин лоиҳа хатари бузургеро ба Иттиҳоди Шӯравӣ дошт. *(Таҷриба нишон дод, ки СОИ лоиҳаи аз ҷиҳати техникиву моддӣ иҷронашаванда буда, барои тарсонидани Иттиҳоди Шӯравӣ тарғиб шуда, ИМА ба мақсадаш расид. Иттиҳоди Шуравӣ дар давраи роҳбарии М.С. Горбачёв дар қарордодҳои*

*ихтисоркунии силоҳнокӣ гузаштҳои беасосу калон кард).* Ғайр аз СОИ ИМА чораҳои дигарро низ истифода бурд. Чунончи, дар Аврупо ракетаҳои «Першинг» ҷой дода шуданд. Оқибат, муносибатҳои ИМА ва Иттиҳоди Шуравӣ торафт сард мешуд. Мо роҷеъ ба ин масъала бо Суҳробҷон суҳбат мекардем. Вай мегуфт, ки пешрафти Иттиҳоди Шӯравиро ҳамчун давлат метавонад танҳо роҳбари қавӣ таъмин намояд. Ман меафзудам, ки ин аломати ҳамаи давлатҳои тоталитарӣ аст. Суҳробҷон мугуфт, ки он чӣ ки Иттиҳоди Шуравӣ муҳтоҷи дигаргуниҳо мебошад, мусаллам аст. Асоси иқтисодиётро фурӯши нафту газ ташкил мекунад. Ҳолати иқтисод аз нарху навои ин чизҳо вобаста аст. Бо вуҷуди он, ки миллионҳо гектар замин дар Қазоқистон обёрӣ шудааст, Иттиҳод гандумро аз давлатҳои дигар ворид мекунад. Сифати молҳои истеҳсолшудаи соҳаҳои гуногуни истеҳсолот, аз ҷумла саноати сабук, саноати автомобилӣ, саноати мошинасозӣ ба талабот ҷавобгӯ нест. Задухӯрдҳои мусаллаҳ дар Афғонистон нишон дод, ки омодагии Артиши Шӯравӣ низ беҳбудиро металабад. Шумораи сарбозон нисбат ба артишҳои Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ зиёд бошад ҳам, сатҳи касбияти Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравӣ пасттар аст. Моликият дар давлат танҳо моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ мебошад. Моликияти хусусӣ вуҷуд надорад, ки ин ташаббусу имкониятҳои бузурги шаҳрвандонро маҳдуд мекунад. Хуб мешуд, ки моликияти хусусиро ақалан дар соҳаи савдову хӯроки умумӣ иҷозат медоданд. Ман меафзудам, ки Ю.В. Андропов аз афташ зарурати тағйиротро мефаҳмад ва аз пурзӯр кардани интизому тартибот оғоз намуд, аммо ин кофӣ нест. Бояд дигаргуниҳоро дар соҳаи иқтисодиёт ва артиш оғоз намуд.

Чи хеле ки маълум аст, Андропов соли 1984 аз олам даргузашт ва ҷойи вайро К.У. Черненко гирифт. Суҳробҷон мегуфт, ки Черненко хеле хуб кард, ки тағйиротро дар соҳаи маориф оғоз намуд, лекин дигаргуниҳои куллиро дар дигар соҳаҳо гузаронидан лозим аст, вагарна оқибати Иттиҳоди Шӯравӣ хуб нест. Албатта, Суҳробҷон дар он шакле, ки соли 1991 сурат гирифт, пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравиро намедонист, вале дар ин ё он шакл оқибати сангини ин давлатро дар асоси таҳлилҳояш пешгӯйӣ кард.

Охирҳои солҳои 1970-ум ходими давлатии Чин Дэн Сяо Пин тағйироту бозсозиҳои куллиро дар давлат оғоз намуд. Иттиҳоди Шӯравӣ сиёсати Чин, пеш аз ҳама, сиёсати дарҳои бозро танқид мекард. Суҳробҷон, ки дар факултаи фалсафа мехонд ва аз нозукиҳои иқтисодиёт огаҳ набуд, иқтисоди сиёсиро муфассал омӯхта, вақти зиёдро барои консултатсия бо олимони иқтисоддон сарф намуда, масъаларо барои худ аниқ кард. Вай боре назди ман омада гуфт, ки таҷрибаи Чинро на мавриди танқид, балки мавриди омӯзиш қарор додан даркор. Асоси иқтисодиёт тағйирнаёфта, ҳамзамон ботадриҷ, қадам ба қадам дигаргуниҳо оғоз ёфта, моликияти хусусӣ иҷозат дода шудааст. Чин таҷрибаи дигар давлатҳоро дар соҳаҳои гуногун (дар варзиш, кайҳоншиносӣ, соҳаи иҷтимоӣ–таҷрибаи Иттиҳоди Шӯравиро дар иқтисодиёт, таҷрибаи давлатҳои Ғарбро дар фаъолияти кооперативҳо таҷрибаи Югославия)-ро омӯхта, тадриҷан қадам ба қадам иқтисоди бозаргониро ҷорӣ намуда, он чиро, ки давлат дар чиҳил соли сотсиализм ноил гашт, нигоҳ дошта истодааст. Суҳробҷон пешгӯйӣ мекард, ки қарни бистуяк асри Чин мешавад.

Ин ҷо ду бузургии Суҳробҷонро гуфтаниям: Якум, даҳсолаҳо гузашту, он чизе, ки пешгӯйӣ кард, амалӣ шуд. Дуюм, доираи васеи мафкуравӣ, ғановати матлаби вайро

бибинед, ки файласуф масоили иқтисодиро ба истилоҳ «ҳавсала» карда омӯхтааст.

Солҳои таҳсил ба охир расид, Суҳробҷон барои кор кардан дар Москва монд, соҳиби касб, ҳунар, обрӯ, ҷойи кор бо маоши баланд шуд, вале вақте ки Ватан даъват кард, соли 1998 ба Тоҷикистон ба кор омада, маоши ҳашт сомониро мегирифт. То охири умри начандон тӯлониаш Суҳробҷон вазифаҳояшро содиқона адо кард.

Суҳробҷон сарбози аслии Ватан буд. Ӯ камбудиҳоро қотеона танқид мекард, лекин ин танқиду софдилона буд, танқиди ғамхорона.

Бемории вазнини Суҳробҷон бемории ғайричашмдошт буд. Ман як бор вайро дар беморхона хабар гирифтам. Маълум буд, ки беморӣ вазнин аст, валеханда аз лаби Суҳробҷон намерафт. Вақте ки Суҳробҷон дар шуъбаи эҳё бистарӣ шуд, ман имкон доштам танҳо тавассути телефон суҳбат кунам. Аз садои вай маълум буд, ки ӯ хеле афгору мариз аст. Ба ин нигоҳ накарда, Суҳробҷон маро дар бораи зиндагӣ, аҳли оила пурсупос карда, дар бораи мушкилоти вобаста ба диссертатсия, ки нияти навишта ҳимоя кардан доштам, суҳбат карда, маслиҳатҳоро барои ҳарчӣ зудтар анҷом додани ин кор медод.

Хонандаи азиз. Қазоват кунед. Одам дар дами марг аст! Лабханд аз рӯяш дур намешавад. Одам дар дами марг аст, аммо дар бораи мушкилоти даҳумин дараҷаи дӯсташ ғамхорӣ мекунад. Ин аст мардонагӣ! Ин аст иродаи қавӣ! Ин аст матонат!

Чанд фикри ин ҷо баён карда қатраест аз баҳре, ки метавонист, ки будани Суҳробҷонро ифода кунад. Вай сазовори офаридани достон аст. Умед дорам, ки устодони қалам ин достонҳоро меофаранд.

Ёдат ба хайр бод, Суҳробҷони азиз!

**Раҳмонов Бахтиёр Шарипович,**
полковиник, дӯсти ҷонии марҳум
Суҳробҷон Шарипов
05.06.2015

## Ӯ ҲУДРО ҲЕҶ ДИГАР НАКАРД

Гӯянд, ки инсон ҷоизу-л-хатост. Аммо бехато танҳо Худованди мутаъол мебошад. Ва чун ин ҳарфҳо ба хотири дӯсти гиромӣ иншо мегардад, сифатҳои беҳтарини ӯро зикр хоҳам кард. Ва инсони ҳаққонӣ низ ҳамон аст, ки сифат ва ахлоқи ҳамидааш афзунтару бештар нисбат ба ҷиҳатҳои дигараш ифода ёбанд.

Муҳим он аст, ки Суҳроб Шарипов шахсиятест, ки инсонию одамгарӣ, одобу таҳаммул, сабру ҳикмат, фурӯтаниву хоксорӣ, озодандешиву фикри ноб баёнкунанда буду чунин монда… Ӯ арбоби сидқиву самимият, меҳнатдӯсту ҷонфидои меҳан буд.

*Фард мегирад зи миллат эҳтиром,*
*Миллат аз афрод мееёбад низом.*

Чунин олимон ками дар каманд, яъне ангуштшуморанд, ки роҳи ҳаёт ва фаъолияти меҳнатиашон боиси пайравист ва онҳо барои идомаи зиндагӣ ва намунаи шоистаи ҳаёт зебандаанд.

*Ҳар шаб зи худат бипурс агар ту мардӣ,*
*К-имрӯз чи хидмате ба мардум кардӣ?!*

Дар ҳақиқат ҳар шахси шарифу накуном, рӯз аз хештан пурсон бошад, чӣ мадади шоён ё ҳадди ақал назаррас ба мардум, ҷомеа кардааст.

Бо боварии комил гуфта метавонам, ки ин аст маънии зиндагӣ,ин аст мафҳуми ҳаёти рӯзмарраи ҳар инсони виҷдони покдошта.

Суҳроб Ибронович ин шахси ҳамешаҷавон, наҷибу инсонпарвар тамоми ҳаёти бошууронаи худро сарфи хидмати содиқона барои мардуми шарифи Хатлону Бадахшон, Ҳисору Раштонзамин, Вахёву Зарафшон ва куллан қаламрави Тоҷикистон кардааст, барои амалӣ гардидани мақсадҳои олии ҷомеа саҳми сазовор боқӣ гузоштааст.

Ба кадом гӯшае сафар нанамоӣ, ҳамаи одамоне, ки бо тақозои замон ва фаъолияти меҳнатиашон бо Суҳроб Шарипов шиносоӣ доштаанд, ӯро ҳамеша бо некӣ зикр мекунанд, роҷеъ ба хислатҳои наҷиби инсондӯстӣ ва меҳмоннавозиаш мисолҳои бешумор меоваранд, авсофашро ман на танҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишварамон, балки дар беруни қаламрави Тоҷикистон, давлатҳои дуру наздик борҳо шунида, аз он гувоҳ ва шоҳидӣ медиҳам.

*Ёрон ба номи пуршарафат фахр мекунанд,*
*Аз рӯзи неки мардуми ту ифтихори туст.*
*Дар ҷашнгоҳи оби бақо манзалат бувад,*
*Рӯзии ташнагон зи сари обшори туст.*

Дар тӯли ҳаёти ҷавонмардонааш Суҳроб Шарипов ҳеҷ гоҳ аз пайи боигариву сарват, ғанӣ гардониданаш нарафтааст. Ҳарчанд дар мақомоти баландпояи ҳукумату давлатӣ кор мекард ва шояд имконият дошт, ба мисли бархе аз вазирону вакилону роҳбарони корхонаҷоти феълӣ хонаҳои баландошёнаи боҳашамат, кӯшку фароғатҳои замонавӣ созад, мошинҳои гаронбаҳо дастрас кунад ва ғайра, лекин ин гуна амалро ҳеҷ пеша накард, таълиму тарбияе, ки гирифта буд, ба ҳирс нафрати зиёд дошт. Ӯ гаштаву баргашта таъкид мекард, ки ҳарис ма-

бош, зеро вай аланга мебошад, рӯзе мерасад, ки тамоми меросу давлататро оташ зада месузонанд!

Суҳроб Иброновuч фарзандону хешу табор, дӯстону рафиқон, таҳқиқ ва корҳои нектаринро сарвати бебаҳои зиндагии худ медонист.

Воқеан ҷавҳари фард аз миллат камол меёбад. Ва он марде, ки бо ҷомеа ёр аст, ҳамеша пирӯз, сарбаланд ва ифтихорманд мебошад. Дӯст ва бародарам Суҳроб Шарипов аз ҷумлаи соҳибфитратони замони мо, хирадманди даҳр, намакшиноси ҷомеа, дӯсти беғараз, арбоби илму фарҳанг, ходими давлат аслан мардумшиноси ҳақбин ва ҳақгӯй буд.

Вай хоку буми Тоҷикистон, марди марди тоҷикист. Ғамхори бономуси миллати безавол мебошад. Дидадарову ҳақназар, сулҳҷӯю озодмардро Лоиқ шеър бахшидааст:

*Гар ту дорӣ доғи дарди тоҷикӣ,*
*Ростиро, марди марди тоҷикӣ!*

Суҳроб Шариповро воқеъан гавҳараш тоҷикист. Бо он ки фарзанди водии Вахё аст, вале ифтихор аз тамоми қаламрави Тоҷикистон мекард. Ба номбурда чун марди бофаросат арҷ мегузоштам, чунки дӯстиву муҳаббати самимӣ дошт.

Суҳроб Иброновичро на танҳо роҳбари коромузда, ташкилочии хайрандеш, ҳамзамон дар пешрафти илми кишварамон саҳми арзанда гузоштааст. Мақолаҳои илмии мавсуф дар мавриди сиёсати сулҳу субот, ваҳдат чи гуна ҷанбаъҳову оқибатҳои стратегӣ дорад, аз пажӯҳиши бунёдӣ маҳсуб мешавад. Рисолаҳои номзадиву доктории ӯ воқеан бо бозёфтҳои илмиву пажӯҳишӣ беназиранд, ки пайравону шогирдонаш аз сайди маънии ақидаҳои илмии

устод имрӯзу фардо маншаи тоза ба тоза мегиранд. Суҳроб эзидофариди моҳи апрел буд. Моҳи оғозу баракати сол, оғозу пойдории баҳор, моҳи бедориву ривоҷи табиат, баъзеҳо ҷонибдори ақидае ҳастанд, ки Одам алайҳиссалом ҳам дар ҳамин моҳ рӯҳ дар ҷасадаш дамида шуда. Шояд ҳамин нахустинҳо ба тақдири номбурда пайваста бошанд, ки аз миёни тоҷикон аз нахустин донандаи илми сулҳу субот, ваҳдати миллӣ аз эътибор соқит нест. Ӯ мегуфт, ки тақдири камташвишу бемашаққат, каммуқовимату бемуамморо эътироф надорам. Маҳз тарбияву насиҳатҳои падари маҳбуб профессор Иброн Шарипов буданд, ки писарашон бо дуъои қиблагоҳ сазовори обрӯ, ҳурмати аҳли ҷомеъа гардид.

Ҳаёт исбот мекунад, ки дӯсти асилро ҳеҷ неъмат наметавонад иваз намояд. Ин эҳсоси муқаддас аз қаъри дил ва мағзи ҷон бармехезад. Фарозу нишеби зиндагӣ ва кирдори замон қурби онро намекоҳонад, арзиши ин меҳри инсониро кам намекунад. Танҳо дӯстони ҷонӣ метавонанд рафоқати сидқиро ба роҳ бимонанд. Ҳеҷ як фазои ғуборолуд покии чунин дӯстии ҳақиқиро, ки ба муҳаббати соф ва самимияти саршор асос ёфта, доғдор нанамояд.

Решаи дӯстии ман бо инсони пуршафқат, шахсияти обрӯманду соҳибнанг Суҳроб Шарипов аз саргаҳи дарёи хурошони меҳри бегазанд, ки доим дар талошу ғалаёни дидор аст, об мехӯрад.

Ганҷи ноёб ва бузургтарин неъмати дӯстам Суҳроб ин фарзандонаш мебошанд, ки имрӯз дар пойтахти кишварамон шаҳри Душанбе дар тарбияи модарашон мебошанд. Муҳити оилавиаш саршори ҳикмат, фазои лабрези эҳтирому қадрдонист. Ҳамсари меҳрубон ва фарзандони солеҳ тору пуди хушбахтию некномии шодравон мебошанд.

Имрӯз садҳо мутахассисони соҳибтаҷриба дар мақомоти гуногуни давлатӣ, дигар сохторҳои ҳукумат кору фаъолият доранд, ки худро шогирд ва самараи мактаби тарбиявиву санъату истеъдоди сарварии Суҳроб Ибронович медонанд.

Ҳар соли ҳаёти муносибу намунавии Суҳроб Шарипов соли ҳизмату пайкор барои нақш гузоштан дар пешрафти ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, омода намудани кадрҳои ҷавону лаёқатманд будааст. Ба чунин толеи баланд ва шарафи олии мардумӣ ноил шудан на ба ҳар кас муяссар мегардад. Танҳо дасти пок, дили гарм, мағзу ҳуши некбинона имкон дод, ки инсон аз хирмани умр чунин ҳосили фаровон ва пурқадр барорад чун Суҳроб, ки худодод аст.

Ман аз он ифтихор дорам, ки бо Шарипов Суҳроб Ибронович аз наздик шинос будам, мубодилаи афкор доштан, баҳсҳо мекардем, ақидасанҷӣ бароямон маъмулӣ буд.

Миёни рӯшанфикрони ҷумҳурӣ ӯ мақому обрӯи хоса дорад, обрӯи эътибори сиёсат, илм ва фарҳанги кишварамон ба ҳамин гуна шахсиятҳо ниёз дошта, аз онҳо вобастагӣ дорад.

Ҳарчанд ки Суҳроб Шарипов дар қайди ҳаёт набошанд ҳам, мақсаду маромаш шукуфоии кишвари азиз, рушди илму парламентаризм, нашъунамои мардуми Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд. Зеро фарзанди ин кишвар мебошаду фарзандвор нумӯву шукуфоӣ ва такону пешравии онро дар амал табиқ мекард.

Дустам, Суҳробҷон ёдат дар дилу хотираам нақши доимӣ бастааст. Рӯҳат шод бод, қабрат пурнур!

**Фаррух Умаров,**
мушовири бахши Ёрдамчии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
05.04.2015

## ВОРИСИ АСИЛ

Дар саргаҳи фарҳанги сиёсии тоҷикон сиёсатмардоне қарор доштанд, ки илми сиёсатро ба авҷи аълои худ расонидаанд. Зиёда аз ин, метавон бидуни муболиға тасдиқ кард ва ба исбот расонид, ки онҳо дар таърихи башарӣ асосгузорони сиёсати амалгаро (pragmatic) ва воқеъгаро (realpolitic) низ будаанд.

Маҳз зуҳури тобноки чунини шахсиятҳо дар таърихи сиёсии тоҷикон заминаи қавии илми сиёсатшиносӣ ва дар ин ҷода пайванди ногусастании наслҳоро таъмин намуд. Низомулмулк яке аз онҳост. Маҳз ба фарҳанги сиёсии амалгаро ва воқеъгарои даврони Сосониёну Сомониён такя намуда, ин вазири донишманд тавонист, ки бо тадбиру машваратҳои хеш империяи аҳди Салоҷиқаро аз фурӯпоши эмин дошта, ба низом дарорад (тахаллуси Низомулмулк ба ҳамин маънист) ва ба як қудрати бузурги ҷаҳонӣ мубаддал созад.

Беҳуда нест, ки Маликшоҳ, яке аз салотини муқтадири даврони салҷуқия бо арҷгузорӣ ба асари ягона ва нотакрори Низомулмулк «Сиёсатнома», бо камоли ифтихор мефармояд: «Ман ин китобро имоми хеш кардам ва бар ин хоҳам рафт».

Ва ин суханон дар давроне гуфта шудаанд, ки Қуръон нахусткитоби ҳуккому салотини он даврон будааст ва ҳамчун дастурамали умури давлатдорӣ мавриди истифода қарор доштааст.

Ба таъбири дигар, метавон гуфт, ки Низомулмулки тоҷик муаллифи нахустин Конститутсия дар қаламрави ислом низ ҳаст.

Шояд суоле матраҳ шавад, ки чаро дар хотироте, ки ба шодравон Суҳроб Шарипов бахшида мешавад, сухан аз Низомулмулк меравад?

Гап дар сари он аст, ки чанд муштаракоте ҳаст, ки ин ду шахсияти сиёсиро ба ҳам рабт медиҳанд:

1. Нубуғи ҳар дуи ин шахсиятҳо дар солҳои ҷавонӣ буруз кард ва ҳар ду хеле ҷавон (Низомулмулк дар 29-солагӣ ва Суҳроб дар 52-солагӣ), яъне дар айни камолоти эҷодӣ дунёро падруд гуфтанд;

2. Ҳам Низомулмулк ва ҳам Суҳроб ба шарофати истеъдоду дониши фитрию иктисобии хеш дар ҷавонсолӣ ба мақомоти баланди давлатӣ ноил гаштанд, ки дар Шарқи исломӣ ками дар кам ва ба нудрат воқеъ мешавад;

3. Ҳар дуи онҳо ба таъбири худи Низомулмулк гӯем, «ба сухан гуфтан далер» буданд.

Суҳроб Шарипов аввалин сиёсатмадоре буд, ки ба муқобили қумондонсолорӣ ва коррупсия садои эътироз баланд кард.

Мавқеи устувори ақидатии Низомулмулк бошад, боиси он гардид, ки мавриди террор қарор гирифт ва дар 29-солагӣ аз ҷаҳон чашм пӯшад.

4. Барои ҳар дуи ин шахсият сиёсат василаи обод кардани давлат буд, на қонеъ кардани ғаразҳои шахсӣ ё ба истилоҳи муосир гӯем, карьеризм. Тамоми саъйи онҳо, ба ин маънӣ, ба он равона шуда буд, ки пояҳои давлатдорӣ мустаҳкам гарданд. Яъне манфиатҳои давлатӣ барояшон бартар аз манфиатҳои шахсӣ будааст.

5. Ва дар охир, онҳо тавонистанд, ки дар фарҳанги сиёсии мардуми тоҷик як такони ҷиддӣ ба вуҷуд оранд, ки ин мавзӯи дигар аст.

Ба ин минвол, метавон бо камоли боварӣ изҳор кард, ки ҳаводиси рӯзгор натавонистааст, ирсияти генетикии тоҷиконро маҳв кунад.

Бо вуҷуди он ки мардуми тоҷик чандин империяҳоро пушти сар кардааст, қисми аъзами осори таърихӣ ва илмию фарҳангӣ ва ҳатто марзу бумашро аз даст додааст, чандин бор забону хаташ ҷабран иваз шудааст, вале маҳз ирсияти генетикии он, ки дар тавоноӣ шояд дар ҷаҳон беназир бошад, боис шудааст, ки аз нав эҳё шавад,  садҳо шоирону олимонро ба оламиён эҳдо кунад ва ин раванд абадулобод идома хоҳад дошт.

Сарнавишти Суҳроб Шарипов – ворисi асили Низомулмулк метавонад бар ин гуфтаҳо бурҳони қотеъ буда бошад.

Фаррух Умаров дар сӯгвории дӯст ва ҳамкорам, олими маъруфи тоҷик, вакили мардум, доктор ва профессор Суҳроб Шарипов

Мурғи дили ман бимурд аз рафтани ту,
Аз дарду алам фишурд аз рафтани ту.
Дарди ту даво надошту мо - бечора,
Ин ғусса маро бихӯрд аз рафтани ту.

«З - овардани мо набуд гардунро суд»,
Гӯянд, вале умри ту ин гуна набуд.
Умри ту ба ҷоҳу иззи дониш бифузуд,
Ҷастӣ бурун аз қайди хурофоту рукуд.

Имрӯз, ки тифлакони ту гирёнанд,
Аз рафтани ногаҳони ту ҳайронанд.
Дар зери замини сард аз сузу гудоз,
Ҳам модару ҳам падар ҷигарсӯзонанд.

Марги ту, вале на хатм, эҳё шудан аст[1],
Бо номи наку ба ёдҳо ҷо шудан аст.
Марги ту раҳе зи олами ҷисмонӣ,
Дар олами маънавӣ муҷалло шудан аст.
Гӯри ту, ки як рӯз шавад нопайдо,
Он гуна, ки расм аст дар ин куҳнасаро.
Номи ту, вале чу кӯҳсори тоҷик,
Монад ҳама умр зиндаю побарҷо.

(Рӯзномаи «Миллат», с. 2015).

**Раҷаби Мирзо,**
рӯзноманигор http://tojnews.org/tj/news/durbini-khukumat-charo-khukumat-sukhrob-sharipovi-digar-nadorad

## ДУРБИНИ ҲУКУМАТ. ЧАРО ҲУКУМАТ СУҲРОБ ШАРИПОВИ ДИГАР НАДОРАД?

**Се миссияи Суҳроб**

Пайдоиши Суҳроб Шарипов дар командаи Президент Эмомалӣ Раҳмон як падидаи хос ва то ҷое истисноӣ ба шумор мерафт. Зимнан, бояд зикр намуд, ки номи ӯ дар ибтидои солҳои 2000-ум расонаӣ шуд. Маҳз дар ин давра ӯ бо назарҳои хоси коршиносонааш дар расонаҳои хабарии ватаниву хориҷӣ пайдо гардид. Дертар, чун ба дастгоҳи

[1]Ин мисраъ моли Умари Хайём аст.

иҷроияи Президент ба кор шурӯъ кард, якбора ба шахси хомӯш табдил ёфт. Хомӯшие, ки маъниҳоро дар худ ҷо медод...

Агар мо, дар маҷмӯъ, фаъолиятҳои Суҳроб Шариповро раддабандӣ кунем, онро имкон дорад, ба 3 давра тақсим кард:

**1)** ибтидои солҳои 2000-ум (замони чун таҳлилгар ва баъдан корманди Дастгоҳи Президент пайдо шуданаш);

**2)** соли 2006 (дақиқтараш пеш аз маъракаи интихоботи президентии соли 2006);

**3)** соли 2011 (замоне, ки ӯ ба Парлумон интиқол ёфт).

Ҳарсеи ин давра махсусиятҳои вижаро дар худ ҷо медиҳанд.

Масалан, ибтидои солҳои 2000, хоса пас аз ҳаводиси 11 - уми сентябри соли 2001, вазъияти умумии минтақа шакл иваз намуд. Афғонистон ва он чи, ки дар ин кишвар мегузашт, барои Тоҷикистон ва мамолики дигари Осиёи Марказӣ ҳушдор медод, ки минтақаро таҳаввулоти ҷиддӣ интизор аст. Ёдовар мешавем, ки то ин замон Ҳукумати Тоҷикистон ҳамкории танготанг танҳо бо Русия дошт. Президент Эмомалӣ Раҳмон, ҳатто дар як матлаби худ дар нашрияи “Независимая газета” (соли 2000) ба Кремл ошкор гуфт, ки Душанбеи расмӣ аксари корхонаҳои давлатиашро бо он умед хусусӣ накардааст, ки интизор дорад русҳо ба онҳо маблағгузорӣ мекунанд. Суҳроб Шарипов, ки нав аз Маскав омада буд, ин замон бештар тариқи расонаҳои хабарӣ, аз ҷумла телевизионҳои ҳукуматӣ таҳлилгарӣ мекард ва кӯшиш менамуд вазъиятро барои ҷомеа ва ҳукумат дуруст арзёбӣ кунад. Дуруст аст, ки аксари ин таҳлилҳо “призмаи русӣ” - ро мемонданд. Шояд натиҷаи ҳамин буд, ё ҳар чизи дигар,

ки андактар ӯ барои кор ба дастгоҳи Президент даъват гардид...

Интихоботи президентии соли 2006-и Тоҷикистон дар марҳалаи бисёр ҳассоси вазъи минтақавию ҷаҳонӣ баргузор шуд. Ин замоне буд, ки вазъи геополитикии Осиёи Миёна ҳар замон тағйир меёфт. Чунин ивазшавии ҳолат бештар ба он иртибот дошт, ки ҳукуматҳои кишварҳои минтақа тамоюлҳои сиёсии худро зуд-зуд дигар мекарданд. Қирғизистон аллакай як инқилобро аз сар гузаронида буду ҳанӯз маълум набуд, ки рӯҷониби Кохи Сафед дорад, ё Кремл. Ӯзбекистон пас аз ҳодисаҳои моҳи майи Андиҷон якбора пушт ба Ғарбу рӯ ба Русия кард. Тоҷикистон низ як сол пеш бо Русия масъалаи сарҳадбонони ин кишвар дар марз бо Афғонистонро бознигарӣ кард. Бар илова, мавзӯи сохтмони нерӯгоҳи Роғун бо Русия ба бунбаст рафту дар муносиботи ду кишвар тағйир ба вуҷуд омад.

Дар чунин лаҳзаи ҳассос неруҳои нисбатан ҷиддии сиёсии Тоҷикистон низ гӯё забон як карда бошанд, ки аз ширкат дар интихоботи президентӣ даст кашиданд. Интихобот ба ҳар ҳол баргузор шуд, вале минбаъд бояд фазо тағйир меёфт. Ин замоне буд, ки Суҳроб Шарипов роҳбари Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистонро ба зимма дошт. Ин марказ муассисаи давлатии илмию тадқиқотӣ, иттилоотию таҳлилӣ ва машваратӣ ба шумор рафта, бевосита ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст. Вазифаҳои асосӣ ва умдаи Марказ аз таҳлил ва пешгӯии равандҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавию фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон иборат мебошанд. Мусалламан ин марказ фаъолиятҳое ҳам дорад, ки маҳз ба маркази асосии қабули қарор – Президенти кишвар ироа мешаванд.

Суҳроб Шарипов дар замоне, ки ин муассисаи давлатиро роҳбарӣ мекард, мегуфт муаллифи Консепсияи ислоҳоти сиёсӣ ва конститутсионӣ дар кишвар мебошад, ки мувофиқи ин санад бояд баъзе аз ваколатҳои Президент ба нафъи порлумон ва сарвазир кам карда шаванд. Ин санад ба қавли Суҳроб Шарипов дар дасти Президент қарор дошт ва то охири умр изҳори умедворӣ кард, ки ба порлумон пешниҳод хоҳад шуд (гумон накунам тағйир додани Қонуни асосӣ, ки ҳоло баҳсаш идома дорад, ба лоиҳаи Суҳроб Ибронович ягон умумият дошта бошад).

Бар илова, ӯ бо суҳбатҳои нисбатан ошкори худ он замон бисёриҳоро ба ҳайрат овард. Ҳукумати Тоҷикистон гӯё ба ин васила исбот кардан мехост, ки ба унсур ва арзишҳои демократӣ вафодор асту Ғарб набояд инро нодида гирад.

Аммо аҷиб ин буд, ки пас аз интихобот ва шакл гирифтани ҳукумати нав ҳам «ҳарорати интиқодии» Суҳроб Шарипов поин намерафт.

Бовуҷуди ҳамаи он мушкилоте, ки Суҳроб Шарипов дар бораашон суҳбат мекард, ӯ мегуфт ба Президент вафодор асту то вақте дар қайди ҳаёт ҳаст софдилона барои ӯ хизмат хоҳад кард.

**Сипари ҳукумат**

На танҳо дар масоили ватанӣ, балки хориҷӣ ҳам Шарипов нуктаҳоеро мегуфт, ки бисёриҳоро дар ҳайрат меовард. Аз ҷумла, маҳз ӯ буд, ки мавзӯи ба монополия табдил додани бензини Тоҷикистонро аз сӯи “Газпром” ба баҳс кашид ва онро барои кишвари мо хатарбор унвон намуд. Вақте мавзӯи пойгоҳи низомии Русия ва ҳамкориҳои ҳарбии ду кишвар ба баҳси гарм табдил ёфт, Суҳроб Шарипов буд, ки мегуфт Кремл саҳми Тоҷикис-

тонро нодида мегирад. “Зеро дар Тоҷикистон маҷмааи “Окно” –и Русия қарор дораду ҳангоми ягон кишвари абарқудрат ба Русия ҳамла кардан, эҳтимоли ба Тоҷикистон ҳамла кардани он аз назар дур нест». Дар масъалаи истифодаи Маскав аз «қартаи муҳоҷирон» низ Шарипов мавзӯъро ба паҳлӯи мантиқдоре рӯ ба рӯ кард. Ӯ гуфт ихроҷ кардани муҳоҷирони тоҷик аз Русияро фаҳмида наметавонад. «Масалан, дар Амрико миллионҳо эронӣ ба сар мебаранд, аммо дар куҷо шунидаед, ки ҳукумати ИМА онҳоро барои мушкил доштанаш бо режими Теҳрон аз хоки худ пеш карда бошад?».

Ҳини пайдоиши «қазияи халабонҳо» дар соли 2011 Суҳроб Шарипов танҳо аз мақомдорони баландпояи тоҷик буд, ки на фақат ба шарҳи ҳодиса пардохт, балки онро барои дарёфти манфиат ба ҳукумат «самти нав» дод. Ба таври дигар, бетафовутии мақомоти русӣ, хоса сафорати Русия дар Душанбеву вазорати корҳои хориҷии ин кишварро дар 8 моҳи боздошти халабонҳо ба гунае шарҳ дод, ки доираҳои таҳлилӣ ба фикр рафтанд. Инро метавон «омили дуркунанда» (отвлекающий маневр) номид, ки дар сиёсатҳои ҷаҳон зиёд истифода мешавад. Чун халабонҳо раҳо шуданду аммо мавзӯи равобити ду кишвар ҳамоно печида боқӣ монд, Шарипов навишт, ки Тоҷикистону Русия дигар наметавонанд аз рӯи режими қаблӣ кор кунанд, балки ба формати нави муносибат ниёз доранд. Аммо ин формат кадом асту бояд чи гуна бошад, ӯ шарҳ надод...

Замони расмиёт додани асноди заминҳои ба Чин додаи Тоҷикистон ва дубора гарм шудани ин мавзӯъ низ Шарипов ба майдон баромад ва боз ҳам аз мавқеи ҳукумат ва Президенти худ ҳимоят кардан хост. Ӯ гуфт, агар Тоҷикистон ин заминҳоро ба Чин намедод,

эҳтимол Пекин тасмим мегирифт, ки бо зӯри силоҳ онҳоро соҳиб шаваду дар он сурат кишвари мо бохти бештаре медошт.

**“Ҳамла” -ҳои парлумонӣ**

Соли 2011 аз курсии раҳбари МТС барканор шудану муддаӣ гардидани Суҳроб Шариповро ба курсии Маҷлиси намояндагон ҳаргуна шарҳ доданд. Гурӯҳе гуфтанд, ки азбаски “аз бинӣ боло” гап зад, “ҷазо” гирифту “бадарға” шуд. Онҳое ҳам буданд, ки мегуфтанд бо бурдани Суҳроб Ибронович ба парлумон, ҳукумат мехоҳад “нони” баъзе номзадҳое, ки зиёд ҳарф мезананд, “нимта” кунад. Ишораҳое ҳам буд, ки тасмими ҳукумат аз интихоби Суҳроб тақвият додани парламентаризми миллӣ ва ҷомаи демократӣ пӯшондан ба он аст.

Ҳарчӣ буд, ё не, бисёриҳо то ҳанӯз “ҳамла” – и депутат Суҳроб Шарипов ба вазорати энергетика ва саноат дар хотир доранд. Вазир, ки қонун «Дар бораи ангишт» - ро муаррифӣ мекард, мавриди бархӯрди ногаҳонии “одами худӣ” қарор гирифт:

– Чаро таи даҳ соли ахир вазорати энергетика натавонист як нерӯгоҳи барқи ҳароратӣ бунёд кунад? Дар ҳоле, ки дар ин замина созишномаҳо низ ба имзо расида буданд. Агар ин созишномаҳо иҷро мешуданд, имсол мардуми Душанбе бо оби гарм ва нерӯ таъмин мегардид!

Депутат Шарипов бо интиқодоти зиёд унвонии ин вазорат гуфт дастовардҳое, ки Тоҷикистон дар бахши энергетика дорад, ба Вазорати энергетика ва кормандони он вобастагӣ надоранд. Зеро ин ҳама маҳсули ва меҳнати кори Президент Эмомалӣ Раҳмон аст.

Шояд гирифтани номи Президент дар ин ҳол барои депутат самимона буд ба ҳар сурат, ӯ худро парвардаи

мактаби сиёсии Эмомалӣ Раҳмон ва шогирди аслили ӯ медонад.

**Шахсияти озод, яъне аз касе муттаҳам не!**

Ин гуна бархӯрди як нафари ҳукуматӣ бегуфтугӯ савол ва ҳатто мавзӯеро ба вуҷуд меорад, ки сабаби аслии ғаюрии Суҳроб Шариповро бояд аз куҷо дарёфт?

Коршиносон чунин мустақилияти директори МТС-ро дар кул чунин шарҳ медиҳанд:

1) Ӯ ба сифати «дудбаро» хизмат мекард, яъне гоҳҳо бо мусоҳибаҳои Суҳроб Шарипов ҷомеа гӯё мутмаин мешуд, ки ҳукумат дар бораи мушкилоту масъалаҳои онҳо огоҳ асту роҳи ҳалро ҷӯёст;

2) Азбаски муттаҳамӣ аз касе надорад, бинобар ин забони дароз ва сари баланд дорад.

Дар тиб доруе бо номи «панатсея»ҳаст, ки онро дармон ба ҳама намуди беморӣ меноманд. Ба назар чунин менамояд, ки Суҳроб Шариповро ҳукумат ба амсоли ин дору истифода бурдан мехост: ҳар куҷо мушкил пеш омад, ӯро мефиристоданд!

Шояд ин ҳама ба саломатии худораҳматии Суҳроб беасар намонду ӯро аз байни мо зуд бурд. Аммо ҳаёти кӯтоҳ ва фаъолиятҳои ӯ дар ҳукумат нишон дод, ки чунин шахсиятҳо барои ҳар ҳукумат хеле заруранд. Хоса дар шароити имрӯз, ки дар сиёсатҳои хориҷии худ ҳукумат аз нав танишҳоеро эҳсос мекунад.

Аммо фаъолияти Суҳроб Шарипов нишон медиҳад, ки агар ҳар кадом аз вазирон ва масъулини ҳукумат дар мақоми худ як нафари арзанда, ҳирфаӣ ва то андозае мустақил бошанду сиёсату тиҷоратро омехта накунанд, имкон дорад, ки ба дарки умқи масъалаҳо рафта, бисёре аз мушкилоти ҷомеаро ҳал намоянд. Муттаҳам набуданро

дар ин ҳолат мебояд ба маънии заводу корхона надоштан ва умуман ба тиҷорат машғул нашудани як мансабдори давлатӣ фаҳмид.

Оё ин гунаҳоро дар кабинаи ҳукумат мо дигар мебинем?

Ёдат ба хайр, Суҳроб Ибронович!

**Мухтасари тарҷумаи ҳол**

Суҳроб Шарипов, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ. Мактаби миёнаро дар Душанбе ва донишгоҳро дар Маскав ба итмом расонидааст. Рисолаи номзадиро дар Маскав (соли 1993) ва доктириро дар Душанбе (соли 2000) дифоъ кардааст. То соли 1998 дар Маскав кору зиндагӣ мекард. Дар ташкили нахустин маркази фарҳангии тоҷикон бо номи «Суғдиён» дар охирҳои солҳои ҳаштодум дар Маскав ширкат кардааст. Сипас ба Душанбе даъват мешавад. Чанд муддат дар Маркази тадқиқоти стратегӣ ба ҳайси мудири шуъба кор карда, баъдан дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон ба фаъолият мепардозад. Қабл аз ба мақоми раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ таъин шудан, ба ҳайси ёвари Президент кор кардааст.

Падараш Иброн Шарипов, профессор, доктори илми таърих буд, ки чанд соли пеш даргузашт. Суҳроб мегуфт, замоне падараш дар докторантура таҳсил мекард, ӯ ҳамроҳ бо модараш хиёбонҳои шаҳри Душанбе ва даромадгоҳҳои биноҳои нӯҳошёнаи маҳаллаи 65-и пойтахтро тамизу тоза мекардааст. Нахустин маошро ӯ дар синфи 8, вақте дар таътили тобистона дар корхонаи «Тоҷикторгмаш» кор мекард, дарёфт кардааст.

**Ҳайбатулло Шодиев,**
собиқ корманди Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
27.02.2015

## ЁДЕ АЗ ОЛИМ, СИЁСАТМАДОР ВА МЕҲАНПАРАСТ, КИ ҲАМЕША БО МОСТ!

Зиндагӣ инсонҳоро бо инсонҳо рӯ ба рӯ месозад. Ҳар як инсон дар зиндагӣ нақшу ҷойи сазовори худро дорад ва инро ҳар як нафар ба таври худ шарҳу тафсир мекунад. Дар ҳаёти то ба имрӯзи худ ман низ шахсони зиёдеро дидаам, ки вобаста ба сатҳи сиёсию инсонӣ ва илмии хеш ба ҳаёту фаъолияти ман таъсири зиёд расонидаанд ва ба пояҳои имрӯза расидани ман маҳз аз дастгирии холисона ва омӯхтани таҷрибаву малакаи онҳо сахт вобастагӣ дорад.

Ман чанд сол дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудаам ва қисми бештари он (аз 9,5 соле, ки фаъолият доштам, қариб 7 сол) маҳз бо марҳум, зиндаёд Суҳроб Шарипов рост меояд. Маҳз ҳамин давраро ман аз давраҳои бобарор ва сермаҳсули худ дар Маркази дар боло зикршуда меномам.

Суҳроб Шарипов аз рӯзҳои аввали директори Марказ таъйин шуданаш худро чун олим, стратеги ҳаматарафа ва шахси ғамхору дастгири тамоми кормандон нишон дод. Кумаку дастгириҳои ӯ маҳз дар робита ба олимону кормандони ҷавон бештар буд ва ҳамеша таъкид мекард, ки ба илм бештар ва хубтар машғул шавед, ба унвонҳои илмӣ соҳиб шавед, бикӯшед, ки донишу малакаи худро ҳаматарафа пеш баред ва сайқал диҳед, зеро вобаста ба пешрафти ҷомеа шумо ҳатман чун шахси пешрафта ва соҳибмаълумоту устоди касбу кори худ дар дигар ҷойе

ҳатман вазифаи хубтару баландтаре пайдо хоҳед кард ва ҳеҷ вақт бекор намемонед ва хор намегардед. Баъзан бо шӯхӣ ба кормандоне, ки дар навиштани рисолаҳои номзадӣ ва корҳои барномавиашон аз худ сустию танбалӣ зоҳир мекарданд, мегуфт, ки агар дар вақти муқарраргардида кори илмиашро насупорад, мо ӯро аз шаҳри Душанбе берун мекунем! Бо ин сухан ӯ бе муҳобот нишон медод, ки дар ин Марказ яке аз масъулиятҳои ӯ чун роҳбар маҳз тарбия ва пешбурди ҷавонон ва ба ҳаёти боз ҳам мустақилонатар омода кардани онҳост, ки чунин сифатҳоро на ҳамаи роҳбарон доранд, аз ин лиҳоз бояд холисона иқрор шуд, ки ин хислати беҳтарини инсонии роҳбарон, аз ҷумла устодон- тарбияткунандагони олимони ҷавон аст. Ман ҳамин хислати волоро дар шахсияти Суҳроб Шарипов дидааму онро хеле қадр мекунам ва таманно дорам, ки тамоми роҳбарон маҳз чунин хислатҳоро дошта бошанд.

Ёд дорам, ки моҳи апрели соли 2010 маро ба назди худ даъват кард ва гуфт, ки -ба Марказ барои иштирок дар як семинари омӯзишӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин як даъватнома омадааст ва он семинар ба забони англисӣ доир мешудааст. Вобаста ба он ки ту дар Марказ беҳтарин донандаи забони англисӣ ҳастӣ, аз ин хотир ман туро пешниҳод намудам, хулласи калом, тамоми санадҳои заруриро вобаста ба ин сафар омода намою рафта, муддати 20 рӯз дар он иштирок кун, ҳам меомӯзию ҳам сайру тамошо карда меоӣ. Ин беҳтарин имконият аст, ки мо барои ту фароҳам овардем… Ва дар интиҳо бо як ҷиддияти ба худ хос аҳамияти инро маҳз барои ман зикр намуд. Ман баъди ин ба сафар омода шуда, ба Пекин рафтам ва муддати 20 рӯз дар муҳити ниҳояти хуби илмию фарҳангӣ ва ороме ба сар бурдам, ки ҳаргиз аз ёди ман фаромӯш нахоҳад шуд.

Зиндаёд Суҳроб Шарипов чун моҳи декабри соли 2011 дар интихоботи ғайринавбатӣ ғолиб омаду вакили Маҷлиси намояндагон интихоб гардид, ман барои табрикаш ба утоқаш ворид гардидам, ӯ маро хеле хуш истиқбол гирифта, изҳор намуд, ки кори худро боз ҳам хубтар пеш барам, рисолаи номзадии худро зудтар навишта ҳимоя кунам, ки ин ин ба нафъи кори ман хоҳад буд. Дар зимн изҳор дошт, ки ман чанде қабл бо Сафорати Ҷумҳурии Исломии Покистон мулоқоти судманде доштам ва мо ба тафовуқ расидем, ки моҳи феврали соли 2012 чанд нафар аз кормандони Марказ ба Покистон сафар намуда, дар муассисаҳои илмию таҳлилӣ ва таҳқиқотии он мулоқоту семинарҳо доир намоянд ва номи ту низ дар рӯйхати шахсони сафаркунанда шомил аст. Ман аз ин хабар хеле шод шудам ва барои сафар ба Покистон омодагӣ мегирифтаму мавод ҷамъ меовардам, вале роҳбари нави Марказ ин нақшаро барбод дод ва ин сафар умуман ягон вақти дигар ба вуқуъ напайваст. Аз ин хотир, ман ҳарчанд, ки саравval аз вакили Маҷлиси намояндагон интихоб шудани Суҳроб Шарипов самимона шод шуда бошам ҳам, вале баъди гузаштани начандон вақти зиёд аз рафтани ӯ хеле афсус хӯрдам ва боварӣ ҳосил кардам, ки дигар он шароити кору фаъолият ба мисли давраи Суҳроб Шарипов нахоҳад буд ва ин тахмини ман рост баромад.

Суҳроб Шарипов чун олими дар авҷи камолоти илмӣ қарордошта ҳамеша дар омӯзиш, талош ва ҷустуҷӯ буд ва чун ба утоқи кораш ворид мегардидед, ӯро ҳатман паси мизи корӣ медидед, ки бо ҷиддият паси иҷрои коре аст ва ё ба таҳлилу омӯзиш машғул. Боре котиба ба ман занг зада гуфт, ки раис шуморо ба наздаш мехонад ва чун ба утоқи кориаш ворид шудам, ӯро машғули навиштани маводи фаврие да-

рёфтам. Ӯ ҳадафи ба наздаш даъват кардани маро гуфт ва баъдан иброз дошт ки дирӯз бегоҳ ба ман аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон занг заданд ва дар бораи як мавзӯи муҳим хоҳиш карданд, ягон саҳифа маводи таҳлилӣ пешниҳод намоям. Ман ҳамин шаб тақрибан сад (!) саҳифа маводро мутолиа намуда, хулосаи худамро вобаста ба мавзӯи пешниҳодшуда дар ду саҳифа гирд овардам. Ин нишон медиҳад, ки Суҳроб Шарипов пеш аз ҳама нисбат ба худ сахтгир буда, дар иҷрои ҳама гуна вазифа аз худ масъулият нишон медод. Чунин амалҳо албатта бо доштани дониши комил ва малакаи таҳлилию омузишӣ ба даст меояд ва Суҳроб Шарипов бо он дониш ва иродаву азми қавие, ки дошт, дар иҷрои кулли масъалаҳои илмию таҳлилӣ комёб мегардид.

Суҳроб Шарипов аз ҷумлаи он олимони меҳанпарасте буд, ки манфиатҳои давлатро арзиши олитарин меҳисобид ва дар тамоми ҷаласаҳои Марказ, конференсияву семинар ва мизҳои гирди дохилӣ, байналмилалӣ ва берунӣ бо ҷиддият аз манфиатҳои давлат ҳимоя мекард ва ҳамагонро дар ин самт ташвиқ мекард. Баъди бозгашт аз сафарҳои хориҷӣ ва иштирок дар ягон чорабиние, ки он ба манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дахл дошт, вобаста ба муҳтавои он қисса мекард ва аз нақлу гуфтаҳояш эҳсосоти амиқи ватандӯстӣ ва эҳтироми ин марзу бум баръало мушоҳида мегардид.

Ман низ дар қатори дигар меҳмонон дар ҷашни 20-солагии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзи 30 декабри соли 2014 баргузор шуд, иштирок намуда будам ва дар он Суҳроб Шарипов низ дар қатори дигар сарварони собиқи Марказ суханронӣ намуд. Суханрониаш пурмуҳтаво, солим ва пур аз хотироти

хуб буд ва худ низ изҳор намуд, ки солҳои беҳтарини кору фаъолияти худро дар Марказ сипарӣ намудааст. Баъди ҷаласаи ҷашнӣ мо ҳама дар ҷашни солинавии Марказ низ ширкат намудем ва ҳеҷ пайдо набуд, ки Суҳроб Шарипов ба дарде мубталост.

Боре субҳгоҳон ба Марказ омадам ва баногоҳ акси ин марди шариф, наҷиб ва олими тавоноро дар даромадгоҳи Марказ дидам, ки вобаста ба даргузашташ гузошта буданд. Ман хеле шигифтзада шудам ва ба чашми худ бовар намекардам, ки ӯ дар ҳақиқат даргузашта бошад. Вале ҳаёти одамӣ чунин аст ва марг ба пиру ҷавон кор надорад ва чун навбат расад, нагӯяд, ки чӣ касест, чанд сол дорад, чӣ нақшу мақоме дар ҷамъият дорад ва ғ. Ин ҷо танҳо афсӯс аз чунин марде бояд кард, ки дар авҷи фаъолият, эҷод, талошҳо дар роҳи пешбурди илму сиёсати меҳани азизи худ ба якборагӣ аз ҳаёт падруд гӯяд ва умеду орзӯҳоеро дар ними роҳ монад. Ҳаёти инсонӣ ҳарчанд аз ин пас ҳам давом хоҳад кард ва родмардону олимон, фозилон ва меҳанпарастону содиқони Ватан ва ғамхорони насли имрӯз ва ояндаро тавлид ва тарбия хоҳад кард, вале ҷойи чунин марди асил, олими тавоно ва ба як сухан, фарзанди айёми худ Суҳроб Шарипов холист ва бармаҳал, дар айни ҷавонӣ ин дунё, ин айёми ободд, ин Меҳани азизро тарк кардани ӯ барои нафароне, ки ӯро мешинохтанд, бо ӯ якҷо кор кардаанд, ақаллан боре ҳам дар суҳбаташ ҳузур доштанд, дар ягон маҳфили илмие гузориш ва ё сухаронию баҳсҳои илмиашро шунидаанд, танҳо боиси афсӯс хӯрдан асту халос. Марги бемаҳал риштаи ҳаёти шахсеро бурид, ки ҳамеша дар талоши илму дониш буд ва мекӯшид, ки бо он илму дониш, қобилият, имконият ва мавқеи ҷамъиятию сиёсие, ки дорад, барои Меҳани азизи

худ, барои пешрафти илми кишвар, барои мардуми азизи Тоҷикистон ва хусусан барои он нафароне, ки зери роҳбариаш фаъолият менамуданд, хизмате карда бошад…

**Шӯҳрат Саидов,**
ассистенти кафедраи "Равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон", Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
07.07.2015

## МО БОЯД ДАҲҲО МАРКАЗҲОИ ТАҲЛИЛӢ ДОШТА БОШЕМ!

Дар яке аз рӯзҳои тобистони соли 2013 бо мақсади машварат гирифтан аз сиёсатшиноси варзидаи тоҷик Суҳроб Шарипов, ба манзили эшон рафтам. Банда Суҳроб Шариповро аз соли 2010 вақте, ки ӯ раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд, мешинохтам. Махсусан, бароммаду андешаронии С.Шарипов дар конфронсу мизи гирдҳо ва мусоҳибаҳову мақолаҳои ӯ дар рӯзномаҳои кишвар ниҳоят ҷолиб ва таъсирбахш буданд. Аз ин рӯ, гирифтани маслиҳатро аз ин шахсият дар кори худ бисёр муҳим медонистам.

Мақсади банда он замон дар назди Институти тадқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон созмондодани «Маркази таҳлили равандҳои сиёсӣ» буд. Ва ташкил намудани маркази мазкур аз як ҷониб саҳмгузор будан дар ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар бахши фазои иттилоотии кишвар ва созмон додани фазои таҷрибаомӯзӣ барои донишҷӯёни соҳа сиёсатшиносӣ маҳсуб меёбад. Аз он ҷиҳат, ки Суҳроб Шарипов солҳои тӯлонӣ дар вазифаи сардори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ

адои хидмат намуда буданд, дарки ин идея ва то кадом андоза минбаъд мавриди амал қарор гирифтани он, барои ӯ бисёр наздик буд.

Ҳамин тавр, ба таври муфассал оид ба мақсади созмон додани марказ ва корҳою самтҳои фаъолияти он ба устод нақл намудам. Баъди шунидани ин фикр, С. Шарипов идеяи мазкурро идеяи хуб ва кори амали шуданӣ ва бисёр зарурӣ арзёбӣ намуданд. Ҳамчунин, қайд намуданд, ки «мо бояд на танҳо ин марказ, балки боз даҳҳо марказҳои таҳлилӣ дар бахшҳо иҷтимоиву иқтисодӣ дар донишгоҳҳои дигар дошта бошем». Ҳангоми суҳбат Суҳроб Шарипов аз таҷрибаҳои худ, ки ҳангоми таҳсилу таълим дар Донишгоҳи давлатии Москав ба номи М.В.Ломоносов дар самти гузаронидани корҳои тадқиқотӣ доштанд, нақл намуданд.

Ҳамзамон, он рӯз атрофи масъалаҳои сиёсиву иқтисодии Тоҷикистон ва минтақаву ҷаҳон гуфтугузор доштем. Аз он сабаб, ки он сол интихоботи Президентӣ наздик буд, устод андешаҳои худро оид ба маъракаи мазкур иброз доштанд. Суҳроб Шарипов нигоҳи худро оид ба дар мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихобшудани Эмомалӣ Раҳмон баён карда, қайд намуданд, ки «интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон аз чанд ҷиҳат барои давлати мо муҳим аст. Аз як ҷониб ӯ таҷрибаи бойи давлатдорӣ дорад ва аз ҷониби дигар мардуму хизматчиёни давлатӣ ба ӯ эътимоди зиёд доранд, ки дар шароити имрӯза ин афзалиятҳо барои кишвари мо ниҳоят муҳим мебошад». Ва дар идомаи ин андешаҳояшон оид ба вазъияти давлати Миср ва дигар давлатҳои мусалмонӣ ва ноором иҳои он кишварҳо ҳарф зада, дар робита ба он таъкид карданд, ки ҳифзи суботу амният ва таҳкими он дар шароити имрӯза барои рушди давлати Тоҷикистон бисёр муҳим мебошад.

Дар идомаи суҳбат С. Шарипов бо як боварӣ ва эътимод изҳор доштанд, ки дар оянда бардошта шудани мансаби раисони вилоятҳо ва ба ҷойи онҳо ташкил намудани вазифаи намояндаи Президент дар вилоят метавонад бисёр мушкилиҳои идоранамоиро ҳал намуда, заминаи хуб барои ҳифзи оромиву суботи кишвар гардад.

Баъд аз ин, С. Шарипов дар идомаи суҳбаташон қайд намуданд, ки барои беҳтар намудани идоранамоӣ ва рушди давлат, бояд салоҳияти сарвазир дар Тоҷикистон зиёд карда шавад. Махсусан қайд доштанд, ки сарвазир бояд шахси саводи баланди иқтисодӣ дошта бошад ва бештар ба масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии дохили давлат машғул гардад. Ва, асосан, ин кор барои беҳтар намудани рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва аз байн бурдани баъзе мушкилиҳо дар ин соҳаҳо мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, вақте ба С. Шарипов суол додам, ки дар ҳолати ташкил ва фаъолият намудани Маркази таҳлили равандҳои сиёсӣ ва дар баъзеҳолатҳо ба таври ошкоро баррасӣ намудани бурду бохти фаъолияти Ҳукумат, муносибати Ҳукумат бо маркази мазкур чигуна хоҳад буд? Суҳроб Шарипов гуфтанд, ки – агар Шумо оид ба чунин ҳолатҳо фикр кунед, беҳтараш ин марказро созмон надиҳед. Баъдан «политика это искусство невозможного», яъне сиёсат кори номумкинро иҷро кардан аст. Дигар ин, ки Ҳукумат ин корро намекунад, чун худи вай мехоҳад камбудиву норасоиҳои худро донista бошад. Ҳатто дар дигар кишварҳои хориҷа Ҳукуматҳо барои марказҳои таҳлилӣ-тадқиқотӣ маблағ ҷудо мекунанд, ки барои онҳо тадқиқот гузаронанд. Дар оянда Ҳукумати Тоҷикистон низ ин корро мекунад ва хоҳу нохоҳ аз хизмати чунин марказҳо истифода менамояд.

**Кароматуллоҳи Аҳмад,**
дорандаи Ҷоизаи ИЖТ ба номи А.Лоҳутӣ

# ИФТИХОРИ СУҲРОБ АЗ ПАДАР ВА ИФТИХОРРИ ПАДАР АЗ ПИСАР ВА Ё ҲАРДУ НИГАҲДОРИ ТОҶИ КАЁН БУДАНД

Соли 2013 бо тавсияи яке аз дӯстонам, олими шинохта дар сиёсат ва ҷамъиятшиносӣ-муовини якуми Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Сайфулло Сафаров барои навиштану муаррифии олими забардаст- падари Суҳроб Шарипов - Иброн Шарипов ба манзилашон равам. Пеш аз он ки ба ҳузури ин шахси зиндагидида ва дар курраи оташи илм ҷӯшида, зинаҳои баланди илмро тай намуда равам, чӣ омилҳои фарққунанадаро аз дигар олимон биёбам. Ниҳоят баъди омӯзишу андешаҳо ба хулоса омадам, ки мавзӯи ман намунаи оиладорӣ, масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд буда, падар аз писару писар аз падар бинозад. Инак, он навиштаи дар қайди ҳаёт будаи Иброн Шариповро, ки дар нашрияи "Тоҷикистон" соли 2001 ба табъ расида буд, ҳамон маводро боз такроран дар ин ҷо меорам. Чун падар ду сол пеш, баъдан собиқ директори Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъдан вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйхати умумиҷумҳуриявӣ дар миёндаврӣ аз моҳи декабри соли 2011 то дами марг 19 январи соли 2015 Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон интихоб гардид ва дар парлумони касбӣ яке аз фаъолтарин ва азизтарин шахс ба ҳисоб мерафт. Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров аз минбар бо дили пурғусса, бо дарду алам аз фавти вакили халқии

азизаш-Суҳроб Шарипов дар синии 52 солагӣ хабар дод ва арз намуд, ки ба унвони МН МО ҶТ на танҳо таъзияҳои расмӣ аз вазорату кумитаҳо ва ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ, аз давлатҳои хориҷӣ, аз ташкилотҳои байналмилалӣ нисбати ин талафоти бузурги сиёсати олии кишвар таъзияҳо ворид шудаанд.

Падар агар дар ноҳияи Сангвор ба дунё омадаву роҳҳои пурпечутоби зиндагиро тай карда, ба шоҳроҳи баланди илм пайваст ва ба натиҷаҳои баланд низ ноил гардид, соҳибобрӯ шуд ва 18 апрели соли 1963 дар шаҳри Душанбе дар оилаи Иброни олим писари зебое ба дунё омад ва падар аз ҷабини тифл ҳис кард, ки ин кӯдак номбардори ӯ мешавад ва аз шодӣ ба қавле дар пероҳанаш намеғунҷид. Суҳроб Шарипов камол ёфт, факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В. Ломоносовро хатм намуда, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омӯзгор гардид ва солҳои 1990-1993 аспиранти ҳамин донишгоҳро хатм менамояд, чанд мудат ходими илмии Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи М.В Ломоносов кор мекунад ва соли 1994 дар мавзӯи "Сарҳад ва имконоти озодӣ" рисолаи номзади илмӣ ҳимоя мекунад. Соли 2001 бошад рисолаи доктор бо номи "Демократикунонии равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони муосир" ба субут расонд. Ӯ дар муасссисаҳои олии касбӣ дарс гуфта, дар Дастгоҳи иҷроияи Президент, мудири шуъбаи Маркази тадқиқотии стратегӣ ва баъдан аз соли 1998 то давраи вакили МНМОҶТ интихоб гардиданаш директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд Суҳроб Шарипов бо дониши баланди фарогираш ҳам дар МСТ ва ҳам дар парлумони касбӣ дар масъалаи ҳамгироии сиёсати хориҷӣ кор карда, зиёда аз 500 мақолаҳои илмӣ ва китобу монографияҳо навишта, дар нашрияҳои

Тоҷикистон, Россия, Қирғизистон, Қазокистон, Туркия, Чин, Олмон США ва Шведсия ба табъ расидаанд.

Касоне, ки ҳамроҳи ӯ дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла дар парлумони касбии тоҷик, МТС кор кардаанд имрӯз зикри хайраш менамоянду рӯзҳои ширини ҳамкориро ба ёд меоранд.

Фирдавсии бузург нисбат ба онҳое, ки насл ба насл миёни мардуми замон фарзона мешаванд, гуфтааст:

*Падар бар падар паҳлавон будаам,*
*Нигаҳдори тоҷи каён будаам...*

**Иброҳим Усмонов,**
доктори илми таърих,
раиси Фонди «Гуфтугӯи тамаддунҳо»
10.08.2017

## УМРЕ ДАР ҶУСТУҶӮ

Бори аввал Суҳроб Шариповро дар конфронси байналмилалӣ, ки миёнаҳои солҳои навадум бо ташаббуси САҲА, дар толори калони бинои Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда буд, дидаам. Ӯ маърӯза дошт ва инчунин ба саволҳо дар ҷараёни баррасии маърӯзаҳои илмӣ иштирок мекард. Хеле бо мантиқ сухан мегуфт ва дар саволҳояш ҳам босаводӣ ва донишмандии ӯ эҳсос мешуд. Суханронӣ ва ақидааш ба ҳама монанд набуд. Маълум, ки фикри худро дошт. Маълум, ки сухани гуфтаниаш зиёд буд. Маълум, ки на ба ҳамаи чизе, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии мамлакат ба амал меоянд ҳамфикр ва ҳамқадам буд. Аммо мухолифати

вай маънавӣ набуд, балки хислати тактикӣ - конструктивӣ дошт. Табиати оромаш суханашро пурра мекард, қувват медод ва ба он чи гуфт, бовар мекунонд. Гумон мекунам аз аввалин қадамҳояш Суҳроб дар сиёсатшиносии ҷории Тоҷикистон фозилона ва созанда қадам мегузошт. Баъдтар бо ӯ дар идораи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкор шудам. Ӯро муовини Мудири шуъбаи иттилооти дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда буданд. Рӯзе Суҳроб матлаберо ба дасти ман дод ва гуфт.

– Шинос шавед, мулоҳиза ва маслиҳатҳоятонро албатта, қабул мекунам.

Ин шумораи аввали бюлитени иттилоотие буд, ки барои истифодаи дохилӣ омода шуда буд. Вай «дайҷест»-и мукаммалеро мемонд, ки дар он муҳимтарин хабарҳо, мақолаҳо, шарҳҳо, ки дирӯз дар матбуоти ҷаҳонӣ дар воситаҳои ахбори ҷаҳонӣ пайдо шуда буданд, гирд оварда шуда буд. Он чизро, шартан, ба ду тақсим кардан мумкин буд:

1. Навиштаҳои марбут ба воқеаҳои ҷаҳон, ки дар онҳо асоситарин масъалаҳои сиёсӣ ва давлатдорӣ ифода ёфта буданд, гирд меомад. Ин қисмат чандон калон набуд;

2. Қисмати асосӣ. Дар ин қисмат навиштаҳое буданд перомани Тоҷикистон, ки онро, шартан, ба ду тақсим кардан мумкин буд;

а) Хулосаҳои матбуоти ватанӣ доир ба воқеаҳои асосии Тоҷикистон махсусан онҳое, ки ба ҳукумат дахл дошт;

б) Навиштаҳои матбуоти ҷаҳон дар бораи Тоҷикистон ё шарҳи онҳо;

Ин бюлитен натиҷаи ақли буррои Суҳроб Шарипов буд, зеро то ба ин дар бораи чунин нашрия дар он муҳит

нашунида будам. Суҳроб, ки марди илм, марди замони худ, марди ҷӯянда ва гӯянда буд ва ба технологияи нав алоқаи қавӣ дошт, нашри чунин матбуотро дар тадбиқи ақидаҳои худ мувофиқ медонист. Ақидаи вай бошад, ақидаи ватандӯстӣ буд, бо як мисол инро гуфтан мехоҳам. Охирҳои соли 2001 мо дар конфронси байналмилалӣ оид ба мавзӯи «Ҷанг ва сулҳ», ки дар он муносибати байни Шарқу Ғарб таҳлил мешуд ва ин конфронс дар Бротеслава баргузор гардид, иштирок намудем. Маърӯзаи Суҳроб таваҷҷӯҳи иштирокчиёни конфронсро сахт ҷалб кард, зеро дар он вақт ҳанӯз ҷаҳониён боварии қатъӣ надоштанд, ки раванди сулҳи Тоҷикистон устувор аст. Онҳо ҳар он чиро, ки ба даст омад ба сифати таблиғи холӣ, таблиғи беасос мешинохтанд. Суҳроб дар заминаи назарияи илмии - ба иштирокчиёни кофронс шинос, дар заминаи мисолҳо, далелҳо ва иқтибосҳои сареҳ аз ҳаёти ҷории Тоҷикистон бо ҳарорату эҳсос шарҳ медод ва масъалагузорӣ мекард. Ба саволҳои зиёде ҳам, ки барояш медоданд тавре ҷавоб медод, ки бовар мекарданд. Ин мубоҳиса мавқеъ ва ақидаи Суҳробро ифода мекард, зеро ба ҳар чи ки мегуфт, бовар дошт ва ҳар чиро, ки мегуфт самимона мегуфт. Вай аз олимон ва мубаллиғоне, ки суханашон ба ақидаашон мувофиқат намекунад, қатъан фарқ мекард ва мавридҳое ҳам шудааст, ки ба баъзе сухангӯиҳои «худро то илм расонда» боитоб мегуфт «ба ҳамин гап ақаллан худат боварӣ дорӣ». Дар ҳақиқатҷӯйии илмӣ гумон мекунам Суҳроб ба роҳи падараш файласуфи хӯшноми тоҷик Иброн Шарипов пайравӣ мекард. Тоза гуфтан ҳақиқатро гуфтан, меҳнати олимони дигарро қадр кардан, аз онҳо ёд кардан аз фазилатҳои неки ин донишманд буд. Ҳамин хислат ва меҳнати Суҳробро ба назар гирифта ӯро роҳбари Маркази тадқиқоти стратегии назди Президен-

ти ҶТ таъин карданд. Ӯ дар ин мақом ба гумони ман дар се самт корҳои шоистаеро анҷом дод:

Аввалан, ба Маркази стратегӣ як гурӯҳи калони ҷавонҳоро ҷамъ овард ва барои онҳо имконият фароҳам сохт, ки дар соҳаҳои мухталифи илми сиёсӣ таҳқиқ кунанд. Андешааш ин буд, ки Маркази тадқиқоти стратегӣ бояд барои муайян кардани стратегияи давлатии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ ба ҳукумат ёрӣ расонад. Таърихи кишварҳои дигарро омӯхта, онҳоро бо анъанаҳои миллии тоҷикон муқоиса карда, бо назардошти муборизаҳои имрӯзаи ҷаҳон пешниҳодҳои илмӣ манзур кунад.

Вазифаи дигар гузаронидани конфронсҳо, мизҳои мудаввар, форумҳои гуногун, ки хусусияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ доранд, ки ҳадафи асосии ӯ ба ин васила мустаҳкам кардани эътибори Тоҷикистон дар арсаи илм ва сиёсати ҷаҳонӣ арзёбӣ мешавад. Ин форумҳо на танҳо масъалаҳои минтақавӣ, балки масъалаҳои ҷаҳониро низ дар бар мегирифтанд.

Ва сеюм иштироки олимони тоҷик дар чунин форумҳои ҷаҳонӣ ва ба ин васила таъсиргузорӣ ба ҷараёни ҷомеашиносии ҷаҳон буд.

Ин корҳо албатта вақти зиёд мегирифтанд ва албатта меҳнати зиёд талаб мекарданд. Боре дар ин хусус нимшӯхиомез гуфта буд:

– Муаллим! Ман дар ин ҷо қариб ҳар рӯз як-ду маърӯза мекунам, қариб ҳар ҳафта дар меҳфиле баромад мекунам, аммо барои таҳқиқи ҷиддии калон, вақтам намерасад.

Гуфтам- аҳамияти мақола дар ҳаҷми калон доштани он нест, дар андак навишта маъниҳои чуқури илмӣ ниҳон аст ва дар матнҳои навиштаи Шумо низ ин ҳақиқатро пай бурдан душвор нест.

Суҳроб Ибронович дар сиёсат ва сиёсатшиносӣ шарик буд, аммо ӯ худро пеш аз ҳама ҷӯзъи ҷомеаи шаҳрвандӣ медид, дар байни ҷомеа сухан гуфтан ва баҳс кардан мехост. Гоҳо ҳам мешуд, ки асабиёна мегуфт «баъзе бародарони мо ба ҳадде аз зиндагии имрӯза канда шудаанд, ки зери пойро намебинанд». Пайванди ӯро бо ҷомеаи шаҳрвандӣ дар он ҳам дидан мумкин аст, ки вай ҳам дар замоне, ки дар маркази стратегӣ таҳқиқ мекард ва ҳам дар даврае, ки вакили Маҷлиси намояндагон буд, то охири умраш дар ҳар шумораи матбуоти Тоҷикистон, барномаҳои телевизион ва радиои Тоҷикистон ҳузур дошт. Ба ҳар саволи писанду нописанд ҷавоб медоду саволдиҳандаро ба ҷавобҳои асосноки худ бовар мекунонд.

Суҳроб Ибронович дар хотири ман ба сифати як олими ҷавони ҳалолкор, як тоҷики миллатдӯст, як тоҷикистонии ватанпараст, як дӯсти самимӣ нақши ҷовидона дорад.

Ёдат ба хай дӯстам!

**Ҳарамгули Қодир,**
журналист
25.01.2015

## СИЁСАТМАДОРЕ, КИ ИҶОРАНИШИН БУД

(Пас аз реҳлати Суҳроб Шарипов, ба истиснои чанд пора таассуфхуриҳо нияти навиштани сатрҳои дигарро надоштам. Чун ҳамаи пайвандон ва дӯстону шиносҳо дар ҳолати шок қарор гирифтем.

Аммо, баъди мутолиаи чанд мавод оид ба шинохти шахсият ва чеҳраи сиёсии ӯ чанд сатр рӯйи авроқ рехт).

Бо аз бари мо рафтани Сухроб Ибронович, сиёсатшиноси фарҳехта бойгонии рӯзу ҳафта ва моҳу сол ва асрро пур мешаванд. Ӯ нафаре буд, ки гӯё аз маргу бемории наметарсид. Зеро ҳамагӣ 10 ё 12 рӯз беморӣ кашид. Он ҳам дар вазъе, ки «дигаронро хабар накунед», «ташвиш надиҳед», «мехезам»…

Нахустин ва охирин суҳбати банда бо ӯ барои матбуоти мустақил буд. Солҳои 2008 дар радиои Тоҷикистон фаъолият доштам. Ҳамзамон дар АМИТ «Ховар» кор мекардам. Чун донишҷӯи шартномавӣ будам, талабот ба кор зиёд буд. Зимни мизи мудаввар дар Маркази тадқиқоти стратегӣ дар мавзӯи гуногунандешии сиёсӣ Суҳроб Шарипов ҳамчун раиси МТС ва коршинос сухан кард. Мо, ки ба шинохт ва дарки равандҳои сиёсӣ нав ворид мегардидем, гуфтаҳояш хеле ҷолиб буд. Баъди ин нишаст бо кумаки Сайфулло Сафаров, муовини директории МТС, ки он солҳо Суҳроб Шарипов бо забони тоҷикӣ ба роҳат ҳарф зада наметавонист, нияти мусоҳаба кардан доштем. Аз ин рӯ аз Сайфулло Сафаров хоҳиш кардем, ки дар шарҳи баъзе иборaҳо ва терминҳои сиёсии русӣ кумак кунанд. Хулоса он суҳбатро барои АМИТ «Ховар» таҳия карда, ба Зафар Саидов, собиқ роҳбари агентӣ пешниҳод кардем ва шахсан хонданд. Баъдан машварат дод, ки матнро бурда, бо муаллиф нишон диҳам, то мувофиқ аст ба ин назарҳояш. Ҳеҷ гоҳ Суҳроб Шарипов ё котибааш, намегуфт ки устод «Дастгоҳ рафтааст» ё «меҳмон дорад, интизор шавед». Панҷ дақиқа мунтазир шудам, нафаре баромад ва навбати ман шуд. Мусоҳибаро нишон додам ва ҳатто имзо гузошт, ки розиам! Дубора ба Зафар Саидов, пешниҳод кардам, аммо хоҳиш кард, ки Ҳарамгул беҳтар он аст, ки онро дар ягон матбуоти хусусӣ чоп кунед. Чун

ба сиёсати редаксионии АМИТ «Ховар» ягон номувофиқатӣ надошта бошад боз.

**Суҳроб Шарипов ва матуботи мустақил**

Суҳбатро ба идеали ҳаётӣ ва касбиям, хонум Адолати Мирзо, сардабири рӯзномаи «Миллат» фиристодам. «Миллат» он солҳо ягона рӯзномаи минбари озоди миллат ва фарогирандаи равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ буд. Ҳамон ормонеро, ки ҳоло ҳам идома дода истодааст. Он вақт ҳама «Миллат» мехонд, ҳатто хеле аз мансабдорони вақт аввал аз дигарон шунида баъд мехонданд, то мабодо зери интиқоди шадиди «Миллат» барои бемасъулиятӣ қарор нагирифта бошанд. Он вақт нашрияҳои «Нигоҳ», «Фараж», «Озодагон» таъсис наёфта буданд. «Миллат» ба танҳоӣ бори ранҷи матбуот ва сиёсатро дар ҷомеа мекашид. Баъди он суҳбат бисёр хабарнигорон аз ман телефони марҳумро мепурсид. Дигар дар матбуоти мустақил коршинос ва сиёсатмадори мо Суҳроб Шарипов гардид. Дар ҳафтаномаи «Нигоҳ» солҳои 2009-2011 ҳафтае набуд, ки дар ин ё он мавзӯъ назари ӯро нагирам. Ҳатто бо забони тоҷикӣ фаҳмондани масъала ба ман барояш душвор буд, аммо кӯшиш мекард, фаҳмонад. Дар ҳоле ки як маротиб бо Игор Сатторов собиқ сухангӯйи Вазорати корҳои хориҷӣ бо забони тоҷикӣ суол додам, ҳатто шунидан нахост.

Аммо, Суҳроб Ибронович ин гуна фарҳанг надошт. Солҳои кор дар радиои «Озодӣ» ҳам аз ӯ канда набудем, чун дигар ҳамкасбон. Боре назарашро гирифтам ва мавод дар сомона нашр шуд. Баъди чанд соат зери мавод аз номи Суҳроб Шарипов: коммент омад, ки гӯё ин ҳарфҳо аз ӯ нест. Роҳбарият ҳам аз ман посухи ин суолро талаб кард ва садои сабти овозро ба Прог фиристодам. Роҳбарият баъди шунидани садо ҳайрон шуд, ки ҳарфҳои худаш аст,

боз чаро ин хел навиштааст? Вақте фавран барояш занг задам, каме нороҳатӣ кард, ки дигар гуфтам шумо дигар навиштед. Ман, ки дар фаъолияти корӣ камтар ба ин ҳолат дучор шудаам, аз ин ҳолат хушам наомад ва аз роҳбарият хоҳиш кардам, ки мавқеи Суҳроб Ибронович аз мавод гирифта шавад ва ҳамин тавр ҳам шуд. Бо гузашти вақт дар чорабиние дар меҳмонхонаи «Тоҷикистон» паҳлӯ ба паҳлӯ нишастем. Вақте салом дод, то баргузории маҳфил «моҷаро»-и маводи қаблӣ ва коменташро ба хотир овардам. Гуфтам устод, охир он навишта гуфтаи Шумо буд. Гуфтам ба ман дигар чӣ расонданд. Медонистам, ки баён ва навиштанаш бо забони тоҷикӣ душворӣ дорад, пурсидам, пас чаро комментро бо забони ноби тоҷикӣ навиштӣ?

Хандаи баланд кард ва хатто хориҷиҳо ҳам ба мо нигоҳ карданд. Гуфт, воқеан комментро ман нанавиштам, «шогирд навишт». Номи шогирдашро ҳам иброз дошт, аммо хоҳиш кард, ки чизе нагӯямаш. Дуюм шинохтам буд. Хулоса, баъди ин боз ҳамкории мо давом дошт. Ҳатто агар дар рухсатии меҳнатӣ ҳам буд, баъзан ҳолат ҳамсараш ба зангҳои мо ҷавоб медоду гӯширо ба ӯ медод. Маълум, ки дар хона аст. Нафаре набуд, ки гӯяд вақт надорам ё баъд занг занеду гӯширо хомӯш кунад. Ҳарчанд, забони тоҷикиро солҳои аввал хуб намедонист, аммо ба ин маъно набуд, ки аз дарди миллат ва ватан бехабар бошад. Мавқеъгириҳои ӯ дар қиболи Вазорати энергетика дар ҷаласаҳои парлумон бо гузорише, ки даҳҳо агрегати хурд ва калон сохта шудааст бо қарз ва грантҳои хориҷӣ, шояд дар Парлумони Тоҷикистон аз сафи вакилони ҲХДТ бетаҷриба бошад. –Вазорати энергетика даҳҳо миллиарди қарзу грант ва маблағҳои буҷетро ба сохтани

агрегату нерӯгоҳҳо сарф кардед, ки мо наметавонем аз буҳрони барқ бароем…? - суоле буд, қи ҳатто Вазорати энергетика баъди ин ҷаласа нисбат ба Суҳроб Шарипов дар сомонааш ва ҳафтаномаҳои мустақил мавод нашр кард.

Ё дар масъалаҳои дигари ҷаласаҳои порлумонӣ фаъол буд.

Охирин суҳбати мо барои матбуоти мустақил оид ба маош ва имтиёзи вакилон буд. Ӯ вакили истисноӣ буд, ки озод ва ошкор оид ба маоши ками вакилон дар нисбат ба вакилони кишварҳои дигар суҳбат кард. Ҳатто гуфт (суҳбат соли 2011 буд дар «Нигоҳ» ва «Наҷот» нашр шудааст) ба наздикӣ аз сафари хидматӣ аз Русия баргаштааст ва аз маблағҳои барои сафар аз парлумон гирифтаашро, мондаашро дар муҳосибот супоридааст. Агар хато накунам 45 ё 75 доллар гуфта буд. Гуфтанд, ки воқеан ба ин маблағи сафари хидматӣ дар Русия наметавонем як вакили Думаи давлатиро ба нӯшидани кофе даъват кунем.

Шояд барои мардуми мо маоши вакилон зиёд аст, аммо дар муқоиса бо вакилони кишварҳои дигар не, хеле кам. Бигузор маоши вакилони мо ҳам зиёд гардад, аммо вазни кориаш ҳам монанди вакилони кишварҳои дигар, зиёд бошад. Вазиру масъулоне, ки дар иҷрои фармону барномаҳои давлатӣ ва маблағи буҷет вазифа доранд дар тарозуи вакилон кашида шаванд, он гоҳ мардум намегӯяд, ки маоши вакилон чаро зиёд ҳасту корашон беранг. Вақте ин маводи мо нашр шуд, парлумон фикр кард, ки бо дасти вакилон худи вакилонро мо танқид кардем. Аммо мавод таҳқиқот ба хотири пешниҳоди ҷомеа аз маошу фаъолияти кори он буд. Баъди ин дигар аз суҳбат худдорӣ мекард. Гуфт, «гап шунидем…». Солҳои вакилӣ дар Парлумон тоҷикиаш ҳам суфта

шуд, чун бо забони тоҷикӣ сухбат мекард. Шояд ӯ аз мо муъминтар буд, чаро? Сарфи назар аз он, ки гоҳе суолҳои тезу тунд дар бораи ин ё он раванду масъалаҳои сиёсӣ медодем, аммо ҳамеша салому алейкро қатъ намекард. Шояд матуботи тоҷикиро кам мутолиа мекард, аммо моро мешинохт ва салом медод. Чанд вакиле аст, ки ҳатто салом доданро ба мо салоҳ намебинанд, гӯё надидаанд. Зеро онҳоро мардум интихоб накардааст, барои ҳамин худхоҳии эшон аз фаросати онҳо нест. Фаросат ҳамеша самимӣ ва инсон будан аст. Боре дар маркази пойтахт рӯзи шанбе дар роҳ вохӯрдем. Он вақт директори МТС буданд. Пурсидам, ки чаро пиёда? Посух дод, ки рӯзи шанбе намехоҳам мошини давлатиро истифода кунам ва хона дар «СУМ» -наздик аст, одатан пиёда мераваму меоям. Дубора суол кардам, ки олигархҳо дар марказ мешинанд?

-На, на. Хонаи давлатӣ аст, хона надорам. Ҳар вақт лозим шуд ва давлат мегирад- бо табассуме, ки дӯстон пеши рӯ меоранд посух дод. Бо ин ҳам боварам наомад ва аз падарашон, ки дар Институти фалсафа мо аспирант ва ӯ ходими илмӣ буд, дубора пурсидам. Падарашон, ҳам ки хеле самимӣ буданд ва то рӯзи охирини ҳаёт ордени коммунистиаш сари сина буд, тасдиқ кард, ки бале, хонаи ҳукуматӣ аст.

Ин паҳлуи ҳаёти як сиёсатшинос ва роҳбари як муассисаи давлатӣ, аз назари мо дур намонд. Он вақт директори МТС буданд ва пурсидам, ки чанд сомонӣ маош мегирад, оё ин ба рӯзгор мерасонад ва чаро хона надорад?

- Маошам наздик ба 800 сомонӣ аст, аммо аз маошам каме зиёд гонорар мегирам. Дар таҳқиқотҳои лоиҳаҳо иштирок мекунам. Ин маблағ ҳоло барои хона харидан захира намудан намерасад.

- Агар рафту Шуморо аз хонаи ҳукуматӣ озод кунанд чӣ?

- Чи хел чӣ? Меравам иҷора мешинам, ман меҳнати ҳалол мекунам, муаллим шуда кор мекунам, боз корҳои дигар, ҳеҷ гап нест, тайёр ё дуздида нахӯрдаам, ки дигар манбаашро аз даст диҳам. Нашуд Русия меравам, муаллимӣ мекунам- посуххо ин буд. Яъне ӯ ба сатҳи мардумӣ будан зиндагӣ дошт, инро фоҷиа намедонист, ҳатто ба хонаи вакилӣ нагузашт. Муҳимтар аз ҳама нишон дод, ки кадри Ҳукумати феълист ва ҳеҷ гоҳ боварии Президентро, ки ӯро интихоб кардааст зери суол набурд. Оё кам нестанд, онҳое, ки бо як ректорӣ ва сардори як идора аз онҳо хонаву дар ва гузарондани рухсатии меҳнатиро дар хориҷ мебинем?! Ӯ тавонист, дар лаҳзае ки фасод пояҳои ҳукуматро меларзонад ва ҳеҷ вазиру кабирро бидуни амали коррупсионӣ тасаввур кардан имкон надорад, исбот кунад, ки хона надорад ва қонеъ аст, ки бидуни амали ғайриқонуние хушбахт аст. Дар чашми ҷомеа шоиста зистанро бо қаноат таҷриба кард. Ӯ тавонист нишон диҳад, ки маҳзари андешаи озод ва рафтори принсипӣ дар қолаби шахшуда нест, балки бо риояи фарҳанги сиёсӣ ва гуногунандешии дунёвӣ ин аст. Шояд дар зоҳир чандон мусалмонтарошӣ ва чоплусманишӣ нишон намедод, аммо дар канори нерӯҳои дигарандеши ҷомеа, принсипӣ таҳаммулпазирӣ ва эҳтиромро риоя мекард. Замони роҳбарии МТС лоиҳаҳое, мавриди тадқиқот қарор мегирифт ва натиҷаи онҳо ба ВАО пешниҳод мешуд, ки ҳатто ғайричашмдошт буд. Ё баргузории конфронсҳои муҳими минтақавӣ ё байналмилалӣ, нахустин чолишҳои амнияти миллиро дар минтақа маҳз МТС ба кашид. Ҳоло дигар МТС намунаи чунин чорабиниҳоро

надорад. Ба ҳама тарафҳо ба истилоҳ амнияту хатарҳо минбар барои ибрози назар ва мавқеъ боз буд. Ё чандин кадрҳои ҳукумати 30% вақт баъди аз вазифаҳои давлатӣ бекор шуданд, маҳз бо дастгирии Суҳроб Шарипов, имрӯз ба долонҳои ҳукумат роҳ ёфтаю ҳатто ба ҷойгузинии худи ӯ расиданд. Холиқназар Худойбердиевро бо пешниҳоди Сайфулло Сафаров, Суҳроб Шарипов дар замони роҳбариаш ба МТС ба кор гирифта буд. Чандин шахсиятҳо ҳам маҳз бо дастгириҳои ӯ номзадии илм ва доктор шуданд. Ин аст рисолати як сиёсатмадор ва соҳибназаре, ки намунаашро Тоҷикистон нахоҳад дошт. Шояд даҳҳои дигар дошта бошем, аммо бо чунин тарзи муносибат ва самимият ва дар иҷора нишастан то сини 52 солагиро ёд нахоҳем дошт. Пеш аз оне, ки дар бораи сиёсатмадор ва ё табибе ҳарф мезанед, пеш аз ҳама одамият ва шахсияташ пеши рӯ меояд. Шояд ӯ ягона нафаре буд, ки ҳатто як қатра оби нӯшидааш бӯйи коррупсия ва ҳаққи кормандонро хурдан олуда набуд. Барои ҳамин ӯ муъминтар аз мо буд. Барои он, ки ӯ ҳамеша ҳатто ному насаби моро шояд дуруст намедонист, аммо медонист, ки хабарнигорем салом медод ва табассум мекард, муъмин ва сиёсатмадор буд. Рӯзҳои аёдати бемориаш, ки хело ранҷ мекашид. Табиб гуфт, ки агар ба ҳӯш ояд, мегӯем, ки барои аёдат омада будед.

Гуфтам, беҳтар он аст, ки журналистон гӯед. Чун ӯ дӯсти мо буд. Ҳарфҳое дошт, ки гуфта наметавонист.

Принсипҳои гуманистии шахсӣ ва ҷаҳонбинии солимаш ҳамеша ӯро дар баробари принсипҳои муҳити мавриди гузашт кардан қарор медод. Ӯ рафт аммо симо ва мактаби бо ифтихор барои дӯстон ва шогирдонаш абадӣ аст.

**ҶАВОНОНИ ДУШАНБЕ**
**20.01. 2015, 09:22**

## ҶАВОНОНИ ДУШАНБЕ: РОҲНАМО ВА МУРАББИИ БУЗУРГРО АЗ ДАСТ ДОДЕМ

Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Душанбе бо интишори як мактуби ҳамдардӣ, даргузашти Суҳроб Шарипов, вакили парлумон ва раҳбари пешини Маркази тадқиқоти стратегии Тоҷикистонро талафоти бузург барои ин ниҳод унвон кардааст.

Дар номаи Раёсат омадааст, "марҳум новобаста аз серкорӣ кӯшиш менамуданд, ки дар маҳфилу мулоқот бо ҷавонон ширкат намоянд ва стратегияи рушди давлатро барои насли навини миллат шарҳу тавзеҳ бидиҳанд. Раёсати ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Душанбе аз реҳлати устод Суҳроб Ибронович талафоти бузург дид. Раёсат, як таҳлилгар, мушовир, роҳнамо ва мураббии бузурги худро аз даст дод".

Дар идома ин ниҳод мегӯяд, ҷаноби Шарипов дар давоми фаъолияти пурсамари худ дар ҳар мақому маснаде, ки буданд як самти фаъолияти худро барои тарбияи насли ҷавон равона намуда, кӯшиш мекарданд, дар қалби насли ҷавон умеду боварӣ ба фардои давлати миллии тоҷикон дурахшон бошад: "Насли ҷавонони Душанбе тафаккури миллӣ, идеологияи миллӣ ва мавқеъгириҳои давлатии Суҳроб Ибронович Шариповро ҳамеша барои худ намунаи ибрат ва пайравӣ медонад. Барои устоди иззатманд роҳи сафеди охират ва ба пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонем".

Суҳроб Шарипов, ки аз бемории камхунӣ ранҷ мебурд, ба хотири бад шудани вазъи саломатиаш шоми 18 январи

соли равон ба бахши амрози қалбии беморхонаи “Қарияи Боло” дар шаҳри Душанбе интиқол ёфта, дар синни 52-солагӣ аз олам даргузашт. Маросими видоъ бо Суҳроб Шарипов имрӯз, 20 январ дар масҷиди маҳаллаи 65-уми пойтахт, дар наздикии мактаби таҳсилоти умумии №77 баргузор мешавад.

Ӯ муаллифи ду китоби сиёсатшиносӣ буда, даҳҳо мақолаи илмӣ ба қалами ӯ рабт дода мешавад. То кунун дар мансабҳои гуногун, аз ҷумла мудири шуъбаи сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи Президент, ёрдамчии Раисиҷумҳур ва раиси Маркази тадқиқоти стратегии кишвар кор кардааст. Номзади илмҳои фалсафа ва доктори илмҳои сиёсӣ буд ва дар интихоботи парлумонии 1 марти соли равон аз ҷониби Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон, ҳизби ҳоким аз ҳавзаи рақами 3-и ноҳияи Шоҳмансури пойтахт ба вакилӣ пешбарӣ шуд.

**Марди накӯном намирад ҳаргиз**

Суҳроб Шарипов сиёсатмадори маъруфи тоҷик ва олими саршиноси соҳаи сиёсатшиносӣ 18 апрел ба синни муборaки 52 мерасид. Ин марди шариф дар замони шӯравӣ таҳсил карда, аспирантураро дар Федератсияи Русия ба итмом расонид ва муддате дар ин кишвар кору фаъолият кард, вале камолоти эҷодӣ ва ташаккули вай чун олим, сиёсатшинос ва шахсияти давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол поягузорӣ шудааст.

Ӯ соли 1963 дар хонаводаи олими машҳури тоҷик, доктори илмҳои фалсафа, профессор Иброн Шарипов таваллуд шудааст. Вай сифатҳои оливу неки инсонӣ чун поквиҷдонӣ, садоқат, усулият, ростқавлӣ, муҳаббат ба миллату Ватани

худ Тоҷикистонро аз оила, аз қиблагоҳаш ба мерос гирифтааст. Баъд аз хатми мактаби миёнаи № 77-и шаҳри Душанбе ба Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, ба факултаи фалсафа дохил мешавад. Баъд аз хатми донишгоҳи мазкур дар соли 1988 ба Ватан бозгашта, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси устод ба кор машғул мегардад. Соли 1990 боз ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Москва дохил шуда, соли 1994 рисолаи илмиро дар мавзӯи «Ҳад ва имкониятҳои озодӣ» дар риштаи Фалсафаи сиёсатшиносӣ бомуваффақият ҳимоя мекунад. То соли 1998 дар ҳамин Донишгоҳ ба сифати корманди илмӣ кор кардааст. Дар давраи таҳсил дар аспирантура, дар солҳои мушкилу вазнини давраи гузариши буҳронии солҳои 90-ум ба хотири таъмини рӯзгор, ҳамзамон бо иҷрои корҳои илмӣ, чун коменданти хобгоҳ, посбон, дистрибютери ширкат, назоратчӣ дар бозори «Лужники» кор кардааст, ки ин ҳам таҷрибаи хуби зиндагӣ ва дарси ҳаёт барои олими ҷавон гардид. Шодравон Суҳроб Шарипов дар айни замон дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум ҳамроҳи И.Сатторов, ҳоло сафири Тоҷикистон дар Русия, Р.Сафаров – эроншиноси маъруфи тоҷики муқими Русия, Х.Муҳаббатов–олим, арбоби ҷамъиятии муқими Москва, П. Муллоҷонов – сиёсатшиноси тоҷик ва дигарон нахустин созмони фарҳангии тоҷикон дар Русия «Суғдиён»-ро таъсис дода буданд. Онҳо дар ҳаёти иҷтимоии Русия ва ҳифзу муаррифии фарҳанги тоҷикон барои ҷаҳониён корҳои назаррасро анҷом доданд. Соли 1998 дар ҳаёти ӯ саҳифаи нав боз мешавад. Вай ба Ватан баргашта, дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мудири шуъбаи сиёсати дохилӣ ба кору фаъолият машғул мешавад.

Суҳроб Шарипов моҳи ноябри соли 1998 ҳангоми таҷовузи ҷинояткорону террористони Маҳмуд Худойбердиев аз ҷумлаи сиёсатшиносони камшумор буд, ки чандин рӯз мунтазам дар тамоми шабакаҳои телевизиони Тоҷикистон суханронӣ намуда, мардумро ба иттиҳод, ваҳдат ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ даъват мекард ва тавонист дар ҷанги иттилоотӣ, ки бар зидди Тоҷикистон ба роҳ андохта буданд, ба бадхоҳони миллати тоҷик ҷавоби дандоншикан диҳад. Вай чун олим, сиёсатшинос ва ватандӯст камол меёфт. Мақолаҳои рӯзмарраву мубрам ва нишонрасу ҳадафманди вай дар ҷомеа аксуламали ҷиддӣ ба миён меоварданд. Сабк, тарзи ифодаи фикр, хулосаронию натиҷагирӣ ва бардошти устод аз рӯйдодҳои ҷомеа бо нотакрории худ, мантиқи худ, масъулият ва таҳаммулпазирии хеш дар баробари андешаи дигарон фарқ мекарданд. Метавон гуфт, ки вай асосгузори сиёсатшиносии амалӣ дар Тоҷикистони муосир мебошад. Инро на танҳо коршиносону олимони Тоҷикистон, балки олимон ва мутафаккирони дигар кишварҳо низ эътироф мекунанд.

Суҳроб Шарипов, яке аз коршиносони варзида ва таҳлилгари Созмони ҳамкории Шанхай мебошад. Ӯ дар байни олимон ва коршиносони ҶХЧ, Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Эрон, Ҳиндустон, Муғулистон, Афғонистон, Покистон, Туркманистон, Туркия, Исроил ва ғайра аз обрӯю ҳайсият ва эътибори хос бархурдор буд. Мақолаҳо ва таҳлилҳои илмиюояндабинии вай дар ИМА, Фаронса, Олмон, Полша, Австрия, сохторҳои таҳлилии СММ, СААД, САҲА, Иттиҳоди Европа, ИДМ ва ғайра маълуму машҳур буд. Вай ҳамеша ба ҳимояи манфиати миллӣ ва давлатии Тоҷикистон суханронӣ намуда, фарҳанги хуби баҳс, таҳаммулпазирӣ нисбат ба мусоҳибон ва

дигарандешони сиёсиро дошт, ки ба кам касон муяссар мешавад.

Чунин хислатҳои наҷиби Суҳроб Иброновичро ба назар гирифта, ӯро муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ ва роҳбари бахши таҳлилӣ таъйин мекунанд. Баъдан ӯ ба ҳайси ёвари Президенти ҶТ ифои вазифа менамояд.

Соли 2005 Суҳроб Шарипов боз ба Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ ба кор баргашт, вале ин дафъа чун роҳбарии ин ниҳоди бонуфузи таҳлилӣ-ояндабинӣ. Дар ин мақом истеъдоди роҳбарии ӯ ва сифатҳои дигари вай чун олим ва таҳлилгар хубтар намоён гардид ва эътибораш дар ҷомеа афзуд. Ҳамкорон ва журналистон Суҳроб Иброновичро шӯхиомез «яке аз аввалин сиёсатшиносони Тоҷикистон», «стратеги рақами яки кишвар» меномиданд, вале дар ин шӯхӣ ҳақиқат ниҳон буд. Дар давраи роҳбарии вай МТС-и назди Президенти ҶТ на танҳо ба маркази таҳлилии минтақа, балки ба ниҳоди бонуфузи таҳлили масоили мубрами вобаста ба ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, робитаҳои байналмилалии сатҳи ҷаҳонӣ ваояндабинии равандҳои рушди ҷомеаи мухталиф табдил ёфт. Сохторҳои бонуфузи таҳлилӣ ва илмии байналмилалӣ ба мазмуну моҳияту мантиқи таҳлилуояндабинии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ арзиш қоил мешуданд. Марказ як навъ ниҳоди илмӣ-тадқиқотӣ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳукумат гардид. Устод тамоми масъулиятро ба дӯши худ гирифта, вазифаҳо ва ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро воқеъбинона ва боҷуръат таҳлилу арзёбӣ карда, шарҳу эзоҳ медод.

Устод ба кори илмии фундаменталии сиёсатшиносӣ идома медод. Дар соли 2000 бо ибтикори вай дар Тоҷикистон нахустин Шӯрои илмии ВАК-и Русия оид ба ҳимояи рисолаи докторӣ дар илми сиёсатшиносӣ таъсис ёфт.

Суҳроб Шарипов дар синни 37 солагиаш рисолаи илмиро ҳимоя карда, унвони доктори сиёсатшиносиро гирифт. Ӯ даҳҳо шогирдон – унвонҷӯ ва аспирантҳо аз Эрон, Қазоқистон, Озорбойҷон, Арманистон, Русия, Тоҷикистонро тарбия карда, ба кори илмии онҳо роҳбарӣ мекард ва онҳоро чун олиму коршинос ба камол расонидааст. Дувоздаҳ нафар таҳти роҳбарии вай рисолаи номзади илм ва доктириро ҳимоя кардаанд. Аз он ҷумла, ҳафт нафар унвонҷӯён ва аспирантон рисолаҳои номзадии худро зери роҳбари бевоситаи ӯ омода карда буданд. Бояд гуфт, ки дар соҳаи илми сиёсатшиносӣ дар Тоҷикистони муосир бе машварат, тақриз ва тавсияи муфиди Суҳроб Шарипов ягон кори илмӣ амалӣ намешуд. Вай дар Тоҷикистон мактаби муосир, касбӣ ва таҳлилии сиёсатшиносиро ба вуҷуд овард. Муаллифи ду монография ва бештар аз 500 мақолаи илмӣ-таҳлилӣ ва иштирокчии садҳо конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошад. Устоди равоншод унвони профессориро дар синни 50 солагӣ касб намуда буд.

Шарипов Суҳроб шахсияти саршиноси иҷтимоӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб мерафт. Ба ақидаи коршиносон, бо омадани вай ба парлумон баҳс бар сари масоили мубрами ҳаёти ҷомеа ва тасвиби қонунҳои сарнавиштсоз ҷиддитару шадидтар шуд. Беҳуда нест, ки Суҳроб Иброновичро Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси МНҶТ Шукурҷон Зуҳуров, Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев, собиқ Вазири корҳои хориҷӣ Ҳамроҳхон Зарифӣ ва дигар

шахсиятҳои бонуфузи кишвар ҳимоятгари фаъоли манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлати муосири тоҷикон номидаанд.

Ҳарчанд Суҳроб Ибронович ҳанӯз аз синни ҷавонӣ дар ҷодаи сиёсат фаъолу донишманд буд, вале афсӯс, ки боқимондаи умр кифоят накард, то нақшаҳои стратегии давлатро, ки дар сар дошт, бобати бештар муаррифӣ намудани миллати тоҷик дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ пиёда созад. 20 марти сол 2015 газетаи «Нигоҳ» шодравон Шарипов Суҳроб Иброновичро сиёсатмадори сол ва чеҳраи сиёсии кишвар элон намуд ва қайд карданд, ки ягона чеҳраи хабарсози Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон буд, ки бо озодандешӣ ва ростгӯӣ шуҳрат дошт. Назарашро на ба манфиати як гурӯҳ ё ҳизб, балки манофеи миллии Тоҷикистон баён мекард. Аз сиёсатмадорони насли нав буд, ки фазои сиёсии кишваро ҳузури чашмрас дошт.

Аммо, мутаассифона, марги нобаҳангом устод Суҳроб Шариповро дар синни панҷоҳудусолагӣ, дар давраи камолоти умр, эҷодкорӣ, амалисозии нақшаҳои стратегие, ки метавонистанд ба манфиати давлату миллат бошанд, бо худ бурд. Дар санаи 19-уми январи соли 2015, соати 12-10 дақиқа дар беморхонаи «Қарияи Боло»-и шаҳри Душанбе Шарипов Суҳроб Ибронович моро падруд гуфт.

Дар рӯзи ҷанозаи марҳум Раиси парлумони кишвар муҳтарам, Шукурҷон Зуҳуров аз номи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хонаводаи марҳум тасаллият изҳор намуда, гуфтанд, ки марги Суҳроб Ибронович барои Тоҷикистон як талафоти ниҳоят калон аст. Ӯ сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ буд.

Устоди равоншодро Худованд ҷояшро Ҷаннатулмаъво ва рӯҳашро шод ва қабрашро пурнур гардонад.

Мо, шогирдонаш ифтихор мекунем, ки чунин устоди ҷасуру донишманд, шахси ватандӯст, содиқ, вафодор, ҳимоятгари манфиатҳои халқу миллат ва Ватан доштем:

*Саъдиё, марди накуном намирад ҳаргиз,*
*Мурда он аст, ки номаш ба накуӣ набаранд.*

**Лоҳутӣ Сафаров,**
**номзади илмҳои сиёсӣ**
**ва шогирди шодравон**
**Суҳроб Ш. 18.**

## ОЛИМЕ, КИ ИЛМАШ БА АМАЛ ЁР БУД

Таърих исбот кардааст, ки олим, донишманд, мутафаккир ва сисёсатмадор шахсиятҳои абадзинда буда, номи онҳо дар китобҳои заррини таърих сабт меёбад. Ин гурӯҳи шахсиятҳо аз нахустин давраи рушди дониш ва таҷрибаи худ тамоми саъю талошро барои ҳифзи арзишҳои давлатдорӣ ва фарҳанги миллии худ ва барои инкишоф ва пешравии ҷомеа сарф намуда, дар ин роҳ қурбон гаштаанд.

Як аз чунин инсонҳои нексиришт - донишманд, сиёсатшинос ва сиёсатмадор шодравон Суҳроб Шарипов мебошад, ки дар ҷомеаи Тоҷикистон эътибори илмии ӯ ҳамчун шахсият - олим миёни қишри зиёии кишвар арзиш ва эҳтироми худро гум накардааст. Дар тӯли фаъолияти пурмаҳсули худ ӯ тавонист, ки барои пешрафти кишвари азизамон Тоҷикистон, аз нигоҳи илмӣ масъалаҳои муҳим ва меҳварии раванди давлатдориро мавриди омӯзиш, таҳлил қарор дода, барои корбурди амиқи он дар раванди сиёсатгузорӣ ва стратегияи рушди кишвар кӯшиши зиёд ба харҷ диҳад.

Ӯ ҳамчун олим ҳама масъалаҳо ва равандҳои кишварро аз нигоҳи илмӣ, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, натиҷаи онро тавассути ВАО дастраси аҳли ҷомеа мегардонд. Ана ҳамин қобилияти фарққунанда ва малакаву маҳораташ буд, ки ӯро ҳам дар дохилӣ Тоҷикистон ва ҳам берун аз кишвар ҳамчун коршиноси ташаккулёфтаи сатҳи байналмилалӣ эътироф мекарданд.

Устод Суҳроб Шарипов ҳангоми фаъолияти пурмаҳсули хеш дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти қонунгузори кишвар, яъне Парлумон тавонист, ки дар коркарди санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ, қарорҳои ҳукумат, алалхусус стратегияҳои давлатӣ иштироки фаъол намуда, дар ҳалли як қатор масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа саҳм бигирад.

Масъала ва мавзӯъҳое, ки таваҷҷуҳи ин шахси соҳибмактаб ва равшинфикрро бештар ба худ ҷалб менамуданд бештар характери рӯзмарра дошта, асосан аз чунин ҷанбаҳо иборат буданд:

- тақвият ва рушду такомул додани равандҳои демократикунонии ҷомеа ва рушди муносибатҳои демократӣ, дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи муҳими стратегияи инкишофи давлати соҳибиситқлол;

- рушду инкишофи низоми сиёсии муосири Тоҷикистон дар асоси принсипҳои демократӣ, аз ҷумла институтҳои демократӣ, бисёрҳизбӣ;

- ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити зудтағйирёбандагии сиёсати ҷаҳонӣ, таҳаввулоти геополитикӣ, геостратегӣ;

- рушди элитаҳои сиёсӣ, модернизатсиякунонии раванди ҷомеа дар асоси принсипҳои демократӣ;

- рушди муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон, дар асоси принсипҳои муайяншудаи ҳуқуқи байналмилалӣ;

- масъалаҳои озодиҳои сиёсии шаҳрвандон, гуногунандешии сиёсӣ, озодии пурраи ВАО ва ғ.

Шодравон Суҳроб Шарипов бо кӯшишу ғайрати худ ба тайёр намудани кадрҳои илмию педагогии дорои унвонҳои илмӣ шурӯъ кард ва дар ин самт ба муваффақиятҳои калон ноил гардид. То имрӯз самраи заҳмати ӯро мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ эҳсос ва дар айни замон қадр мекунанд. Натиҷаи ҳамин кӯшишу талошҳояш буд, ки ӯро яке аз бунёдгузорон ва асосгузорони мактаби илми сиёсатшиносӣ, бахусус сиёсатшиносии амалии тоҷик эътироф мекунанд.

Фикру назар ва мавқеъгириҳои ӯ ҳатман ба натиҷаи ташаббуси бузург ва мавриди ҷонибдории роҳбарияти олии кишвар қарор мегирифтанд. Маҳз натиҷаи назари ӯ ҳамчун роҳбари ниҳоди босалоҳияти тадқиқотиву таҳлилӣ - Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки дар қатори мақомоту идораҳои дигари давлатӣ як ниҳоди муҳимми ниёзи рӯз - Агентии давлатӣ молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки самти фаъолияти он ба мубориза алайҳи кирдорҳои коррупсионӣ дар ҷомеа равона шудааст, таъсис ёбад.

Шиносоии ман бо маҳрум Суҳроб Шарипов дар аввал ғоибона аз тариқи ВАО (солҳои 2005) оғоз ёфт. Ҳангоми ошноӣ ва мутолиаи мусоҳиба ва мақолаҳои ӯ дар рӯзномаҳои даврӣ ва умуман ВАО- чопӣ ба банда маълум мегардид, ки ин шахси донишманд, мудом аз манфиатҳои миллии кишвар, принсипҳои демократии рушд ва низоми сиёсии Тоҷикистон пуштибонӣ мекунад.

Ҳар як нуктаи назар ва андешаи ӯ ҳатман ба маводи ҷолиб ва пурбаҳси ВАО табдил меёфт ва ин зинаи маҳорат ва сатҳи коршиносӣ дар дили ман хоҳиши ошноӣ пайдо кардан бо чунин як олими донишманд, сиёсатшиноси варзидаро боз ҳам меафзуд.

Рӯзе дар суҳбат бо падарам аз Суҳроб Шарипов ва фикрҳои ҷолибу сиёсатшиносонаи ӯ васф намуда, баъдан аз забони падарам огоҳ гардиам, ки қиблагоҳи Суҳроб Шарипов - олими барҷастаи миллати тоҷик, мутафаккир, доктори илмҳои фалсафа, профессор Шарипов Иброн Шарипов яке аз дӯстони наздики падарам будааст.

Падарам қайд намуд, ки ана ҳамин тарбияи ҷиддӣ ва ватандӯстии Иброн Шарипович буд, ки Суҳробҷон ҳамчун олими ҷавони донишманд ва ҷамъиятчӣ мавқеъ ва обрӯи баландро сазовор гардида, пайваста дар хусуси манфиатҳои давлатӣ андеша мекунад.

Хушбахтона, баъд аз хатми Донишгоҳ ба ман имкон даст дод, ки бо устод Суҳроб Шарипов аз наздик ошноӣ пайдо кунам ва аввалин ошноӣ дар утоқи худи он кас сурат гирифт. Устод маро бо чеҳраи хеле гарм ва дар айни замон хоксорона қабул намуда, аз аҳволи оила, саломатӣ, пурсон шуд. Баъдан аз ман пурсон шуд, ки чӣ хоҳиш дорам. Дар ҷавоб хоҳиш намудам, ки мувофиқи имкон маро дар Марказ, ки ба як ниҳоди муҳими муайянкунандаи стратегияи инкишофи кишвар табдил ёфтааст ба кор қабул намоянд. Дар ҷавоб гуфт, ки сиёсати ҳукумати Тоҷикистон дастгирии ҷавонон яке аз бахшҳои муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҷавонон ва ба шуғлу тарбия фаро гирифтани инҳо ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишвар қарор дорад. Аз ин рӯ Марказ низ ҳамчун ҷонибдори ин сиёсат кӯшиш мекунад, ки монанди Шумо ҷавонони

соҳибмаълумотро ба кор қабул намояд. Ҳамин тавр, банда 5-уми июни соли 2010 дар шуъбаи Равандҳои сиёсӣ ва этносиёсии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор оғоз намудам.

Маҳз ҳамин дастгириҳои устодона ва гоҳо бародаронаи Суҳроб Шарипов буд, ки банда ба илм ва фаъолияти илмӣ ҷиддӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз нозукиҳои кори илмӣ ба хубӣ огоҳ ва рисолаи номзадии худро зери сарпарастӣ ва роҳбарии ӯ дар муҳлати муайян ба итмом расонам. Равонат шод бод, раҳнамо ва раҳкушои шогирдон – устоди зиндаёд ва накӯном!!!

**Ҳикматулло Хоҷаев,**
корманди Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Душанбе, 18.01.2016. (АМИТ «Ховар»)

## ЁДДОШТ Ё ХОТИРАЕ АЗ ШОДРАВОН ШАРИПОВ СУҲРОБ ИБРОНОВИЧ

Ман соли 2007 факултаи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистонро ҳамчун омӯзгор хатм карда, дар назди худ мақсад гузоштам, ки ба кори илмӣ машғул шавам ва ба Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор дароям ва дар соҳаи сиёсатшиносӣ кори илмӣ–тадқиқотӣ барам. Ба ҳамин мақсад ба назди роҳбари МТС, олим ва сиёсатшинос, устод Шарипов Суҳроб Ибронович омадам. Он кас маро бо як меҳрубонӣ ва эҳтиром қабул карда, сабаби омаданамро ба наздашон пурсон шуданд. Ман ҷавоб додам, ки устоди азиз, мехоҳам дар ин муассисаи бонуфузи илмӣ, ки Шумо

роҳбарӣ мекунед, кор кунам. Бояд гуфт, ки ин олим ва шахсияти росткор ба дӯстон ҳамавақт дасти мадад дароз карда, ҳамаро бо як чашм нигоҳ мекарданд. Барои он кас муҳим ин буд, ки шахс бояд кордӯст, масъулиятшинос, дорои маҳорату касбият, ватандӯсту миллатдӯст бошад. Устод ба ман бо як меҳрубонӣ гуфтанд, ки бародари азиз, Шумо нав донишгоҳро хатм кардед, рафта дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи касби худ, ба ҳайси омӯзгор корро оғоз кунед, фарзандони мардумро таълиму тарбия диҳед, таҷрибаи корӣ ва таҷрибаи зиндагӣ гиред, баъди панҷ сол биёед, ман Шуморо ба кор мегирам. Ман сухани устоди гиромиқадрро нашикаста, изҳори ташаккур кардам, аз суханони таъсирбахши эшон як ҷаҳон маънӣ гирифтам ва корро ба ҳайси омӯзгор аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №5 ш. Душанбе оғоз кардам. Дар ҳамин соли 2007 ман боз ғойибона ба ДДОТ ба номи С.Айнӣ ҳуҷҷатҳоямро барои маълумоти дуюм гирифтан аз фани таърих супоридам ва онро бо муваффақият соли 2011 хатм намудам.

Пас аз сипарӣ шудани панҷ сол, боз ба назди ин устоди гиромиқадр рафтам ва ин олими меҳрубон мисли пештара маро пешвоз гирифта, сабаби омаданамро пурсиданд. Ман ханда кардаму гуфтам, ки устод, Шумо маро барои кор ба мактаб ба ҳайси омӯзгор равона карда будед ва гуфтед, ки баъд аз панҷ сол биёям. Устод табассуме карда гуфтанд, ки агар ваъда дода бошам, ба ваъда бояд вафо кард. Устод афзуд, ки бояд ариза нависам, вале чун мебояд ба сафари хизматӣ ба Олмон мерафт, гуфт, ки пас аз омадан аз сафари хизматӣ аризаро мебинанд ва маро огоҳ хоҳанд кард. Ман хуб гуфта, боз ба мактаб, ба ҷойи корам баргаштам ва ҳеҷ бовар надоштам, ки маро ба кор мегиранд.

11 ноябри соли 2011 устод аризаи маро имзо карда, ба ман хабар доданд. Ман аз хурсандӣ дар куртаам намеғунҷидам. Ҳамин тавр, дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ чун коршиноси масоили сиёсӣ ба кор оғоз кардам.

18- уми январи соли 2012 Суҳроб Шарипов ба сабаби номзад ба вакилии парлумон шуданашон, бо фармони Президенти ҶТ аз роҳбарии МТС озод шуд. Боре устод Суҳроб маро даъват карда пешниҳод намуданд, ки дар маъракаи интихоботӣ шахси боэътимод ва ёварашон шавам. Ман ин пешниҳодро шунида, хеле хурсанд шудам, ки он кас ба ман бовар ва эътимод кардаанд. Бо ҷону дил пешниҳоди устодро пазируфта, корро оғоз намудем ва то охири умрашон ҳамчун шогирд ва шахси боэътимоди он кас ҳамроҳашон будам.

Суҳроб Шарипов муддати се сол дар парлумони кишвар ҳамчун вакили ватандӯсту миллатпарвар ва ҳамчун коршиноси варзидаи масоили сиёсат, иқтисод ва фарҳанг манфиатҳои миллату давлатро ҳамеша ҳимоя мекарданд. Суҳроб Ибронович як шахсияти хело оддиву фурӯтану ватандӯсту хайрхоҳ буданд. Ҳисси миллии ин олими бузург баланд буд, ҳамаро бо як чашм нигоҳ мекарданд ва дилашон ҳамавақт соф буд. Ман бо устод робитаи наздик доштам. Чун вақти хӯроки нисфирӯзӣ мерасид, ба ман телефон карда, мегуфтанд, ки чизе барои хӯроки нисфирӯзӣ биёр, ки ман сари кор ҳастам. Ман мепурсидам, ки – чӣ биёрам? мегуфтанд, ки – чанд дона «пирожки» биёр бас. Ба пешниҳоди ман дар бораи ба ягон ҷо ба ғизохӯрӣ рафтан ҷавоб медоданд, ки рафтану омадан вақтро мегирад, вале ман бояд кор кунам. Ҳамин тавр, устод Суҳроб ҳар як фурсату ҳар як дақиқаи вақтро ба кори ҷамъиятӣ ва ба-

кори илмӣ сарф мекарданд. Шахси хеле хоксору заминӣ буданд.

Боре, Суҳроб Ибронович ба ман занг зада, гуфтанд, ки биё ба вохӯрӣ бо интихибкунандагон меравем. Дар масҷиди «Роҳи нав»-и ноҳияи Шоҳмансур мардуми бисёре барои вохӯрӣ бо устод ҷамъ шуда буданд. Устод дар назди онҳо суханронӣ карда, ба саволҳои сершумор посух доданд. Дар охир як рӯҳонӣ ба устод муроҷиат карда гуфт, ки мо дар ҳамин масҷид намоз мегузорем, вале зимистон хунук мехӯрем. Хоҳиш мекунем, ки барои маҳкам кардани гирди балкони масҷид ба мо мадад расонед. Устод ба суханони он шахс бо диққат гӯш карда, гуфт, ки хоҳиши шуморо ба ҷо меорем, то шумо падарону бародарони азизи мо дар фасли сармо хунук нахӯред. Мо аз он ҷо, аз мулоқот баромадем ва устод аз кисааш пул бароварда, ба ман дароз карда, супориш доданд, ки гирди ин масҷидро пластик гирам, то намозгузорон хунук нахӯранд, савобаш ба мо ҳам мерасад…

Устод Суҳроб ҳамеша дар хидмати миллату давлат буд. Он кас як шахси ватандӯсту миллатдӯст ва олими тавоною варзида буданд. Он кас дар нашрияҳои гуногун зиёда аз 500 мақола чоп кардаанд, дар радио ва телевизион садҳо мусоҳиба анҷом медоданд. Муаллифи чанд китоби бузургҳаҷм буданд. Таҳти роҳбарии устод 18 шогирд рисолаи илмиро ҳимоя кардаанд.

Бисёр олимони ҷавон мехостанд, ки маҳз устод роҳбари илмиашон бошад, аммо мутаассифона, устод Суҳроб 2 январи соли 2015 дар беморхона бистарӣ шуда буданд ва ман хабар надоштам. Аз беморхонаи «Қарияи Боло» ба ман телефон карда, хоҳиш карданд, ки натиҷаи таҳлили хунашро, ки дар шифохонаи дигар будааст, барояш биёрам. Ман хеле дар ҳайрат монда, нигарон шудам, ки ба устод чӣ гап шуда

бошад. Зуд назди он кас рафтам ва аз аҳволаш пурсон шудам. Гуфт, ки ташвиш накаш, табибон мегӯянд, ки «камхунӣ» (анемия) дорам. Хешу таборони дигар низ дар он ҷо ҳузур доштанд. Устод ҳамаи онҳоро ҷавоб дода, гуфт, ки пешам фақат Ҳикматулло истад шуд, шумо аз пайи кору боратон шавед.

Бо ҳамроҳии устод дар гирду атрофи беморхона сайру гашт мекардем, устод бисёр чизҳоро ба ёд меовард, аз давраи донишҷӯйӣ, фаъолияташон дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ нақл карда, шӯхӣ мекарданд. Мегуфтанд, ки дар кори дипломатия ва дар сиёсат устоди ман Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ  Раҳмон  мебошанд, ман аз он кас дарси ибрату намуна мегирам. Устодам – Президенти мамлакат бисёр чизҳоро ба ман омӯхтанд, ман он касро ҳамчун устод, ҳамчун роҳбари хирадманд ва ватандӯст дӯст медорам. Президенти муҳтарам мегуфтанд, ки ман ба ту бовар дорам, писарам, ҳамчун додар, ҳамчун шогирд, зеро хислати ман дар туст, ту ватандӯсти асил ҳастӣ. Ва илова карданд, ки дар кори илмӣ бошад, падарам, таърихшиноси варзида шодравон Иброн Шарипов устодам  мебошанд.

Суҳроб Ибронович шахсони бофаросату донишмандро эҳтиром мекард, чунки худашон шахси бофаросату босавод  буданд. Он кас як рӯз маро даъват карда гуфтанд, ки мехоҳанд  аз  парлумон раванд ва ба кори илмию омӯзгорӣ дар донишгоҳ машғул шаванд. Ман ҷавоб додам, ки Шумо бояд ҳатман фикри Ҷаноби Олӣ, Президент – Эмомалӣ Раҳмонро фаҳмед. Аз байн чанд вақт нагузашта Суҳроб Шарипов маро боз даъват карда, бо як табассум гуфт, ки маро Устоди меҳрубонам Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуюмбора номзад ба вакили парлумон пешбарӣ карда ва бо як меҳрубонӣ гуфтанд, ки

Суҳробҷон, он ҷое, ки Шумо ҳастед, он ҷо рақиб нест ва рақиб бошад ҳам, мегурезад. Ман хандида гуфтам, ки муҳтарам Президент, ман то рӯзе дар қайди ҳаёт ҳастам, барои Ватан ва миллат ва барои Шумо хизмати содиқона мекунам ва сиёсати хирадмандонаи Шумо, устоди азизро дастгирӣ мекунам.

Ман аз ин суханонашон хело хурсанд шудам ва устодро табрик намудам. Вай ба ман гуфт, ки шогирди азиз, пас вазифаи ёрдамчигиро боз давом медиҳед, гуфтам албатта, мо бояд барои Ватану миллати худамон хизмат кунем ва сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлатро дастгирӣ кунем, мо ҷавонон бояд чунин сиёсатро чун гавҳараки чашм ҳифз ва пуштибонӣ намоем.

Ин олими сиёсатшиноси варзида, вақте ки соли 2005 роҳбари Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ таъйин гардиданд, аллакай як ҷавони хело пуртаҷрибаву нотарс буданд. Ба туфайли он кас МТС на танҳо дар соҳаи сиёсати дохилӣ, балки дар риштаи сиёсати берунӣ низ як ниҳоди калидӣ ва номдору бонуфуз шуд. Ин олими варзида на танҳо дар байни сохторҳои дохилӣ, балки дар байни созмонҳои байналмилалӣ ҳам соҳиби обрӯю эътибор зиёд гардид ва номи Тоҷикистонро баланд бардошт. Маҳз таҳти роҳбарии ин олими хирадманд, МТС ба тарҳрезии идеяи миллӣ оғоз намуд. Вақте ки он кас роҳбарии ин Марказро бар дӯш дошт, тамоми кормандони ин муассисаи илмӣ чун як гурӯҳи муттаҳид ва якпорча содиқона кору фаъолият мекарданд, дар байни онҳо номзадҳо ва докторони илм буданд. Масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва берунаро таҳлилу тадқиқу арзёбӣ мекарданд. Умуман, ин олим барои он талош мекарданд, ки ҳамеша манфиатҳои давлату миллатро дар ҳамаи маврид

ҳимоят кунанд ва ҳама вақт манфиатҳои миллату давлатро аз нафъи шахсии худ боло медонистанд. Он кас фидоии ин миллату давлат буданд, ҳамеша мегуфтанд, ки дар умум баҳои фаъолияти ҳар яки моро таърих нишон медиҳад, зеро маҳз таърих довари воқеият аст. Устод таърифи худ ва дар бораи худашон навиштанро намеписандид. Худ ҳар чизе, ки менавишту дар нишастҳову дар конфронсҳову дар мусоҳибаҳо ва суханрониҳо мегуфт, фақат ва фақат ба манфиати давлату миллат буд, ҳамеша масоили мубрами сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва мушкилоти ҷомеаро амиқан таҳлилу арзёбӣ мекарданд. Таҳти роҳбарӣ ва назорати бевоситаи устод Суҳроб кормандони Марказ гузоришҳои таҳлилӣ таҳия мекарданд, конфронсҳои илмию амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро созмон медоданд, стратегияи асосии рушди кишварро мушаххас месохтанд. Ва ин таҳлилҳо ба Президенти кишвар, ба Ҳукумат, ба сохторҳои гуногуни давлатӣ расонида мешуданд ва аз рӯйи он асноди ҷиддии пешрафти давлату ҷомеа омода мегардид. Аз сӯйи дигар, устод Суҳроб шахсан афкори андешамандона ва олимонаи худро ҷиҳати таҳияи лоиҳаҳои барномаҳои давлатӣ, консепсияҳо ва санадҳои муҳими дигар пешниҳод мекард. Ҳамчун як коршиноси варзидаву шинохта дар соҳаи сиёсат дар дохилу берун аз дохили кишвар шахсияти шинохта буданд, ҳама он касро ҳамчун як шахси ростгӯву ростқавл дӯст медоштанд ва эҳтиромашро ба ҷо меоварданд.

Суҳроб Шарипов вақте ки вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд, дар доираи фаъолияти сесолаи кориаш дар Парлумони кишварамон дар таҳияи як силсила Қонунҳои ҶТ ва дигар

санадҳои қонунгузорӣ фаъолона ширкат варзиданд. Масалан, саҳми он кас дар омода кардани Қонуни ҶТ «Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи консепсияи давлатии соҳаи дин», таҳияи Барномаҳои давлатӣ дар соҳаи обу энергетика, таҳияи консепсияи сиёсати хориҷӣ, таҳлилу арзёбии Аҳдномаи тиҷорати озод дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (рушди иқтисод), Масъалаҳои консепсияи таъсис ва нигаҳдории ҷойҳои корӣ дар ҶТ, таҳияи стратегияи миллии пешгирии ифротгароӣ ва чандин қонуну санадҳои дигар саҳми бориз гузоштааст.

Суҳроб Ибронович дар давоми ҳаёти кӯтоҳмуддаташ ба ҳамаи орзуҳои дар дил доштааш расид. Ба саволи банда, ки дар дил чӣ орзуҳо доштед, худи ӯ чунин нақл карда буд:

–Шогирди азиз, ман аз он хурсандам, ки бо кумаки Худованд тамоми орзую мақсадҳои зерини дар дилдоштаам ҷомаи амал пӯшиданд.

1. Орзу доштам пеш аз дохил шуданам ба донишгоҳ аввал ба ду китобхонаи худамон, яъне китобхонаи ДДОТ ва ДМТ рафта, китобҳои ба ман лозимиро муддати як сол омӯхта, худамро барои дохилшавӣ ба Донишгоҳи Давлатии ба номи Ломоносови Москва омода месозам. Ҳамин тавр ҳам шуд ва ба мақсадам расидам.

2. Мақсад доштам номзад ва доктори илмҳои сиёсатшиносӣ шавам. Ин ҳам амалӣ шуд.

3. Орзуям навиштан ва аз чоп баровардани китобҳоям буд. Дар ин самт се китоби ман аз чоп баромад.

4.Орзуям ин буд, ки баъд аз Москва баргаштан дар назди худ мақсад гузоштам, ки ба миллату Ватани худам содиқона хизмат намоям ва дар ин роҳ тамоми донишу

малакаи худамро сарф кунам. Баъд аз бозгашт ба Душанбе соли 1998 сараввал якчанд муддат муаллим будам. Баъдан, дар як ташкилоти хориҷӣ кор кардам. Сипас ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ даъват шуда, дар раёсати таҳлилӣ ба ҳайси таҳлилгар ифои вазифа доштам.

Бо сипарӣ шудани муддате маро ёвари Президенти ҶТ таъйин карданд. Дар давоми солҳои 2005 тосоли 2011 дар вазифаи директори МТС-и назди Президенти ҶТ фаъолият намудам. Як вақт ба Арабистони Саъудӣ рафта будам ва хонаи Худороҳам зиёрат кардамва ҳоҷӣ шудам. Фарзандони хуб тарбия кардам. Соли 2011 аз тарафи Сарвари давлат номзадиам ба Парлумони Тоҷикистон кишвар пешниҳод гардид ва ман вакили интихоб шудам.

Ин фарзанди фарзонаи миллат як сиёсатмадори ватандӯст ва меҳанпарвар буд. Устод Суҳроб Ибронович ягона коршинос ва сиёсатмадоре буд, ки дар арсаи сиёсат ба ҳар як таҳдидҳои беруна ҷавобҳои дандоншикан медод, барои ҳамин ин олими варзидаро “Стратеги № 1-и Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ” меномиданд ва ҳамаи олимону сиёсатмадорони Осиёи Марказӣ ва намояндагони корпусҳои дипломатӣ он касро мешинохтанд ва ҳамчун як сиёсатшиноси варзида ва донишманди фозил эҳтиром мекарданд.

Мутаассифона, тавре ки мегӯянд, дунё бевафост ва устод Суҳроб Шарипов дар айни камолоти умр, дар синни 52-солагӣ, санаи 19 январи соли 2015 дуёро падруд гуфтанд.

Хотираи ин олими саршинос, шахсияти маъруфи иҷтимоӣ, инсони неку шариф ҳамеша дар қалбҳои ҳамкорону шогирдону дӯстону пайвандонаш боқӣ хоҳад монд:

Бузургон ҳар куҷо овора миранд,
Ба тадбиранд, вале бечора миранд.

Устод Суҳроб умри кӯтоҳи хешро беҳуда сарф накарда, барои халқу миллат, манфиатҳои миллат ва ё ба ибораи дигар «барои арзишҳои волои инсонӣ» саъю талош намудааст. Ҳар як сухани устод, ҷавҳари андешаҳои ӯ, хотироти нотакрор ва сабақомӯзандаи ӯ дар лавҳаи хотири ҳар яки мо нақш бастааст. Дар рӯзи ҷанозаи марҳум Раиси Парлумони кишварамон, муҳтарам Шукурҷон Зуҳуров аз номи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хонаводаи марҳум тасаллият изҳор намуда, гуфтанд, ки марги Суҳроб Ибронович барои Тоҷикистон як талафоти ниҳоят калон аст. Ӯ сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ буд.

Устоди шодравонро Худованд ҷояшро Ҷаннатулмаъво, рӯҳашро шод ва қабрашро пурнур гардонад.

*Аз дил наравад ёди ту, гар хун равад аз дил,*
*Ёди ту чу хун нест, ки берун равад аз дил!*

Мо, шогирдони устод Суҳроб Ибронович, ифтихор мекунем, ки чунин устоди ҷасуру донишманд, шахси ватандӯст, содиқ, вафодор, ҳимоятгари манфиатҳои халқу миллат ва Ватан доштем.

*Шунидаед, ки осоиши бузургон чист?*
*Ба хотири бечорагон наёсуданд,*

*Ба кохи даҳр, ки олоиш аст бунёдаш,*
*Вуруд гаштану домани худ наёлудан.*

**Низом Қосим,**
**Раиси Иттифоқи нависандагони ҶТ**
**11.12.2016**

## МӮЙСАФЕД ОХИР ШУДӢ, ЭЙ БАРФ…
### (дар ёдкарди ҳамкор)

Дар бист соли охир пешаву пешаварҳои аҷоибу ғароибе пайдо шуданд, ки дар зиндагии собиқамон аз мавҷудияташон дарак ҳам надоштем. Аз ҷумла, саҳифаҳои нашрияҳои тозапайдои хусусӣ аз «коршинос»-ҳое пур гаштанд, ки худнамоёна ба таври бисёр умумӣ, беасос, ҳатто ҳазёнбашараву сафсатамонанд дар бораи шахсу руҳдоду воқеаҳо суҳбат мекарданд, тахмину гумонҳои бебунёду содалавҳонаашонро чун бозёфтҳо манзур менамуданду эмпирииконаву популистона дар бораи сиёсату иқтисоду иҷтимоъ «ҳадс» мезаданд. Аксари он гуфтаву навиштаҳо аз «коршиносӣ», ки аз «кор»-у «шинохтан», яъне, донишу фаҳмиши касбӣ таркиб ёфтааст, фарсаххо дур буданд ва аҳёнан дар тақлиди кӯр-кӯронаи матбуоти «озод»-и хориҷа сурат мегирифтанд.

Хушбахтона, дар он миён, чун гулҳои сахтҷони худрӯйи байни хористону шӯразор, гоҳ-гоҳ гуфтаву навиштаҳои мушаххас, бодалел, боварбахш, маърифатбахшо ва аз ин рӯ, дилрас низ ба чашм мерасиданд. Онҳо воқеан коршиносона буданд ва асосан, аз номи чанд нафари ангуштшумор иброзу манзур мешуданд. Дар миёни муаллифони чунон гуфтаву навиштаҳо номи Сухроб Шарипов ҳам буд ва дар як муддати кӯтоҳ ба сархати коршиносони фаъолу барҷосухан ва устуворҳарфу мушаххас баён кӯчид. Коршиноси воқеие буд ӯ, ки ба умқи руҳдод фурӯ рафтаву моҳияташро дарк карда,

ҷиҳатҳои хосу муҳимму зарурии онро барои хонанда бозгӯ менамуд.

Дар бораи ҳодисаҳои ҷамъиятӣ чунон мушаххас, бо далел ва шавқангез суҳбат мекард, ки мутахассисони босалоҳияттарину хушзавқтарин оид ба рухдодҳои табиат, қонунҳои физикаву химия ё муодилаву аксиомаҳо ҳарф мезананд. Ва батадриҷ ҳаводиси ҷамъияту давлату сиёсатҳоро, ки аксаран бисёр печида, мубҳам, пур аз ҳиллаву найрангҳоянд, барои ҳамсуҳбат қобили дарку фаҳмотар мекард.

Каму кӯтоҳ, вале нишонрас сухан мегуфт Суҳроб Шарипов. Дониши амиқу назари фарохаш ҳамсуҳбатро зуд моилу қарини дилаш мекард. Ошкоргӯии бодалелу бебоконааш камназир буд. Вале дар он ошкоргӯиҳои камназир ҳаргиз ба худнамоиву авомфиребиҳои ба ошкоргӯиҳои сохта хос роҳ намедод. Ошкоргӯиҳояш барои кор буд, барои бунёдкорӣ буд...

Се сол пеш, дар яке аз ҳавзаҳои мураккаби пойтахт пирӯз гашта, ба парламент омад. Ҳузури вакиле, ки гапу мавқеи худро дошт ва онро бурҳондору мушаххасу дастрас баён менамуд, зуд эҳсос шуд. Гапу мавқеи Суҳроб Шарипов гапу мавқеи беғаразонаву созандаи ҳақиқату адолат, гапу мавқеи манфиатҳои давлату миллат, гапу мавқеи ҳизби бунёдкораш, гапу мавқеи даҳҳо ҳазор интихобкардагонаш буд, ки барои ояндаи сазовори фарзандони хештану Ватан андешаву талош доранд. Гапу мавқее буд, ки дар масъалаи мушаххаси сиёсӣ, иқтисодӣ ё иҷтимоӣ ҷиҳатҳои ҷолиберо аён ва ба манфиати тафаккури сомеону нафъи кор равон мекард.

Ин вакили бемаҳал мӯсафед, вале бисёр озоду озода, зиндадилу зиндарӯҳ, сухандону ҳозирҷавоб ва беғаразу

самимӣ, бемуболиға, бо ҳузури хеш парламентро нур мебахшид, донотару бинотар, зиндатару табиитар мекард. Табассуми тифлона беғаши бар чеҳраи пайваста андешаманду зоҳираш зебанда чӣ донишҳову фаҳмишҳо, чӣ даркҳоеву дардҳоеро зери хеш ниҳон медошт!...

Имрӯз мафҳуми «файласуф» ҳам, чун аксари чизҳо, бисёр махлуту мавҳуму мубҳам шудааст. Дигар нафаре нест он, ки ҳикмат биҷӯяду худ низ ҳикмат бигӯяд, аксаран нафарест, ки чанд гуфтаи маълуми бузургеро печидаву жӯлида «шарҳу тафсир» мекунаду «иқтибосе аз ақли худ наоварда», дар баҳои иқтибосҳои барҷову беҷои дигарон унвон мегирад. Вале Суҳроб Шарипов сириштан файласуф буд, пурмутолиа буд, ҳикматдон буд, гуфтору рафтори ҳакимона содаву озода дошт. Нақшаш дар ташаккули сиёсатшиносии тоҷик бебаҳс аст ва заҳматаш барои ташаккулу такомул ва ташвиқу тарғиби сиёсати поядору пойдор ва созандаву арзандаи давлати ҷавони тоҷик сазовор.

Ҳамин маъруфияту маҳбубияташ буд, ки ҳафтае пеш аз реҳлати бемаҳалаш конфронси бахши ноҳиявии Ҳизби Халқӣ-Демократии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Шоҳмансури пойтахт бори дигар номзад ба вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбариаш намуд. Бовар доштанд, ки дар ин ҳавзаи мушкили серномзад сазовор намояндагиашон мекунад ва бо барномаи мушаххасу заминӣ ва суҳбатҳои бурҳондори самимӣ аксари интихобкунандагонро моили хеш месозад. Вале, афсӯс, ки ин марди қавлуамал, шояд бори аввал дар умраш, боварии ҳам ҳизбу ҳам ақидаҳояшро бе посух гузошт…

…Соле пештар падараш – низ олими шинохта - даргузашт. Ба кабинеташ, ки дар умқу кунҷи долони тӯлонӣ

воқеъ буд, рафта, изҳори ҳамдардӣ кардам. Чун медонистам, ки мӯсафед умри пурбаракате дидаву ба дараҷаҳои баланди илмӣ расида ва фарзандонро сазовор ба камол расондааст, байни суханҳоям аз ҷумла одативу қолабӣ гуфтам, ки «чӣ илоҷ, ки падармурӣ мерос аст, Худованд ба фарзандону пайвандонаш умри дарозу бахту нек бидиҳад». Лекин имрӯз ин суханҳоро ба фарзандони Суҳроб Шарипов гуфта намешавад! Чунки ҳоло худ ҷавон буд ӯ, ҷигаргӯшаҳояшро парринчак накарда буд ҳанӯз, нав вақти кору пайкораш расида буд, акнун чун донишманду давлатмарди пухта дар таҳкими илму сиёсати халқаш саҳми бештаре, амиқтаре, муассиртаре дошта метавонист. Дареғ, ки ин ҳама абадӣ дар орзӯҳои ёрону ҳамкоронаш монд.

Тасаллӣ ҳамин аст, ки бешак номаш мемонад. Дар рисолаҳову мақолаҳо мемонад, дар зикри хайри донишмандону сиёсатмадорон мемонад, дар вирди мудоми фарзандон, дӯстон, шогирдон, ҳамаи онҳое мемонад, ки боре табассуми лоуболонаи тифлонаашро дида буданд, баҳсашро бо муқобилони ростиву ҳақиқат шунида буданд, софдиливу беғаразиашро фаҳмида буданд. Бешак, дар лавҳаи коргоҳе ё кӯчае ё таълимгоҳе низ хоҳад монд ин номинек.

Рӯзи ҷанозааш зимистони хушки имсола ҷомаи сиёҳи абрӣ ба бар кардаву бо сад чашм борон мегирист. Имрӯз, ки аз гузашташ панҷ рӯз сипарӣ мешавад, барф меборад. Ва ҳар қуллаи баланду пурғурури кӯҳсори атроф сари сафеди ӯро ба ёд меорад. Атроф – сафед, сафед, сафед… Аммо, дареғ, ки гуфтаи шоир нашуд.

*Мӯсафед охир шудӣ, эй барф,*
*То саранҷомам чунин дидӣ,*
*Бар сарам боридӣ, аммо*
*Бар сари гӯрам наборидӣ…*

**Бахром Шарипов**
**18.04.2016**

## ХОТИРАҲО АЗ СУҲРОБ ИБРОНОВИЧ ШАРИПОВ

Нахустин хотираҳое, ки аз устоди арҷманд дар ёди банда нақш бастаанд, ин солҳои дар мактаби миёнаи рақами 77 ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе якҷоя таҳсил кардаамон мебошад. Рафтору кирдори Сухроб Шарипов аз дигарон фарқ мекард, ӯ ба бетарафӣ ва бепарвоӣ роҳ намедод, дар корҳои ҷамъиятии мактаб, инчунин дар чорабиниҳои варзишӣ, бахусус бозии футбол фаъолона, бо завқи баланд ва масъулияти беандоза иштирок мекард. Ҳамин буд, ки ҳамаи муаллимон, ҳамсабақон ва дигар толибилмони чи синфҳои болоӣ ва чи синфҳои поёнии мактаби мазкур ӯро мешинохтанд ва дар гирдаш ҷамъ меомаданд.

Бо мурури замон, вохӯрии навбатии банда бо устод С.И. Шарипов дар вақти фаъолияташ ба ҳайси роҳбар дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рух дода буд. Маҳз ба туфайли роҳбар ва шахси кордон, ҳалолкор ва воқеъбин буданаш, ин Марказ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он шуҳрати хоса ва баланд пайдо кард. Воқеан ҳам ҳамчун Маркази тадқиқотҳои ҳозиразамони илмӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ шуҳратёб гардиданаш каминаро водор сохт, ки ба кор (ним басти корӣ) ба Маркази мазкур оям.

Бо тавсияи устод дар ин боргоҳи илму маърифат ба равияи илмӣ ва тадқиқотие, ки ба он бештар рағбат ва малакаи корӣ доштам, машғул шавам. Дар ҷодаи

тадқиқотҳои илмӣ, ки фикрронихояш дар асоси ҷаҳонбинии васеи илмӣ ташаккул меёфт, кормандонро рӯҳбаланд мегардонид ва водор месохт, ки кори худро бо самара ва сифати олии илмӣ, бо такя ба дастовардҳои тоза ва дақиқ иҷро намоянд.

Ӯ ҳамеша мекӯшид, ки барои кормандон тамоми шароитҳои мусоиди кориро фароҳам оварад. Кӯшиш менамуд, ки кормандонаш бо иштирок дар тадқиқотҳои илмӣ дар доираи барномаҳои гуногун бо ташкилотҳои хориҷӣ, дастмузди иловагӣ ба даст оранд, ин амал бошад дар навбати худ барои муттаҳидӣ ва сарҷамъии кормандон мусоидат менамуд. Дар ин самт, пайваста гузаронидани конфронсҳои илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввар оид ба масъалаҳои мубрами рӯз, бо иштироки фаъоли кормандони соҳаи илм, ходимони сиёсӣ ва доираҳои васеи шахсон ва ташкилотҳои дигари ҳавасманд, инчунин ташкилотҳои хориҷӣ, боиси он мегардид, ки масъалаҳо ҳаматарафа, воқеъбинона, бо ҷасорат, бе тарсу ҳарос мавриди баррасӣ қарор гиранд ва дар натиҷа қарор ва тавсияҳои дақиқи илмӣ қабул шуда, ба мақомоти дахлдори ҳукуматӣ ирсол шаванд. Дар асоси он, аз ҷониби ин мақомот қарорҳои роҳбарикунандаи дурусту зарурӣ қабул мешуданд, ки дар натиҷаи фаъолияти хуби умумӣ самараи назаррас ба даст меомад.

Дар ин ҷода низ, бо олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷии соҳаи иқтисодиёт шиносоӣ пайдо мешуд.

Муносибати устод Шарипов С.И. умуман бо кормандон ва шогирдон хеле самимӣ ва ғамхорона буд, ҳамеша кумак мекарданд, маслиҳатҳо медоданд, роҳ нишон медоданд ва ҳамаро сарҷамъ менамуданд.

Устод Шарипов С.И. дар байни олимон ва сиёсатмадорони хориҷаи дуру наздик обрӯй ва шуҳрати беандоза дошт, ӯро онҳо хуб мешинохтанд ва эҳтиромаш мекарданд. Мутаассифона, устод Шарипов С.И. дар айни ҷӯшу хурӯши зиндагӣ ва камолоти эҷодӣ ин ҷаҳонро падруд гуфт. Чуноне ки мегӯянд, Худованд азизонашро ба назди худ мехонад ва ӯ, ки низ бисёр ғамхору дилсӯз ва азиз буд, шояд барои ҳамин ҳам Аллоҳ таъоло хеле бармаҳал ба даргоҳи худ хондаш. Лек корҳо ва хотираи устод дар дили шогирдон, дӯстон ва наздиконаш ҳамеша ҷовидон боқӣ мемонад ва ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Рӯҳатон шод ва хонаи охирататон обод бод, Устоди азиз!

**Маҳрами Анварзод,**
сарчашма «АМИТ Ховар »
**13.03.2017**

## ҲАР КАСЕ БИХОҲАД КОРЕРО АНҶОМ ДИҲАД, РОҲАШРО ПАЙДО МЕКУНАД ВА АГАР НАХОҲАД, БАҲОНААШРО МЕЁБАД

Ин сухани дақиқ баёнгари як ҳақиқати воқеии ҳаётӣ буда, сабаби аслии расидан ё нарасидани инсонро ба мақсади дар пеш гузоштааш, пеш аз ҳама, ба майлу хоҳиш ва иродаву қобилияти шахсии худи ӯ вобаста мекунад. Дар ҳақиқат, афроде ки майлу хоҳиш, истеъдоду қобилият ва иродаи матини кор кардан ва хизмат намудан барои беҳбудииҳаёти ҷомеа доранд, новобаста аз низоми сиёсӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамеша роҳи корро меёбанд.

Ин гуна инсонҳо ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ гуна шароит дар пеши мушкилот сар намефуроранд, балки мушкилотро мардонавор паси сар карда, то охирин рамақи ҷон барои расидан ба мақсад мубориза мебаранд. Ҷомеаи инсониро маҳз ҳамин гуна шахсиятҳои камшумор пеш мебаранд.

Марҳум Суҳроб Шарипов, яке аз аввалин мутахассисони сиёсатшиноси Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз ҷумлаи ҳамин гуна шахсиятҳои нодиру нотакрор буд. Солҳое, ки Суҳроб Шарипов ба ҳайси директори МТС назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамуд, Ҷумҳурии Тоҷикистон акнун ба фазои сулҳу осоиштагӣ даст ёфта буд. Албатта, дар кишвари нав аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ раҳоёфта проблемаҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки онҳоро на якбора, балки давра ба давра ҳаллу фасл кардан мумкин буд. Дар он солҳо ҳар як шахси ватандӯст ва боору номус, алалхусус кормандони соҳаи илму маорифро лозим буд, ки новобаста аз шароити маҳдуди молиявию иқтисодӣ, новобаста аз камии музди меҳнат, ба хотири ободии Ватан ва ояндаи дурахшони миллати соҳибистиқлол фидокорона меҳнат кунанд. Илова бар ин, дар давраи мазкур абарқудратҳои ҷаҳонӣ барои пешбурди сиёсати худ ва ҳифзи манфиатҳои геополитикӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мутахассисони олиро новобаста аз дину мазҳаб, миллат ва нажод аз ҳар гӯшаи дунё ҷамъ оварда, барои онҳо тамоми шароити зиндагиро фароҳам меоварданд. Сабаби аз тарафи кишварҳои абарқудрат ҷалб шудани олимону мутахассисони кишварҳои пасошӯравӣ дар он буд, ки чунин олимону мутахассисон минбаъд барои татбиқи ҳадафҳои геополитикии онҳо истифода мешуданд ва барояшон фоидае мео-

варданд, ки аз масрафи нигоҳдории ин олимону мутахассисон миллионҳо маротиба зиёдтар буд. Ҳамин омилҳо сабаб шуданд, ки теъдоди зиёди олимону коршиносони тоҷик барои беҳдошти зиндагӣ кишварҳои худро тарк кунанд. Вале Суҳроб Шарипов, новобаста аз ҳамаи мушкилот ва омилҳои зикршуда, ҳамчун фарзанди содиқ дар Ватан монд ва тамоми донишу тавоноии худро барои равнақу пешрафти Ватан сарф кард. Суҳроб Шарипов аз ҷумлаи олимони масъулиятшиносе буд, ки дар ҳамон гуна шароити вазнин нисбат ба ояндаи дурахшони давлатдории тоҷикон эътимод ва боварии комил дошт ва ҳамин боварию эътиқод буд, ки ӯро барои содиқона хизмат кардан ба халқу Ватан таҳрик ва ҳидоят менамуд.

Барои аксарияти мутахассисони ҷавон шахсияти фарҳангӣ ва чеҳраи илмии Суҳроб то ҳанӯз ношинохта мондааст, зеро андешаҳои ӯ дар масъалаҳои сиёсӣ аз фаҳмиши дигарон хеле пешрафта ва пурпечутоб буд. Директори Маркази Институти иқтисоди ҷаҳонӣ ва сиёсат дар назди фонди Президенти Қазоқистон Ҳайдар Амрбаев зимни як суҳбат дар бораи Суҳроб Шарипов, ки дӯсти ҳамсабақаш будааст, чунин изҳори андеша намудааст: «Мо бо Суҳроб панҷ сол дар давраи донишҷӯӣ дар як ҷо зиндагӣ мекардем. Донишу заковати ӯ аҷоиб буд. Бе муболиға ман гуфта метавонам, ки Суҳроб дар курси сеюм аллакай як коршиноси сиёсии мустақил буд. Ҳатто дар баъзе мавридҳо бо устодон баҳсу мунозира мекард, ки ин аз ғайрату дониши ӯ дарак медод, зеро роҳбарияти донишгоҳ метавонистанд барои чунин амал ӯро аз донишгоҳ хориҷ кунанд. Албатта, барои устодони мо ташаккули мустақилонаи мутахассисони миллӣ он қадар

маъқул набуд. Онҳо ҳанӯз ҳам бо андешаи он буданд, ки бояд фақат онҳо гап зананд ва шаҳрвандони ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ онҳоро гӯш кунанд. Вале Суҳроб, баръакс ҳамчун як олим мавқеи худро мустаҳкамтар кард. Дар фаъолияти корӣ низ ҳамин хусусиятҳои Суҳроб дигар нашуданд. Ман доим аз ВАО суҳбатҳои ӯро дар масъалаҳои гуногун мехондам. Хеле боғайратона ва олимона буданд». Фаъолияти касбии Суҳроб ҳамчун як сиёсатшинос фарохтар аз доираи як корманди давлатӣ буд. Ӯ ҳамеша ҳамчун як олими касбӣ дар бораи ин ё он масъала суҳбат мекард. Албатта, на барои ҳама чунин суҳбатҳо ва эродгирӣ мавриди писанд буданд, вале барои ӯ манфиати давлату миллат аз ҳама боло буд. Ба андешаи аксарияти рӯзноманигорони дохилию хориҷӣ Суҳроб Шарипов яке аз он олимоне буд, ки проблемаҳои сиёсию иқтисодии Осиёи Марказиро хеле хуб омӯхта буд ва дар ҳалли онҳо метавонист саҳми худро гузорад.

Ман шахсан бо Суҳроб Шарипов шинос будам ва муносибати дӯстона доштем. Албатта, доир ба дониши сиёсии ӯ ягон кас баҳс намекард. Вале ман аз дониши баланди сиёсии ӯҳангоми сафари корӣ ба Олмон қоил шудам. Мавзӯи корӣ масъалаи муносибати давлати дунявӣ ба дин дар таҷрибаи Тоҷикистон ва Олмон буд. Ҳангоми суҳбат дар Парлумони Олмон ва ё дар вохӯриҳо бо намояндагони аҳзоби сиёсии он кишвар вай бо иродаи қавӣ ва боварӣ ҳарф мезад. Ҳамаи ин аломатҳо аз баланд будани савияи дониши сиёсию фалсафии ӯ гувоҳӣ медод. Шояд аз рӯйи вазифаи корӣ ашхоси зиёд ба кишварҳои гуногун сафар кунанд, вале ҳифз намудани манфиат ва обрӯи давлат ва миллат кори осон нест ва ҳар кас ҳам аз уҳдаи чунин кор баромадан наметавонад. Хусусан дар кишварҳои ғарбӣ низоми сиёсии кишварҳои пасошӯравиро сахт танқид ме-

карданд. Аммо Суҳроб Шарипов бо далелҳои қатъӣ ҷавоб медод ва баръакс дар баъзе мавридҳо заъфии низоми қонунгузории ин кишварҳоро мавриди танқид қарор медод. Вале берун аз вақтҳои корӣ як одами оддӣ буд, ки бо ӯ дар кӯчаҳои шаҳр соатҳо суҳбат карда мегаштем. Воқеан дар масъалаҳои сиёсӣ Суҳроб мутахассиси касбӣ буд.

Масъалаҳое, ки Суҳроб Шарипов дар он солҳо баҳс мекард, аллакай имрӯз мушкилоти минтақа шуда истодаанд, ки масъалаҳои меҳварии онҳоро айнан баён мекунам:

-таъсиси ягон ташкилоти минтақавии фарогири масъалаҳои кишварҳои он;

-тағйири фаъолияти ташкилоти ИДМ аз назария ба амалия;

-эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ ва фарҳангу мероси халқу миллатҳои минтақа;

-истифодаи захираҳои обӣ дар минтақа.

Шояд Суҳроб дар умқи дилаш эҳсос мекард ва мефаҳмид, ки марг дар камини ҳаёт аст, бинобар ин ӯ кӯшиш намуд, проблемаҳоеро, ки кишварҳои минтақа дар 10-20 соли оянда бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ҳар чӣ пештар дар корҳои илмии худ баён карда, роҳи ҳалли онҳоро дар шакли назария кор карда барояд. Мутаассифона, марги нобаҳангом имконият надод, ки ин олими фидокор корҳои оғознамудаашро анҷом диҳад. Пас аз марги нобаҳангоми Суҳроб Шарипов бисёр пешбиниҳои илмии ӯ дар бораи вазъи геополитикии ҷаҳони муосир, ки на ҳар кас қобилияти ташхису хулосабарории воқеии онро дошта метавонад, тасдик шуда истодаанд.

Имрӯз агар ӯ зинда мебуд, ба синни 53 медаромад.

Ёди ин марди фозил ба хайр бод!

профессор Муҳаммад А.Н.,
директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ,
ноиби президенти АИ ҶТ, д.и. с.
**25.06.2015**

# СУҲРОБ СИТОРАИ НОТАКРОРЕ ДАР ОСМОНИ ИЛМУ МАЪРИФАТИ МО БУД

Марг зуҳуротест, ки инсони комил ҳамеша истиқболашро медонад, аммо чунин марге, ки марди хирадманд ва донишманди шуҷоеро аз байн мебарад, худаш ҳам дар хиҷолат мемонад, ки мардумони камхирад маргро чӣ мегуфта бошанд? Аммо марг - марг аст, рӯзе дасташ аз гиребони мо ҳам раҳо намеёбад ва одамон дар маҷмӯъ гӯё ба истиқболи он ҳамеша дар навбат қарор дошта бошанд. Чунин аст фалсафаи ин падидае, ки ба он на раҳм асту на шафқату на инсоф.

Ба ростӣ баъди реҳлати Суҳроб - бародари азиз ва шогирди донишмандам чанд кӯшише, ки намудам чизе барояшон нависам, қаламам шикастанро ба гардан гирифту васфи ӯро не. Ҳатто дар ёдбудаш ширкат карда натавонистам, сабабаш ин буд, ки баъди марги ӯ одамон дар бораи эшон бисёр чизҳое менавиштанд, ки ба фаъолияти корияш тамоман дахл ҳам надоштанд. Баъзан таърифу тавсифҳое мекарданд, ки худашон намедонистанд, ки чӣ менависанд. Суҳроб ба таърифи нодаркор ҳеҷ вақт эҳтиёҷ надошт, ӯро бояд дар зиндагияш мешинохтем ва эҳтирому ифтихор мекардем. Ман ҳоло ҳам дар бораи ӯ як ҷавонмарди росто дар сухану ақида, чизе дар бораи ҳаёт ва зиндагиашон гуфта наметавонам. Медонам, ки шириниҳои зиндагӣ ӯро аз зиндагии ширинаш ба пайраҳаҳои бепоёне бурда буд. Ин, албатта, сабаб дошт,

ки танҳо ва танҳо худашон инро медонистанд ва борҳо дар суҳбатҳои танҳоӣ чизеро мегуфтанд, ки гӯё ӯ маргашро медонист ва онро интизорӣ мекашид.

Намедонам аз чӣ бештар тақдир ва сарнавишти чунин шахсиятҳои қувваи фитриашон баланд дар масири таърих ҳамеша аҷибу пурасрор мемонад. Онҳо мисли ситораи субҳ, ки онро Парвин мехонанд аз дигар ситораҳо чанд лаҳзае рушантару пурасроранд, ки ин лаҳзаҳои ками рӯшноӣ бештар ба инсонҳои саҳархез рӯҳу сафо мебахшад. Суҳроби ман ҳам ситораи нотакроре дар осмони илму маърифати мо буд, ки неруи ақлию тафаккури илмияш барои созандагию бунёдкорӣ ба Ватан равона шуда буд. Ман бисёр мехоҳам дар бораи ӯ беҳтарин ва ширинтарин суханҳои ҷаҳонро нависам, аммо дар ҳоли ҳозир навишта наметавонам. Зеро фикр мекунам, ки Суҳроби ман зиндаву ҷовид аст. Агар умр боқӣ бошад ман дар бораи ӯ чизҳоеро менависам, ки дигарон намедонанд. Бисёр мехостам муҳаббати илму дониш ва ҷасорати илмии ӯро рақибонаш ҳам бишносанд ва мешиносанд. Суҳроб шогирди боҷасорате буд, ки ҷасорати тафаккури озодаш дӯсту душманро омезиш медод.

Ӯ дар байни сиёсатшиносони ҷумҳурӣ нобиғаи рӯзгор ва сарсупурдаи роҳи озодӣ ва соҳибистиқлолии Тоҷикистони азизамон буд. Табиати озод, хандаи синчакорона ва ҳуҷумҳои ногаҳониаш ба мухолифони ақидавиаш як театри хеле муҳимми зиндагӣ буданд. Вале афсус аз марги нобаҳангом. Ман фикр мекунам, ки Суҳроб ҳамеша дар дилу дидаи мардумони озодандеш ва донишманд чун чароғи роҳнамо гарму рӯшан боқӣ хоҳад монд.

**Султон Ҳамад,**
рӯзноманигори ҶТ
19.01.2017

## БАЪД АЗ ВАФОТ ТУРБАТИ МО ДАР ЗАМИН МАҶӮ, ДАР СИНАҲОИ МАРДУМИ ОРИФ МАЗОРИ МОСТ

Ду сол муқаддам, дар ҳамин рӯзи 19-уми январ, Суҳроб Шарипов, собиқ директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёвари Президенти ҶТ, собиқ вакили Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон, профессор, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ дунёи фониро падруд гуфта буд. Чанде баъдтар ба поси хотири Суҳроб Шарипов бо қарори Маҷлиси Намояндагони МО ҶТ, кӯчаи Шаумянро ба номи ӯ гузоштанд. Расо баъди ду сол имрӯз ба ифтихори марҳум Суҳроб Шарипов дар девори биное, ки кӯча аз он ҷо ибтидо мегирад, лавҳаи ёдгориеро бо ибораи «кӯчаи ба номи Шарипов Суҳроб Ибронович (18.04.1963-19.01.2015)» насб карданд. Дар маросими пардабардорӣ аз ин лавҳаи ёдгорӣ намояндагони раҳбарияти ҳукумати шаҳри Душанбе, Маркази тадқиқоти стратегии кишвар, Академияи илмҳои ҶТ, вакилони Маҷлиси Намояндагон, шоирону нависандагон, журналистон ва сокинони маҳаллае, ки кӯча дар он ҷо ҷойгир аст, ширкат варзиданд. Дар суханрониҳои худ ҳамкорон, дӯстони ин сиёсатмадори фақид, аз ҷумла Сайфуллоҳ Сафаров, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегӣ, Раиси комиссияи номгузории ҳукумати шаҳри Душанбе, Олимҷон Салимов- вакили Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Кароматуллоҳ Олимов, ноиби Президенти Академияи Улуми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Назри Яздонӣ- Шоири Халқии Тоҷикистон, Хоҷаев Ҳиммат Зухурович ва дигарон зикри хайри Суҳроб

Шариповро намуда, саҳми ӯро дар мустаҳкам кардани пояҳои давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол чашмрасу муфид арзёбӣ карданд. Ҳама воизон аз Суҳроб Шарипов ҳамчун аз сиёсатмадори сатҳи байналмилалӣ ва дӯсти ғамхору беҳамто ёдовар шуданд:

*Аҷаб нуре зи чашми дӯстон рафт,*
*Аҷаб зебо гуле аз бӯстон рафт.*

Дар маросими пардабардорӣ, аз рӯйи лавҳаи ёдгорӣ хонуми Суҳроб Шарипов Шаҳло Шарипова ва фарзандонаш Бежан ва Некӣ ширкат доштанд.

**Қаҳоров Ғ.Ғ.**
доктори илмҳои сотсиология,
собиқ корманди МТС

## ХОТИРАҲО БАРОИ НАКУМАРД

Суҳроб Ибронович яке аз шахсиятҳои шинохтаи ҷумҳурӣ ва берун аз он буданд. Дар солҳои фаъолияти илмию сиёсиаш дар давлатҳои муштаракулманофеъ низ обрӯ ва эътибор пайдо намуд. Азбаски ӯ аз хурдсолӣ дар зери таъсири падари бузургвораш Иброн Шарипов файласуф, профессори шинохтаи тоҷик буд, бинобар ин нисбат ба илми фалсафа дар вуҷуди ӯ меҳру муҳаббат маъво гирифт. Бо мақсади ба қуллаи баланди илмӣ расидан вай ба донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов – маркази маърифати фарҳангии Шуравӣ ба ҳисоб мерафт, дохил шуда, нозукиҳои илми фалсафаро аз худ намуд. Азбаски меҳри илм дар дилаш сахт ҷой

гирифта буд, ба аспирантураи донишгоҳи номбурда дохил шуда, рисолаи илмии худро бо сарбаландӣ дифоъ намуд.

Шиносои ман бо Суҳроб дар китобхонаи илмии ба номи В.И Ленин дар шаҳри Москва ҳангоми суҳбатҳо ва баҳсҳои илмӣ бо аспирантҳое, ки дар он ҷо барои омӯзиш меомаданд, сурат гирифта буд.

Ба замми ин бояд қайд кунам, ки падари бузургвори Суҳроб Иброн Шарипов шахси бениҳоят матинирода буд ва рӯҳи қавӣ дошт. Бо шарофати ин шахси муътабар банда дар Институти сотсиологияи СССР дар шаҳри Москва рисолаи номзадӣ дифоъ намудам. Ман мехоҳам гӯям, ки оилаи Шариповҳо дар рӯҳияи маърифатдӯстӣ ба воя расида, на танҳо фарзандони худро дар ин рӯҳия тарбия намудаанд, балки ба шахсоне, ки қобилияти илмӣ доштаанд, дасти ёрӣ дароз намудаанд. Дар урфият мегӯянд, “мероси падар хоҳӣ касби падар омӯз”. Суҳроб ҳамчун фарзанди кӯчаки падар ба омӯзиши илм машғул шуда, дар ин ҷода ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардид.

Баъди бозгашт ба Ватан Суҳроб дар вазифаҳои гуногун кор карда, барои пешрафти ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа самаронок заҳмат кашид. Умуман, Суҳроб Шарипов шахсияте буданд, ки бо ҳама як хел муносибати хайрхоҳона дошт.

Мехоҳам ба сухани худ бо шеъри шоири бузург Саъдии Шерозӣ, ки гӯё барои чунин шахсиятҳо гуфтааст, хотима бахшам.

Зиндаву ҷовид монд ҳар, ки накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

**Алишер Зарифӣ, хабарнигор**
**18.04.2017**

## СУҲРОБ ШАРИПОВ: АЗ ҲАҚИҚАТГӮЙӢ ТО ҲАМКОРӢ БО РАСОНАҲО

Ҳамкорӣ бо расонаҳо бо шахсиятҳои маъруфу донишманд метавонад дар рушди ҷомеа нақши муассир гузорад. Ин ҳамкорӣ дар сурате таъсири мусбӣ дошта метавонад, ки он самимӣ, беғараз ва бозгукунандаи воқеият бошад. На ҳар шахс аз тариқи расонаҳо метавонад он чиро гӯяд, ки воқеан ҳам дар сар чунин андеша дорад. Гоҳе инсонҳо бо таъсири омилҳои мухталиф аз гуфтани ҳақиқат, аз ибрози андешае, ки дар сар дорад, худдорӣ намуда, иҷборан чизеро мегӯяд, ки аз воқеият дур аст. Аммо шахсиятҳое, ки дар мавқеи худ устуворанд ва манофеи миллат ва давлатро аз тамоми манфиатҳои дигар боло меҳисобад, аз гуфтани ҳақиқат дурӣ намеҷӯянд. Чунин инсонҳо омодаанд ҳамеша бо расонаҳо суҳбат намоянд ва бо андешаҳои худ дар ташаккули афкор ва рушди ҷомеа саҳми худро гузоранд.

Марҳум Суҳроб Шарипов, сиёсатшиноси маъруфти тоҷик аз зумраи шахсиятҳое буд, ки бо ҷасорату ҳақиқатгӯйиҳояш ҳамеша вириди забонҳост. Суҳроб Шарипов, ки бо ошкорбаёнӣ ва мавқеъгириҳояш замоне дар сархати расонаҳои кишвар қарор дошт, беҳтарин намунаи ҳамкории як коршинос ва ё мансабдор бо расонаҳо шуда метавонад. Ӯ аз зумраи мансабдороне буд, ки бар хилофи одати бархе масъулини давлатӣ нотарсида мавқеашро дар масъалаҳои муҳими ҷомеа баён мекард ва аз дастрастарин мақомдорон барои расонаҳои хабарӣ буд. Суҳроб Шариповро коршиносон аз ҷумлаи сиёсатмадори мустақил ва

ошкорбаёни замони хеш медонанд. Ба сифати далел дар мавриди ҳамкории ӯ бо расонаҳо ва мавқеъгириҳояш метавон аз расонаҳо мисолҳои зиёде овард. Бо варақ задани матбуоти кишвар ба осонӣ метавон дарёфт, ки ӯ дар замони раҳбари Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон ва баъдан вакили Маҷлиси намояндагон буданаш, аз хабарсозтарин чеҳраҳо миёни мақомдорони давлатӣ ба шумор мерафт. Бо таваҷҷуҳ ба ин, мешавад гуфт, ки будани инсонҳое чун Суҳроб Шарипов дар дилхоҳҷомеа барои ташаккули афкори ҷамъиятӣ, “гарм” нигоҳ доштани фазои иттилоотӣ, дарёфти ҳақиқат ва бархӯрди муваффақона дар ҷангҳои иттилоотӣ, бисёр муҳим аст. Марҳум Шарипов ҳамеша бо камоли майл ба пурсишҳои мо хабарнигорон посух мегуфт ва аз бархӯрди ӯ бо расонаҳо дар таҷрибаи кориам ҳеҷ хотироти манфие надорам. Аз ҳамкорони дигар низ дар хусуси ин фарди мондагор ҳамеша ҳарфҳои хуб мешунавам. Ҳамчун хабарнигор барои шарҳи масъалае бо ӯ тамос мегирифтем, ёд надорам, ки эшон боре аз ибрози назар худдорӣ карда бошад. Шояд ҳамин гуна шеваи ҳамкории ӯ буд, ки имрӯз аз бархурди ӯ бо журналистон ҳарфи баде шунида намешавад ва баръакс аз забони ҳамкасбон борҳо сифату хислатҳои некӣ марҳум Шарипов садо додааст. Яке аз мисолҳои равшан назари Умед Бобохонов, муассиси медиа-холдинги “Азия Плюс” шуда метавонад, ки зимни як суҳбаташ бо назардошти феълу рафтор ва таълиму тарбия Суҳроб Шариповро шахси беҳамто ва инсони мунҳасир ба фард дар системаи давлатии Тоҷикистон унвон кард. Ӯ мегӯяд, Суҳроб ба ҳайси фориғуттаҳсили факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Маскав, профессор, олим ва сиёсатшинос ҳамеша он чиро, ки фикр мекард ва дар андешааш чарх мезад, иброз ме-

дошт, ҳатто агар раҳбарият дар ин мавзӯъ нуқтаи назари дигар дошт: “Вақте ҳамкорон ё журналистон бо тааҷҷуб мепурсиданд, ки чаро аз гуфтани ҳақиқат наметарсӣ, танҳо табассум мекард ва мегуфт, агар аз кор хориҷ кунанд, дар донишгоҳ кор пайдо мекунам, чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар кишварҳои дигар”.

Бо даргузашти Суҳроб Шарипов, ҳоло ангуштшуморанд чеҳраҳои шинохта, ки омода бошанд бо расонаҳо атрофи мавзӯъҳои муҳим суҳбат кунанд. Ӯ намунаи олии инсоният ва як мансабдори давлатӣ буд, ки ҳамеша бар сӯйи ҳақиқат гом мебардошт ва новобаста аз  вазъ ва шароит аз ҳақиқату воқеият мегуфт. Ҳарчанд Суҳроб Шарипов дар қайди ҳаёт нестанд, вале ӯ бо ҷасорату ошкорбаёнӣ ва мавқеъгириҳояшон дар ёдӣ мо  хабарнигорон боқӣ хоҳанд монд. Ёдашон ба хайр ва ҷояшон Ҷаннат бошад.

**Ҳ.Ю. Каримов,**
роҳбари дастгоҳи МТС назди Президенти ҶТ
10.07.2015

## ДАР ДИЛҲОИ МАРДУМ ҶО ГИРИФТ

Ман  қариб шаш сол бо роҳбарии Суҳроб Ибронович дар Маркази тадқикоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардам, ин давр дар фаъолияти маҳнатии ман яке аз бехтарин замон буд. Соли 2006 Суҳроб Ибронович маро ба вазифаи муовини директор ба кор қабул карданд, аз ҳамин давра фаъолияти якҷояи кории ман ба ин шахсияте, ки тамоми ҳастии хешро ба хизмати мардум, миллат ва Ватани азизамон бахшида буд, боз аз наздиктар ошноӣ пайдо намудам.

Дар он давр масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ шуда бошад ҳам, вале дар самтҳои таъмини кормандон бо технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, робитаи Интернет ва таҷҳизоти компютерӣ камбудиҳо ба назар мерасид.

Бо ташаббусҳои Суҳроб Ибронович, як қатор корҳои муҳим, аз ҷумла барои интиқоли кормандон соли 2006 бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як воҳид автомашинаи нав (микроавтобус-Газел) харидорӣ шуда буд, барои ҳифзи тартиботи ҷамъияти дар бинои Марказ бо камераҳои мушоҳидавӣ ва воситаҳои техники зидди сӯхтор таҷҳизонида шуданд. Соли 2007 бо мақсади амнияти технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар дохили бинои Марказ сервер васл карда шуд, ки боиси таъсиси аввалин WEB– сомона ва ворид шудани маҷаллаи Марказ «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз» ба ВАК-и Федератсияи Русия амалӣ гардида буд, дар баробари ин, дар корҳои ободонии Марказ, таъмиру тармими кабинетҳои корӣ ва толорҳои маҷлисӣ тадбирҳои амалӣ меандешиданд.Дар давраи роҳбарии Суҳроб Ибронович, ҳамчунин, маъракаҳои муҳим, аз ҷумла Конфронсҳои байналмилалӣ, аввалин Форуми V Созмони ҳамкории Шанхай, симпозиумҳо, мизҳои гирд, лоиҳаҳо ва тадқиқоти сотсиологӣ, ки ҳамаи онҳо дар фаъолияти Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши муассир гузоштанд.

Хислату фазилатҳои  арзишманди Суҳроб Ибронович азиз ҳеҷ вақт намегузоранд, ки номашон аз ёди мо фаромӯш шавад.

Рӯҳатон шод, ҷоятон ҷаннат бод, дӯсти азиз!

**М.Тағоймуродзода**
23.01.2015

# ЁДНОМА:
# ДАР ҲАСРАТИ СУҲРОБИ ЯЛ,
# ДУРҶИ ҒАМОН ШУД СИНААМ...

Аз навиштаҳои сомонаҳои интернетӣ, рӯзномаҳо ва барномаҳои радиоӣ нисбат ба фавти ин ҷавонмарди бузург бармеояд, ки бармаҳал аз олам рафтани Суҳроб Шарипов тамоми ҷомеаро такон дод. Фавти Суҳроб Шарипов барои аҳли хонавода, хешу табор ва наздикону пайвандон хеле гарону ногаҳонӣ ва тасаввурнопазир буд. 19 январи соли 2015 барои ин хонавода як рӯзи сиёҳу сангин ва рӯзи мотам буд. Дар он рӯз нолаву фарёди наздикони марҳум ба фалак мепечид.

Агар Ҳукумату Парлумон ва ҷомеаи Тоҷикистон фарзанди фарзонаи миллатро аз даст дода бошанд, пас ин хонавода фарзанди фарзонаи падар, бародар, амак, тағои ба ҷон баробар ва шавҳари меҳрубону падари азизи ҷигарбандонро аз даст дод.

Ин шахсияти маъруф бо хубиву меҳрубонӣ ва табассуми малеҳи худ на танҳо азизи оилаву наздикон, балки маҳбуби дили халқ гардида, дар дилу дидаи ҳамагон соҳиби ҷойгоҳи махсус ва эҳтироми бузург гашта буд.

Аз рӯзи марги ин ҷавонмарди дар ҳақиқат бузург фарзандони падараш Гавҳарбиву Ҳусния, Бошорату Саодат, Икрому Хуршед, ҳамсараш Шаҳло ва чор ҷигарбандаш то ҳол ба худ омада наметавонанд.

Дареғо, ин ки ёр аз дасти ман рафт,
Тамоми рӯзгор аз дасти ман рафт.

Нагӯям тирамаҳ буду хазон рехт,
Баҳоре дар баҳор аз дасти ман рафт.

Суханҳои ҳамсари Суҳроб Шарипов дар маросими дафни марҳум диққатиҳар як нафарро ба худ ҷалб менамуд, зеро хеле самимӣ буда, аз дили сӯхтаву аламнокаш дарак медоданд.

«Марди майдони ман рафт, шери даврони ман рафт, ватанпарвари ман рафт, халқпарвари ман рафт. Шарт нест, ки яроқ ба даст гирию ба майдон барои, бо сухан ҷангидан низ ҷасорат аст. Баҳсҳои Суҳроб бо давлатҳои абарқудрат маро ҳамеша безобитаву хавотир мекарданд. Мегуфтам, ки кордор набошад, вале ӯ фикри худро боло медонист, зеро фидоии миллат буд»-мегӯяд ҳамсараш.

Се рӯз пас аз марги Суҳроб Шарипов - 22 январ зодрӯзи писари ягонааш Бежан буд. Он рӯз Бежан ба синни ҳашт қадам ниҳод.

**«Додом кай меоянд?»**

«Ҳар сол як рӯз пеш аз зодрӯзи фарзандонам Суҳроб туҳфаи дилхоҳи онҳоро меоварду пинҳон мекард ва субҳи барвақт табрик намуда, бо насиҳату суханҳои ширин тақдим менамуд. Имсол аз ғаму фироқи падарашон қариб, ки зодрӯзи фарзандамро фаромӯш кардам. Кӯдакони хурдсоли ман Бежани 8-сола ва Некии 5-сола чун дигар кӯдакон ҳар сол дар зимистон боридани барфро бесаброна интизорӣ мекашанд ва хушбахтона, 22 январ дар зодрӯзи Бежан барфи деринтизораш камтар заминро сафед карду маро аз ҳолати ногувор баровард, зеро Бежан он рӯз барвақт бедор шуда: «Имрӯз додом ба ман чӣ мебиёранд?»,- гуфт ва ман ӯро ба назди тирезаи хона

овардаму гуфтам, ки додоят ба ту аз осмон барфи сафед фиристодааст, то ки бахтат сафед шавад,- гуфтам. «Додом дар осмон чӣ мекунанд? -боз пурсид писарам. Ман гуфтам, ки охир ту дар беморхона дидӣ -ку, вай нафас кашида наметавонист, барои ҳамин ба осмон ба назди бобоят рафт, то ки аз ҳавои софи осмон нафас бикашад. Агар ӯ ба поён фарояд, боз бемор мешавад. Ту ку намехоҳӣ, ки додоят боз бемор шавад, гуфтам. Охир кӯдакони ман низ мисли дигар кӯдакон саволҳои зиёд медиҳанду аз кор омадани падарашонро бесаброна интизорӣ мекашанд. Гоҳе мегӯям, ки вай ба сафари хизматӣ рафтаасту гоҳе ба осмон.

Ман ба саволҳои бепоёни фарзандонам то кай дурӯғ гӯям. Рӯзи ҷанозаи шавҳарам фарзандони хурдсоламро аз хонаи модарам овардему чеҳраи ба хоби абад рафтаи падарашонро нишон додем ва гуфтем, ки ӯ хоб асту дертар бедор мешавад. Ростӣ ҳоло ба марги падараш сарфаҳм нарафтани духтарчаам Некӣ бовар дорам, вале фикр мекунам, ки Бежани доноям худро ба нодонӣ мезанаду маро бо гиряҳояш ғамгин кардан намехоҳад»,- мегӯяд Шаҳло бо чашмони гирён.

### Ишқи Суҳроб маро аз хориҷа ба Ватан овард

«Гарчанде ки ману Суҳроб аз бахти аввал муваффақ нашуда бошем ҳам, дар зиндагии якҷоя кӯшиш мекардем, ки дар оилаамон пеш аз ҳама якдигарфаҳмӣ бошад. Тӯли даҳ соли зиндагиямон боре ҳам аз вай сухани қабеҳро нашунида будам. Зиндагии афсонавӣ доштам. Вале ин афсонаи ҷолиб хеле зуд анҷом ёфт. Мо бо ҳамдигар дар Англия, дар як конфронси байналмилалӣ шинос шудем, он вақт ман дар он ҷо зиндагиву ба ҳайси тарҷумон фаъолият мекардам. Суҳроб ба он ҷо ба сафари

хизматӣ омада буд. Ҳамин тавр ман бо ӯ ба Тоҷикистон баргаштаму рӯзҳои дар қисмат бударо дидам. Акнун тасхиргари дилам бо хок ҳамоғӯш ва чароғи хонаи қалбам хомӯш шуд.

Шояд ман ӯро эҳтиёт карда натавониста бошам?», - бо афсӯс ба худ саволи беҷавоб дод Шаҳло. Маҳорати баланди сухангӯиву забондонии ҳамсари марҳум, бешубҳа, аз он дарак медиҳад, ки ӯ мактаби бузурги сиёсии Суҳроб Шариповро гузаштааст. Аз сухандонии Шаҳло кас ба хулосае меояд, ки ӯ дар зиндагии Суҳроб Шарипов шахси тасодуфӣ набудааст. Фарзандони падари Суҳроб Шарипов низ ҳама маълумоти олӣ доранду ягона пайрави ҳақиқии падар худи ӯ буд ва пас аз якуним соли марги падар марҳум низ аз пайи ӯ дунёро падруд гуфт.

### *Фарёди дили пайвандон*

«Ӯ беҳтарин фарзанд буд, беҳтарин падар буд, беҳтарин бародар, беҳтарин домод буд. Бародарам беҳтарини беҳтаринҳо буд, таскини дили озурдаву нишонаи хислатҳои падарам буд», - мегӯяд Гавҳарбӣ Шарипова, апаи калони Суҳроб Шарипов бо аламу нолаи ҷонгудоз. «Қомати баландамро хам кардӣ, сари баландамро паст кардӣ»,- аламҳояшро давом дод холаи Гавҳарбӣ ва суханҳояшро идома дод: «Лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаи Суҳроб дар зиндагии мо, худ як достон аст. Нахустин лаҳзаҳои ба Донишгоҳи давлатии Маскав ба номи Ломоносов дохил шудани бародарамро ҳеҷ гоҳ аз хотир бароварда наметавонам. Он рӯз Суҳроб худро хушбахттарин шахе ҳисоб мекард, зеро ба орзуи деринааш расида буд. Ё ҳамон рӯзе, ки номзадияш ба вакилии Парлумон гузашта буд, аз дари падарам бо табассуми зебои нотакрораш даромаду ман аз ҷоям бархеста

хостам, ки табрикаш намоям, вале ӯ худро ба қафо кашиду шӯхиомез: «Ба ман наздик нашавед, у меня неприкосновенность», -гуфт. Чӣ лаҳзаҳои хушбахте буданд он лаҳзаҳо. Ҳанӯз боварам намеояд, ки Суҳроб дигар барнамегардад, ба назарам чунин менамояд, ки гӯё дар хонаи падарам маъракае шуда истодааст у Суҳроб чун ҳамешагӣ бо кори давлат банд аст ва ҳоло деркунону узрпурсон аз дар медарояд. Вале ба худ меояму бо тамоми ҳастиям бародарамро фарёд кардан мехоҳам. Магар ӯ зеби мурдан дошт?, ҳайфи бародарам, ки ҷавонмарг шуд». «Баъзеҳо бародарамро атеист мегуфтанд, ё ба қавле дур аз ислом, мумкин, ки барои файласуф буданаш мегуфта бошанд ва ё сабаби дигар вуҷуд дошта бошад, вале ин ақидаи онҳо ғалат аст»,- мегӯяд Ҳусния Шарипова, хоҳари Суҳроб Шарипов. «Зеро ҳар вақте ки аз мушкилоти зиндагиям мегуфтам «Худо гӯй» мегуфт ва ё худ пас аз маргаш шунидем, ки ба чандин нафар дасти кумак расонида будааст. Мушкилоти гирифтани нафақаи мӯйсафедеро, ки касе ба додаш намерасидааст, баҳси хонаи як нафареро, ки дар кӯча монда будааст, ҳал кардааст ва ё ба масҷиду ба хона-интернатҳо кумаки молиявӣ расонда будааст. Магар хайрхоҳию кумак ба нафари дармондаю ночоре низ Худопарастӣ нест?»- мегӯяд бо овози ларзон ва чашмони гирён холаи Ҳусния.

«Ҳангоми дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президента ҶТ кор карданаш боз як нақлеро шунида будам. Вақте ки мақомоти дахлдор ба тафтиши молиявии корхона омадаанду ба наздаш даромада, бо саволе муроҷиат намудаанд, дар ҷавоб ба онҳо: «Ман ҳамин қадар маош мегирам, агар хоҳед, дафтарчаи хароҷоти ҳармоҳаи хонаам ва бақияи маблағи маоши ҳаминмоҳа-

амро нишон медиҳам. Дигар чизе намедонам, аз утоқи кориям бароеду бо шуъбаи муҳосибот ҳисобу китоб кунед, лозим бошад, ҷазо диҳед. Ба ман халал нарасонед, зеро ки корам хеле зиёд аст»,-гуфтааст бо дили пур бародари адолатпарварам. Ва ё мӯйсафеди 89 -солае, ки ба аёдаташ ба беморхона омада буд, пас аз фаҳмидани он ки ӯ сахт бемор аст, гуфт: «Суҳроб Шарипов худ дар хонаи давлатӣ зиндагӣ мекардаасту ба ман барои баргардондани хонаи ҷанҷолиям бе ягон маблағ кумак расонд. Ӯ бо ин қудрат метавонист худ низ соҳиби хонаи шахсӣ бошад». Магар ҳамаи ин исботи ҳалолкорию Худотарсии ӯ нест ва ё вазифаи мусалмони ҳақиқӣ аз ин ҳам зиёдтар шуда метавонад?»,- мегӯяд хоҳараш.

«Тағоям шахсият буд, насиҳатгар, дармони дили мо, сари баланди мо буд, ростқавлу сахтгиру шуҷоъ ва дар баробари ҳамаи ин боз дилсӯзи ҳамагон ҳам буд. Бо тағоям фахр мекардам. Чашмони мададталаби ӯ дар охирин лаҳзаҳои зиндагияш дар беморхона ҳаргиз аз пеши назарам дур намераванд. Умедворам, ки хонаи охирати тағои некномам обод бошад, зеро ӯ ба халқи худ хизмати софдилона кардаву касеро озор надодааст»,-гуфт Манучеҳр, ҷияни калони Суҳроб Шарипов ва сарашро хам карда, сукут кард.

Рӯзи маросими видоъ бо Суҳроб Шарипов бародарон ва ҷиянҳои шодравон парандаҳоеро мемонданд, ки болу пари хешро гум кардаанду дигар майли парвоз надоранд.

**Номи Сӯҳроб Шарипов ҷовидон аст**

Воқеан, фавти Суҳроб Шарипов фоҷиаи бузурги миллат аст. Агар аз як тараф дар бораи фавти ӯ навиштан

хеле душвор бошад, аз ҷониби дигар барои хомӯш истодан низ виҷдони журналистӣ ором намегузорад. Сад афсӯс, ки зиндагӣ қонунҳои нонавиштаи худро дорад. Бо як бемории вазнини кӯтоҳмуддат собиқ вакили Парлумон, собиқ директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Суҳроб Шарипов дар синни 52 бо олами ҳастӣ падруд гуфт. Рафту бо худ кулвори илму донишро бурд. Назди бемории ӯ тиб ҳам оҷиз монд. Даргузашти ин марди майдон, олими ҷавон, донишманди бузург, сиёсатмадори тавонои сатҳи ҷаҳонӣ, таҳлилгари ҳақиқӣ, нобиғаи нотакрори олами сиёсат, инсони асилу адолатпарвар барои миллати тоҷик талафоти калон аст. Дар ҳаққи ӯ чӣ қадар сухани нек гӯем, кам аст, зеро дар рӯйи замин шахсоне чун ӯ хеле каманд. Номи инсонҳои асил, чун Суҳроб Шарипов дар дили мардум то абад зиндаву ҷовид мемонад. Марги Суҳроб шабеҳи марги Аҳмад Зоҳир аст, агар яке ситораи дурахшони саҳнаи ҳунар буд, дигаре дар саҳнаи сиёсати Тоҷикистону ҷаҳон ахтари тобнок гардида буд. Рафтору кирдорҳои Суҳроб Шарипов барои насли ҷавони оянда, ки соҳиби кору мансаб мегарданд, бояд дарси бузургу намунаи ибрат бошанд. Зеро ин фарди заминӣ ва ҳақиқатпарвару боҷуръат маҳз бо покдиливу ростгӯӣ, нигоҳ доштани нафси хеш ва бо хизмати самимӣ ба Ватан маҳбуби дилҳо гардид. Наздикону пайвандони марҳум ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ дар лаҳзаҳои вазнин сипосгузории худро мерасонанд.

Боқӣ ба зикри хайр бувад номи одамӣ,
Номи накӯст ҳосили айёми одамӣ.

**Иршод Сулаймонӣ,**
**журналист**
**29.05.2015**

## МАРГИ Ӯ МАРГИ ЯК ШАМЪ НЕСТ

**Одамон барои он мемиранд, ки инсонвор зиндагӣ кунанд (Белинский).**

Бо марги зудҳангоми Суҳроб Шарипов ҷомеаи фикрии Тоҷикистон садамаи бузурге дид. Устод дар замоне моро тарк карданд, ки мо ба ӯ сахт ниёз доштем. Ин ки ҳама дар сӯги ӯ нишастаанд далели то чӣ андоза шахсияти миллӣ буданашонро ба намоиш мегузорад. Устод дар зиндагӣ бар мабнои ин фармудаи Эйнштейн "ман муносибат ба маргро, мисли як қарзи куҳан, ки дер ё зуд бипардозӣ, омӯхта будам" амал карданд.

Суҳроб Шарипов замоне ки масъулияти раисии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистонро ба уҳда доштанд, аз хабарсозтарин мансабдорони кишвар буданд. Ҳамеша изҳороте медоданд, ки бар пояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон буд ва ҳеч гоҳ дар нуқтаназарҳояшон манфиатҳои миллиро қурбони манофеи қудрати сиёсӣ накардаанд.

Фаъолияташон ҳам дар Маркази тадқиқоти стратегӣ ва ҳам дар порлумон бо як шоистагии миллӣ ва сиёсӣ ҷараён дошт. Устод шахсияти миллӣ буд. Ба ҳама масъалаҳо, аз зовияи миллӣ менигарист ва баҳогузорӣ мекарданд. Намунаи барҷастаи як олим, як мансабдор ва як вакиле буд, ки фақат ва фақат ба манофеи миллӣ бартарӣ медод. Нишастҳои матбуотии Маркази тадқиқоти стратегии замони раёсати ӯ ба шаби эҷодии ӯ монанд буд. Фақат ӯ гап мезад. Журнали-

стон ҳам ба ин натиҷа расида буданд танҳо Шарипов бояд ба саволҳояшон посух бигӯяд. Дар суҳбате гуфта буд, ки «барои мо набояд ҳукумат муҳим бошад, танҳо миллат ва давлат бояд муҳим бошад».

Шахсият ва ҳайсияти эшон чандбуъдӣ буд. Аммо ба назари мо муҳимтарин ҷузъҳои шахсияти устод, ки ӯро барои тамоми доираҳои фикрӣ, илмӣ ва таҳлиливу сиёсӣ мақоми устодӣ дода буд, ба тариқи мухтасар чунин аст:

- пеш аз ҳама олими нерӯманд ва таҳлилгари воқеӣ буданд. Суханронӣ ва мусоҳибаҳояшон одамро ба фикр ва мулоҳиза водор мекард ва барои равшан намудани масъалаҳо мадад мерасонд. Бояд бигӯям, ки мо камтар таҳлилгарони сатҳи ҷаҳонӣ дорем, ки яке аз беҳтаринҳояшон ҷаноби Шарипов буданд;
- аз аксари ходимони давлатӣ фарқ доштанд. Фарқ пеш аз ҳама дар самимияти инсонияш буд. Одами дастрас ва бомулоҳиза буданд. Аз дастрастарин мансабдорон дар даврони раёсати Маркази тадқиқоти стратегӣ буданд ва аз вакилони фаъоли парлумон низ. Агарчи ошкоро намегуфтанд, вале аз сиёсатшиносоне буданд, ки муқобили тамдиди шартномаи будубоши пойгоҳи низомии 201 Русия дар Тоҷикистон буданд ва инро хатар ба истиқлолият ва соҳибихтиёрии кишвар медонистанд;
- муҳаббати самимӣ нисбат ба Тоҷикистони соҳибихтиёр доштанд ва дар суханрониву мусоҳибаҳои худ инро нишон медоданд. Алорағми дигар мансабдорони давлатӣ ҳамеша дар мавриди воқеоти сатҳи кишвар назари худро баён мекарданд. Дар мавриди дигар мушкилоти кишвар, ки ба мансабдорони баландмақоми давлат марбут буд, бепарда

ҳарф мезананд. Аз ҷумла, нуқтаи назари эшон нисбат ба монополияи бозори маводи сӯхти кишвар, ки дар пушти он мансабдорони калидии кишвар панаҳ бурда буданд;

- аз миёни мансабдорони тоҷик «нюс мейкер» ба ҳисоб мерафт ва аксари суханҳои хабарсози эшон хусусияти мусбат дошт ва набзи ҷомеаро нишон медод. Дар мавриди Стратегияи миллатсозиву давлатдорӣ гуфта буданд, ки «ҳарчанд характери идеологӣ доштани давлати моро Сарқонун иҷозат намедиҳад, вале бояд чунин як барномаи миллатсозиро таҳия ва бипазирем». Ҳамин ҷаноби Шарипов буданд, ки дар давраи раёсатшон дар Маркази тадқиқоти стратегӣ чанд конфронсу як китобро чун корҳои муқаддамотӣ барои таҳияи ҳамин гуна барнома роҳбарӣ намуданд;
- яке аз вакилони фаъоли парлумон ба ҳисоб мерафтанд, ки дар қатори дигар ду-се вакил фаъолона дар баррасии қонунҳо иштирок мекард. Аз вакилоне буданд, ки мансабдорон ҳангоми муҳокимаҳои парлумонӣ ва ё муаррифии лоиҳаву қонунҳо ба саволҳояшон ҷавоб дода наметавонистанд;
- ҳар он чи муваффақият ва маҳбубияте, ки Суҳроб Шарипов дошт бар пояи мансаб, хушомад ва ё чоплусӣ ба даст наоварда буд. Шахсияташро бар пояи дониши қавӣ сохта буд. Ҳамчун коршинос ва таҳлилгари сиёсии як қатор созмонҳои минтақаӣ ва ҷаҳонӣ бо донишаш аз дигар таҳлилгарон хеле ва хеле пеш буд.
- Дониш ва ҷаҳонбинии Суҳроб Шарипов навобаста аз системаи сиёсии ҷомеа барои Тоҷикистони ободу саодатманд бисёр арзишманд буд ва мо ин афсӯсро

барои ҳамеша мехӯрем, ки эшон дар сатҳҳо ва шароитҳои хубтар ин таҷрибаи камназир ва ҷасорату мавқеи миллияшонро натавонистанд барои истиқлоли фикрии ҳар фарди Тоҷикистон ва манофе миллӣ истифода бикунанд. Аммо умедворем, ки шогирдони эшон...

Марги ӯ марги як шамъ нест,
Аз ҷаҳони мо офтоб гузашт!

Худованд раҳмат кунад устоди азизро!

**Н.Раҳмон**

## ИЛМ ЧИСТ?

Ман бо ҳамроҳии падарам дар соли 1981 дар хонаи акаам Иброн Шарипович дар моҳи август меҳмон шудам. Суҳробҷон бо акаам дар мавзӯи илм чист аз лиҳози фалсафа бисёр баҳси илмӣ доштанд, баҳси онҳо тахминан якуним соат давом кард. Падарам баҳси онҳоро бодиққат гӯш кард ва тарафи Суҳробҷон гашта гуфт. Суҳробҷон барои чи шумо ин қадар баҳс мекунед, падарат профессор ҳаст ва шумо ҳоло студент ҳам нашудаед. Ва ба гуфтаи Иброн розӣ нестед. Суҳробҷон ба падарам гашта гуфтаанд, ки падарам яктарафа шарҳ дода истоданд, барои ҳамин ман дар баъзе гуфтаҳояш розигӣ намедиҳам ва падарам маро хуб фаҳмиданд, гуфта чойникро гирифта барои чойи гарм ба ошхона рафтанд. Акаам Иброн Шарипов ба падарам нигоҳ карда гуфт: - Додарбег Суҳробҷон дар ҳақиқат маро аз ҷиҳати дониш ба ҳайрат овардааст. Ва дар ин мавзӯъ маро пурра қаноатбахш карданд. Падарам ба амакам нигоҳ карда гуфт, - чаро ёрдам накардӣ, ки имсол дохил шавад. Амакам

гуфт, ки фарзанд бояд пурра бо дониши худаш дохил шавад. Хубаст. Ман мехоҳам, ки ӯ бо таҳкурсии хуб ба донишгоҳ дохил шавад.

Ман профессор ҳастам, ба ин гуна рафторҳо виҷдонам тоқат намекунад. Лекин аз фарзандам дилам пур аст, ки ӯ ояндаи бузурге дорад, инро ман хуб ҳис мекунам. Ва бо ҳамин мо ба дигар масъалаҳо гап сар кардем. Ва соли оянда Суҳробҷон дохил ва барои таҳсил ба Москва рафтанд. Ӯ донишгоҳро бо ахлоқи намуна ва дониши аъло бо муваффақият хатм намуданд ва дар зиндагӣ ахлоқи намуна ва бениҳоят инсони хоксор буданд. Яке аз хислатҳои хоксории ӯ дар он буд, ки бо хурду калон якхела муносибат мекард. Ва аз корҳои оддии зиндагӣ номус намекард. Масалан, янгаам дар кӯчае, ки зиндагӣ доштанд, рубу чини назди даромадгоҳро ба зимма доштанд ва Суҳробҷон саҳар хеста то ба дарс рафтанаш ҷорӯбро гирифта янгаамро ёрдам медоданд. Ман шоҳиди ин ҳодисаҳо ҳастам. Вақте ки янгаам маош мегирифт, шӯхикунон мегуфт, маоши ман нимаш меҳнати Суҳробҷон аст. Дар бораи хислату рафторҳои хуби инсонии ӯ ман метавонам соатҳо гап занам ин камаст. Дар соли 1987 бибиям дар синни 85 солагӣ аз дунё гузаштанд. Дар маросими дафн Суҳробҷон иштирок доштанд ва аз як тарафи тобут дошта буданд. Зимистон буд охирҳои моҳи январ буданд ва тобутро ба тарафи қабристон мебурдем ва ногоҳ ба ҳавзчаи об, ки зиёда аз 2 метр буд рӯ ба рӯ шудем ва Суҳроб кафо нагашта ба даруни об пурра даромаданду аз он тарафаш гузаштанд. Баъд аз дафн пойафзолашонро кашиданд ва ҷӯробҳоро ҷафиданд. Ман пурсидам Суҳробҷон барои чи ин хел рафтӣ. Ӯ гуфт, ман бибиямро бениҳоят дӯст медоштам ва ин дӯстдорӣ маро монеаро бартараф кард. Бубинед, ки дар зимистон, ки зиёда аз 18 градус хунукӣ буд, ӯ

ба об даромада, аз он тараф гузашт. Магар ин рафтор шаҳодати инсондӯстии ӯ нест. Албатта ҳаст, ин гуна мисолҳо бисёранд. Дар бораи ҳурмати падару модар ва ёру бародарон ва хешу табор ӯ ҷони худро дареғ намедошт. Падарам Суҳробҷонро бениҳоят дӯст медошт. Ва мегуфтанд, ки дар асл Иброн се писар дорад, лекин дар байнашон Суҳробҷон дигар аст. Ӯ пурра фарқ мекунад.

**П. Шамолов**
25.08.2015

## НОҚОБИЛОНИ ДАВР БА МАҚСАД НАМЕРАСАНД, ДУНЁ ҲАМЕША ДАР ТАЛАБИ МАРДИ ҚОБИЛ АСТ

Тайин шудани Суҳроб Шарипов ба вазифаи Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (МТС), тасодуфӣ набуд, ин аз боварӣ ва эътимоди Президенти мамлакат нисбат ба ин шахси дурандеш буд, ки тӯли 6 сол роҳбарии ин ниҳодро бар дӯш гирифт. Ин Марказ, дар асл яке аз ниҳоди калидии Ҳукуматамон мебошад, ки дар ташаккули фазои сиёсию идеологии ҷомеа нақши ҷиддии худро бо роҳбарии Суҳроб Ибронович бозидааст, зеро бо ташаббуси Суҳроб Ибронович дар МТС олимону донишмандони соҳаҳои гуногуни мамлакат ҷамъ омада, дар якҷояги МТС-ро чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар ҳамчун як ниҳоди таҳлилию идеологӣ муаррифӣ намуданд, ҳамин аст, ки имрӯз на танҳо дар Минтақаи Осиё, балки берун аз он низ Марказ обрӯ ва эътибори хоса дорад.

С. Ибронович ягона чеҳра ва ба истилоҳ «мансабдор»-и Ҳукуматӣ буд, ки бо озодандешӣ ва ростгӯӣ шуҳратёр буд,

зеро ӯ манофеи миллату давлатро болотар аз манофеи шахсӣ медонист.

Ин ҷойи шакку шубҳа надорад, зеро Суҳроб Ибронович дар ҳақиқат сарсупурдаи Ватан ва ё ба истилоҳ «патриот» буд.

Дар замони роҳбарияш дар МТС як қатор тадқиқоти сотсиологиро ба роҳ монда, вазъи сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии кишварро таҳлилу баррасӣ намуданд, ки барои ҳалли баъзе масъалаҳоли муҳиму мубрам мусоидат намуданд.

Дар баробари ин, беш аз сад конфронсу мизҳои гирд созмон дода шуда, дар ин конфронсу мизҳои гирди чи ҷумҳуриявӣ ва чи байналмилалӣ, мавзӯъҳои рӯзмарраро ба баҳс мекашиданд, аз қабили «Амният дар минтақаи Осиё, проблемаҳои Афғонистон, терроризм, экстремизм ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, инчунин проблемаҳои коррупсия ва ғ.». Шояд ҳамин муваффақияти Суҳроб Ибронович буд, ки номзадияшро ба вакилии Парлумон пешниҳод кард ва вориди он гашт. Дар Парлумон низ ӯ муваффақ буд, зеро ҳамеша бо мавқеи сиёсӣ ва идеологии худ мавзӯъҳоро ба баҳс мекашид ва кӯшиш мекард, то мушкилие дар қонуну барномаҳо набошад.

Ӯ дар парлумон муҳлати вакилияшро бомуваффақият анҷом дод, вале барои дуввумин бор вориди Парлумон шуданаш умри азизаш кӯтоҳӣ карду дар сини 52 - солагӣ зиндагиро падруд гуфт.

Лекин новобаста ба ин умри кӯтоҳи хеш, номи худро дар таърихи навини миллати тоҷик ҳамчун сарсупурдаи давлату миллат гузошт.

Зикр кардан ба маврид аст, ки ба корҳои неку арзандаи ӯ таърих равшану возеҳтар баҳо хоҳад дод.

Аммо дар баробари ин, метавон оид ба хислатҳои инсонии ӯ ёдовар шавем.

Якум, ӯ як инсони комил, як марди одил ва як шахси фозил буд, дар ватандустӣ ватандор буд, дар инсондусӣ вафодор. Шояд ҳамин хислатҳои ӯ буд, ки ҳамагон ӯро бо як меҳрубонӣ Суҳробҷон мегуфтанд. Албатта, ҳамин тавр буд.

Дуюм, С. Шарипов бо ҳамаи хислатҳои худ як тоҷик буд.

Аз ӯ ҳамеша аз назари сиёсӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ бо ҳимоя аз давлат ва миллат хуруҷ мекард, зеро ӯ як дилу як тан буд, ӯ ғамхори Ватан буд, ӯ ростқавлу некҳадаф буд, ҳар ҷое, ки сухан мегуфт аз дарди Ватан мегуфт, чаро? зеро ӯ сарсупурдаи Ватан ва миллати падари хеш буд.

Сеюм, С. Ибронович намояндаи насли наве аст, ки барои ин насл идеал буд, як мактаби нави сиёсиро мерос гузошт, ки метавон насли нави тоҷик аз он биомӯзад ва оянда биомузонад. Яъне ӯ як олими воқеӣ буд.

Чорум, Ӯ бо кормандон ҳамеша ба хотири ҳалли ин ё он масъала суҳбат мекард, ақидаи онҳоро ба инобат мегирифт, ба онҳо меомӯзонид ва аз онҳо меомӯхт, магар бо ин ҳама хислатҳои инсонияш ӯ роҳбари оқил буд? Албатта буд.

Ниҳоят, ӯ, ҳамеша бо ҷавонони Марказ дар ҷое падарвор, дар ҷое бародарвор ва дар ҷое мисли рафиқ буд, ҳамин буд, ки имрӯз ҳар яко яки онҳо Суҳроб Иброновичро бо як меҳрубонӣ ёд мекунанд ва ифтихор аз он мекунанд, ки бо чунин як абармард кору фаъолият намудаанд, агар чунин бошад, пас ӯ ҳамеша зиндааст.

Гарчанде, ки имрӯз устод дар бари мо нест, вале хидматҳои ӯ, асарҳои ӯ, корҳои неки ӯ ҳамеша номи ӯро зинда боқӣ мемонад. Зеро ӯ Қобил буд!

Рӯҳи устод шоду охираташ обод бошад!

Раиси Маҷлиси Намояндагони
Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон
Шукурҷон Зуҳуров
20.01.2015

## РӮЗИ ҶАНОЗАИ МАРҲУМ СУҲРОБ ШАРИПОВ

Дӯстони азиз, аҳли хонавода, пайвандон, дӯстон ва шогирдони Сӯҳроб Ибронович Шарипов, ҳозирини гиромӣ, дареғо қалби инсони фозилу донишманд вакили Маҷлиси Намояндагон даъвати чорум, узви кумитаи Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятиву иттилоот, яке аз шахсиятҳои шинохтаи ҷомеаи кишварамон Суҳроб Ибронович Шарипов дирӯз аз тапидан боз монд. Марги беамон аз миёни мо шахсеро рабуд, ки тамоми фаолияти меҳнатӣ, донишу хирад, неру ва саъю талоши худро барои бунёди ҷомеаи навини кишвар, барои пешбурди сиёсати давлату ҳукумат ва роҳбари давлат сарф кард. Суҳроб Ибронович Шарипов 18 апрели 1963 дар шаҳри Душанбе дар хонаводаи олим ва файласуфи маъруфи кишварамон Иброн Шарипов ба дунё омад. Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва ба номи Ломоносовро хатм намуд. Ба унвонҳои баланди номзади фанҳои фалсафа ва доктори илмҳои сиёсатшиносӣ сазовор гардид. Суҳроб Шарипов дар вазифаҳои ассистенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, аспирант ва корманди илми факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов мудири шуъбаи сиёсати дохили Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Муовини шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷрояи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёрдамчии Президенти Тоҷикистон, директори

Маркази тадқиқоти стратегии, назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуд. Ӯ тамоми заковату неруи худро барои бунёди ҷомеъаи навини кишвар сарф намуда, ояндаи шукуфову пурбори он итминони комил дошт. Дар дилу хаёли Суҳроб ғайр аз Ватан ва хидмат ба Ватан чизи дигаре набуд. Ҳамчун вакили даъвати чоруми Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ ҷиҳати рушду нумуи парламенти касбии тоҷик самимона саъю талош варзид. Ҳангоми баррасии қонунҳо бо камоли масъулият ва донишу таҷрибаи ғанӣ муносибат намуда, барои аз ҳар лиҳоз босифат қабул гардидани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқи саҳми муносиб гузошт. Муаллифи 4 асари арзишманд оид ба рушди равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ва зиёда аз 500 мақола мебошад. Вай узви Шӯрои коршиносони Созмони ҳамкории Шанхай узви Шӯрои илми академияи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва узви шуро оид ба ҳимояи рисолаҳои номзади илмҳои сиёсатшиносӣ буд. Таҳти сарпарастии ӯ зиёда аз 18 номзаду докторҳои илмҳои сиёсатшиносӣ рисолаҳои илмии худро ҳимоя намудаанд. Бо медали 20–солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ифтихорномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудааст. Ба уҳдаи Суҳроб Ибронович кадом вазифаи супурда намешуд онро бо камоли масъулиятшиносию кордонӣ ва эҳсоси баланди поквиждонӣ, бо харҷи тамоми қувату ғайрат ба иҷро мерасонд. Ҳамчун мутахассиси сиёсати ҷаҳонӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он маруф буд. Суҳроб инсони хоксору беозор нексуришт ҳалиму меҳрубон буд, покдилу покният дилаш бе олоиш саршори меҳру муҳаббати мардум буду халқу Ватан. Дар миёни ҳамкасбону дӯстон, хешовандон ва шогирдон сазовори эҳтироми зиёд гашта буд.

Шайх Саъдӣ гӯё ин байтро дар ҳаққи Суҳроб Шарипов гуфта боша:

Гули бехор муяссар нашавад дар бӯстон,
Гули бехори ҷаҳон мардуми некусиярand!

Суҳроб Шарипов ҳанӯз ҷавон буду дар дил орзӯҳои зиёди хизмат ба халқу Ватан дошт. Дареғо марги беамон нагузошт, ки ӯ ҳамаи орзӯҳои худро амалӣ намояд, вале дар муддати зиндагии нисбатан кӯтоҳи худ тавонист бо хизматҳои ҳамида, бо донишу заковат дар дилу дидаҳо ҷой бигирад, аз худ нишонаҳои нек ба ёдгор гузорад. Мо имрӯз бо қалбҳои пурдарду андуҳ Сӯҳроб Шариповро барои охират гусел карда бовари комил дорем, ки ёди ӯ аз дилу хотирҳо фаромӯш нахоҳад шуд.

Ҳозирини гиромӣ, ҳоло бо камоли эҳтиром мехоҳам ҳамдардӣ ва тасаллияти Президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба аҳли хонавода наздикон ва пайвандони Суҳроб Шарипов изҳор намоям. Ҳамчунин, ҳамдардӣ ва тасаллияти тамоми ҳайати парлумони кишваро мерасонам. Марги Суҳроб барои ҳамаи мо талафоти гарон аст, вале мо ёди ӯ, кори фаолияти ӯро дар дили худ, дар хотира зинда хоҳем дошт.

Мард намирад ба марг марг аз ӯ ном ҷӯст,
Ном чу ҷовид шуд мурданаш осон куҷост!

Аз даргоҳи Худованди мутаъол талаб дорем, ки хонаи охираташро пурнур ва ҷояшро ҷаннат гардонад. Ба аҳли хонавода ва пайвандону дӯстону хешовандонаш сабри ҷамил ато намояд. Алвидоъ, алвидоъ, алвидоъ Суҳроб.

Аз http://www.ozodagon.com/
index.php?newsid=29009
14.04.2017

## ПАРДАБАРДОРӢ АЗ ЛАВҲАИ ЁДГОРИИ СУҲРОБ ШАРИПОВ

Дар шаҳри Душанбе расми гузоштани лавҳаи ёдгории Суҳроб Шарипов, раҳбари пешини Маркази тадқиқоти стратегии назди Президент баргузор шуд.

Дар ин маросим намояндаҳои Маркази тадқиқоти стратегӣ, адибон, журналистон ва пайвандони Шарипов иштирок доштанд. Зимни пардабардорӣ аз лавҳаи ёдгорӣ Сайфулло Сафаров, муовини раиси МТС гуфт, кӯчаи Шаумяни ноҳияи Шоҳмансур, воқеъ дар назди маҳаллаи «Гардиши фурӯдгоҳ» расман номи Суҳроб Шариповро гирифт.

14 апрели соли 2016 Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе барои ба номи Шарипов гузоштани номи кӯчаи Шаумян ризоият дода буд.

Шоири халқии Тоҷикистон, Назрӣ Яздонӣ, Суҳроб Шариповро “як сиёсатшиноси дараҷаи ҷаҳонӣ” хонда, гуфт, ӯ ҷасур буд.

Суҳроб Шарипов 19 январи соли 2015, бар асари бемории камхунӣ дар синни 52 дунёро падруд гуфт ва агар марҳум дар қайди ҳайёт мебуданд, 18 апрели соли равон ба синни 53 мерасиданд. Муаллифи ду китоби сиёсатшиносӣ буда, даҳҳо мақолаи илмӣ ба қалами ӯ марбут мебошанд. Дар мансабҳои гуногун, аз ҷумла мудири шӯъбаи сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии раёсати ҷумҳури Тоҷикистон, муовини мудири шӯъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи Президент, ёрдамчии раисиҷумҳур ва раиси Мар-

кази тадқиқоти стратегии кишвар кор кардааст. Номзади илмҳои фалсафа ва доктори илмҳои сиёсӣ буд ва дар интихоботи парлумонии 1 марти соли 2015 аз ҷониби Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон, ҳизби ҳоким аз ҳавзаи рақами 3-и ноҳияи Шоҳмансури пойтахт ба вакилӣ пешбарӣ шуда буд.

Аз АМИТ «Ховар», Душанбе,
18.04.2016.

## БА ХОТИРИ 53-ЮМИН СОЛГАРДИ УСТОДИ ГИРОМИҚАДР, ШОДРАВОН СУҲРОБ ШАРИПОВ

Ин сухани дақиқ баёнгари як ҳақиқати воқеии ҳаётӣ буда, сабаби аслии расидан ё нарасидани инсонро ба мақсади дар пеш гузоштааш, пеш аз ҳама, ба майлу хоҳиш ва иродаву қобилияти шахсии худи ӯ вобаста мекунад. Дар ҳақиқат, афроде ки майлу хоҳиш, истеъдоду қобилият ва иродаи матини кор кардан ва хизмат намудан барои беҳбудии ҳаёти ҷомеа доранд, новобаста аз низоми сиёсӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамеша роҳи корро меёбанд. Ин гуна инсонҳо ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ гуна шароит дар пеши мушкилот сар намефуроранд, балки мушкилотро мардонавор паси сар карда, то охирин рамақи ҷон барои расидан ба мақсад мубориза мебаранд. Ҷомеаи инсониро маҳз ҳамин гуна шахсиятҳои камшумор пеш мебаранд.

Марҳум Суҳроб Шарипов, яке аз аввалин мутахассисони сиёсатшиноси Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз ҷумлаи ҳамин гуна шахсиятҳои нодиру нотакрор буд. Солҳое, ки Суҳроб Шарипов ба ҳайси директори МТС назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамуд, Ҷумҳурии

Тоҷикистон акнун ба фазои сулҳу осоиштагӣ даст ёфта буд. Албатта, дар кишвари нав аз вартаи ҷанги шаҳрвандӣ раҳоёфта проблемаҳои зиёде вуҷуд доштанд, ки онҳоро на якбора, балки давра ба давра ҳаллу фасл кардан мумкин буд. Дар он солҳо ҳар як шахси ватандӯст ва бооруномус, алалхусус кормандони соҳаи илму маорифро лозим буд, ки новобаста аз шароити маҳдуди молиявию иқтисодӣ, новобаста аз камии музди меҳнат, ба хотири ободии Ватан ва ояндаи дурахшони миллати соҳибистиқлол фидокорона меҳнат кунанд. Илова бар ин, дар давраи мазкур абарқудратҳои ҷаҳонӣ барои пешбурди сиёсати худ ва ҳифзи манфиатҳои геополитикӣ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мутахассисони олиро новобаста аз дину мазҳаб, миллат ва нажод аз ҳар гӯшаи дунё ҷамъ оварда, барои онҳо тамоми шароити зиндагиро фароҳам меоварданд. Сабаби аз тарафи кишварҳои абарқудрат ҷалб шудани олимону мутахассисони кишварҳои пасошӯравӣ дар он буд, ки чунин олимону мутахассисон минбаъд барои татбиқи ҳадафҳои геополитикии онҳо истифода мешуданд ва барояшон фоидае меоварданд, ки аз масрафи нигоҳдории ин олимону мутахассисон миллионҳо маротиба зиёдтар буд. Ҳамин омилҳо сабаб шуданд, ки теъдоди зиёди олимону коршиносони тоҷик барои беҳдошти зиндагӣ кишварҳои худро тарк кунанд. Вале Суҳроб Шарипов, новобаста аз ҳамаи мушкилот ва омилҳои зикршуда, ҳамчун фарзанди содиқ дар Ватан монд ва тамоми донишу тавоноии худро барои равнақу пешрафти Ватан сарф кард. Суҳроб Шарипов аз ҷумлаи олимони масъулиятшиносе буд, ки дар ҳамон гуна шароити вазнин нисбат ба ояндаи дурахшони давлатдории тоҷикон эътимод ва боварии комил дошт ва ҳамин боварию эътиқод буд, ки ӯро барои содиқона хизмат кардан ба халқу Ватан

таҳрик ва ҳидоят менамуд. Барои аксарияти мутахассисони ҷавон шахсияти фарҳангӣ ва чеҳраи илмии Суҳроб то ҳанӯз ношинохта мондааст, зеро андешаҳои ӯ дар масъалаҳои сиёсӣ аз фаҳмиши дигарон хеле пешрафта ва пурпечутоб буд. Директори Маркази Институти иқтисоди ҷаҳонӣ ва сиёсат дар назди фонди Президенти Қазоқистон Ҳайдар Амрбаев зимни як суҳбат дар бораи Суҳроб Шарипов, ки дӯсти ҳамсабақаш будааст, чунин изҳори андеша намудааст: «Мо бо Суҳроб панҷ сол дар давраи донишҷӯйӣ дар як ҷо зиндагӣ мекардем. Донишу заковати ӯ аҷоиб буд. Бе муболиға ман гуфта метавонам, ки Суҳроб дар курси сеюм аллакай як коршиноси сиёсии мустақил буд. Ҳатто дар баъзе мавридҳо бо устодон баҳсу мунозира мекард, ки ин аз ғайрату дониши ӯ дарак медод, зеро роҳбарияти донишгоҳ метавонистанд барои чунин амал ӯро аз донишгоҳ хориҷ кунанд. Албатта, барои устодони мо ташаккули мустақилонаи мутахассисони миллӣ он қадар маъқул набуд. Онҳо ҳанӯз ҳам бо анешаи он буданд, ки бояд фақат онҳо гап зананд ва шаҳрвандони ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ онҳоро гӯш кунанд. Вале Суҳроб, баръакс ҳамчун як олим мавқеи худро мустаҳкамтар кард. Дар фаъолияти корӣ низ ҳамин хусусиятҳои Суҳроб дигар нашуданд. Ман доим аз ВАО суҳбатҳои ӯро дар масъалаҳои гуногун мехондам. Хеле боғайратона ва олимона буданд».

Фаъолияти касбии Суҳроб ҳамчун як сиёсатшинос фарохтар аз доираи як корманди давлатӣ буд. Ӯ ҳамеша ҳамчун як олими касбӣ дар бораи ин ё он масъала суҳбат мекард. Албатта, на барои ҳама чунин суҳбатҳо ва эродгирӣ мавриди писанд буданд, вале барои ӯ манфиати давлату миллат аз ҳама боло буд. Ба андешаи аксарияти рӯзноманигорони дохилию хориҷӣ Суҳроб Шарипов яке аз

он олимоне буд, ки проблемаҳои сиёсию иқтисодии Осиёи Марказиро хеле хуб омӯхта буд ва дар ҳалли онҳо метавонист саҳми худро гузорад.

Ман шахсан бо Суҳроб Шарипов шинос будам ва муносибати дӯстона доштем. Албатта, доир ба дониши сиёсии ӯ ягон кас баҳс намекард. Вале ман аз дониши баланди сиёсии ӯ ҳангоми сафари корӣ ба Олмон қоил шудам. Чун мавзӯи корӣ масъалаи муносибати давлати дунявӣ ба дин дар таҷрибаи Тоҷикистон ва Олмон буд, ҳангоми суҳбат дар Парлумони Олмон ва ё дар вохӯриҳо бо намояндагони аҳзоби сиёсии он кишвар вай бо иродаи қавӣ ва боварӣ ҳарф мезад. Ҳамаи ин аломатҳо аз баланд будани савияи дониши сиёсию фалсафии ӯ гувоҳӣ медод. Шояд аз рӯйи вазифаи корӣ ашхоси зиёд ба кишварҳои гуногун сафар кунанд, вале ҳифз намудани манфиат ва обрӯи давлат ва миллат кори осон нест ва ҳар кас ҳам аз уҳдаи чунин кор баромадан наметавонад. Хусусан, дар кишварҳои ғарбӣ низоми сиёсии кишварҳои пасошӯравиро сахт танқид мекарданд. Аммо Суҳроб Шарипов бо далелҳои қатъӣ ҷавоб медод ва, баръакс, дар баъзе мавридҳо заъфи низоми қонунгузории ин кишварҳоро мавриди танқид қарор медод. Вале берун аз вақтҳои корӣ як одами оддӣ буд, ки бо ӯ дар кӯчаҳои шаҳр соатҳо суҳбат карда мегаштем. Воқеан дар масъалаҳои сиёсӣ Суҳроб мутахассиси касбӣ буд.

Масъалаҳое, ки Суҳроб Шарипов дар он солҳо баҳс мекард, аллакай имрӯз мушкилоти минтақа шуда истодаанд, ки масъалаҳои меҳварии онҳоро айнан баён мекунам:

— таъсиси ягон ташкилоти минтақавии фарогири масъалаҳои кишварҳои он;

— тағйири фаъолияти ташкилоти ИДМ аз назария ба амалия;

— эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ ва фарҳангу мероси халқу миллатҳои минтақа;

— истифодаи захираҳои обӣ дар минтақа.

Шояд Суҳроб дар умқи дилаш эҳсос мекард ва мефаҳмид, ки марг дар камини ҳаёт аст, бинобар ин ӯ кӯшиш намуд, проблемаҳоеро, ки кишварҳои минтақа дар 10-20 соли оянда бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ҳар чӣ пештар дар корҳои илмии худ баён карда, роҳи ҳалли онҳоро дар шакли назария кор карда барояд. Мутаассифона, марги нобаҳангом имконият надод, ки ин олими фидокор корҳои оғознамудаашро анҷом диҳад. Пас аз марги нобаҳангоми Суҳроб Шарипов бисёр пешбиниҳои илмии ӯ дар бораи вазъи геополитикии ҷаҳони муосир, ки на ҳар кас қобилияти ташхису хулосабарории воқеии онро дошта метавонад, тасдиқ шуда истодаанд.

Имрӯз агар ӯ зинда мебуд, ба синни 53 медаромад.

Ёди ин марди фозил ба хайр бод!

**Суханронии ҳамсари Суҳроб Шарипов**
**дар парлумон http://faraj.tj16:38 | 27.02.15**

## ПАРЛУМОН БАРОИ СУҲРОБ МАКТАБИ ХЕЛЕ БУЗУРГ БУД

Имрӯз ҳамсари Суҳроб Шарипов, Шаҳло Раҳимова дар ҷаласаи охирини парлумони Тоҷикистон, даъвати чорум иштирок карда, «Ифтихорнома»- и Ассамблеяи байнипарлумонии Иттиҳоди давлатҳои мустақилро аз ҷониби Шукурҷон Зуҳуров қабул кард.

Вай бо ёдоварӣ аз суҳбатҳои шавҳараш зикр намуд:

- Парлумон барои Суҳроб мактаби хеле бузург ва муҳим буд. Боре суҳбат доштем, Суҳроб Ибронович аз таҳдидҳое, ки Ватани мо рӯ ба рӯ мешавад, ёдоварӣ карда, гуфтанд, ки «фаҳмидан лозим, аён ва ноаёнро. Тоҷикон миллати бузурганд, мо набояд онро аз даст диҳем ва нагузорем, ки онро кадом як манфиатхоҳе таназзул диҳад. Тоҷикистон бояд ҳамеша поянда бошад»- ин буд, армон ва мақсади асосии вай.

Номбурда, ҳамчунин, афзуд, ки фарзандонашро дар роҳи дӯстӣ, неруи зеҳнӣ ва вафодорӣ ба миллату давлат ба воя хоҳад расонид.

Аз http://www.ozodagon.com/index.php?
newsid=2975018-04-2017

## ҶОМЕАИ ИМРӮЗ ШАХСИЯТҲОИ МОНАНДИ СУҲРОБРО ХЕЛЕ КАМ ДОРАД

Агар умр вафо мекард, Суҳроб Шарипов, сиёсатшиноси маъруфти тоҷик, ки бо ошкорбаёнӣ ва интиқодҳояш ҳамеша дар сархати расонаҳои кишвар қарор дошт, имрӯз ба синни 54 мерасид. Ӯ 19 январи соли 2015 бар асари бемории камхунӣ дар 52-солагӣ даргузашт. Онҳое, ки Суҳроб Шариповро мешиносанд, аз ӯ як инсони ватандӯст, хоксор ва донишманду ҷасур ёд мекунанд.

Файласуфи шинохта Абдулвоҳид Шамолов, ки солҳои зиёде бо Суҳроб Шарипов кор кардааст, дар суҳбат ба “Озодагон” гуфт, ҷомеаи имрӯз шахсиятҳои монанди Суҳробро хеле кам дорад. Ба гуфтаи вай, сиёсатшиносон зиёданд, аммо теъдоди андаки онҳо дар бораи сиёсатшиносӣ

суҳбат карда метавонанд: “Дар кишвари мо мутаассифона инсонҳое, ки ҳам фарҳангӣ, ҳам хеле боахлоқ ва ҳам донишманд бошанду дар ин баробар бо тамоми ҳастӣ ватани худро дӯст бидоранд, кам ҳастанд. Суҳроб Шарипов яке аз чунин шахсиятҳо буд. Ӯ илмро бисёр дӯст медошт ва илм барояш ҳама чиз буд. Суҳроб қабл аз ҳама як файласуф буд, шахсе буд, ки ба фалсафа, ҳикмат муҳаббати зиёд дошт. Тавонист аз тариқи фалсафа ба ошёнаи илми сиёсатшиносӣ по бигзорад”.

Ба таъкиди ҷаноби А. Шамолов, Суҳроб Шарипов танҳо як мақсад дошт - пешбурди илм ва тариқи илм обод кардани ҷомеаи муосири Тоҷикистон. “Бисёре аз сиёсатшиносони мо намехоҳанд мисли Суҳроб бошанд, чунки ҷаҳони ӯ дигар буд, ҷаҳони ӯҷаҳони илму фарҳанг буд ва ӯ на барои мансабҳои илмӣ ба илм рӯ оварда буд, балки ба хотири пешрафти илм талош мекард. Вуҷуди ӯ, тафаккури ӯ фарҳангӣ буд. Ба касе ғараз надошт, дар ғайбату дар рашку дар ҳасади касе набуд, шахсонеро эҳтиром мекард, ки ватанпараст буданд. Барои ватани худ ба ҳар кор омода буд. Дар куҷое, ки фаъолият кардаast, ҳамчун содадил ва равшанфикр дар хотирҳо мондаast. Содагии ӯ содагии инсонӣ буд ва аз маърифати баланди ӯ шаҳодат медод. На танҳо дар илм, балки дар сиёсат ҳам бисёр як шахси маъруф буд ва шахсан Раисҷумҳур нисбат ба ӯ эҳтиром қоил буданд”,-илова намуд ӯ.

Абдулвоҳид Шамолов мегӯяд, будани шахсиятҳое чун Суҳроб Шарипов дар таърихи ҳар қавму миллат бисёр зарур аст, зеро маҳз чунин инсонҳо роҳро ба сӯйи пешрафт боз намуда, мардум, ба вижа ҷавононро ба ҷониби фарҳангиву ватандӯстӣ талқин менамоянд.

Умед Бобохонов, муассиси медиа-ҳолдинги “Азия Плюс” бо назардошти феълу рафтор ва таълиму тарбия Суҳроб Шариповро шахси беҳамто ва инсони мунҳасир ба фард дар системаи давлатии Тоҷикистон унвон кард. Ӯ мегӯяд, Суҳроб ба ҳайси фориғуттаҳсили факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Маскав, профессор, олим ва сиёсатшинос ҳамеша он чиро, ки фикр мекард ва дар андешааш чарх мезад, иброз медошт, ҳатто агар раҳбарият дар ин мавзӯъ нуқтаи назари дигар дошт: “Вақте ҳамкорон ё журналистон бо тааҷҷуб мепурсиданд, ки чаро аз гуфтани ҳақиқат наметарсӣ, танҳо табассум мекард ва мегуфт, агар аз кор хориҷ кунанд, дар донишгоҳ кор пайдо мекунам, чӣ дар Тоҷикистон ва чӣ дар кишварҳои дигар”.

Ба гуфтаи оқои Бобохонов, нуқтаи назари усулӣ ва ҳамроҳ бо далелҳои Суҳроб Шарипов дар мавзӯъҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон мавқеи ӯро нисбат ба дигар мансабдорон ва олимон миёни ҳамкоронаш барҷаста мекард: “Бо назардошти ин вижагиҳояш, раҳбарияти олии Тоҷикистон дар он замон ба ӯ таваҷҷуҳ кард”.

Ӯ гуфт, яке аз аввалин тарҳҳои Шарипов замони директори Маркази тадқиқоти стратегӣ буданаш мавзӯи пажӯҳиши коррупсия дар Тоҷикистон буд ва беибо ва нотарсона натиҷаи ин таҳқикро эълом кард, ки нишон медод, аз ҳама сохтори фасодзадатарини давлатӣ ниҳодҳои қудратии кишвар ҳастанд.

Бобохонов мегӯяд, коррупусия ва фасодзадагӣ дар кишвари мо ҳоло ҳам идома дорад ва аз қабл ҳам шадидтар шудааст, аммо оё касе пайдо мешавад, ки ошкору рӯшод ва беибо дар ин бора мисли Суҳроб Шариповҳарф

занад? “Мутаассифона баъди даргузашти Сухроб Шарипов дар ҷомеаи мо нафаре пайдо нашудааст, ки ҷойи холии ӯро пур кунад. Мо номи яке аз хиёбонҳои Душанберо ба исми ӯ гузоштем, аммо дарси аслии зиндагии ӯро фаромӯш кардаем, ки “дар ҳама ҳолат инсони ростқавлу бошарофат мондан ва ҳаргиз аз оромонҳову мавқеи усулии худ барнагаштан буд”,-афзуд вай.

Суҳроб Шарипов аз зумраи мансабдороне буд, ки бар хилофи одати аксари масъулини давлатӣ нотарсида мавқеашро дар масъалаҳои муҳимми ҷомеа баён мекард ва аз дастрастарин мақомдорон барои расонаҳои хабарӣ буд. Ҳоло наздиконаш дар ҳоли таҳияи китобе ҳастанд, ки аз ёддоштҳои дӯстону ҳамкорон ва ҳамнишинони Суҳроб Шарипов нақл мекунад.

Суҳроб Шарипов муаллифи ду китоби сиёсатшиносӣ буда, даҳҳо мақолаи илмӣ ба қалами ӯ марбут мебошанд. Дар мансабҳои гуногун, аз ҷумла мудири шӯъбаи сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии раёсатҷумҳурии Тоҷикистон, муовини мудири шӯъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи Президент, ёрдамчии Раиси ҷумҳур ва раиси Маркази тадқиқоти стратегии кишвар кор кардааст. Номзади илмҳои фалсафа ва доктори илмҳои сиёсӣ буд ва дар интихоботи парлумонии 1 марти соли 2015 аз ҷониби Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон, ҳизби ҳоким аз ҳавзаи рақами 3-и ноҳияи Шоҳмансури пойтахт ба вакилӣ пешбарӣ шуда буд.

**http://www.ruzgor.tj/news/ 6157-professor-ibron-sharipov-80-sola-shud-2640.html**

## ПРОФЕССОР ИБРОН ШАРИПОВ 80-СОЛА ШУД



Дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳовуддинови АИ ҶТ ба ифтихори 80-солагии зодрӯзи файласуфи маъруфи кишвар, доктори илми фалсафа, профессор Иброн Шарипов ҷаласаи тантанавӣ баргузор гардид.

Ҷаласаро бо сухани муқаддимавӣ директори Институт, доктори илми фалсафа Абдувоҳид Шамолов кушод. Соҳибҷашнро ноиби президенти АИ ҶТ, доктори илми фалсафа, профессор Кароматуллоҳ Олимов аз номи раҳбарияти Акдемияи илмҳои Тоҷикистон табрику муборакбод гуфта, ба ин муносибат ба Иброн Шарипов Ифтихорномаи АИ ҶТ- ро супорид.



Муовини директории Институт, доктори илми фалсафа Насиба Содиқова дар бораи роҳи эҷодии соҳибҷашн сухангронӣ намуда, аз ҷумла гуфт, ки «аз солҳои 60-уми асри сипаришуда то ба имрӯз Шарипов Иброн Шарипович 8 монография, 6 китобча, ду китоби дарсӣ, як маҷмӯаи мақолаҳо, дар маҷмӯъ 140 номгӯй мақола таълиф ва ба нашр расонда-

анд, ки ба масоили гуногуни мубрами ҳаёти ҷомеа, фалсафаи иҷтимоӣ, ахлоқ ва дигар ҷанбаҳои илми фалсафа бахшида шудаанд.

Монографияҳои фундаменталии Иброн Шарипов дар инкишофи илми сиёсатшиносӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ ҳамчун дастури методологӣ имрӯз низ аҳамияти худро гум накардаанд. Дар таҳқиқ ва ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ва маънавии ҷамъияти имрӯза низ корҳои таҳқиқии Иброн Шарипов аҳамияти хос доранд».

Дар ҷаласа соҳибҷашнро ҳамкоронаш академикҳо Мӯсо Диноршоев, Тоҳир Фозилов, аъзо корреспондентҳои АИ ҶТ Ғаффор Ашӯров, Шоназар Шоисматуллоев, докторҳои илми фалсафа Хаёлбек Додихудоев, Абдусамад Самиев, олими шинохта Комил Бекзода ва дигарон табрику муборак гуфта, ба ӯ саломатӣ ва комёбиҳои нав ба нави эҷодиро таманно карданд.

Суҳроб Шарипов, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ, фарзанди соҳибҷашн, дар бораи нақши падар дар тарбияи ҳафт нафар фарзанд дар оила нуктаҳои ҷолиберо ба ҳозирин ироа кард.

Ҳайати эҷодии сомонаи «Рӯзгор» низ ба ин табрикоти дӯстон ва ҳамкорони соҳибҷашн ҳамроҳ шуда, ин олими маъруф ва шахсияти наҷибро бо ин рӯзи муборак самимона табрик гуфта, барояшон тамоми хушиҳои рӯзгорро орзу мекунанд.

**80-СОЛАГӢ МУБОРАК,**
**УСТОДИ ГИРОМИҚАДР ИБРОН ШАРИПОВИЧ!**

**18.04.2016 АМИТ**
**“Радиёи Ховар”**

# ГИРОМИДОШТИ ХОТИРОТИ ДОКТОРИ ИЛМИ СИЁСАТШИНОСӢ, ПРОФЕССОР СУҲРОБ ШАРИПОВ

Таъсиси ягон ташкилоти минтақавии фарогири масъалаҳои кишварҳои он, тағйири фаъолияти ташкилоти ИДМ аз назария ба амалия, эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ ва фарҳангу мероси халқу миллатҳои минтақа, истифодаи захираҳои обӣ дар минтақа, аз ҷумлаи масъалаҳоеанд, ки имрӯз мушкилоти минтақа шуда истодаанд, аммо доктори илми сиёсатшиносӣ, профессор Суҳроб Шарипов қаблан ҳамчун масъалаҳои меҳварӣ онҳоро ба миён мегузошт. Фаъолияти касбии Суҳроб Шарипов ҳамчун як сиёсатшинос фарохтар аз доираи як корманди давлатӣ буд. Ӯ ҳамеша ҳамчун як олими касбӣ дар бораи ин ё он масъала суҳбат мекард. Ба андешаи аксарияти рӯзноманигорони дохилию хориҷӣ ин шахсият яке аз он олимоне буд, ки проблемаҳои сиёсию иқтисодии Осиёи Марказиро хеле хуб омӯхта буд ва дар ҳалли онҳо метавонист саҳми худро гузорад. Ин олими варзида на танҳо дар байни сохторҳои дохилӣ, балки дар байни созмонҳои байналмилалӣ ҳам соҳиби обрӯю эътибор зиёд гардид ва номи Тоҷикистонро баланд бардошт. Мутаассифона, марги нобаҳангом имконият надод, ки ин олими фидокор корҳои оғознамудаашро анҷом диҳад. Пас аз марги нобаҳангоми Суҳроб Шарипов бисёр пешбиниҳои илмии ӯ дар бораи вазъи геополитикии ҷаҳони муосир, ки на ҳар кас қобилияти ташхису хулосабарории воқеии онро дошта метавонад, тасдиқ шуда истодаанд. Хотиррасон мешавем, ки 14 апрел дар ҷараёни

иҷлосияи панҷуми Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе вакилони шаҳрӣ қарори марбута қабул намуданд, ки дар асоси он кӯчаи Шаумяни пойтахт ба номи собиқ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсатшиноси шинохтаи тоҷик, шодравон Суҳроб Шарипов гузошта шуд. Ин икдом аз ҷониби вакилони Маҷлиси шаҳрӣ дар остонаи ҷашни мавлуди Суҳроб Шарипов, ки ба санаи 18 апрел рост меояд, сурат гирифта, ҳадафи он қадрдонии хизматҳои шоистаи собиқ вакили Парлумон мебошад. Бояд тазаккур дод, ки С. Шарипов моҳи январи соли 2015 дар 52- солагӣ бар асари бемории аз олам даргузашт. Мавсуф дар умри кӯтоҳи худ дар вазифаҳои гуногуни давлатӣ, аз ҷумла дар дастгоҳи иҷроияи Президенти кишвар ба ҳайси Ёрдамчии Президенти ҷумҳурӣ (2003-2005), директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҷумҳурӣ (2005-2011) содиқона хизмат намуда, муаллифи 500 мақола ва беш аз чор китоби илмӣ мебошад. То охири умраш ба ҳайси вакили палатаи поёнии Парлумони мамлакат фаъолият мекард.

**Далер Мерганов,**
**«Садои мардум»**
**Copyright © 2016 TojNews**
***Интишор шуд: 14 апреля, 2016* -**

## ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ КӮЧАЕРО БА НОМИ МАРҲУМ СУҲРОБ ШАРИПОВ ГУЗОШТААНД

Имрӯз, 14-уми апрел вакилони Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе бо қабули як қарор кӯчаи Шаумяни ноҳияи Шоҳмансурро ба номи Суҳроб Шарипов мондаанд.

Дафтари матбуоти шаҳрдории Душанбе мегӯяд, ҳадаф аз номгузории кӯчае ба номи Суҳроб Шарипов ин қадрдонӣ аз хизматҳои ӯ мебошад. Кӯчаи ба номи Суҳроб Шарипов дар маҳаллаи Гардиши фурӯдгоҳи Душанбе ҷойгир аст.

Суҳроб Шарипов, собиқ вакили парламент ва Раиси Маркази тадқиқоти стратегии Тоҷикистон мебошад. Ӯ 19-уми январи соли 2015 дар синни 53-солагиаш оламро падруд гуфт.

Марҳум Суҳроб Шарипов 18-уми апрели соли 1963 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст.Соли 1988 факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносовро хатм кардааст.

Баъди хатми Донишгоҳи давлатии Маскав ду сол муаллими кафедраи фалсафа дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буд.

Ва баъд даст ба кори илмӣ зад. Солҳои 1990-1993 аспиранти факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов буд. Соли 1994 рисолаи илмиро дар мавзӯи “Ҳад ва имкониятҳои озодӣ” дар риштаи “Фалсафаи сиёсатшиносӣ” ҳимоя кард.

Соли 2000-ум дар синни 37-солагиаш унвони доктори илми сиёсатшиносиро гирифт.Аз соли 2001 то соли 2003 муовини сардори бахши иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Солҳои 2003-2005 бошад дар вазифаи ёвари Президенти кишвар кор кард. Соли 2005 Директори Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон таъин гардид ва дар ин вазифа то моҳи декабри соли 2010 фаъолият намуд.

Моҳи декабри соли 2011 аз ҷониби Ҳизби халқӣ-демократӣ ба ҷойи Сафаралӣ Раҷабов, ки ба таври ногаҳонӣ аз олам даргузашт, номзад пешниҳод шуд.

Дар интихоботи парламентии соли 2015 боз дар ҳавзаи Шоҳмансур №3 номзад шуд. Аммо 22 рӯз қабл аз баргузории интихобот, 19-уми январи 2015 бар асари бемории дар беморристони ҷумҳуриявии “Қарияи боло” ҷон ба ҷонофарин супурд.

Муаллифи ду китоб оид ба рушди равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ва зиёда аз 300 мақолаи илмӣ, аъзои Шӯрои коршиносони Созмони Ҳамкории Шанхай, ОДКБ, Шӯроҳои илмии Академияи САҲА (Бишкек) ва Шӯро оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадии илмҳои сиёсӣ, дорандаи медали ҷашнии «20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аст.

**http://tojnews.org/tj/news/kuchaero-ba-nomi-sukhrob-sharipov-guzosht**

**Дӯсти Устод Суҳроб Ш.**
**аз Парлумон**

## РАФТААСТ АЗ НАЗАРУ ЛЕК, ЗИ ДИЛҲО НАРАВАД

Марди соҳибҳунару бохираду фарзона,
Биравад аз назару лек, зи дилҳо наравад.

Бо чунин мисраъҳо ҳусни оғоз бахшидани маводи мазкур бесабаб нест. Зеро сухан бобати инсоне меравад, ки маргаш ба ҳеҷ ваҷҳ маънои анҷоми зиндагиашро надорад. Кору номи неки чунин нафарон намегузорад, ки номи некашон аз дафтари хотирот зудуда шавад. Манзури ман сиёсатшиноси муътабар, олими сермаҳсул ва инсони худогоҳу комил Суҳроб Шарипов аст. Банда бо тақозои вазифа дар қисмати аъзами Иҷлосияҳои Маҷлиси намо-

яндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаласаи кумитаҳо ва муҳокимаҳои Парлумон ширкат меварзам. Давоми ин солҳо фаъолияти ҳар як вакил бароям аз чандин зовия ҳувайдо шудаву хулосаҳо низ бобати онҳо яксон нест. Дар ин росто, хислатҳои неки шодравон Суҳроб Шарипов, ки ватандӯстӣ, ҳақгӯйӣ ва ростқавлӣ аз ҳамон ҷумлаанд, натанҳо бо сухан, балки бо амалҳояш собит буд. Мушоҳида менамудам, ки дар тамоми ҳолатҳо новобаста аз вазъият, нуктаи назарашро ҷасурона иброз мекарду ба андешаҳои муғризонаи нотавонбинони миллати тоҷик, ки дар воситаҳои ахбори оммаи ба ном мустақил тавассути журналистони «баргузидаашон» инъикос мегардиданд, посухҳои муносиб медод.

Ба наздикӣ рӯйи мизи кории мудири шуъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмон Охунов чашмам ба пешниҳоди вакилӣ, ки ба Суҳроб Шарипов тааллуқ дошт, афтод. Зимни тавашшуҳ иттилоъ гирифтам, ки ин охирин пешниҳоди шодравон Суҳроб Шарипов ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» рабт дошт. Агар гӯям, ки ироаи пешниҳод вобаста ба кулли масъалаҳои дар Иҷлосияҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор мегирифта аз ҷониби мавсуф раванди муттасил буд, муболиға намешавад. Биноан, нуқтаи назари ӯ дар воситаҳои ахбори омма ба сифати назари созанда ва аз ватандӯстиву далелҳои муътамад маншаъ гирифта, инъикос ва аз ҷониби ҷомеа хуб пазируфта мешуд. Ба ҳеҷ ваҷҳ

аз журналистон канорачӯйӣ намекард, баръакс вобаста ба дилхоҳ масъала назари хешро, ки ҷузъе аз сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ буд, дар заминаи далелу арқоми муътамад баён менамуд. Вақте ба тарҷумаи ҳолаш мутаваҷҷеҳ шавем, маълум мегардад, ки инсони ба маънои томаш дар кураи зиндагӣ обутобёфта аст. Соли 1963 таваллуд шуда, мактаби миёнаи № 77-и шаҳри Душанбе хатм кардааст. Фориғуттаҳсили факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов буд. Чун аксари шахсиятҳои шинохта фаъолияти меҳнатии номбурда соли 1988 дар собиқ Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ҳамчун устод шурӯъ гардидаву соли 1990 ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дохил шуда, соли 1994 рисолаи илмиро дар мавзӯи «Ҳад ва имкониятҳои озодӣ» дар риштаи «Фалсафаи сиёсатшиносӣ»бомуваффақият ҳимоя кардааст.

Марҳилаи рушду такомули шахсияти Суҳроб Шарипов ҳамчун сиёсатшинос соли 1998 - аз замони оғози фаъолият дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ гардид. Давоми солҳои фаъолият дар ин Маркази бонуфуз ва ироакунандаи мавқеи Ҳукумати ҷумҳурӣ мавсуф худро ба сифати таҳлилгари дақиқназар ва ҳақиқатгӯ таври шоиста дар дохил ва хориҷи кишвар муаррифӣ намуд. Сабк, тарзи ифодаи фикр, хулосаронию натиҷагирӣ ва бардошти номбурда аз рӯйдодҳои ҷомеа аз андешаи дигарон куллан фарқ мекарданд.

Матлабҳои зиёди таҳлилии мавсуф, ки ифодакунандаи манфиатҳои миллии кишварамон ҳастанд, дар

маҷалла ва рӯзномаҳои бонуфузи дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ таври мунтазам ба нашр мерасиданд. Минбаъд фаъолият ба ҳайси муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ёвари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома ёфт. Коршиносон ба он назаранд, ки маҳз замони роҳбарии номбурда Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ниҳоди бонуфузи таҳлили масоили мубрами вобаста ба ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, робитаҳои байналмилалии сатҳи ҷаҳонӣ ва ояндабинии равандҳои рушди ҷомеаи гуногун табдил ёфт. Ёдовар мешавем, ки мавсуф дар синни 37-солагиаш рисолаи илмиро ҳимоя карда, унвони доктори илми сиёсатшиносиро гирифт. Шогирдони зиёд дорад, ҳаждаҳ нафар таҳти роҳбарии вай рисолаҳои номзади илм ва доктори илмро ҳимоя кардаанд. Муаллифи 4 монография ва бештар аз 500 мақолаи илмӣ- таҳлилӣ ва иштирокчии конфронсҳои зиёди илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ буд. Ин омил бори дигар собит месозад, ки:

Дар ин кохи дилкаш намонад касе,
Равад оқибат, гарчи монад басе.

Равонаш шод ва манзили охираташ obod бод устоди азиз.

**Аз маҷлисгоҳи МТС-и назди Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**18.04.2015**

## ЁДБУДИ МАРДИ НАКӮНОМ ВА ДОНИШМАНД

Рӯзи 18-уми апрели соли 2015 дар маҷлисгоҳи МТС-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони «Марди накуном ва донишманд» мизи гирд бахшида ба зодрӯзи собиқ директории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми сиёсатшиносӣ, профессор Суҳроб Шарипов баргузор гардид. Дар ин нишаст дӯстону ҳамкорон, шогирдону пайвандон ва коршиносони масоили сиёсӣ ва дигарон ширкат варзиданд.

Маҳфили ёдбудро директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Худобердӣ Холиқназар ифтитоҳ намуда, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмии марҳум Суҳроб Шарипов суханронӣ намуд. Мавсуф хизматҳои шоистаи шодравон Суҳроб Шариповро ба ҳайси директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуда, хотироти худро дар бораи марҳум баён намуд.

Сипас дӯстону ҳамкорон ва шогирдони Суҳроб Шарипов: Сайфулло Сафаров, Кароматулло Олимов, Абдунабӣ Сатторзода, Абдулвоҳид Шамолов, Шоҳназар Шоисматуллоев, Ҷамшед Саидов, Фаррух Насимов, Гузел Майтдинова, Саодат Соҳибназарова, Бахтиёр Раҳмонов, Абдураҳмон Қурбонов, Абдураҳмон Абдуманнонов, Ҷӯрахон Давлат, Фарида Муминова, Абдуллоҳи Раҳнамо ва дигарон хотиро-

ти неки худро дар бораи шодравон Суҳроб Шарипов изҳор карданд.

Дар охир сухан ба завҷаи марҳум хонум Шаҳло Раҳимова дода шуд. Ӯ самимона фикру мулоҳизаҳои хешро дар бораи ҳамсараш Суҳроб Шарипов ҳамчун сарвари хонавода, ҳамсари вафодор, падари меҳрубон, муносибати неку самими ӯ бо фарзандону пайвандонаш баён намуда, аз номи аҳли байти марҳум ва пайвандонаш ба ташкилкунандагон ва иштирокчиёни маҳфили ёдбуд изҳори сипос намуд.

**Сайфулло Сафаров,**
**муовини якуми Директории Маркази**
**тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон, номзади илмҳои фалсафа,**
**маҷаллаи «Тоҷикистон»**
**№11-12 (1116) 2011, саҳ. 16-17.**

## ПОЯГУЗОРИ ФАЛСАФАИ ИҶТИМОИИ МУОСИРИ ТОҶИК

Файласуф, олим ва омӯзгори шинохта, яке аз пояузорони фалсафаи иҷтимоии муосири тоҷик Иброн Шарипов ба синни муборакии 80 расиданд. Агар саҳифаҳои такомули фардӣ, илмию эҷодӣ ва омӯзгории ин инсони наҷибро варақгардон созем, бисёр лаҳзаҳоеро дармеёбем, ки ба камолоти аксари зиёиёни муосири ин насли тоҷик хосанд. "Иброн Шарипов 15 сентябри соли 1931 дар деҳаи Алисурхун ноҳияи Сангвор таваллуд ёфта, аз падар хеле барвақт ятим мондааст.

Ҳаёту камолоти минбаъдаи ӯ дар хонаи бачагон гузаштааст.

Аз солҳои 1940 то 1951 вай дар хонаи бачагони ноҳияҳои Тавилдара, Сангвор, Орҷоникизобод (ҳоло Ваҳдат) ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, ба камол расида, сипас Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Орҷоникизободро хатм кардааст. Соли 1951 ба шӯъбаи таърихи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) дохил шуда, онро соли 1955 муваффақона ба итмом расонид. Ҳамчун мутахассиси ҷавон ӯро ба Институти омӯзгории Кӯлоб ба ҳайси омӯзгори фанни асосҳои марксизм - ленинизм фиристоданд. Дар он ҷо ӯ бо як зумра устодон, ҷавонони болаёқат, олимони ояндаи ҷабҳаҳои гуногуни илми тоҷик, аз қабили Хоҷаев, Собиров К.С., Сафаров Н.С., Ярошевский М.Г., Назаршоев М.Н., Латипов Н.Л., Сӯфиев А.С., Фузайлов С.Ф., Азизов С. ва дигарон фаъолият ва ҳамкорӣ намудааст.

Баъдтар дар шӯъбаҳои маорифи шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб, Арал (ҳоло Восеъ) ба ҳайси директори мактаби миёна кор кардааст. Соли 1960 ба аспирантураи шӯъбаи фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардида, ҳамзамон ба ҳайси муаллими кафедраи марксизм - ленинизми Донишкадаи давлатии омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ба номи С. Айнӣ) низ фаъолият намуд. Пас аз хатми аспирантура соли 1960 ба сифати ходими илмии ҳамин шӯъба ба кор қабул карда мешавад. Дар давоми фаъолияти эиёда аз 60-солаи хеш профессор И. Шарипов зинаҳои гуногуни камолоти илмию эҷодӣ: омӯзгор, аспирант, ходими хурд ва калони илмӣ, мудири сектор ва мудири кафедраро тай карда, соли 1965 рисолаи илмии номзади илми фалсафаро дар мавзӯи "Ростқавлӣ- хислати ҷудонопазири одамони советӣ" ва соли 1979 рисолаи доктириро дар Институти фал-

сафаи АИ ИҶШС (Маскав) дар мавзӯи "Қонуниятҳои ташаккули муносибатҳои сотсиалистии ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон" ҳимоя намуд. Солҳои 1980-1983 вазифаи котиби озоди кумитаи ҳизбии АИ Тоҷикистонро иҷро намуда, аз соли 1984 то ба имрӯз дар донишгоҳҳои гуногуни ҶТ ба ҳайси профессор, мудири кафедраи фалсафа фаъолият кардааст.

Солҳои охир боз ба Институти фалсафа баргашта, то ба ин ҷониб ба ҳайси ходими пешбари илм кор кардааст. Агар ҷанбаъҳои гуногуни фаъолияти устод И. Шариповро таҳти назар қарор диҳем, мебинем, ки қисмати аз ҳама муҳимми онро маҳз омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои илмию эҷодӣ ташкил дода, аз ин лиҳоз ӯро ба яке аз поягузорони маъруфи фалсафаи иҷтимоми муосири тоҷик табдил додааст. Ба хусус илми транзитологияи тоҷик-илм дар бораи равандҳои давраи гузаришро бе андешаву пешгӯйиҳои илман асосноки устод Шарипов И.Ш. тасаввур кардан амри маҳол аст. Ҷиҳати асосии фаъолияти илмию эҷодии олимро доираи васеи таҳқиқоти масъалаҳои муҳими ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷумҳурӣ, паҳлӯҳои гуногуни муносибатҳом ҷамъиятӣ, ахлоқу одоб ва тарбияи маърифатӣ, табдили муносибатҳои ғоявию маънавӣ, бахусус муносибатҳои миллӣ, масъалаҳои худшиносӣ ва вахдати миллии имрӯзаи тоҷикон ташкил медиҳанд. Комёбиҳои илмии файласуф ва олими шинохта дар 8 монография, китоб ва бештар аз 140 мақолаи илмӣ, илмию оммавӣ ва илмию методӣ ба табъ расидаанд. Дар миёни онҳо "Ростқавлӣ- хислати ҷудонопазири одамони советӣ", ("Ирфон", 1965), Гуманизм ва шахсият", "Ирфон", 1967, "Заминаҳои табдили муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон дар роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ", қисми 1, ("Дониш", 1973), "Ташаккули ахлоқи коммунистӣ” (1975),

"Табдили муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон дар роҳи тараққиёти ғайрикапиталистӣ", қисми 2, ("Дониш", 1976), "Қонуниятҳои ташаккули сотсиалистии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон", ("Дониш", 1983), "Табдили муносибатҳои идеологӣ дар Тоҷикистон", ("Дониш", 1986)-ро номбар кардан ҷоиз аст. Асарҳои илмии файласуф тамоюли бағоят муҳими назариявию амалӣ дошта, ба як қатор масъалаҳои норавшан рӯшанӣ андохта, дар байни аҳли илм ва зиёиён ҷунбиши афкорро ба миён оварда, дар ҷумҳурӣ ва берун аз он дасггирӣ пайдо кардаанд.

Профессор Иброн Шарипов иштирокчии фаъоли як қатор конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ буда, илми тоҷикро сарбаландона муаррифӣ, пуштибонӣ ва ҳифз намудааст. Мавсуф фаъолияти босамари илмию эҷодии хешро бо кори таълиму тарбияи ҷавонон дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ пайваста пеш бурда, дар инкишофи корҳои илмӣ, илмию методӣ, ҳимояи рисолаҳои номзадӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ мусоидати фаъолона кардааст.

И. Шарипов чун файласуфи варзида яке аз роҳбарони гурӯҳи эҷодии муаллифони китоби дарсии "Фалсафа" ("Маориф", 1997) барои мактабҳои олии ҷумҳурӣ мебошад. Саҳми олим ва омӯзгор дар камолоти тарбияи кормандони баландихтисоси соҳаи фалсафа назаррас буда, зери сарварии ӯ 10 нафар ҷавонон аспирантураро хатм намудаанд. Ба иловаи ин ёрии бевоситаи вай дар ҳимояи рисолаҳои илмии 15 нафар унвонҷӯён пурарзиш ва боиси қадрдонист. Фаъолияти гуногунҷабҳаю самараноки илмию назариявӣ ва илмию омӯзгории устоди арҷманд обрӯи ӯро дар байни ҳамкасбону ҳамкорон, аҳли илм, донишмандони дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ баланд бардоштаанд.

Хизматҳои И. Шарипов бо як қатор ифтихорномаҳои соҳавӣ ва медали "Барои меҳнати шоён" қадр гардонида шудаанд. Устод дар таҳқиқи мавзӯъҳои инъикоси ғояҳои озодандешии тоҷикон дар ибтидои қарни XX, заминаҳои табдилу гузариши тоҷикон аз муносибатҳои патриархалӣ-феодалӣ ба прогрессии муосири ҷамъиятӣ, хусусиятҳои ҷунбишҳои демократӣ-озодихоҳии тоҷикон ва баҳои объективии онҳо дар арафа ва рафти табдили инқлобии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон; масъалаҳои амалӣ гардонидани сиёсати миллигардонии сохтори маҳаллию давлатӣ, хусусияти табдили муносибатҳои идеологию маънавии ҷомеаи тоҷикон, таҳлили моҳияти иртиҷоии ҷараёнҳои панисломизм ва пантуркизм саҳм гузоштааст, ин масъалаҳоро бо диди нав, бо як рӯҳияи миллатпарварона ва ватандӯстона ба рӯи қоғаз овардааст.

Аз ҷумла, ба як қатор масъалаҳои баҳсноки ин солҳо даст зада, моҳият, мақом, таҳаввулот ва аҳамияти ҷараёни ҷадидияро асоснок намудааст. Ҳамчунин, ба омӯзиши ҷомеаи анъанавии тоҷикон машғул шуда, ба таҳлили муносибатҳои авлодӣ, падаршоҳӣ (патриархалӣ), феодалӣ, табдили инқилобии ин муносибатҳо дар Тоҷикистон рӯшанӣ андохтааст, ки ҷӣ дар байни аҳли илму зиёии Тоҷикистон ва ҷӣ берун аз он дастгирӣ пайдо кардааст. Бояд гуфт, ки тамоми фаъолияти илмии устодро метавон ба доираи масоили таҳқиқотии транзитология дохил кард. Ин мактаби устод, ки онро шогирдон ва пайравонашон давом медиҳанд, имрӯз ба яке аз ҷараёнҳои тавонои илми ҷомеашиносии тоҷик табдил ёфтааст. Агар устод масоили равандҳои гузаришро аз замони патриархалию феодалӣ ба ҷомеаи сотсиалистӣ ва раванди ташаккули муносибатҳои сотсиалистиро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ таҳқиқ

карда бошад, пас шогирдони ӯ заминаҳои бадастоварии истиқлолияти миллию давлатӣ, ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳонфаҳмии миллӣ, худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, таҳкими истиқлолият ва давлатдории миллӣ, рушди фарҳанги миллӣ, ба вуҷуд омадан ва таҳкими ваҳдати миллӣ дар замони истиқлолиятро таҳқиқ кардаанд, ки барои таҳкими сиёсати имрӯзаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мустаҳками назариявӣ мебошанд.

Ба ин марди меҳнатдӯст, олиму фозил, сарбаланду ҳақиқатписанд, равшанкунандаи роҳи илмии насли оянддаи кишвар, ки дар тарбияву тайёр кардани олимони ҷомеашинос саҳми арзанда гузоштааст, саломатии бардавом, пешравиҳо ва файзу баракат аз умри муборакашонро хонем.

18 апрел 2013,
**http://www.ozodagon.com/siesi/9615-srob-sharifov-nyusmeyker.html**

## СУҲРОБ ШАРИПОВ – НЮС МЕЙКЕР

Дар ин моҳ (апрел) аксар шахсиятҳои бузурги дунё таваллуд шудаанд ва дар таърих ва ҷомеаи ҷаҳон бар ҳар василае таъсиргузор буданд. Дар ин миён яке аз донишмандони воқеии улуми фалсафа ва сиёсатшиносии тоҷик, доктор Суҳроб Шарипов, таваллуд шудаанд ва имсол аз зиндагии шарифашон ним аср сипарӣ мешавад.

Суҳроб Шарипов замоне, ки масъулияти раисии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистонро ба уҳда доштанд, аз хабарсозтарин мансабдорони кишвар буданд. Ҳамеша изҳороте медоданд, ки бар пояи

манфиатҳои миллии Тоҷикистон буд ва ҳеҷ гоҳ дар нуктаи назарҳояшон манфиатҳои миллиро қурбони манофеи қудрат сиёсӣ накардаанд.

Банда ба унвони журналист ва нафаре, ки то ҷое аз шахсият ва ҳайсияти эшон шиносоӣ дорам, чанд нуктаро мехоҳам дар ростои 50-солагияшон зикр кунам. Ҳамчунин ёдрас мешавам, ки бо ҷаноби Шарипов шиносоии мустақим надорам. Танҳо як дафъа дар ростои 99 - солагии матбуоти тоҷик якҷоя бо дӯсти ҳушмандам Абдуазими Абдуваҳҳоб як мусоҳибаро бо ҷаноби Шарипов барои рӯзномаи «ИмрӯзNews» анҷом дода будем. Дар ҳамин суҳбат гуфта буд, ки «барои мо ҳукумат муҳим нест, танҳо миллат ва давлат бояд муҳим бошад». Як дафъаи дигар бисёр кӯтоҳакак назари эшонро дар мавриди эҷод ва қабули Стратегияи давлатдориву миллатсозӣ пурсида будам. Аммо бо дидгоҳҳо ва назароти воқеан арзишманди эшон аз тариқи расонаҳо ва мақолоту китобҳояшон ошноӣ пайдо кардаам. Таҷрибаи шинохти ман аз ҷаноби Шарипов таври хеле мухтасар ҳамин хулосаҳои зер шуданд:

1) Пеш аз ҳама олими нерӯманд ва таҳлилгари воқеӣ ҳастанд. Суханронӣ ва мусоҳибаҳояшон одамро ба фикр ва мулоҳиза водор мекунад ва барои равшан намудани масъалаҳо мадад мерасонад.

Бояд бигӯям, ки мо камтар таҳлилгарони сатҳи ҷаҳонӣ дорем, ки яке аз беҳтаринҳояшон ҷаноби Шарипов мебошанд;

2) Аз аксари ходимони давлатӣ фарқ доранд. Фарқият пеш аз ҳама дар самимияти инсонӣ мебошад. Одами дастрас ва бомулоҳиза мебошанд. Аз дастрастарин мансабдорон дар даврони раёсати Маркази тадқиқоти стратегӣ буданд ва имрӯз ҳам аз вакилони фаъоли парлумон мебошанд;

3) Муҳаббати самимӣ нисбат ба Тоҷикистони соҳибихтиёр доранд ва дар суханрониву мусоҳибаҳои худ инро нишон медиҳанд. Алорағми дигар мансабдорони давлатӣ ҳамеша дар мавриди воқеоти сатҳи кишвар назари худро баён мекунанд. Дар мавриди мушкилоти кишвар, ки ба мансабдорони баландмақоми давлат марбутанд, бепарда ҳарф мезананд. Аз ҷумла, нуқтаназари эшон нисбат ба монополияи бозори маводи сӯхти кишвар, ки дар пушти он мансабдорони калидии ҳукумати кишвар панаҳ бурда буданд;

4) Аз миёни мансабдорони тоҷик «нюс мейкер» ба ҳисоб мераванд ва аксари суханҳои хабарсози эшон хусусияти мусбат дорад ва набзи ҷомеаро нишон медиҳад. Дар мавриди Стратегияи миллатсозиву давлатдорӣ гуфта буданд, ки «ҳарчанд характери идеологӣ доштани давлати моро Сарқонун иҷозат намедиҳад, вале бояд чунин як барномаи миллатсозиро таҳия ва бипазирем». Ҳамин ҷаноби Шарипов буданд, ки дар давраи раёсатшон дар Маркази тадқиқоти стратегӣ чанд конфронсу як китобро чун корҳои муқаддамотӣ барои таҳияи ҳамин гуна барнома роҳбарӣ намуданд;

5) Яке аз вакилони фаъоли парлумон ба ҳисоб мераванд, ки дар қатори дигар ду-се вакил фаъолона дар баррасии қонунҳо иштирок менамоянд. Яъне аз шумори вакилоне ҳастанд, ки мансабдорон ҳангоми муҳокимаҳои парлумонӣ ва ё муаррифии лоиҳаву қонунҳо ба саволҳояшон ҷавоб дода наметавонанд;

6) Танҳо ду маврид будааст, ки ҷомеаи огоҳ ва расонаиву илмии кишвар нуқтаназарҳои эшонро чандон воқеӣ қабул накард. Яке назарашон дар бораи нуфузи «ОП», ки гуфта буданд, ки нуфузи воқеии ин ҳизб дар миёни мардум

хеле поин ҳаст. Дигар ин ки гуфта буданд, ҲХДТ нерӯмандтарин ҳизби кишвар мебошад ва номзади ин ҳизб дар интихобот баранда мешавад. Албатта, бо назардошти воқеиятҳои Тоҷикистони муосир бояд хулоса кард, ки ҷаноби Шарипов ин суханҳоро дар шароите мегӯянд, ки худ яке аз идеологҳои ин ҳизб ҳастанд.

Хулосаи ниҳоӣ ин ки дониш ва ҷаҳонбинии Суҳроб Шарипов навобаста аз системаи сиёсии ҷомеа барои Тоҷикистони ободу саодатманд бисёр арзишманд мебошад ва мо аз Худованди бузург ҳамин умедвориро дорем, ки эшон дар сатҳҳо ва шароитҳои хубтар ин таҷрибаи камназир ва ҷасорату мавқеи миллияшонро истифода мекунанд.

**Ҳикматулло Хоҷаев, корманди**
**Маркази тадқиқоти стратегии**
**назди Президенти ҶТ**

## МАРДИ НАКӮНОМ НАМИРАД ҲАРГИЗ…

Душанбе,17.04.2015. (АМИТ «Ховар»).




Ёдовар мешавем, ки 18 апрели соли 2017 сиёсатшиноси маъруфи тоҷик, собиқ вакили Маҷлиси намояндагон, доктори илми сиёсатшиносӣ, профессор Шарипов Суҳроб, ки мутаассифона имрӯз дар паҳлӯи мо нест, ба синни 54 мерасид. Аз гузаштани устоди азиз ду сол сипарӣ мешавад.

Ин марди шариф дар замони шӯравӣ таҳсил карда, аспирантураро дар Федератсияи Русия ба итмом расонид ва муддате дар ин кишвар кору фаъолият кард, вале камо-

лоти эҷодӣ ва ташаккули вай чун олим, сиёсатшинос ва шахсияти давлатӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол поягузорӣ шудааст.

Ӯ соли 1963 дар хонаводаи олими машҳури тоҷик, доктори илмҳои фалсафа, профессор Иброн Шарипов таваллуд шудааст. Мавсуф сифатҳои оливу неки инсонӣ, чун поквиҷдонӣ, садоқат, ростқавлӣ, муҳаббат ба миллату Ватани худ Тоҷикистонро аз оила, аз қиблагоҳаш ба мерос гирифтааст. Баъд аз хатми мактаби миёнаи рақами 77- и шаҳри Душанбе ба Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, ба факултаи фалсафа дохил мешавад. Баъд аз хатми донишгоҳи мазкур дар соли 1988 ба Ватан бозгашта, дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси устод ба кор машғул мегардад. Соли 1990 боз ба аспирантураи Донишгоҳи давлатии Москва дохил шуда, соли 1994 рисолаи илмиро дар мавзӯи «Ҳад ва имкониятҳои озодӣ» дар риштаи фалсафаи сиёсатшиносӣ бо муваффақият ҳимоя мекунад. То соли 1998 дар ҳамин Донишгоҳ ба сифати корманди илмӣ кор кардааст. Дар давраи таҳсил дар аспирантура, дар солҳои мушкилу вазнини давраи гузариши бухронии солҳои 90-ум ба хотири таъмини рӯзгор, ҳамзамон бо иҷрои корҳои илмӣ, чун коменданти хобгоҳ, посбон, дистрибютери ширкат, назоратчӣ дар бозори «Лужники» кор кардааст, ки ин ҳам таҷрибаи хуби зиндагӣ ва дарси ҳаёт барои олими ҷавон гардид. Шодравон Суҳроб Шарипов дар айни замон дар охири солҳои 80-ум ва авали солҳои 90-ум ҳамроҳи И.Сатторов, ҳоло сафири Тоҷикистон дар Русия, Р.Сафаров–эроншиноси маъруфи тоҷики муқими Русия, Х.Муҳаббатов–олим, арбоби ҷамъиятии муқими Москва, П. Муллоҷонов–сиёсатшиноси тоҷик ва дигарон нахустин созмони фарҳангии тоҷикон дар Русия «Суғдиён»-ро таъсис до-

да буданд. Онҳо дар ҳаёти иҷтимоии Русия ва ҳифзу муаррифии фарҳанги тоҷикон барои ҷаҳониён корҳои назаррасро анҷом доданд. Соли 1998 дар ҳаёти ӯ саҳифаи нав боз мешавад. Вай ба Ватан баргашта, дар Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун мудири шуъбаи сиёсати дохилӣ ба кору фаъолият машғул мешавад.

Вай чун олим, сиёсатшинос ва ватандӯст камол меёфт. Мақолаҳои рӯзмарраву мубрам ва нишонрасу ҳадафманди вай дар ҷомеа аксуламали ҷиддӣ ба миён меоварданд. Сабк, тарзи ифодаи фикр, хулосаронию натиҷагирӣ ва бардошти устод аз рӯйдодҳои ҷомеа бо нотакрории худ, мантиқи худ, масъулият ва таҳаммулпазирии хеш дар баробари андешаи дигарон фарқ мекарданд. Метавон гуфт, ки вай асосгузори сиёсатшиносии амалӣ дар Тоҷикистони муосир мебошад. Инро на танҳо коршиносону олимони Тоҷикистон, балки олимон ва мутафаккирони дигар кишварҳо низ эътироф мекунанд ва карданд.

Суҳроб Шарипов, яке аз коршиносони варзида ва таҳлилгари Созмони ҳамкории Шанхай мебошад. Ӯ дар байни олимон ва коршиносони ҶХЧ, Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Эрон, Ҳиндустон, Туркия, Муғулистон, Афғонистон, Покистон, Туркманистон, Исроил ва ғайра аз обрӯю эътибори хос бархурдор буд. Мақолаҳо ва таҳлилҳои илмию ояндабинии вай дар ИМА, Фаронса, Олмон, Полша, Австрия, сохторҳои таҳлилии СММ, СААД, САҲА, Иттиҳоди Европа, ИДМ ва ғайра маълуму машҳур буд. Вай ҳамеша ба ҳимояи манфиати миллӣ ва давлатии Тоҷикистон суханронӣ намуда, фарҳанги хуби баҳс, таҳаммулпазирӣ нисбат ба мусоҳибон ва дигар андешони сиёсиро дошт, ки ба кам касон муяссар мешавад.

Чунин хислатҳои наҷиби Суҳроб Иброновичро ба назар гирифта, ӯро муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари бахши таҳлилӣ таъйин мекунанд. Баъдан ӯ ба ҳайси ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ифои вазифа менамояд.

Соли 2005 Суҳроб Шарипов боз ба Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор баргашт, вале ин дафъа чун роҳбарии ин ниҳоди бонуфузи таҳлилӣ-ояндабинӣ. Дар ин мақом истеъдоди роҳбарии ӯ ва сифатҳои дигари вай чун олим ва таҳлилгар хубтар намоён гардид ва эътибораш дар ҷомеа афзуд. Ҳамкорон ва журналистон Суҳроб Иброновичро шӯхи омез «яке аз аввалин сиёсатшиносони Тоҷикистон», «стратеги рақами яки кишвар» меномиданд, вале дар ин шӯхӣ ҳақиқат ниҳон буд. Дар давраи роҳбарии вай МТС-и назди Президенти ҶТ на танҳо ба маркази таҳлилии минтақа, балки ба ниҳоди бонуфузи таҳлили масоили мубрами вобаста ба ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, робитаҳои байналмилалии сатҳи ҷаҳонӣ ва ояндабинии равандҳои рушди ҷомеаи мухталиф табдил ёфт. Сохторҳои бонуфузи таҳлилӣ ва илмии байналмилалӣ ба мазмуну моҳияту мантиқи таҳлилу ояндабинии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ арзиш қоил мешуданд. Марказ як навъ ниҳоди илмӣ- тадқиқотӣ миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳукумат гардид. Устод тамоми масъулиятро ба дӯши худ гирифта, вазифаҳо ва ҳадафҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишварро воқеъбинона ва бо ҷуръат таҳлилу арзёбӣ карда, шарҳу эзоҳ медод.

Устод ба кори илмии фундаменталии сиёсатшиносӣ идома медод. Дар соли 2000 бо ибтикори вай дар

Тоҷикистон  нахустин Шӯрои илмии ВАК-и Русия оид ба ҳимояи рисолаи докторӣ дар илми сиёсатшиносӣ таъсисёфт.

Суҳроб Шарипов дар синни 37-солагиаш рисолаи илмиро ҳимоя карда, унвони доктори сиёсатшиносиро гирифт. Ӯ даҳҳо шогирдон–унвонҷӯ ва аспирантҳо аз Русия, Эрон, Қазоқистон, Озорбойҷон, Арманистон ва Тоҷикистонро тарбия карда, ба кори илмии онҳо роҳбарӣ мекард ва онҳоро чун олиму коршинос ба камол расонида аст. Дувоздаҳ нафар таҳти роҳбарии вай рисолаи номзади илм ва доктириро ҳимоя кардаанд. Вай дар Тоҷикистон мактаби муосир, касбӣ ва таҳлилии сиёсатшиносиро ба вуҷуд овард. Муаллифи ду монография ва бештар аз 500 мақолаи илмӣ-таҳлилӣ ва иштирокчии садҳо конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мебошад. Устоди равоншод унвони профессориро дар синни 50 солагӣ касб намуда буд.

Шарипов Суҳроб шахсияти саршиноси иҷтимоӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ баҳисоб мерафт. Ба ақидаи коршиносон, бо омадани вай ба парлумон баҳс бар сари масоили мубрами ҳаёти ҷомеа ва тасвиби қонунҳои сарнавиштсоз ҷиддитару шадидтар шуд.

Ҳарчанд Суҳроб Ибронович ҳанӯз аз синни ҷавонӣ дар ҷодаи сиёсат фаъолу донишманд буд, вале афсӯс, ки боқимондаи умр кифоят накард, то нақшаҳои стратегии давлатро, ки дар сар дошт, бобати бештар муаррифӣ намудани миллати тоҷик дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ пиёда созад. 20 марти соли 2015 яке аз рӯзномаҳои ҷумҳурӣ шодравон Шарипов Суҳроб Иброновичро сиёсатмадори сол ва чеҳраи сиёсии кишвар эълон намуд ва қайд карданд, ки ягона чеҳраи хабарсози Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон буд, ки бо озодандешӣ ва ростгӯйӣ шуҳрат дошт. Назарашро на ба манфиати як гурӯҳ ё ҳизб, балки манофеи миллии

Тоҷикистон баён мекард. Аз сиёсатмадорони насли нав буд, ки фазои сиёсии кишварро ҳузури чашмрас дошт.

Аммо, мутаассифона, марги нобаҳангом устод Суҳроб Шариповро дар сини панҷоҳудусолагӣ, дар давраи камолоти умр, эҷодкорӣ, амалисозии нақшаҳои стратегие, ки метавонистанд ба манфиати давлату миллат бошанд, бо худ бурд.

Дар ҳақиқат марги Суҳроб Ибронович барои Тоҷикистон як талафоти ниҳоят калон аст. Ӯ сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ буд.

Худованд рӯҳи устоди равоншодро масрур гардонад.

Мо, шогирдонаш ифтихор мекунем, ки чунин устоди ҷасуру донишманд, шахси ватандӯст, содиқ, вафодор, ҳимоятгари манфиатҳои халқу миллат ва Ватан доштем.

**27.01.2015 - https://www.ozodagon.com**

## ДАР ДУШАНБЕ АЗ МЕРОСИ ФИКРӢ ВА СИЁСИИ СУҲРОБ ШАРИПОВ ЁД МЕКУНАНД

Бошгоҳи коршиносони Осиёи Марказии “Евразийское развитие” бо баргузории як мизи гирд мероси фикрӣ ва сиёсии Суҳроб Шарипов, вакили парлумон ва раиси пешини Маркази тадқиқоти стратегии Тоҷикистонро дар Душанбе ба баҳс мекашад.

Дар иттилоияи ин созмон омадааст, мизи гирди мазкур сешанбеи 27 январ дар шаҳри Душанбе таҳти унвони “Суҳроб Шарипов дар ҳаёти фикрӣ ва сиёсии Тоҷикистони муосир” баргузор хоҳад шуд. Дар идома таъкид шудааст, Шарипов дар тӯли ҳаёти худ ҳангоми ифои вазифа дар мансабҳои давлатию ғайридавлатӣ ё созмонҳои

байналмилалӣ аз хеш мероси бузурги фикрӣ ва сиёсӣ боқӣ гузоштааст. Иштирокдорони маҳфил аҳамияти мероси Шарипов ба имрӯз ва ояндаи Тоҷикистону Осиёи Марказиро баҳс хоҳанд кард.

Суҳроб Шарипов, раиси пешини Маркази тадқиқоти стратегӣ ва вакили парлумони Тоҷикистон, ки аз бемории камхунӣ ранҷ мекашид, дар синни 52-солагӣ рӯзи 19 январи соли равон аз олам даргузашт. Ӯ муаллифи ду китоби сиёсатшиносӣ буда, даҳҳо мақолаи илмӣ ба қалами ӯ рабт дода мешавад. То кунун дар мансабҳои гуногун, аз ҷумла мудири шуъбаи сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии раёсатҷумҳурии Тоҷикистон, муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи Президент, ёрдамчии раиси ҷумҳур ва раиси Маркази тадқиқоти стратегии кишвар кор кардааст. Номзади илмҳои фалсафа ва доктори илмҳои сиёсатшиносӣ буд ва дар интихоботи парлумонии 1 марти соли равон аз ҷониби Ҳизби халқӣ-демократии Тоҷикистон, ҳизби ҳоким аз ҳавзаи рақами 3-и ноҳияи Шоҳмансури пойтахт ба вакилӣ пешбарӣ шуд.

http://www.ozodi.org/content/<br>anniversary-of-suhrob-sharipovs-<br>death/27495201.html<br>19.01.2016. 08:14

## ЯК СОЛ БЕ СУҲРОБ ШАРИПОВ: НАБУДАНИ Ӯ ЭҲСОС МЕШАВАД...

Суҳроб Шарипов, донишманди тавоно, сиёсатшиноси маъруф ва раҳбари пешини Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон ва вакили пар-

лумон январи соли 2015, бар асари бемории камхунӣ дар синни 52 дунёро падруд гуфт. Дар зимн "Озодагон" аз коршиносон, соҳибназарон ва афроде, ки ӯро аз наздик мешинохтанд, пурсид, набудани Суҳроб Шариповро чӣ гуна эҳсос кардаанд?

**Меҳмоншоҳ Шарифзода, донишманди тоҷик.** Суҳроб, рӯҳаш шод ва ёдаш гиромӣ бод, тавонист воқеияти маризи Тоҷикистонро бишносонад ва ӯ дар пайи сохтани як фазои солими сиёсии Тоҷикистон буд. Воқеан, мардонагии ақлӣ дошт, ки аз дониш ва таҷрибаи амиқи ӯ дарак медод. Бахусус дар тирамоҳи соли 2011 як фикри пайғамбаронаро дар бораи вазъи сиёсии Тоҷикистон гуфта буд, ки фазои монологи сиёсии Тоҷикистон бояд дигар карда шавад, ки ба дили ҳама мезанад. Ӯ бисёр хуб сарчашмаҳои ҳақиқат, нуфуз ва қудрати сиёсиро дар Тоҷикистон шинохта буд ва то ҷое тавонист фазои гуфтугӯи солимро байни ҳизбҳо, гурӯҳҳо ва шахсиятҳои сиёсӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ташкил кунад. Мутаассифона, сиёсатмардон роҳи дигарро пеш гирифтанд.

**Абдуллоҳи Раҳнамо, коршиноси масоили сиёсӣ.** Ман на танҳо як хонанда, балки як дӯст ва шогирдашон, албатта, набудани ӯро эҳсос мекунам. Албатта, эҳсос мекунем, ки як машваратчии беғараз, як оинаи соф, як касе, ки таҷрибаи ӯ барои роҳнамоӣ ба мо хеле муҳим буд, имрӯз кам шудааст, намерасад. Дӯстон, устодон ҳастанд, ҳар як тояш ҷойи худро доранд ва ҷойи устод Суҳроб Шарипов дар зиндагии мо холӣ аст ва мо онро дар ҳақиқат эҳсос мекунем. Ман ҳамроҳи устод солҳои тулонӣ ҳам дар Дастгоҳи иҷроияи Президент ва ҳам дар Маркази тадқиқоти стратегӣ кор кардаам ва дар корҳои

ҳам идорӣ, илмӣ ва ҳам сиёсӣ ҳамроҳ будем, бинобар ин як шинохти бевосита аз он кас дорам ва сифатҳои бисёр ҷиддии шахсиятиаш ҳеч гоҳ аз ёд намеравад.

Хусусан, ҳалол будан дар кор ва беғараз будан аз хислатҳои некӣ ӯ буданд. Дар як хонаводаи зиёӣ руста ва тамоми хислатҳои як зиёизодаро дар худ доштанд. Дигар ин ки бисёр марди босавод ва дар соҳаи худ соҳиби сухан ва мавқеъ буданд. Ҳамеша нафаронеро, ки бо мушкилие наздашон меомаданд, дастгирӣ мекарданд.

**Талабшоҳ Салом, рӯзноманигор**. Фикр мекунам, на танҳо хабарнигорону рӯзноманигорон, балки хонандаҳои ҳамешагии расонаҳо низ ин халоро эҳсос кардаанд. Зеро марҳум Суҳроб Шарипов на танҳо бо ВАО робита ногусастанӣ дошт, балки замони раҳбариаш дар Маркази мутолиоти стротежӣ фазое ба вуҷуд овард, ки хабарнигорон ба коршиносони ин марказ дастрасии доимӣ доштанд. Аммо бо рафтани ӯ аз раёсати МТС дари коршиносон ба рӯйи хабарнигорон баста гашт. Гузашта аз ин Суҳроб Шарипов ягона мансабдоре буд, ки соли 2012 алайҳи ройгон тамдид кардани муҳлати будубоши пойгоҳи ҳарбии Русия дар Тоҷикистон садо баланд карда буд. Фикр мекунам, ин хусусиёт аз ҷасурию демократ ва як сиёсатмадори мудерну хушбин ба ормонҳои демократӣ, пойбанд ба манофеи миллӣ будани Суҳроб Шарипов дарак медод, ки албатта, ин ҳама мӯҷиби ҳифзи ӯ дар ёдҳо мешавад.

**Сайфулло Сафаров, муовини аввали раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон.** Аз нуқтаи назари вазифавӣ ҷойи ҳеч кадоми мо холӣ намемонад. Шахсиятҳои зиёде ҳастанд, ки метавонанд ин вазифаҳоро адо кунанд, лекин ҷойи шахсиятҳое чун

Суҳроб Шарипов, ҷойи муҳаббат ба онҳо, зарурати шахсияте мисли Суҳроб дар ҷомеа ҳамеша холӣ мемонад ва онро ҳеч каси дигар пур карда наметавонад. Суҳробҷонро ҳамчун фарзанди устодам аз синфи сеюм мешинохтам.

Бо ӯ як муносибати бародарона доштам ва ҳамчун дӯст, ҳамкасб, чун касбияташ олӣ буд, аз ин ҷиҳат ҳам бо ӯ муносибати бисёр хуб доштем. Ба сифати муовинашон дар Маркази тадқиқоти стратегӣ чандин солҳо кор кардем, дар ин солҳо боз ӯро аз наздиктар шинохтам, ки як мардонагие дорад, як ватандӯстие дорад, як садоқате дорад ба Президенти кишварамон, ба ватани азизамон, ба ҷумҳурии бисёр соҳибистиқлоламон.

Махсусан, ман бояд таъкид кунам, ки дар масъалаи ҳифзи соҳибистиқлолӣ мавқеи мо бо ҳам бисёр наздик буд. Ғайр аз ин, вақте ба парлумон рафтанд, ҷойи Суҳроб воқеан ҳам холӣ буд ва тариқи телефон бо ҳамдигар суҳбат мекардем, чун вақти вохӯрӣ аслан надоштем. Ӯ дар парлумон буданд ва мо дар ин ҷо якдигарро, асосан, бо телефон ё табрик мекардем, гоҳ аҳволпурсӣ мекардем, ки он ҳам гоҳ-гоҳ буд, зиёд набуд. Акнун пушаймонам, ки чаро дар вақташ бештар суҳбат накардем, маслиҳат накардем. Таъкид мекунам, ки дӯстони зиёд дорем ва ҳамаи онҳо аз Суҳроб Шарипов ҳамеша ёд мекунанд. Марказ ҳам хотираҳои дӯстонро аз шодравон Суҳроб Шарипов ҷамъоварда истодаанд, то аз онҳо ягон китобе кунад.

Суҳроб рафт, Суҳроби дигар ку? Суҳроб Шарипов аз камназир мақомдороне буд, ки мантиқи қавӣ дошт, бериё бо ҷомеа суҳбат мекард ва ба мардумсолорӣ арҷ мегузошт ва аз ҳама муҳим тамаллуққор набуд. Бо он ки

дар ҳукумат буд, то охири умр мавқеи инсонӣ ва шаҳрвандиашро ҳифз кард.

Суҳроб фарзанди сеюми хонадон буд ва бо зарофату заковаташ аз бародаронаш фарқмекард. Наздиконаш мегӯянд, агарчӣ ӯ дар назари аввал хеле инсони ҷиддӣ ба назар меомад, вале дар асл хеле шӯху хушсуҳбат буд.

Ҳоло дар хонаи падар, ки Суҳроб то издивоҷ дар он ҷо зиндагӣ мекард, бародари бузургаш ба сар мебарад. Аз он ҷавони замоне шӯху кунҷкоб дар рафи китобҳои падар ҳамагӣ як албоми аксҳо боқӣ мондааст.

**Икромхӯҷа Шарипов**, бародари калонии Суҳроб Шарипов дар суҳбат бо Радиои Озодӣ аз ӯ пайрави падар ном бурд ва гуфт: «Вай як хислати аҷоиб дошт. Ҳамеша бо падарам баҳсҳои илмӣ мекард. Мо аз ин баҳсҳо дилгир мешудем ва ба кӯча барои бозӣ мерафтем. Вақте бармегаштем, ҳанӯз ҳам ин гуфтугӯҳо идома дошт. Вақте суол мекардам, ки шумо чаро ин қадар баҳс мекунед, падару писар посух медоданд, ки ин суҳбатҳои шахсӣ аст».

Икромхӯҷа ҳар гоҳ барои гирифтани китобе ба ҷевони падар наздик мешавад, чашмаш ба албоми аксҳои кӯдакиву ҷавонии Суҳроб меафтад, ки акнун мисли гавҳараки чашм нигаҳдорӣ мешавад.

Аммо умри кӯтоҳи Суҳроб Шарипов барои ҷомеи тоҷик на як акс, балки меросе гузошт, ки аз рӯйи он мешавад таърихи афкори сиёсӣ ва иҷтимоии ду даҳсола пеши кишварро навишт. Сухани вай ҳамчун раҳбари Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон аҳамият дошт ва гуфтаҳои вай ба матолиби муҳими расонаҳои ҷаҳонӣ роҳ меёфт.

Коршиносон давраи раҳбарии Суҳроб Шариповро дар ин Марказ давраи авҷи фаъолияти касбии вай унвон мекунанд. Ҳамкорони собиқ мегӯянд, ки Суҳроб як марди кордон, вале сахтгир буд.

Рӯзноманигор **Ҳумайрои Бахтиёр** мегӯяд, ки дарёфти назари Ҳукумат ба таҳаввулоти рӯз ҳамеша мушкил аст, аммо вокунишҳои Суҳроб Шарипов ба таҳаввулот ин холигиро пур мекард.

Мухлис
19.01.2017

## СУГВОРӢ

Доктори илмҳои сиёсатшиносӣ, профессор вакили мардуми шодравон Суҳроб Шарипов агар имрӯз зинда мебуд, боз ҳам ба манфиати миллату давлат хизмат мекард. Устод аз ҷумлаи пуркортарин олимони кишвар буд, ки аз худ мероси пурқимату гаронбаҳо боқӣ гузоштааст.

Вале бузургтарин мероси ӯ дар қалбу хотираҳо ва ёдҳои хуши мардум боқӣ модааст, ки имрӯз аз забони шогирдону ҳамкоронаш дар маҳфилҳои гуногуни олимону коршиносон садо медиҳанд.

Бояд гуфт, ки Суҳроб Шарипов ҳамчун яке чеҳраҳои намоён дар самтҳои сиёсатшиносӣ, илму фарҳанг дар дохили кишвар ва берун аз он эътироф ва шинохта шуда буд. Назар ба гуфтаи Раиси порлумони тоҷик Шукурҷон Зуҳуров Суҳроб Шарипов дар таърихи мамлакат ҳамчун сиёсатмадори бузург то абад132 дониста мешавад. Даҳҳо таълифоташ имрӯз барҳақ барои донишомӯзон, сиёсатмадорон ва ҳаво-

доронаш чун дастурамал ё китоби дарсӣ гардидааст. Бахусус, таҳлилу пажӯҳишҳои фарогираш дар бораи илми сиёсатшиносӣ ва дипломатияи муосири тоҷик, ки пеш аз ҳама ба манфиятҳои миллату давлат, арзишҳои олии инсонӣ, таҳаммулгароӣ, ҳуқуқбунёдӣ бахшида шудаанд, ҳамчун асоси илмии ин соҳаҳо, дар оянда самараи дилхоҳ хоҳанд дод.

Бо боварӣ ва итминони комил гуфта метавонам, ки шогирдони Устод Суҳроб Шарипов кору рафтор ва роҳи тайкардаи ӯро дар ҷодаи илм дар дурнамо идома медиҳанд.

Рӯҳат шод бод устоди зиндаёд!

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**
**http://hamsafon.tj/2855-1202argiz-namirad-on-ki-dilash-zinda-shud-ba-ish1178.html**

## ҲАРГИЗ НАМИРАД, ОН КИ ДИЛАШ ЗИНДА ШУД БА ИШҚ

Бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе ва Комиссияи оид ба номгузории кӯчаҳо ва хиёбонҳои Маҷлиси вакилони халқи шаҳр, яке аз кӯчаҳои пойтахт, ки дар гузашта номи Степан Шаумянро дошт, ба номи профессор, доктори илмҳои сиёсатшиносӣ марҳум Суҳроб Шарипов гузошта шуд.

Дар девори биное, ки кӯча аз он ҷо ибтидо мегирад, лавҳаи ёдгориеро бо ибораи "Кӯчаи ба номи Шарипов Суҳроб Ибронович (18.04.1963 - 19.01.2015)" насб карданд. Маросими пардабардорӣ аз болои лавҳаи ёдгорӣ, 19 январи соли равон, дар ин кӯча, ки дар наздикии Фурӯдгоҳи байналмилалии Душанбе ҷой гираст, доир

гардид. Дар он намояндагони ҳукумати шаҳри Душанбе, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вакилони Маҷлиси намояндагон, адибон, олимону журналистон, сокинони маҳалла ва хешовандони марҳум, аз ҷумла ҳамсари Суҳроб Шарипов Шаҳло Раҳимова ва фарзандонаш Бежан ва Некӣ ҳузур доштанд.

Дӯстону ҳамкорони марҳум дар суханрониҳои худ хотираи неки ин сиёсатмадори варзидаро ёдовар шуда, саҳми ӯро дар пойдории пояҳои давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол назаррас арзёбӣ карданд.

**Олим ва сиёсатмадори варзида**

Сайфулло Сафаров, муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ёдоварӣ аз фаъолияти пурсамари Суҳроб Шарипов зикр кард, ки номи неки ин фарзанди мубориззу сиёсатмадори миллати тоҷик барои ҷавонони мо намунаи ибрат аст. Ӯ ҳам олим, ҳам шахсияти сиёсӣ ва ҳам сиёсатмадори варзида буд. Марҳум дар ҳамаи соҳаҳое, ки ба илму ҳифзи манфиатҳои миллии давлати мо дахл дошт, фаъолият нишон медод ва шогирдони зиёде ҳам дошт. Мо ҳамеша аз фаъолияти он кас ҳамчун намунаи ибрат ёд мекунем ва мехоҳем, ки ҷавонони мо низ аз ҳамин гуна шахсиятҳо ибрат гиранд. Тасмими Мақомоти давлатии шаҳри Душанбе оид ба номгузории кӯчаи Шаумян ба номи Суҳроб Шарипов аз қабили ҳамин гуна қадрдонии хизматҳои ин олими шинохтаи тоҷик аст.

С. Сафаров гуфт: "Кӯчаи Шаумян маҳз ба он хотир ба номи Суҳроб Шарипов гузошта шудааст, ки Степан Георгиевич Шаумян ҳам ҳамин гуна як шахсияти мубо-

риз ва инқилобчӣ буд, ки дар андешаи ҳимояи манфиатҳои ватану давлати ҳамон вақта буд. Суҳроб Шарипов низ дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳамин гуна як нақши хубе дошт. Андешаҳои хеле ҷолиби сиёсӣ гуфт ва ҳамеша бо он рақибони сиёсие, ки истиқлолияти моро халалдор кардан мехостанд, ҷавобҳои дандоншикан медод".

Мавсуф бар он аст, номгузории кӯчаву хиёбонҳо ба номи шахсиятҳои шинохта ва арзанда як анъанаи некаст, ки дар мустаҳкам кардани худшиносии миллӣ ва баланд бардоштани рӯҳияи ватанпарастии ҷавонон нақши боризе хоҳад бозид.

**Марди дилбохта**

Олим Салимзода, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон худро яке аз охирин ҳамкорони шодравон Суҳроб Шарипов муаррифӣ кард. Ӯ нахуст ба поси хотираи ҳамкораш аз ашъори Ҳофизи Шерозӣ байте қироат карда, пасон суханашро идома дод.

**Ҳаргиз намирад, он ки дилаш зинда шуд ба ишқ,**
**Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.**

-"Суҳроб Шарипов воқеан ҳам ошиқ буд, ошиқи зиндагӣ ва ошиқи ин марзу бум. Аммо, ошиқи оддиву сода набуд. Аз дӯстдорони сарсупурдаи Тоҷикистони азиз буд. Олими бисёр хуб, сиёсатмадори варзида вавакили боандеша буд. Ҳамеша бо тавонмандияш аз манфиатҳои кишварамон дифоъ мекард. Ӯ дар ҷаласаҳои сатҳи ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ ба он касоне, ки нисбат ба кишвари азизи мо нуктагирӣ мекарданд, ҷавоби бисёр пухта ва саҳеҳ медод.

Сокинони ин кӯча метавонанд, дар мисоли кору зиндагии ин марди ватандӯст фарзандони худро дар чунин рӯҳия тарбия кунанд".

**Ростқавлу ростгӯ**

Академик Кароматулло Олимов гуфт, ки вақте дар бораи Суҳроб Шарипов сухан мегӯем, дар пеши назари мо як сиёсатмадори ниҳоят қавӣ, ки соҳиби дониш, фазилат ва ватанпарастии хеле амиқе буд, ҷилвагар мешавад.

Падари ӯ ҳам, Иброн Шарипов яке аз олимони барҷастаи соҳаи фалсафаи тоҷик буданд ва ин фарзанди худро дар камоли рӯҳи илмӣ ва ватанпарастӣ тарбия карданд.

"Суҳроб Шарипов Тоҷикистонро дӯст медошт ва ҳар вақте ки дар бораи ватани мо сухан мерафт, ӯ тарафдори бисёр ҳам ҷиддӣ ва сарсупурдаи сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва давлату миллати мо буд. Суҳроб Шарипов шахси ростқавл, ростгӯ ва бо камбудиҳо оштинопазир буд. Ба душманони давлату миллат ҳеҷ гоҳ муросо намекард ва суханашро ба таври ҷиддӣ аз мавқеи устувори сиёсӣ баён мекард. Бинобар ин, натанҳо дар Тоҷикистон, балки берун аз кишвар низ соҳиб эҳтиром буд. Мо бо чунин рафиқе, ки доштем, ифтихор мекунем ва ӯро ҳамеша ба некӣ ёд мекунем" - афзуд, К.Олимов.

**Дилу забонаш як буд**

Назри Яздон, Шоири Халқии Тоҷикистон дар ин маро сим суханронӣ намуда, зикр кард, ки вақте дар бо-

раи додари азизи мо Суҳроб Шарипов сухан меравад, чӣ ҳамкорон уҳамсафонаш ва чӣ он нафароне, ки як суҳбати сари роҳие бо ӯ карда буданд, пеш аз ҳама мегӯянд, ки ӯ як одами ҷасур буд. Ҷасурӣ як сифати ғайри муқаррарӣ аст, ки на ҳар кас буда метавонад.

Мавсуф гуфт: "Дар воқеъ, Суҳроб Шарипов як шахси ҷасур буд, ки саргузашти ӯ оддӣ нест. Марҳум яке аз сиёсатшиносони дараҷаи баланд буд. Мутахассисе буд, ки намешавад ӯро фаромӯш кард. Чунки ӯро дар хориҷ аз кишвар низ ҳамчун як сиёсатшиноси дараҷаи ҷаҳонӣ мешинохтанд. Ҳам ҷасорат, ҳам ошиқу шефтаи илм будан ва ҳам ватандӯст будани Суҳроб Шарипов далели мартабаи баланд доштани ӯст, ки ин сифатҳои баланди инсониро аз падари бузургвораш ба мерос гирифта буд. Зеро падари марҳум низ як марди ҷасур, ҳақиқатгӯ ва илмдӯсту ватанпараст буданд. Бинобар ин, номи неки Суҳроб Шарипов, ки барои ватану миллати мо хизматҳои шоёне кардааст, дар хотири ҳар яки мо абадӣ хоҳад монд".

**Ҷавонмард**

Ҳамсари Суҳроб Шарипов – Шаҳло Раҳимоваро, ки дар ин маросим ҳузур дошт, гиря гулӯгир кард. Ашки чашмонашро пок мекарду суханашро идома медод. Ӯгуфт: "Ҳарфҳои устодон маро ба ёди рӯзҳои гузашта бурд. Ин лаҳзаҳо барои оилаи ман бисёр лаҳзаҳои хотирмон аст. Пеш аз ҳама бояд бигӯям, ки Суҳробҷон мард буданд. Марде, ки суханашон бо кирдор як буд. Ба қавли додаашон ҳамеша вафо мекарданд. Он кас дили пок доштанд ва бо тамоми ҳастӣ корме карданд. Суҳробҷон корнамоиҳои шоҳномавӣ кардаанд. Инро

ман нагуфтаам. Ман ҳамаи инро баъд аз мутолиаи дусолаи он чизе, ки халқ навиштанд, дарк кардам. Гарчанде ки имрӯз дар бари мо нестанд, лекин муҳаббати он кас дар дили мост. Ман аз номи оилаам ба Пешвои миллатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самимона миннатдорӣ баён мекунам, ки хотираи шогирди худро ҷовидонӣ гардониданд. Суҳробҷон Пешвои миллатро устоди худ меҳисобиданд ва ман фикр мекунам, ки ба устоди худ ва ба халқу ватани худ бехиёнат хизмат кардаанд. Инчунин аз раҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе ва аз ҳамаи онҳое, ки дар номгузории ин кӯча ба номи Суҳроб Шарипов саҳм гузоштаанд, изҳори сипос мекунам".

Ёдовар мешавем, ки Шарипов Суҳроб Ибронович 18 апрели соли 1963 дар шаҳри Душанбе таваллуд шудааст. Соли 1988 факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов рохат мкардааст.

Солҳои 1988-1990 устоди фанни фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; солҳои 1990-1993 аспиранти факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов; солҳои 1993-1998 корманди илмии факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва; солҳои 1998-2001 мудири шуъбаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ; солҳои 2001-2003 муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ; солҳои 2003-2005 ёвари Президенти ҶТ; ҳамон сол боз ба Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ бар мегардад ва то соли 2011 ба ҳайси директори Марказ ифои вазифа

кардааст. Аз моҳи декабри соли 2011 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Мутаассифона, марги нобаҳангом Суҳроб Шариповро дар 52-солагӣ, дар давраи камолоти умр, эҷодкорӣ, амалисозии нақшаҳои стратегие, ки метавонистанд ба манфиати давлату миллат бошанд, бо худ бурд. Ӯ 19 январи соли 2015 аз олам дар гузашт.

Суҳроб Шарипов унвонҳои номзади илмҳои фалсафа ва доктори илмҳои сиёсиро дошт. Ӯ муаллифи чор монография, бештар аз 500 мақолаи илмӣ-таҳлилӣ буд.

**Иршод Сулаймонӣ**
**16 04 2016**

## СУҲРОБ ШАРИПОВ МУВАФФАҚИЯТУ МАҲБУБИЯТЕ КИ ДОШТ, БАР ПОЯИ ХУШОМАД Ё ЧОПЛУСӢ БА ДАСТ НАОВАРДА БУД

**Одамон барои он мемиранд, ки инсонвор зиндагӣ кунанд**

**Белинский.**

Имрӯз рӯзи таваллуди яке аз пояҳои ҷомеаи муосири фикрии Тоҷикистон **Суҳроб Шарипов** мебошад ва агар дар моҳи январи соли гузашта марги мармӯз ва бармаҳал эшонро аз мо намегирифт, ба 53 медаромаданд. Маҷлиси вакилони шаҳри Душанбе ҳафтаи гузашта кори хайре кард, ки яке аз кӯчаҳои Душанберо ба номи ин абармарди тоҷик гузошт.

Соли 2013 дар ростои 50-солагии эшон матлаби мухтасаре навишта будам ва имрӯз бо ёдкард ва баррасиҳои

баъдимаргии Суҳроб Шарипов дар ҷомеаи Тоҷикистон ба ин натиҷа расидам, ки ҷомеаи мо дар ин шабу рӯзҳо чӣ қадар ба Суҳроб Шарипов ниёзманд мебошад. Воқеан, имрӯз ҷойи устод дар маҳофили сиёсиву коршиносӣ ва ҳукумати мо холӣ аст. Бо баҳонаи зодрӯзи устод чанд нигаришҳое ба шахсияти ӯ кардам ва албатта ин чанд ҷумла пеши шаҳомати пуршахсияти эшон чизе нестанд, вале ёду гиромидошти бузургоне чун Суҳроб Шарипов қарзи шаҳрвандии мову ҷомеаву ҳукумати мост. Бо марги зудҳангоми Суҳроб Шарипов ҷомеаи фикрии Тоҷикистон садамаи бузурге дид. Устод дар замоне моро тарк карданд, ки ба ӯ сахт ниёз доштем. Ин ки то имрӯз ҳама дар сӯги ӯ нишастаанд, далели то чӣ андоза шахсияти миллӣ буданашонро ба намоиш мегузорад. Устод дар зиндагӣ бар мабнои ин фармудаи **Эйнштейн - “ман муносибат ба маргро, мисли як қарзи куҳан, ки дер ё зуд бипардозӣ, омӯхта будам”**, амал карданд. Бо гузаштани як сол аз марги ин олими тавонои кишвар бо баррасиҳое, ки атрофи шахсият ва донишу кору пайкори эшон сурат гирифтааст, эҳсос мешавад, ки ҷойи эшон барои ҳамеша холист. Суҳроб Шарипов замоне ки масъулияти раисии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистонро ба ухда доштанд, аз хабарсозтарин мансабдорони кишвар буданд. Ҳамеша изҳороте медоданд, ки бар пояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон буд ва ҳеч гоҳ дар нуқтаназарҳояшон манфиатҳои миллиро қурбони манофеи қудрати сиёсӣ накардаанд. Фаъолияташон ҳам дар Маркази тадқиқоти стратегӣ ва ҳам дар порлумон бо як шоистагии миллӣ ва сиёсӣ ҷараён дошт. Устод шахсияти миллӣ буданд. Ба ҳама масъалаҳо, аз зовияи миллӣ менигаристанд ва баҳогузорӣ мекарданд. Намунаи барҷастаи як олим, як мансабдор ва як вакиле буд, ки фақат ва фақат ба манофеи миллӣ бартарӣ медод. Нишастҳои мат-

буотии Маркази тадқиқоти стратегии замони раёсати ӯ ба шаби эҷодиаш монанд буд. Фақат ӯ гап мезад. Журналистон ҳам ба ин натиҷа расида буданд, ки танҳо Шарипов бояд ба саволҳояшон посух бигӯяд. Дар суҳбате гуфта буд, ки **“барои мо набояд ҳукумат муҳим бошад, танҳо миллат ва давлат бояд муҳим бошад”.** Шахсият ва ҳайсияти эшон чандбуъдӣ буд. Аммо ба назари мо муҳимтарин ҷузъҳои шахсияти устод, ки ӯро барои тамоми доираҳои фикрӣ, илмӣ ва таҳлиливу сиёсӣ мақоми устодӣ дода буд, ба тариқи мухтасар чунин аст: Пеш аз ҳама олими нерӯманд ва таҳлилгари воқеӣ буданд. Суханронӣ ва мусоҳибаҳояшон одамро ба фикр ва мулоҳиза водор мекард ва барои равшан намудани масъалаҳо мадад мерасонд. Бояд бигӯям, ки мо камтар таҳлилгарони сатҳи ҷаҳонӣ дорем, ки яке аз беҳтаринҳояшон ҷаноби Шарипов буданд. Аз аксари ходимони давлатӣ фарқ доштанд. Фарқ пеш аз ҳама дар самимияти инсонияш буд. Одами дастрас ва бомулоҳиза буданд. Аз дастрастарин мансабдорон дар даврони раёсати Маркази тадқиқоти стратегӣ буданд ва аз вакилони фаъоли парлумон низ. Агарчи ошкоро намегуфтанд, вале аз сиёсатшиносоне буданд, ки муқобили тамдиди шартномаи будубоши пойгоҳи низомии 201-и Русия дар Тоҷикистон буданд ва инро хатар ба истиқлолият ва соҳибихтиёрии кишвар медонистанд. Муҳаббати самимӣ нисбат ба Тоҷикистони соҳибихтиёр доштанд ва дар суханрониву мусоҳибаҳои худ инро нишон медоданд. Алорағми дигар мансабдорони давлатӣ ҳамеша дар мавриди воқеоти сатҳи кишвар назари худро баён мекарданд. Дар мавриди мушкилоти кишвар, ки ба мансабдорони баландмақоми давлат марбут буд, бепарда ҳарф мезананд. Аз ҷумла, нуқтаназари эшон нисбат ба монополияи бозори маводи сӯхти кишвар, ки дар пушти он мансабдорони калидии ҳукумати кишвар паноҳ бурда буданд.

Аз миёни мансабдорони тоҷик нюс мейкер ба ҳисоб мерафт ва аксари суханҳои хабарсози эшон хусусияти мусбат дошт ва набзи ҷомеаро нишон медод. Дар мавриди Стратегияи миллатсозиву давлатдорӣ гуфта буданд, ки **“ҳарчанд характери идеологӣ доштани давлати моро Сарқонун иҷозат намедиҳад, вале бояд чунин як барномаи миллатсозиро таҳия кунем ва бипазирем”.** Ҳамин ҷаноби Шарипов буданд, ки дар давраи раёсаташон дар Маркази тадқиқоти стратегӣ чанд конфронсу як китобро чун корҳои муқаддамотӣ барои таҳияи ҳамин гуна барнома роҳбарӣ намуданд.

Яке аз вакилони фаъоли парлумон ба ҳисоб мерафтанд, ки дар қатори ду-се вакили дигар фаъолона дар баррасии қонунҳо иштирок мекард. Аз вакилоне буданд, ки мансабдорон ҳангоми муҳокимаҳои парлумонӣ ва ё муаррифии лоиҳаву қонунҳо ба саволҳояшон ҷавоб дода наметавонистанд.

Ҳар он чи муваффақият ва маҳбубияте, ки Суҳроб Шарипов дошт бар пояи мансаб, хушомад ва ё чоплусӣ ба даст наоварда буд. Шахсияташро бар пояи дониши қавӣ сохта буд. Ҳамчун коршинос ва таҳлилгари сиёсии як қатор созмонҳои минтақаӣ ва ҷаҳонӣ бо донишаш аз дигар таҳлилгарон хеле ва хеле пеш буд. Дониш ва ҷаҳонбинии Суҳроб Шарипов навобаста аз системаи сиёсии ҷомеа барои Тоҷикистони ободу саодатманд бисёр арзишманд буд ва мо ин афсӯсро барои ҳамеша мехӯрем, ки эшон дар сатҳҳо ва шароити хубтар ин таҷрибаи камназир ва ҷасорату мавқеи миллияшонро натавонистанд барои истиқлоли фикрии ҳар фарди Тоҷикистон ва манофеи миллӣ истифода бикунанд.

Ҳарчанд ки Суҳроб Шарипов аз мо хеле зуд рафтанд, вале бо шахсияти худ, бо ҷавонмардӣ ва ҷасорати худ, бо дониш ва мавзеъгириҳои ростину намодини худ дар баро-

бари вазъи миллату давлат барои мо як улгуи инсони равшанфикр ва мансабдори замони худ буданро бар ҷой гузоштанд, ки қобили эътироф ба пайравии бечуну чарост.

Ҷойи ин устоди фарзона биҳишт ва хотирааш гиромӣ бод!

**http://www.ozodagon.com/26015-surob-sharifov-muvaffaiyatu-mabubiyate-ki-dosht-bar-poyai-hushomad-e-choplus-ba-dast-naovarda-bud.html**

**http://www.ozodagon.com/26015-surob-sharifov-muvaffaiyatu-mabubiyate-ki-dosht-bar-poyai-hushomad-e-choplus-ba-dast-naovarda-bud.html**

**Бибиҷон Ашӯрова**
**Рузноманигор**

## ЯК РӮЗ ЗИНДАГОН МАРО ЁД МЕКУНАНД

***Дар ин замона, афсӯсу надомат, ки ба қадри инсон пас аз маргаш мерасем, дар борааш достонҳо менависему шеърҳо эъҷод мекунем, аз минбарҳо бо эҳсос ҳарф мезанем. Аммо ба қадри ӯ дар зиндагониаш, ки ба таваҷҷуҳу ғамхорӣ ва қадрдонӣ ниёз дорад, намерасем.***

Суҳроб Шариповро ҳамчун як донишманди тавоно, сиёсатшиноси маъруф ва раҳбари пешини Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вакили парлумон мешиносанд. Суҳроб ҳамчун олими шинохтаи касби худ ба боғбоне монанд буд, ки аз замини хушк бор меовард, чун доное, ки аз дили хушк биҳишти сафову муҳаббат месозад. Ҳарчӣ гӯем нисбати Суҳроб, зиндагии саршор аз ҳикмати ӯро пурра мӯшикофӣ карда наметавонам. Ӯ як сол мешавад, ки дар байни назди-

кону дӯстонаш нест. Бар асари бемории камхунӣ 19-уми январи соли гузашта дар синни 52 дунёро падруд гуфт.

***Хок мехонад маро ҳар дам бахеш,***
***Мерасанд аз раҳ, ки дар хокам ниҳанд.***
***Оҳ, шояд дӯстонамни машаб***
***Гул ба рӯи гӯри ғамнокам ниҳанд.***

Шахсоне, ки дар зиндагии Суҳроб ҳамдилу ҳамнишин буданд, ӯро ба некӣ ёд мекунанд ва набуданашро бо дард эҳсос мекунанд.

Сайфулло Сафаров, муовини аввали раиси Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мегӯяд, ки «аз нуқтаи назари вазифавӣ, ҷойи ҳеҷ кадоми мо холӣ намемонад. Шахсиятҳои зиёде ҳастанд, ки метавонанд ин вазифаҳоро адо кунанд, лекин ҷойи шахсиятҳое чун Суҳроб Шарипов, ҷойи муҳаббат ба онҳо, зарурати шахсияте мисли Суҳроб дар ҷомеа ҳамеша холӣ мемонад ва онро ҳеҷ каси дигар пур карда наметавонад. Суҳробҷонро ҳамчун фарзанди устодам аз синфи сеюм мешинохтам. Бо ӯ як муносибати бародарона доштам ва ҳамчун дӯст, ҳамкасб, чун касбияташ олӣ буд, аз ин ҷиҳат ҳам бо ӯ муносибати бисёр хуб доштем. Ба сифати муовинашон дар Маркази тадқиқоти стратегӣ чандин солҳо кор кардем, дар ин солҳо боз ӯро аз наздиктар шинохтам, ки як мардонагие дорад, як ватандӯстие дорад, як садоқате дорад ба Президенти кишварамон, баватани азизамон, ба ҷумҳурии бисёр соҳибистиқлоламон. Махсусан, ман бояд таъкид кунам, ки дар масъалаи ҳифзи соҳибистиқлолӣ мавқеи мо бо ҳам бисёр наздик буд. Ғайр аз ин, вақте ба парлумон рафтанд, ҷойи Суҳроб воқеан ҳам холӣ буд ва тариқи телефон бо ҳамдигар суҳбат ме-

кардем, чун вақти вохӯрӣ аслан надоштем. Ӯ дар парлумон буданд ва мо дар ин ҷо, якдигарро асосан бо телефон ё табрик мекардем ё аҳволпурсӣ, ки он ҳам гоҳ-гоҳ буд, зиёд набуд. Акнун пушаймонам, ки чаро дар вақташ бештар сӯҳбату маслиҳат накардем. Таъкид мекунам, ки дӯстони зиёд дорем ва ҳамаи онҳо аз Суҳроб Шарипов ҳамеша ёд мекунанд. Марказ ҳам хотираҳои дӯстонро аз шодравон Суҳроб Шарипов ҷамъ оварда истодаанд, то аз онҳо ягон китобе таҳия созанд».

Абдуҳалим Ғаффоров, вакили Маҷлиси намояндагон хислатҳои хуби шодравонро ҳамчун як хотираи нек иброз мекунад: «Баъзе бо ёдгори хуш зиндагӣ мекунанду аз ёдгори бад ибрат мегиранд. Баъзе ёдгори хушро мояи таассуф ва андӯҳ месозанд ва бо ёдгори бад ранҷи гузаштаро зинда нигоҳ медоранд. Мо ин ҷо сухан оид ба марде меронем, ки равонаш пур аз меҳру муҳаббат ва самимияти том нисбати миллату давлат буда, олами маънавиаш чашмае аз чашмасори панду андарзҳои ҳакимону нобиғаҳои тамаддунорои Шарқу Ғарб. Накҳати гуфтораш ба яке ҳамчун насимме гузашту бодигаре ҳамчу атри гулсоате мемонд. Ин марди чолоку серҳаракат ҳозирҷавобу хушгуфтор, донишманду файласуф, сиёсатшиносу сиёсатмадор Суҳроб Шарипов буд. Борҳобо Суҳроб Шарипов ҳам суҳбат шуда, аз ӯ панд омӯхтам, ки ҳамеша маро дар ҳаёт роҳбалад гашта буд. Ӯ чунон хушчақчақ буд, ки то лаҳзаҳои охирини суҳбат намонда мешудию на хафа. Ӯ боре ба ман гуфта буд: «Ман одамонеро мебинам, ки гирифтори бемории тан ҳастанд. Ин табиӣ аст, зеро тани гарм бедард нест гуфтаанд. Аммо гирифтортар аз онҳо боз одамоне мебошанд, ки ба бемории фикр гирифторанд, вале аз бемории худ хабар надоранд. Ин гурӯҳи маризон

сарсахттарин беморанд, ки ба ҷомеаи инсонӣ сироят мекунанд ва онро заҳролуд мегардонанд». Ӯ нисбат ба чунин шахсони бемор, ки манфиату мароми хешро аз манфиатҳои миллӣ боло мегузоштанд, бо нафрат ҳарф мегуфт ва онҳоро чашми дидан надошт. Дар забони Суҳроб панду андарзҳои Зардушт -«пиндори нек», «рафтори нек», «гуфтори нек» танинандоз буд. Ин се асос ҷавҳар ё шиори хушку холӣ набуда, балки ҷавҳари суханронии Суҳроб буд. Ӯ донишманд буд. Волоияти илму дониши ӯ сурату ҳувияти ӯро нишон медод. Сурату сираташ, ки пур аз илму фарҳанг буд, ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва кӯшиши он буд, ки рӯҳаш аз ғизои маънавӣ орӣ набошад. Ӯ боре дар баҳсу андешаронииҳо, ки сухан дар бораи қонунҳо мерафт, чунин андешаронӣ карда буд: «Қонун бояд барои ин, ки дигарон битарсанд, гунаҳгорро ба ҷазо бирасонад, лекин мо ӯро бубахшем, то дигар он меҳру бахшандагӣ биомӯзанд». Ӯ намунае буд, ки ба мардум хизмат кардан, парҳезкорӣ ва фидокорӣ намуданро кори пуршараф ва пурифтихор медонист. Ӯ акнун ба қуллаҳои хирад гом гузошта буд, дар суханаш, дар гуфтораш фарри сиёсатмадорӣ падид омада буд ва ҳамчун сиёсатмадор андешаронданро дар худ равнақу ривоҷ медод. Виқору сангинӣ барои ӯ бегона буд. Ӯ хеле хирадмандона мегуфт, ки «ин ҳарду эътимод ба нафс мебахшад». Ӯ нисбати мардони хираду соҳибкасб эҳтироми самимӣ дошт ва аз суханиаш хосе, ки нисбати шахси ҳунарманду донишманд носазое мегуфтанд, сахт ошуфта мешуд ва бо қаҳру ситеза посухмедод: «Ту он қадар бераҳмӣ, ки фарзанди азизи ӯро носазо гуфтӣ». Дилаш бо забонаш як буд. Ӯ одамони аз ин ду чиз ориро ҳуққабоз, бадтинату бадкирдор меҳисобид. Ӯ афсӯс мехӯрд, ки «забону дил ҳамеша бо ҳам нестанд, зеро аз бе-

парвоию тундравии забон гоҳо аз дил хуноба мерезад ва гоҳе, ки дил аз тарабу самимият мечӯшад, забон ҳамчу санг баста аз ҷона мечунбад». Ӯ дили пур аз меҳру муҳаббат ва забони саршори самимият дошт».

-Суҳроб Шарипов як чеҳраи хоси сиёсӣ ва камназир буд ва дар робита ба вазъи сиёсии кишвар дар ҳамаи марҳилаҳо назареро баён медошт, ки на баманфиати кадом як тараф, балки ба манфиати Тоҷикистон ва ба суди манофеи миллӣ буд. Вақте Суҳроб Шарипов дар мақоми муовини мудири шуъбаи таҳлилу иттилооти Дастгоҳи Президент кор мекарду ман мушовири калони Президент оид ба масоили ҳуқуқӣ будам, зуд-зуд вомехӯрдем, доир ба масоили мухталифи сиёсӣ баҳс мекардем. Дар баъзе масоили усулӣ ихтилоф доштем, вале дар умум мавқеву фикрҳои мо монанд буд. Марги афроде чун Суҳроб Шарипов зоеаи сангине барои Тоҷикистон аст, - мегӯяд **Раҳматулло Зойиров, раиси ҲСДТ.**

**Роҳбари Анҷумани сиёсатшиносони Тоҷикистон, Абдулғанӣ Маҳмадазимов бошад, чунин ибрози назар кард**: «Бо он, ки Суҳроб Шарипов ходими давлатӣ буд, дар тамоми муддати фаъолияташ ҷасорат ва покизагии фитриашро ҳифз кард. Дар оғози солҳои 90-ум ӯ майли пайвастан ба Анҷумани сиёсатшиносони тоҷикро кард ва он замон мо лоиҳае доштем, ки ба шаклгирии низоми бисёрҳизбӣ дар Тоҷикистон марбут буд.

Дар он солҳо коршиносеро, ки ба ҳамаи ҳизбҳо назари мунсифона дошта бошад, пайдо кардан осон набуд. Аммо вақте мо Суҳробро ба ҳамоишамон даъват мекардем, нишаст дар сатҳи бисёр баланд мегузашт. Чунки ӯ манфиатҳои миллиро аз ҳама чиз боло мегузошт».

Суҳроб Шарипов номзади илми фалсафа ва доктори илмҳои сиёсатшиносӣ буд. Ӯ а зсоли 2011 вакили Маҷлиси намояндагон, узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот буд. Яке аз беҳтарин таҳлилгарони умури сиёсӣ, муаллифи ду китоби сиёсатшиносӣ ва даҳҳо мақолаи илмӣ роҷеъ ба рушди равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ. Суҳроб Шарипов қаблан дар вазифаҳои ассистенти кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, аспиранти факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, корманди илмии факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов, мудири шӯъбаи сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии вобаста ба раёсат Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини мудири шуъбаи иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президент, ёрдамчии раиси ҷумҳур ва мудири Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ кор кардааст.

Клуби таҳлилгарони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Русия дар Душанбе ба исми Суҳроб Шарипов номгузорӣ шуд. Узви Шӯрои коршиносони Созмони Ҳамкории Шанхай, ОДКБ, Шӯроҳои илмии Академияи САҲА (Бишкек) ва Шӯро оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадии илмҳои сиёсатшиносӣ, дорандаи медали ҷашнии «20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аст.

**Куштан натавонад аҷалам, бахти кам аст ин,**
**Анҷом пазируфтаму оғоз гирифтам.**

**http://faraj.tj/authorities/**
**12300-yak-r1263z-zindagon-maro-ed-mekunand.html**

## СУҲРОБ ЯК ҶАВОНИ НОБИҒА БУД

18-уми апрели соли 1963 дар шаҳри Душанбе ба дунё омадааст.

Соли 1988 факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносовро хатм кардааст.

Сарфи назар аз он, ки як ҷавони олуфта буд, дар баробари таҳсил ба хотири таъмини рӯзгор, ҳамзамон бо иҷрои корҳои илмӣ, чун коменданти хобгоҳ, посбон, миёнарави ширкат, назоратчӣ дар бозори "Лужники" кор кардааст.

Баъди хатми Донишгоҳи давлатии Маскав ду сол муаллими кафедраи фалсафа дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон буд.

Ва баъд даст ба кори илмӣ зад. Солҳои 1990-1993 аспиранти факултаи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов буд. Соли 1994 рисолаи илмиро дар мавзӯи «Ҳад ва имкониятҳои озодӣ» дар риштаи "Фалсафаи сиёсатшиносӣ" ҳимоя кард. Аз поягузорони нахустин созмони фарҳангии тоҷикон дар Русия ба унвони "Суғдиён" мебошад. Дар даврони бозсозӣ дар охирҳои солҳои 80-ум бо ҳамроҳи Имомуддин Сатторов, ҳоло сафири Тоҷикистон дар Русия, Р.Сафаров, эроншиноси маъруфи тоҷики муқими Русия, Х. Муҳаббатов -олим, арбоби ҷамъиятии муқими Маскав, Парвиз Муллоҷонов Ю, сиёсатшиноси тоҷик ва дигарон нахустин созмони фарҳангии тоҷикон дар Русия"Суғдиён"-ро таъсис медиҳанд.

Баъди хатми аспирантура то соли 1998 дар Маскав монд ва тӯли ин муддат корманди илмии факултаи фалса-

фаи Донишгоҳи давлатии Маскав буд. Ва соли 1998 ба Тоҷикистон баргашт. Аввалин масъулияташ дар кишвар сардори Шуъбаи Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд ва тосоли 2001 дар ҳамин вазифа кор кард.

Мегӯянд, ки яке аз мубтакирони таъсиси Шӯрои илмии ВАК-и Русия оид ба ҳимояи рисолаи докторӣ дар илми сиёсатшиносӣ дар Тоҷикистон мебошад, ки соли 2000-ум ба фоъилият шурӯъ кард. Худаш низ узви он буд.

Соли 2000-ум дар синни 37-солагиаш унвони доктори илми сиёсатшиносиро гирифт. Аз соли 2001 то соли 2003 муовини сардори бахши иттилоотӣ-таҳлилии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Солҳои 2003-2005 бошад дар вазифаи ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кард.

Соли 2005 Директори Маркази таҳқиқоти стратегии назди Президенти Тоҷикистон таъин гардид ва дар ин вазифа то моҳи декабри соли 2010 фаъолият намуд.

Моҳи декабри соли 2011 аз ҷониби Ҳизби халқӣ-демократӣ ба ҷойи Сафаралӣ Раҷабов, ки ба таври ногаҳонӣ аз олам дар гузашт, номзад пешниҳод шуд. Вай дар аввалин рӯзҳои талошаш барои курсӣ дар парлумон дар суҳбат бо хабарнигорон гуфта буд: «Ин хоҳиши худи ман буд. Кайҳо мехостам вакили мардумӣ шавам. Имрӯз чунин имконият фароҳам омад ва бо пуштибонии ҳамкоронам дар ҳизб ман номзадии худро пешниҳод намудам. Аъзои ҲХДТ, ки худи ман ҳам узви он ҳастам, номзадии маро дастгирӣ карданд. Ин албатта, интихоби ман аст».

Интихобот дар ҳавзаи Шоҳмансур бидуни ширкати аҳзоби мухолифи давлат гузашт.Дар он ду номзади дигар,

яке сарвари Ҳизби сотсиалистӣ Абдуҳалим Ғаффоров ва дуюмӣ муовини ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.Осимӣ Абдуқаҳҳор Турсунов ширкат доштанд ва пирӯзӣ аз миён насиби Суҳроб Шарипов шуд. Ҳизби сотсиал-демократӣ ба далели риоя нашудани шаффофият дар интихобот онро таҳрим карданд.

Аз интихоби Суҳроб Шарипов ҷомеаи шаҳрвандии кишвар умедҳои зиёд дошт. Умед бар он, ки шояд афкори озоди ӯ ба парлумон таъсир гузорад ва дар баррасии масъалаҳо ибрози назарҳои созанда ҳамсадо диҳанд. Худи ӯ низ ба ҳамин умед буд ва мегуфт: “Ман чун олим ба ин ё он масъала назари хоси худамро дорам. Дар ҷараёни ин ё он баҳсҳои парлумонӣ метавонам нуқтаи назар ва мавқеи худро баён намоям. Албатта, чун ҳамеша бо журналистон озод хоҳам буд ва ба ҳамаи саволҳояшон посух хоҳад дод”.

Ва аввалин баҳси ӯ бо вазири энергетика ва саноат Шералӣ Гул дар ҷараёни муҳокимаи Қонун “Дар бораи ангишт” сурат гирифт. Чунин баҳс ва чунин масъалагузориро парламони касбии Тоҷикистон вақтҳои охир ёд надошт. Вазири давлат аз ҷониби вакиле мавриди пурсиш қарор гирифт, ки аз ҳизби ҳоким интихоб шуда буд. Ин вокуниши ногаҳонӣ Шералӣ Гулро шигифтзада кард ва ҳатто посухи вазир ҳам ба гунае буд, ки касе аз он чизе намефаҳмид.

Баъдан чуноне гуфтем, чунин изҳори назарҳо дар баррасии қонунҳо ё масъалаҳои дигари парламонӣ аз ҷониби Суҳроб Шарипов расонаӣ нашуданд, вале ҷомеаи кишвар ҳам ба интизориҳои худ аз вакили мардумӣ Суҳроб Шарипов хотима надод. Аммо Суҳроб Шариповро аз даст дод.

Дар интихоботи парламентии соли 2015 боз дар ҳавзаи Шоҳмансур №3 номзад шуд. Аммо 22 рӯз қабл аз баргузории интихобот бар асари беморӣ дар бемористони ҷумҳуриявии“Қарияи боло”ҷон ба ҷонофарин супурд. Муаллифи чор китоб оид ба рушди равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон ва зиёда аз 500 мақолаи илмӣ, аъзои Шӯрои коршиносони Созмони Ҳамкории Шанхай, ОДКБ, Шӯроҳои илмии Академияи САҲА (Бишкек) ва Шӯро оид ба ҳимояи рисолаҳои номзадии илмҳои сиёсатшиносӣ, дорандаи медали ҷашнии «20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аст. 27-уми феврали 2015 ба Суҳроб Шарипов пас аз маргаш нишони Ассамблеяи байни парламентии Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва Ифтихорномаи Маҷлиси намояндагонро эҳдо карданд.

**Суҳроб Шарипов** соҳиби чор фарзанд аст.

**Copyright©2015TojNewshttp://www.tojnews.tj/tj/personality/sukhrob-sharifov#**

## МИННАТДОРИИ ХЕШОВАНДОНУ ПАЙВАНДОН, ЁРУ ДӮСТОН

Ба Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (собиқ) Раиси ҳукумати шаҳри Душанбе, муҳтарам, Маҳмадсаид Убайдуллоев ва вакилони халқи шаҳри Душанбе

Миннатдории хешовандону пайвандон, ёру дӯстон ва шогирдони марҳум Шарипов Суҳроб Ибронович. Барои номгузории кӯчаи «Шаумян»-и шаҳри Душанбе ба номи собиқ Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Пре-

зиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илми сиёсатшиносӣ, профессор ва собиқ вакили парлумони кишвар Шарипов Суҳроб Иброновuч арзи сипоси самимона менамоем.

Ин қадрдонӣ бори дигар собит намуд, ки муҳтарам Маҳмадсаид Убайдуллоев ба ҳайси роҳбари инсондӯст (гуманист) ва пайрави асили сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар пос доштани хотираи ходимони илму сиёсати кишвар ҳамеша пешсаф ва масъулиятшинос мебошад.

Воқеан шодравон Суҳроб Шарипов шахси арзанда ва бо ҳама хурду калони кӯчаи номбурда, дар умум бо сокинони ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ошно ва намунаи ибрат буд. Бинобар ин, ӯ дар дили сокинони ноҳия ҳамчун ҳаммаҳал ва дар дили мардуми кишвар ҳамчун фидоии сиёсат барои абад боқӣ хоҳад монд.

Шодравон, Суҳроб Шарипов борҳо бо аҳолии ноҳияи мазкур вохӯриҳо гузаронида бо дарди дили онҳо шинос мешуд. Ба арзу шикоятҳои мардум гӯш мекард ва хулосаи санҷидашудаи худро бо пешниҳодҳои мушаххас барои дастгирӣ ва ободонии ноҳия ба порлумони кишвар ва маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, пешкаш менамуд, ки онҳо пазирои ва дастгирии худро меёфтаанд. Хотираи неки ӯ дар таърихи давлатдории соҳибистиқлоли кишварамон ҷовидона хоҳад монд.

Бо камоли эҳтиром аз номи пайвандони шодравон,

**Ҳикматулло Хоҷаев**
**29.11.2016**

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

№ 51-5 аз 14.04 соли 2016

**Дар бораи номивазкунии кӯчаи Шаумяни шаҳри Душанбе**

Бо мақсади ҷовидон гардонидани номи собиқ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шарипов Сӯҳроб, бо инобати Қарори Раиси шаҳри Душанбе №55 аз 30 майи соли 2002 «Дар бораи тасдиқ намудани Номгӯи мутобиқи қонунгузорӣ ҷовидон сохтани хотираи шаҳрвандоне, ки дар тараққиёти пойтахт саҳми арзанда гузоштаанд ё ҳангоми муҳофизати Ватан ҳалок гардидаанд», мутобиқи моддаҳои 8 ва 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Точикистон» Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Номи кӯчаи Шаумяни шаҳри Душанбе ба номи Сӯҳроб Шарипов иваз карда шавад.
2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ноҳияи Шоҳмансур (Сиёмардзода С.) бақайдгирии сокинони кӯчаи мазкурро бо тартиби муқарраргардида анҷом дода, насби нишонаҳои марбутаро дар биноҳо таъмин созад.
3. Шуъбаи таҳлилӣ ва иттилоотии дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе инъикоси Қарори мазкурро тавассути воситаҳои ахбори омма таъмин намояд.
4. Назорати иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи Комиссияи муваққатии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе оид ба номгузорӣ ва номивазкунии маҳаллаҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, хиёбонҳо, боғҳо, пулҳо ва дигар қисмҳои таркибии маҳалҳои аҳолинишини шаҳри Душанбе (Сафаров С.) гузошта шавад.

**Раиси**
**Маҷлиси вакилони**
**халқи шаҳри Душанбе** **М. УБАЙДУЛЛОЕВ**

ШУЪБАИ УМУМӢ ВА ПРОТОКОЛИ ДАСТГОҲИ РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

## МАҶАЛЛАИ "ДИН ВА ҶОМЕА"

**январи 2015**

**Таъзия Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати эҷодии маҷаллаи "Дин ва ҷомеа" аз марги нобаҳангоми вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Суҳроб Шарипов андӯҳгин буда, ба наздикон ва хешу наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд. Ёди поки ин марди асил, сиёсатмадор ва олими варзида аз дилу дидаи дӯстон ва наздикону пайвандон ҳаргиз нахоҳад рафт. Инно лиллоҳ ва инно илайҳи роҷиъун.**

**Комментҳои тоҷикӣ**

**Наргис Рахматшоева.** Мехохам, ҳодисаеро чун ҳамсоя бигӯям. Фасли тобистон буд, Суҳроб аз подъезд (даромадгоҳи хонаҳои баландошёна) баромад (раҳсипори кор буд), ҳавлируб бо чорӯбаш (чун мегӯем "чорӯби тоҷикӣ" бо дастаки чубини дароз), роҳравро меруфт, чангу хок падхузкунон тамоми ҳавлиро гирифт. Суҳроб аз падхузи чанг пирша зад, як чанд қадам аз кӯчаруб гузашт, вале пас гашту хонааш даромаду бо сатили обдор баромад, аз кӯчаруб хоҳиш кард, ки канор истад ва бо ҳамин чанд бор, даромаду баромадаш як ҳиссаи ҳавлиро об заду бо табассуми нарм (чун табассуми зебо ҳам дошт) ба зан гуфт: - Апа, акнун бирубед. Зан ҳам хиҷолат кашиду ба руфтан даромад, баъдан ҳамарӯза аввал об мепошиду баъд меруфт. Зани кӯчаруб дар суҳбат бо ман, баъдан гуфт, ки пас аз ҳамон ҳодиса, ҳар гоҳе бо Суҳроб саҳариҳо рӯ ба рӯ мезанад, ҳатман як маблағе барои ӯ медодаст. То ширинӣ барои фарзандонаш бихарад. Чунин буд Суҳроби мо. Худо раҳматаш кунад ва хонаи охираташ ҳамеша фурӯзон бошад.




**Устод гуфтам, ки чаро рафтиву тадбир на ин буд!?**
**Гуфто: чӣ тавон кард, ки тақдир чунин буд!?**
**Шогирд: гуфтам ки на вақти сафарат буд чунин зуд,**
**Устод: гуфто ки магӯ, маслиҳати ҳақ чунин буд.**
**Шогирд: гуфтам устод расми ухувват на чунин буд,**
**Гуфто, ки азизам чи кунам умр чунин буд.**
**Гуфтам, ки устод вақти сафар буд, басе зуд,**
**Гуфто: шогирд маслиҳати ҳақ чунин буд!**

**Сад афсӯс**

Ёдат ба хайр! Марди некӯному таҳлилгари беҳтарин! Ҳамеша дар дили дӯстону ҳамкорон чунин хандонруву зиндадил мемонӣ!

**Мард намирад ба марг, марг аз ӯ ном ҷӯст,**
**Ном чу ҷовид шуд, мурданаш осон куҷост?**

Сад афсӯс. Суҳроб Шарипов воқеан зиёии асили тоҷик буд. Ба навиштаҳои ҳамкасбамон Султони Ҳамад шарикам. Худованд раҳматаш кунад. Бо марҳум се-чаҳор мусоҳиба доштам, ки дар матбуот нашр шудаанд. То раиси МТС вақти раисиаш дар ин муассиса ва ҳангоми вакилиаш. Ҳамеша дар сухбат озод ва соҳиби ақида ва андеша буд. Илоҳо ҷояш дар фирдавси барин бошад!

Як бузурге гуфтааст: бо дӯстат сардакак хайрухуш макун, кӣ медонад бори дигар ӯро мебинӣ ё на

Abduqayum Qayumov

2015 сол.

**Дӯсти азизи ман**

Бароям ифтихори бузург буд, ки бо чунин инсони накӯном ва олими шинохтаю сиёсатмадори варзида дар сомонаи иҷтимоии «Фейсбук» ва, умуман, дар ҳаёти худ шиносоӣ пайдо намуда, дӯсти наздик гардида будам. Сад дареғо, ки дӯсти ман Суҳроб Шарипов 19 январи соли 2015 аз олам даргузаштанд. Аз Худо илтиҷо менамоям, ки дӯстамро раҳмату мағфират намуда, биҳишти доимиро насибашон гардонад.

**Ҷамшед Саидов.**

**16.03.2017**

**Шахси самимӣ буд**

Танҳо як маротиба бо устоди шодравон мусоҳиба доштам, ки хеле самимӣ ва мукаммал ба суолҳоям посух дода, ҳатто дигар рӯзноманигоронро низ қонеъ кард. Маҳз чунин хислати эшон дар хотирам нақш баст, ки ҳеҷ гоҳ касеро намехост ранҷонад. Афсус, ки чунин "Кони пурганҷ"-ро миллати мо аз даст дод. Рӯҳашон шод бод!

**Манижа Баҳромзода**

**2015**

## Дӯстон, вақти гули хор маро ёд кунед

Чанд рӯз пеш аз маргаш. Хеле хастаю навмед буд. Баъди конфронс якҷоя Соли нави исавиро пешвоз гирифтем. Хафтае пас дунёи фониро падруд гуфтанд. Як ҷаҳон андешаҳои созандаро бо худ ба гур бурданд.

Нақши Суҳроб Шарипов дар рушди сиёсатшиносии амалии тоҷик ва мактаби коршиносию таҳлилӣ хеле чашмрас ва меҳварӣ аст. Ҳақиқатан Суҳроб Шарипов олими шинохта, шахси хоксор, поквиҷдон ватандӯст, фидоии давлату миллат буд. Рӯҳаш шоду охираташ обод бошад.Ӯ умри кӯтоҳ дид, вале корҳои бузургеро анҷом дод. Мо, ҳама пайравону мухлисони ӯ мебошем... Ёдаш дар дилҳо, хотирааш дар қалбҳо...Суҳроб Шариф олими ягона аст... Дар илми сиёсатшиносӣ… Ӯ дар ташаккули давлати навини тоҷикон, муносибатҳои дипломатии тоҷикон саҳми беандоза дорад. Дуруст, ки мо профессору академикҳои бисёре дорем, аммо онҳо дар ҳама чабҳа бетарафанд. Суҳроб нафаре буд, ки андешаи худро доир ба ҳама соҳаҳо дошт ва онҳоро аз касе наҳаросида иброз мекард. Ӯ сазовори унвони Каҳрамонии Тоҷикистон аст... Дӯстон, набояд нисбати чунин шахсиятҳои нотакрор беэҳтиромӣ намоем. **Ҷоят ҷаннат бошад, эй абармарди миллат!**

Дӯстон, вақти гули хор маро ёд кунед,
Чун гули санг зи кӯҳсор маро ёд кунед.
Гар бихоҳед, ки ман хуфта набошам дар хок,
Бо дилу дидаи бедор маро ёд кунед.
Ҳар гаҳе ҷом ба каф масту гаронҷон хонед
Шеъри Хайём ба такрор, маро ёд кунед…

(Лоиқ Шералӣ)

**Маҳди Собир, корманди**
**МТС –и назди Президенти ҶТ**
**2015 сол.**

## Марди соҳибдил ва росгӯ буд ӯ

Марҳум Суҳробро аз наздик намешинохтам. Мусоҳибаҳояшро аз ВАО мехондам. Марди ҷасур буд. Гарчанде ҳукуматӣ буд, аммо рост мегуфт, ҳақиқатро мегуфт. Як афроди озоди рушанфикру ошкорбаён буд. Даргузашти ӯ барои Ҳукумат ва ҷомеи тоҷикон талафоти зиёд буд. Рӯҳаш шод, ҷояш ҷаннат бод! Ҳамеша қабраш пурнур ва лолазор бод! Омин.

Марги соҳибдил чаҳонеро далели кулфат аст,
Шамъ агар хомӯш гардад, доғи маҳфил мешавад. (А.Бедил)

Файзинисо Воҳидова,
дӯсти Суҳроб Шарипов
18 апреля 2016 г. ·

## Дар фазои сиёсиву иҷтимоии кишвар набудани Суҳроб Шарипов яке аз сиёсатмадори шинохта эҳсос мешавад

Имрӯз дар тарабхонаи «Чаманоро»-и пойтахт маъракаи чили вафоти Суҳроб Шарипов, собиқ директори Маркази Тадқиқоти Стратегии назди Президенти ҶТ, собиқ вакили мардумӣ дар Маҷлиси Намояндагони МОТ бо ширкати раҳбарони ҷумҳурӣ, ҳампешагону ёру дӯстон ва хешу табори марҳум баргузор гардид. Аз марги Суҳроб Шарипов тақрибан як моҳ сипарӣ шуда бошад ҳам, аллакай набудани вай дар фазои сиёсиву иҷтимоии кишвар ҳамчун як сиёсатмадор, сиёсатшинос, таҳлилгар шадидан эҳсос мешавад. Ӯ ба ҳар як рухдоди дохилӣ ва хориҷие, ки ба ҳаёти мардуми кишвар таъсири мусбат ва ё манфӣ мегузоштанд, назари хоси худро дошт. Назари одилонаву мунсифона, назари беғаразона. Ӯ аз ҷумлаи камтарин мансабдорони давлатӣ буд, ки

ҷасурона фикри худро дар ин ва ё он масъалаи доғи рӯзи ҷаҳон, минтақа ва ё ҷумҳурӣ иброз медошт. Ӯ дар баробари ҷонибдорӣ кардани сиёсати пешгирифтаи давлат, камбудиҳои ин сиёсатро аз дохил истода бо як назокати хоси барҷастатарин сиёсатмадорҳо танқиду мазаммат менамуд. Барои ин дар қишри поёнии ҷомеъа мардуми оддӣ ӯро эҳтиром мекарданду дар болотарин сатҳи ҳукумат бошад, ташвишҳои ӯро баҷо медонистанд ва то ҳадде пайи рафъи онҳо низ мешуданд... Оре, баъди фоҷиаи Суҳроби Рустам ин миллат даҳҳо Суҳробҳои дигарро офарид, вале касе аз онҳо ҷои Суҳроби Таҳамтанро натавонист бигирад. Ҳамин тавр ҳам ҷойи холии Суҳроби Шарифро касе нахоҳад пур кард... Худовандо, манзили охираташро ободу рӯҳашро аз мо шод бинамо! Омин ё Раббалъоламин!

**Хоҷӣ Султон Ҳамад,**
**рӯзноманигор, 2015**

**Миллати тоҷик фарзанди фарзонаи миллатро аз даст дод!**

Аввало ба аҳли оилаи марҳум ҳамдардӣ гуфта сабри ҷамил хоҳонам. Дар воқеъ миллати тоҷик фарзанди фарзонаи миллатро аз даст дод, он кас шахсе буданд бо дониши воло, фарҳанги воло, маҳорату ҷасорати воло ва некӯсириштү ғамхори ҳақиқии давлату миллати тоҷик, хусусан, ба ҷавонон аҳамияту меҳрубонии зиёд зоҳир мекарданд. Рӯҳатон шод бод устоди азиз, илоҳо Худованд бо он хислатҳои волоятон Шуморо шоистаи ҷаннат гардонад. Омин!!

**Bahor Kamarov**
**30.01.2015**

**Илм барояш ҳама чиз буд**

Ёдаш ба хайр устоди гиромиқадр Суҳроб Шариповро, дар ҳақиқат устод олим, сиёсатшинос ва болотар аз ҳама инсони поквиҷдону ростқавл буданд, ҳамин хислатҳои инсонӣ ӯро Шахсият кард ва ӯ ҳамеша дар таърих инсони ватанпарвар ёд мешавад. Устод беҳтарин суханҳоро дар илми сиёсатшиносии тоҷик карданд ва боқимондаашро бо худ гирифа рафтанд вой дареғо… устод илмро бисёр дӯст медошт ва илм барояш ҳама чиз буд. Рӯҳат шод бод, Устоди азиз.

**Маҳмадулло Х.**
**2016**

Гарчи миёни мо нестед, аммо зодрӯзи Шумо, ёди Шумо ва хандаҳои Шумо, хушгуфторӣ ва хушрафтории Шумо фаромӯш нахоҳад шуд! Ҷойи Шумо дар қалбҳои мо ҳамеша холист!

**Хуршед А.**
18.04.2016

**Бузургон ҳамеша номашон вирди забон мемонанд**

Суҳроб Шарипов, сиёсатмадоре буданд, ки ҳамеша манфиатҳои миллиро дар ҷойи аввал мегузоштанд! Шахсиятҳо мераванд, вале андешаҳои онҳо, рӯҳи онҳоро зинда нигоҳ медорад ва барои наслҳои оянда хизмат мекунад!

Аз дил наравад ёди ту, гар хун равад аз дил,
Ёди ту чу хун нест, ки берун равад аз дил!

С.Х. **2015**

Ало шодоб соҳилҳо

Ба қадри обҳои ҷорӣ мебояд расид имрӯз, ки рӯзе хушк хохад шуд,

Ало зебои маҳфилҳо ба қадри ҳар чароғи давра мебояд расид имрӯз, ки рӯзе аз шамоли ходиса хомӯш хоҳад шуд...

Дило то метавонӣ имрӯз фурсатро ғанимат дон,
Ки дар олам намедонад касе, аҳволи фардоро.
(Б.Ҳилолӣ)

Худованд раҳматат кунад ва ёдат ба хайр бошад, устоди азиз!
Sarvar Bekzoda
18.06.2017.

# МАҚОЛАҲО БА ЗАБОНИ РУСӢ

**Х. Додихудоев**
**эксперт 13. 01. 2016 г.**

## Год без Сухроба

Время не стоит на месте, сегодня исполняется ровно год как не стало Сухроба Иброновича Шарипова большого учёного, доктора политических наук, профессора и просто человека с невероятным талантом и добрым сердцем.

Смерть Сухроба Иброновича Шарипова стала большой трагедией для всех его знакомых, сослуживцев и родственников. За всю свою жизнь он прошёл достойный путь.

В его биографии, было множество должностей, и везде где он работал, демонстрировал высочайший профессионализм. Он прошёл большой трудовой путь: в 2001–2003 г.г. – заместитель заведующего информационно-аналитического отдела Аппарата Президента РТ. С перерывом работал в Центре стратегических исследований при Президенте Рес-

публики Таджикистан, а с 2005 по декабрь 2011 года возглавлял его.

В 2011 году избран депутатом Маджлиси намояндагон (нижняя палата парламента), был членом парламентского комитета по международным делам, общественным объединениям и информации. Входил в состав Постоянной комиссии по социальной политике Межпарламентской ассамблеи ЕврАзЭс.

Сухроб Шарипов прожил жизнь добросовестного и честного работника, уважаемого гражданина своей страны. Для своих коллег он был примером, они ценили Сухроб Иброновича за его волевой характер, деловые качества, напористость и умение добиваться поставленных целей.

Важной стороной деятельности Сухроба Иброновича является научная деятельность, он по праву считался одним из ведущих отечественных специалистов в области политологии. Будучи профессором политологии, регулярно публиковался в отечественных и зарубежных средствах массовой информации. Являлся автором множества научных статей по вопросам внутренней и внешней политики, а также региональной безопасности. Его статьи всегда отличались объективностью и глубоким анализом. Он автор 3 монографий, более 500 научно-аналитических статей, участник более 100 научно-практических международных конференций.

Неоценим вклад Сухроба Иброновича в становлении и развитии отечественной школы политологии.

Будучи научным руководителем, он открыл дорогу многим молодым диссертантам, которые в настоящее время успешно работают в различных государственных учреждениях.

Сухроб Ибронович навсегда останется в наших сердцах.

Avesta.Tj | 19.01.2016 |**http://www.avesta.tj/sociaty/37907-god-bez-suhroba-sharipova.html**

**Шоназар Шоисматуллоев - зав.отделом социологии Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова, член - корр. АН РТ, доктор социологических наук, профессор.** 07-07-2015

## УЧЁНЫЙ ПОЛИТОЛОГ, ОБЩЕСТВЕННЫЙ И ПОЛИТИЧЕСКИЙ ДЕЯТЕЛЬ

Человеческая жизнь измеряется не количеством прожитых лет, а тем как он прожил её, что оставил потомкам, какой след оставил в памяти людей. Такие великие люди, как Добролюбов, Пушкин, Маяковский, Есенин, Мухамадиев, Малика Собирова, Вохидов, Мукадас Набиева, Наргис Бандишоева, Караматулло, слишком рано ушли из жизни, но память о них увековечена их творениями: поэтическими и прозаическими произведениями, музыкой, песнями, танцами и т.д. Как и они рано ушёл в потусторонний мир наш коллега, друг, замечательный человек, всегда улыбающийся, жизнерадостный, общительный, честный и правдивый Сухроб Шарипов, своей многогранной деятельностью, оставивший глубокий след в памяти людей.

По характеру Сухроб Шарипов во многом был похож на своего покойного отца Шарипова Иброна - доктора философских наук, профессора, добрейшего и честнейшего человека, истинного коммуниста. С Иброном Шариповичем нас связывали хорошие, уважительные и тёплые отношения, сложившиеся за годы совместной работы в Институте философии АН РТ и Российско-Таджикском (Славянском) университете. Иногда совместно с коллегами по работе бывали дома у Иброна Шариповича, поэтому с его детьми немного был знаком.

Однако, настоящее знакомство с Сухробом состоялось в Москве в середине 90-х годов XX столетия. В то время Сухроб уже защитил кандидатскую диссертацию в МГУ им. М.Ломоносова, там же устроился на работу и одновременно, как это нередко было в лихие девяностые, подрабатывал контролёром на рынке у стадиона на Лужниках. Я же в те годы был докторантом Института социологии Российской Академии наук, жил в академическом общежитии на улице Островитянова в районе Коньково г. Москвы.

Однажды Сухроб со своей семьей приехал в общежитие в гости к Мастуре - тётке жены, которая за несколько дней до этого защитила кандидатскую диссертацию в Институте востоковедения РАН. Мастура попросила меня приготовить плов и пригласила в гости. Так состоялось наше знакомство с Сухробом, трансформировавшееся в последствии в хорошие отношения между нами.

В начале 2000 -х годов Сухроб на Диссертационном совете при Таджикском педагогическом госуниверситете им. С. Айни защитил диссертацию на соискание ученой степени доктора политических наук. Меня по предложению Иброна Шариповича назначили одним из официальных оппонентов по его диссертации. После моего выступления он вместо того, чтобы конкретно отвечать на высказанные замечания, устроил дискуссию по ним. После окончания защиты подошёл к нам, пожал мне руку и сказал: мы же с Вами прошли московскую школу.Особенно часто с Сухробом виделись, когда он работал директором  Центра стратегических исследований при Президенте РТ. Каждый месяц там проводились различного рода семинары и конференции. Институт фило-

софии и права АН РТ также свои конференции, семинары и круглые столы проводил в зале конференций этого Центра. Сухроб был постоянным их участником и всегда принимал активное участие в дискуссиях. Его выступления всегда содержали в себе конструктивную критику по обсуждаемой проблеме с выходом на определенныепозитивные предложения.

Наряду с этим мы были членами диссертационного совета по защите диссертаций на соискание ученой степени доктора (кандидата) наук по политическим наукам при Таджикском национальном университете. Он был заместителем председателя этого совета. Как член совета он был всегда требовательным, но в тоже время справедливым и чутким в отношении к соискателям. На выборах в Маджлиси намояндагон 2015 года его кандидатуру выдвинули по одномандатному округу от Народно-демократической партии Таджикистана. Мне потом рассказали, что когда он определял себе доверенных лиц, в их числе оказался и я. Но, увы, судьба распорядилась по-иному.

Сухроб Шарипов был талантливым учёным, публицистом, общественным и политическим деятелем. Где бы он не работал, он полностью отдавал себя работе, его всегда характеризовала принципиальность, честность и бескорыстие. Не задолго до своей кончины он подарил нам свою очередную книгу. Память об этом замечательном человеке сохраниться в памяти многих поколений таджикистанцев.

**Умед Бабаханов, главный редактор**
**газеты «Азия-Плюс»**
**22.01.2015г.**

## Памяти моего друга Сухроба Шарипова

В таджикской прессе были опубликованы десятки соболезнований и заявлений по поводу безвременной кончины депутата Маджлиси намояндагон Суҳроба Иброновича Шарипова. И редкий случай: добрые слова о нём сказали практически все, даже политические оппоненты, правящая НДПТ, Центр стратегических исследований при президенте, парламент и независимые СМИ…

Он всегда выбивался из образа среднестатистического таджикского чиновника. Это сразу чувствовали все – и журналисты, и сами чиновники.

Многих шокировали его публичные заявления, его нестандартное поведение, правда реакция на поведение Сухроба у разных людей была разная. Журналистов его смелые заявления и умение самостоятельно мыслить радовали, у большинства чиновников эти качества вызывали недоумение и желание на всякий случай держаться от него подальше.

Впервые он обратил на себя внимание и тех, и других сразу после своего возвращения из Москвы, где он работал преподавателем на факультете философии МГУ. В начале 2000-х у нашей страны резко испортились отношения с одной из «братских стран», которая начала проводить в отношении Таджикистана откровенно недружественную политику. Мало кто из таджикских учёных и чиновников решался открыто выступить по этому вопросу в прессе и дать оценку происходящему. И тут впервые в эфире госу-

дарственного ТВ неожиданно появился никому тогда не известный зав.отделом ЦСИ Сухроб Шарипов. Причём его выступления были не просто набором ура-патриотических лозунгов, как это у нас часто бывает, а непривычно логичным и аргументированным мнением эксперта-политолога.

Его сразу заметили и вскоре пригласили на работу в администрацию президента – на пост заместителя заведующего информационно-аналитическим отделом. Кстати, это был наверное самый эффективный период работы отдела, которым тогда руководил многоопытный писатель и журналист Абдурахмон Абдуманнонов. Каждый день на стол президента ложилась подготовленная отделом папка с главными новостями дня и комментариями сотрудников отдела – что произошло в стране и в мире, как на эти события можно и нужно реагировать. Многие их тех комментариев писал Сухроб Шарипов. Очень скоро к изумлению многих чиновников, мечтавших о такой карьере, президент назначает его своим помощником.

Именно тогда он вошёл в узкий круг лиц, которые имели непосредственный ежедневный доступ к главе государства. Понятно, что здесь существовали свои неписанные законы и правила. И здесь новый помощник стал тем редким человеком, который мог открыто сказать президенту, что он думает по тому или иному вопросу. Когда более старшие и опытные коллеги по администрации советовали ему «не высовываться», чтобы не потерять работу, он только смеялся: «А чего мне бояться? Это для вас увольнение станет трагедией, а я учёный – если уволят, пойду работать в любой вуз профессором и буду получать зарплату выше, чем здесь!». Многие в правительстве Ша-

рипова недолюбливали за его прямоту и резкость, считали выскочкой. Но он не обращал на них внимания и просто делал свою работу в качестве помощника главы государства, которому был искренне предан.

Надо отдать должное президенту Эмомали Рахмону - он оценил эти качества нового помощника, его способность самостоятельно мыслить и высказывать иную точку зрения. Несколько раз на закрытых совещаниях, когда у С. Шарипова возникал очередной резкий спор с кем-то из госсоветников или членов правительства, президент вставал на его сторону. И это только увеличивало число его недоброжелателей. Вообще, если бы не поддержка президента, Сухроб Шарипов давно бы стал жертвой «дворцовых» интриг.

Более того, некоторое время спустя, в 2005 году, президент назначил Сухроба Шарипова главой Центра стратегических исследований. С одной стороны новое назначение на такую ответственную руководящую должность укрепило позиции С. Шарипова в коридорах власти, тем более, что перед ним была поставлена задача - превратить ЦСИ в настоящий «мозговой центр» по выработке реальных рекомендаций правительству по всем аспектам внутренней и внешней политики. С другой стороны новое назначение физически отдалило его от президента - теперь он уже не имел возможности каждый день видеть шефа, общаться с ним и делиться мыслями по тому или иному вопросу. По «карьерным законам» такое отдаление постепенно приводит к снижению влияния чиновника…

Между тем, в ЦСИ работа закипела. Кандидат философских и доктор политических наук, Сухроб Шарипов здесь был в своей родной стихии. При нём Центр страте-

гических исследований обрёл новое дыхание, вернул некогда утерянный авторитет. Новый директор привлек к работе молодые кадры, укрепил сотрудничество с ведущими исследовательскими центрами СНГ и мира, начал ряд исследовательских проектов по самым актуальным проблемам Таджикистана. Одним из них стал совместный проект ЦСИ с Программой развития ООН по исследованию коррупции в Таджикистане.

Шарипов понимал, что, не победив это зло, страна не сможет двигаться вперёд. Первый этап исследования прошёл уже в 2006 году и стал неприятным сюрпризом для власти – самыми коррупционными госструктурами по итогам исследования были названы сами правоохранительные органы и суды. Несмотря на болезненную реакцию некоторых силовых структур и попытки жаловаться на него президенту, через три года ЦСИ под руководством С. Шарипова провёл второй этап исследования. Представляя его итоги журналистам в 2011 году, он снова попытался бить тревогу:

- Мы по-прежнему считаем, что коррупция является серьёзной угрозой национальной безопасности и является причиной стагнации таджикского общества. Уже почти 50% людей в нашем обществе считают коррупцию нормальным явлением. Иными словами половина населения страны уже хронически больна коррупцией. Этого не должно быть!

С тех пор прошло почти четыре года. Очевидно, ситуация с коррупцией в нашей стране стала ещё хуже, но я не слышал, чтобы кто-то во власти сегодня бил по этому поводу в набат – все ограничиваются дежурными фразами. Между тем, сам Сухроб в том же 2011 году оставил

директорский пост в ЦСИ и стал депутатом таджикского парламента. Не знаю, чем было вызвано решение властей «перебросить» его в Маджлиси намояндагон, но знаю, что сам он чувствовал себя там не очень комфортно - его деятельной, бойцовской натуре было нужно конкретное и живое дело, а этого как раз в парламенте не было. Как-то на вопрос друзей, как идёт его депутатская работа, Сухроб полушутя ответил, что на работе всё хорошо, но обычно на такой работе люди спиваются. Он не спился. И не уехал заграницу, несмотря на многочисленные предложения. Он хотел работать здесь и пытался делать свою карьеру в этой системе, несмотря на то, что не очень в неё вписывался, несмотря на то, что эта система его отторгала, как чужеродное тело.

У НАС ЕСТЬ и своя веская причина сказать доброе слово в память о Сухробе Шарипове. Мало кто знает, но Радио «Азия-Плюс» во-многом именно ему обязано своим открытием. К 2001 году мы уже 4 года безуспешно пытались получить лицензии на вещание – уже было установлено оборудование, был штат, но начать работу мы не могли по причине отсутствия разрешения от Госкомитета по ТВ и радио. Мы уже постучались во все высокие кабинеты, много раз писали в правительство, но лицензию нам под разными предлогами давать не хотели. Именно в этот период мой однокурсник неожиданно рассказал, что у него есть товарищ, к мнению которого прислушивается сам президент, и с которым имеет смысл поговорить. «Он только что перешёл на работу в исполнительный аппарат, зам. зав. отделом. Хочешь, познакомлю?». Я к этой информации отнёсся скептически: «Кто такой зам.зав. отдела - нам не смогли помочь министры и госсоветники пре-

зидента!». Тем не менее, мы решили попробовать и через несколько дней я познакомился с Сухробом. Помню, мы долго сидели и разговаривали у фонтана перед кафе «Сириус», он рассказывал весёлые истории из своей московской жизни, я - о себе и своей работе. Слово за слово выяснилось, что наши родители хорошо знакомы и хорошо было бы и нам продолжить эту традицию и подружиться. В тот вечер Сухроб внимательно выслушал нашу проблему и пообещал подумать, что можно сделать. Прошло несколько месяцев. Не знаю, какие тайные пружины сработали, какие аргументы философ С.Шарипов нашёл, чтобы убедить руководство решить наш вопрос, но в одно утро мне позвонили из администрации президента: «Сегодня в 11 часов вы приглашены на встречу к главе государства».

В кабинет к президенту в тот день мы с Сухробом вошли вместе. И вместе вышли счастливые после часовой беседы - президент пообещал, что лицензия у нас скоро будет! «Как тебе это удалось?», - спросил я, когда эмоции немного улеглись. Мой друг весело рассмеялся: «Я просто сказал, что всё, что о вас говорят недруги – неправда. И сказал, что ручаюсь за вас головой». Через два месяца, 9 сентября 2002 года, наше радио впервые вышло в эфир и Сухроб, конечно, был среди наших почетных гостей…

Чуть более года назад, в марте 2013 года, мы хоронили отца Сухроба – известного и уважаемого профессора Иброна Шариповича Шарипова. Ему было 83 года. По генетической наследственности сын должен был прожить не меньше отца. Но он ушел в неполных 52. Как будто сгорел, так и не принятый до конца этой системой. Есть ли у президента другой «Сухроб Шарипов», способный говорить ему то, что не решаются говорить другие? Не знаю…



**Суҳроб Шарипов бо раиси Парлумони ҶТ Шукурҷон Зуҳуров ва Олим Салимзода**



**Падару модари Суҳроб Шарипов**



**Сухроб Шарипов бо падар ва бародаронаш**





**Сухроб бо ҳамсабақонаш дар Донишгоҳи Ломоносов, МГУ**




**Профессор ва вакили парлумон шодравон Сухроб Шарипов дар конфронсияи байналмилалӣ оид ба интеграсия дар ш. Астанаи Ҷумҳурии Қазоқистон бо Раисони Парлумони ИДМ, с. 2014.**



**Расми 1. Фарзандони устод: Икром, Сӯхроб ва Башорат, келинашон Бобоева Лайлӣ ва писари бародарашон Назриев Неъмат.**



**Сухроб Шарипов  бо  ҳамкоронаш дар Парлумон**



**Суҳроб Ш. ҳангоми  вохӯрии расмӣ**



**Суҳроб Шарипов бо дӯстон**



**Суҳроб Шарипов дар вохӯрии расмӣ**



**Сухроб Шарипов бо раиси Парлумони ҶТ**
**Шукурҷон Зуҳуров ва Ҷумахон Давлатов.**



**Сухроб Шарипов бо  Эркин Раҳматуллоев**



**Сухроб Шарипов бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Асадулло Ғуломов**





**Суҳроб Шарипов бо дӯстон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин**



**Рӯзи кушодашавии кӯчаи ба номи профессор  Сухроб Шарипов**



**Сухроб Шарипов ҳамроҳи  дӯстон**



**Сухроб Шарипов бо  ҳамкоронаш**



**Суҳроб Шарипов бо директори Институти тадқиқоти стратегии назди Президенти Қазоқистон**



**Сухроб Шарипов  дар рӯзи ҳимояи номзадии шогирдаш**



**Сухроб Шарипов ва  Абдураҳмон Маҳмадов**



**Мизи гирди ёдбуди Суҳроб Шарипов**



**Сухроб Шарипов бо дӯстон ва ҳамкорон.**







**Суҳроб  Шарипов ҳамроҳи камина,  Норак, соли 2014**



**Суҳроб Шарипов бо дӯстон**

МЕЖПАРЛАМЕНТСКАЯ АССАМБЛЕЯ
ГОСУДАРСТВ – УЧАСТНИКОВ СНГ

# ПОЧЕТНАЯ ГРАМОТА

НАГРАЖДАЕТСЯ

**ШАРИПОВ**
**Сухроб Ибронович**

член Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан по международным делам, общественным объединениям и информации

за активное участие в деятельности Межпарламентской Ассамблеи СНГ и ее органов, вклад в укрепление дружбы между народами государств – участников Содружества

Председатель Совета
Межпарламентской Ассамблеи
государств – участников СНГ

В.И. Матвиенко

Санкт-Петербург
2014 год

МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ИФТИХОРНОМА

Шарипов Сӯҳроб Ибронович – узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот - вакил аз ҳавзаи интихоботии Шоҳмансур № 3, доктори илмҳои сиёсӣ, барои саҳми арзишмандаш дар фаъолияти намояндагӣ, қонунгузорӣ ва равобити байнипарламентиву хориҷии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштироки фаъолонааш дар ҳаёти ҷамъиятии Маҷлиси намояндагон сарфароз гардонида мешавад.

Раиси Маҷлиси намояндагони
Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ш.Зуҳуров

5 январи соли 2015

№ 43






**Рӯзи ҷанозаи марҳум Сухроб Шарипов**


Кӯчаи ба номи
профессор
Шарипов
Сухроб
Иброҳимович
18.04.1963-19.01.2015



**Тақдирнома аз дӯстони хориҷӣ**






**Суҳроб  Ибронович дар ин оромгоҳ  ҳамроҳи падару модараш ба хоби абадӣ рафтааст.**



**Суҳроб  Шарипов  бо дӯстони  русаш**




**Суҳроб Шарипов дар конфронсияи байналмилалӣ оид ба интеграсия дар ш. Астанаи Ҷумҳурии Қазоқистон бо Раисони Парлумони ИДМ, с.2014**

**Сухроб Шарипов - аналитик,**
**политик и государственный деятель**
**27 января 2015 в офисе Центрально-Азиатского экспертного клуба «Евразийское развитие» прошёл круглый стол «Сухроб Шарипов в интеллектуальной и политической жизни современного Таджикистана».**

Вспомнить своего коллегу, друга, партнёра пришли учёные, эксперты, работники государственных органов, журналисты, дипломаты.

Как отметил первый заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан, член правления ЦАЭК «Евразийское развитие» Сайфулло Сафаров, «за годы своей жизни Сухроб Шарипов стал известным аналитиком не только в Таджикистане, но и в регионе, и в мире. Президентом ему была доверена важная должность руководителя Центра стратегических исследований. И за годы своей работы он смог поднять работу этой аналитической структуры на качественно новый уровень».

Сайфулло Сафаров работал в ЦСИ вместе с Сухробом Шариповым. Как отметил эксперт, «у нас с Сухробом Иброновичем были и разногласия, и взаимная критика. Но она никогда не переходила в деструктивную плоскость. Мы делали одно дело и исходили из одних ценностей. И главной такой ценностью, главным достоянием была независимость и государственность Таджикистана».

Председатель Ассоциации независимых политологов Таджикистана Абдугани Мамадазимов отметил, что Сухроб Шарипов был «одним из самых замечательных людей Таджикистана, который сформировался, как госу-

дарственный деятель, в эпоху постконфликтного восстановления».

«Он пришёл в государственные органы с багажом блестящего философского образования. И за свою карьеру состоялся в трёх качествах: высококвалифицированный политолог и аналитик; профессиональный и принципиальный политик; и государственный деятельность национального и даже международного масштаба», отметил Абдугани Мамадазимов. «При этом он оставался кристально чистым человеком. Сухроб Шарипов многое сделал для развития многопартийности в Таджикистане. А за годы его работы на руководящей должности в ЦСИ этот центр стал главным механизмом взаимодействия между гражданским обществом и государственными экспертами».

**Сухроб Шарипов был признан в обществе ведущим и авторитетным аналитиком**

Сухроб Шарипов, депутат парламента Таджикистана, экс-глава Центра стратегических исследований при Президенте республики, скончался на 52-ом году жизни в результате сердечного приступа в больнице «Караболо». Он был госпитализирован. Врачи пытались спасти его жизнь и заверяли, что его состояние улучшилось по сравнению с прошедшей ночью. Около кардиологического отделения больницы собрались десятки родственников, близких и коллег Шарипова, в том числе спикер нижней палаты парламента Таджикистана Шукурджон Зухуров.

Шарипов родился 18 апреля 1963 года в Душанбе. В 1988 году - окончил МГУ им. М.В.Ломоносова, философский факультет. Доктор политических наук. В 1988-

1990 годах преподаватель философии в Таджикском государственном университете. В 1990-1993 годы аспирант философского факультета МГУ им. М.В.Ломоносова. Кандидат философских наук. В 1993-1998 годы научный сотрудник философского факультета МГУ.

С 1998 по 2001 год работал заведующим отделом Центра стратегических исследований при Президенте Таджикистана. В 2001-2003 годы был заместителем заведующего информационно-аналитического отдела аппарата президента. В 2003-2005 годы - помощник президента, с 2005 по декабрь 2011 года возглавлял Центр стратегических исследований. В том же году он был избран депутатом Маджлиси намояндагон (нижней палаты парламента), был членом парламентского комитета по международным делам, общественным объединениям и информации.

Он также был выдвинут от избирательного округа №3 района Шохмансур кандидатом в депутаты на выборах в парламент Таджикистана, которые были назначены на 1 марта 2015 г.

Шарипов был признан в обществе ведущим и авторитетным аналитиком в области политики в Таджикистане, является автором 4-х книг в области политологии и множества научных статей по политическим процессам в Таджикистане и Центральной Азии, был членом Экспертных советов Шанхайской организации сотрудничества, ОДКБ, Научных советов Академии ОБСЕ в Бишкеке. Он был награжден юбилейной медалью «20-летие государственной независимости Республики Таджикистан».

**19.01.2015 12:55http://rus.ozodi.org/content/article/26801265.html**

С декабря 2011 года - депутат Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан.

